ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 4 (52), 2023**
**октябр – декабр**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

* * *

The scientific and analytical journal «Legislation» of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan was included in the List of reviewed journals and publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan on May 31, 2018. It was registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The journal is also included in the Analytical Database - Russian Science Citation Index.

The data, conclusions, opinions and interpretations presented in this publication are the position of the authors and cannot express the position of the Center.

The limited number of the journal will be sold.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**CHIEF EDITOR**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**EDITORIAL TEAM**

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана (12.00.01)
doctor of law, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)
**Исмоилов Шавкат Маҳмудович,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.06)
**Ғаюрзода Шукурулло Караматулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.13)
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.08)
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.03)
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.04)
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor(12.00.01)
**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.07)
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
candidate of legal sciences, associate professor
(deputy chief editor) (12.00.03)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
candidate of legal sciences (12.00.03)
**Маҳмудов Иззатулло Тешаевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.11)
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.09)
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.14)
**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.05)
**Саймухторов Алишер Абдухолиқович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.10)
**Табаров Неъмон Амонович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.15)

**МУҲАРРИР:** Искандаров С.

# ШӮРОИ МАШВАРАТӢ
# РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ
# EDITORIAL COUNCIL

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
Head of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
Assistant to the President of the Republic of Tajikistan for legal policy - plenipotentiary representative of the President of the Republic of Tajikistan in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, doctor of law, professor
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
Prosecutor General of the Republic of Tajikistan
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Head of the Execution service under the Government of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Chairman of the Central commission for elections and referendums of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

The journal supports a diversity of points of view, which does not mean the consensus of the editorial board. The authors of published materials are responsible for the selection and accuracy of facts, quotes and data.

Manuscripts submitted for publication will not be reviewed and returned. When using materials from this publication, reference to the source is required.

## МУНДАРИҶА

### 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ

***Насриддинзода Э.С***. Эҳё ва рушди забони давлатӣ дар партави сиёсати фарҳангии Пешвои миллат........10-17
***Азимов Ф.А.*** Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ........18-27
***Қодирзода М.А.*** Баъзе масъалаҳои назариявии экологикунонии қонунгузорӣ ........28-35
***Салиева Н.Ш.*** Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар ташаккули давлати ҳуқуқӣ........36-40
***Раҳим З.Ҳ.*** Нақши принсипҳо дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист........41-47

### 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)

***Маҷидзода З.Ҷ., Яқубова С.Н.*** Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ........48-53
***Султонзода Т.С.*** Мафҳум, моҳият ва мазмуни соҳибихтиёрии давлат ҳамчун принсипи конститутсионӣ........54-60
***Бобоев Ф.А***. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташаккули шуури ҳуқуқии конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........61-68
***Эргашева Ш.И.*** Асосҳои ҳуқуқӣ - конститутсионии баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........69-78

### 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

***Мирзоев С.А.*** Баъзе масъалаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия........79-86
***Абдураҳимов С.Қ.*** Дар бораи баъзе масъалаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории мадании оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........87-101
***Ахмедова М.Ҳ.*** Ганҷина ҳамчун асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият........102-111
***Дӯстова Н.С.*** Оид ба масъалаи табиати ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ........112-117
***Сафарбекзода Б.С.*** Мафҳум ва механизмҳои ҷуброни зарар дар ҳуқуқи маданӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ........118-121

### 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ

***Соибов З.М., Раҷабзода Х.Р.*** Ҷанбаҳои таърихӣ ва назариявии инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........122-128
***Шарифзода Т.*** Ҷанбаҳои таърихӣ-назариявии принсипҳои андозбандӣ........129-135
***Ҳакимов И.Б.*** Тартиби амалкунандаи бонақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф........136-142

### 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

***Султонова Т.И*** Танзими ҳуқуқии низоми шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони бекор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........143-151
***Бобокалон Ғ.М.*** Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии меҳнати маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон........152-164
***Аминова Ф.М.*** Оид ба масъалаи соҳаи таъсир ва доираи фаъолияти ҳуқуқи меҳнат........165-170

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**

***Муртазозода Ҷ.С.*** Масъалаҳои муфлисшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................................171-178
***Одиназода Ш.Х.*** Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ..........................................................................................................................179-189

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**

***Абдурашитов В.М., Қаххоров Д.Г., Фантров П.П., Дехерт А.А.*** Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муқовимат бо терроризм..........................................................................................................................190-198
***Зокирзода З.Х.*** Проблемаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ..................................199-210
***Давлатзода К.Д.*** Тавсифи криминалогии шахсияти киберҷинояткор.................................211-217
***Шарифзода Ш.М.*** Омилҳо ва чораҳои бартараф намудани коррупсия...............................218-223
***Шарифзода Ф.Ш.*** Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон»..............................................224-228
***Ҳабибова Б.Х.*** Ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан..........................................................................................................................229-233
***Қурбонзода А Т.*** Ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........234-238
***Самандари Қ.*** Тамоюли рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ..........................................................................239-247

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**

***Маҳмудов И.Т., Исоев К.М.*** Баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои норавшани он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................................................248-253

**12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО**

***Назир Б.*** Моҳияти ҳуқуқии хизмати консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................254-260

**12.00.13 – ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТ**

***Тоирзода М.Т.*** Танзими ҳуқуқии блогерон дар кишварҳои хориҷа......................................261-269

**12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**

***Нидоев Н.Ф.*** Хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва рушди қонунгузории гумрукӣ дар доираи татбиқи барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................270-278
***Саъдиев И.З.*** Принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи маориф......................................279-284

## СОДЕРЖАНИЕ

### 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ

***Насриддинзода Э.С***. Возрождение и развитие государственного языка в свете культурной политики Лидера нации........................................................................................................10-17
***Азимов Ф.А.*** Вандидод как историко-правовой источник.................................................18-27
***Кодирзода М.А.*** Некоторые теоретические вопросы экологизации законодательства............28-35
***Салиева Н.Ш.*** Приоритеты правовой политики в становление формирования правового государства.......................................................................................................................36-40
***Рахим З.Х.*** Роль принципов в государственном управлении охраной окружающей среды......41-47

### 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)

***Мажидзода З.Дж., Якубова С.Н***. Право законодательной инициативы Президента Республики Таджикистан как конституционно-правовой институт.....................................................48-53
***Султонзода Т.С.*** Значение, сущность и содержание государственной суверенитета как конституционного принципа...............................................................................................54-60
***Бобоев Ф.А***. Нормативно-правовая основа формирования конституционного правосознания граждан в Республике Таджикистан..........................................................................61-68
***Эргашева Ш.И***. Конституционно-правовые основы повышения степень социальной защищенности в Республике Таджикистан...........................................................................69-78

### 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

***Мирзоев С.А.*** Некоторые вопросы Гражданского кодекса Республики Таджикистан о договоре энергоснабжения..................................................................................................................79-86
***Абдурахимов С.К.*** О некоторых вопросах формировании и развитии гражданского законодательства о некоммерческих организаций в Республике Таджикистан.......................87-101
***Ахмедова М.Х.*** Клад как основание приобретения прав собственности..............................102-111
***Дустова Н.С.*** К вопросу о правовой природе коммерческой тайны....................................112-117
***Сафарбекзода Б.С.*** Определение и механизмы возмещения вреда в гражданском праве: вопросы теоретики и практики...............................................................................................118-121

### 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО

***Соибов З.М., Раджабзода Х.Р.*** Историко-теоретические аспекты развития правовой основы организации и деятельности налогового органа в Республике Таджикистан..........................122-128
***Шарифзода Т.*** Историко-теоретический аспект принципов налогооблажения....................129-135
***Хакимов И.Б.*** Действующие процедуры планирования и финансирования сектора образования..................................................................................................................136-142

### 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ

***Султонова Т.И.*** Правовое регулирование занятости и система социальной защиты безработных граждан в Республике Таджикистан............................................................................143-151
***Бобокалон Г.М.*** Особенности правовые регулирование трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан.............................................................................152-164
***Аминова Ф.М.*** К вопросу о сфере влияния и сфере действия трудового права..................165-170

**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

***Муртазозода Дж.С.*** Вопросы банкротства дехканских (фермерских) хозяйств по законодательству Республики Таджикистан........................................................................171-178
***Одиназода Ш.Х.*** Права и обязанности граждан при ведении личного подсобного хозяйства...........................................................................................................................179-189

**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Абдурашитов В.М., Каххоров Д.Г., Фантров П.П., Дехерт А.А.*** Перспективные направления сотрудничества Российской Федерации и Республики Таджикистан в контексте противодействия терроризму.................................................................................190-198
***Зокирзода З.Х.*** Проблемы правового регулирования обязательных работ..........................199-210
***Давлатзода К.Д.*** Криминологическая характеристика личности киберпреступника.........211-217
***Шарифзода Ш.М.*** Факторы и меры по устранению коррупции..........................................218-223
***Шарифзода Ф.Ш.*** Анализ Закона Республики Таджикистан “О противодействии торговле людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми”....................................................224-228
***Хабибова Б.Х.*** Организация и проведение допроса потерпевшего по делам о доведении до самоубийства..........................................................................................................................229-233
***Курбонзода А.Т.*** Реформа системы исполнения уголовных наказаний в Республике Таджикистан...........................................................................................................................234-238
***Самандари К.*** Тенденции развития уголовного законодательства Таджикистана об ответственности за преступления против судебного правосудия..............................................239-247

**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Махмудов И.Т., Исоев К.М.*** Оценка доказательств по внутреннему убеждению в уголовном процессе: теоретические вопросы и ее неоднозначные аспекты в Уголовном процессуальном кодексе Республики Таджикистан..............................................................................248-253

**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

***Назир Б.*** Правовая природа консульской службы Республики Таджикистан.........................254-260

**12.00.13 – ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРАВО**

***Тоирзода М.Т.*** Правовое регулирование блогеров в зарубежных странах…………………....261-269

**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Нидоев Н.Ф.*** Коммерческие услуги и развитие таможенного законодательства в рамках реализации среднесрочной программы развития таможенных органов Республики Таджикистан.............270-278
***Садиев И.З.*** Принципы государственного управления в образовании...................................279-284

## CONTENT

### 12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE

***Nasriddinzoda E.S***. A revival and development of the state language in the light of the cultural policy of the leader of the nation..........................................................................................................10-17
***Azimov F.A.*** Vandidat as a historical and legal source..............................................................18-27
***Qodirzoda M.A.*** Some theoretical issues in environmental legislation............................................28-35
***Salieva N.Sh.*** Priorities of legal policy in the formation of a rule of law state................................26-40
***Rahimzoda Z.H.*** The role of principles in state management of environmental protection…..............41-47

### 12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)

***Majidzoda J.Z., Yakubova S.N***. Right of legislative initiative of the President of the Republic of Tajikistan as a constitutional legal institution…………………….......................................................................48-53
***Sultonzoda T.S.*** Meaning, essence and content of state ownership as a constitutional principle.........54-60
**Boboev F.A.** Regulatory and legal basis for the formation of constitutional law-making in the Republic of Tajikistan...........................................................................................................................61-68
***Ergasheva Sh.I.*** Constitutional and legal basis for increasing the degree of social protection in the Republic of Tajikistan..........................................................................................................69-78

### 12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***Mirzoev S.A.*** Some issues of the civil code of the Republic of Tajikistan on the energy supply agreement..........................................................................................................................79-86
***Abdurahimov S.K.*** On some issues of the formation and development of civil legislation on non-profit organizations in the Republic of Tajikistan.........................................................................87-101
***Akhmedova M.Kh.*** Treasure as a basis for acquisition of ownership rights................................102-111
***Dustova N.S.*** On the question of the legal nature of trade secrets...............................................112-117
***Safarbekzoda B.S.*** Definition and mechanisms of damage compensation in civil law: theoretical and practical issues..........................................................................................................118-121

### 12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW

***Soibov Z.M., Rajabzoda Kh.R.*** Historical and theoretical aspects of the development of the legal framework of the organization and activity of the tax authority in the Republic of Tajikistan........122-128
***Sharifzoda T.*** Historical and theoretical aspect of the principles of taxation..............................129-135
***Hakimov I.B.*** Current procedures for planning and financing of the education sector................136-142

### 12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

***Sultonova T.I.*** Legal regulation of employment and social protection system for unemployed citizens in the Republic of Tajikistan.........................................................................................143-151
***Bobokalon G.M.*** Features legal regulation of labor relations of disabled people in the legislation of the Republic of Tajikistan.........................................................................................................152-164
***Aminova F.M.*** On the question of the sphere of influence and scope of labor law.........................165-170

### 12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

***Murtazozoda J.S.*** Issues of bankruptcy of farms (farms) in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.........................................................................................................171-178

***Odinazoda Sh.Kh.*** Rights and obligations of citizens when promoting the farm of personal helpers..........179-189

**12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW**

***Abdurashitov V.M., Kakhkhorov D.G., Fantrov P.P., Dekhert A.A.*** Promising areas of cooperation between the Russian federation and the Republic of Tajikistan in the context of countering terrorism..........190-198
***Zakirzoda Z.Kh.*** Problems of legal regulation of compulsory works..........199-210
***Davlatzoda K.D.*** Criminological characteristics of the personality of a cyber crime..........211-217
***Sharifzoda Sh.M.*** Factors and measures to eliminate corruption..........218-223
***Sharifzoda F.Sh.*** Analysis of the law of the Republic of Tajikistan “On combating human trafficking and providing assistance to victims of human trafficking”..........224-228
***Khabibova B.Kh.*** Organization and conduct of interrogation of the victim in cases of incitement to suicide..........229-233
***Kurbonzoda A.T.*** Reform of the system of enforcement of criminal punishments in the Republic of Tajikistan..........234-238
***Samandari Q.*** Development trends of criminal legislation of Tajikistan on responsibility for crimes against judicial justice..........239-247

**12.00.09 – CRIMINAL PROCEDURE**

***Mahmudov I.T., Isoev K.M.*** Assessing of evidence based on internal conviction in criminal proceedings: theoretical issues and its controversial aspects in the Criminal procedure code of the Republic of Tajikistan..........248-253

**12.00.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW**

***Nazir B.*** Legal nature of consular service of the Republic of Tajikistan..........254-260

**12.00.13 – INFORMATION LAW**

***Toirzoda M.T.*** Legal regulation of bloggers in foreign countries..........261-269

**12.00.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCESS**

***Nidoev N.F.*** Commercial services and development of customs legislation as part of the implementation of the medium-term program for the development of customs authorities of the Republic of Tajikistan..........270-278
***Sadiev I.Z.*** Principles of public administration in education..........279-284

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
## 12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE



**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
*ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# ЭҲЁ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Калидвожаҳо:*** қонунгузорӣ; санадҳои қонунгузорӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; қонун; эҳё ва рушди забони давлатӣ; сиёсати фарҳангии Пешвои миллат; забони давлатӣ, талаботи забонӣ; истилоҳоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; маърифати ҳуқуқии аҳолӣ; забони қонунгузорӣ; асарҳои Пешвои миллат; густариши забони давлатӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои инкишофи забони давлатӣ ва қонунгузорӣ оид ба он дар партави сиёсати фарҳангии Пешвои миллат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур якчанд паҳлуҳои асосии ба мавзуъ рабтдошта, аз ҷумла масоили забон ҳамчун рукни давлат, нақши меҳварии Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ, таҳкими заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии забони давлатӣ ҳамчун омили рушди минбаъдаи он ва нақши асарҳои Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

**Забон ҳамчун рукни давлат.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон доштааст. Аз ин рӯ, дар моддаи 2 Конститутсия [1] муқаррар шудааст, ки «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст».

Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ҳифзи забони он мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки маҳз дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар кардани мақоми забони давлатӣ ба чунин омилҳо вобастагии ногусастанӣ доранд: забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ҷудонопазир доранд, бахусус таърихи ғании халқи мо аз рӯйи далелҳои забонӣ маънидод шудаанд; забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз чанд ҳазорсолаи халқи тоҷик аст; забони модарӣ дар таърихи тӯлонӣ дар муборизаҳо ҳамеша муттаҳидгари халқи тоҷик маҳсуб мегардид; дар забони модарӣ ҳофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик ҳифз карда шудааст; забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллати тоҷик мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки Истиқлолияти давлатӣ дар посдории забони давлатӣ низ нақши бориз дорад. Он забони модариро ба шоҳроҳи инкишоф бароварда, имконият фароҳам овард, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ин чунин маъно дошт, ки дар кишварамон тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавию маърифатӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад.

Бояд аз мадди назар дур насозем, ки забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи диди

сарварони давлат нисбат ба забон ҳадафҳои сиёсӣ муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ходимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои он тадбирҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад.

Дар ҳар маърӯзаву суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ аён мегардад. Чунончи, Пешвои муаззами миллат ҳанӯз 21 июли соли 2009 зикр намуда буданд, ки: «Забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик маҳсуб меёбад» [2].

Дар ин як ҷумла сухан аз арзиши миллӣ, пояи давлатдории миллӣ, нишони возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи халқи тоҷик будани забони тоҷикӣ меравад.

Дар баробари ин, боиси ифтихормандии мо аст, ки бо забони тоҷикӣ ҳазорон бузургмардону нобиғаҳо, аз ҷумла Рӯдакиву Фирдавсӣ, Шайх Аттору Ҳаким Саноӣ, Анварию Хоқонӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Мавлоно Ҷомӣ ва садҳо нафари дигар дурри макнуни сухан суфта, осори безаволу мондагорро ба оянддагон мерос гузоштаанд, ки мо ворисон онро бо осонӣ ва бе луғат мехонему мефаҳмем.

Дар даврони ташаккули худ забони тоҷикӣ бисёр марҳалаҳои тӯлонӣ ва мураккабу пурпечутобро тай карда, санҷишҳои сахту сангини таърихро паси сар намуда, имрӯз низ дар даврони истиқлол ва бунёди давлати миллӣ рисолати худро ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ идома дода истодааст.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмоли умум берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд».

Дар ҳамин замина бояд иброз дошт, ки шуур ва тафаккури инсон тавассути забон шакл ва вусъат мегирад. Ба ибораи дигар, забон аломатҳои зоҳирӣ, ҷиҳати моддии шуур ва тафаккур ба шумор меравад [10, с. 579-580].

Дар замони мо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дастовардҳои босуръати илму техника ва технологияҳои навин, дар байни аҳли ҷомеа бештар нуфуз пайдо кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ба забони давлатӣ низ таъсир гузошта, барои рушду инкишофи табиии он монеаҳо низ эҷод мекунад. Шоистаи таъкид аст, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ҳангоми истифодаи истилоҳу иқтибосот қолабҳои муайяни калимаю ибора ва истилоҳсозӣ, ки ба табиати забон мувофиқ бошанд, на ҳама вақт ба инобат гирифта мешаванд.

Аз ин рӯ, таъкиди ин нукта, ки бояд аз «иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосӣ ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонда шавад», дастури саривақтӣ буда, дар роҳи аз ҳисоби забонҳои дигар ва калимаю ибороти соҳавии улуми гуногун ғанӣ гардонидани забон муҳим мебошад.

Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ тарбияи насли ҷавон мебошад, ки илова ба хуб донистани забони модарии худ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир бояд ҳадди ақал се-чор забони хориҷиро донад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки «Дар шароити ҷаҳонишавӣ, яъне таҳоҷуми фарҳангиву забонӣ моро зарур аст, ки баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ барои пешрафти забони тоҷикӣ ва тавсеаи доираи истифодаи он мунтазам кӯшиш ва ғамхорӣ намоем». Зеро, чунонки бузургон таъкид мекунанд, забони худро надониста, аз бар намудани забонҳои дигар имкон надорад.

Роҷеъ ба ин гуфтаҳо, Пешвои муаззами миллат дар робита ба гиромидошти забони модарӣ таъкид намуданд, ки: «Мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва

Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем». Дар ҳақиқат, дар забони модарӣ ҳамчун дар оинаи пурҷило симои миллат ва тамоми дастовардҳои маънавии он инъикос мегардад ва аз ин рӯ, дар сатҳи олӣ донистани забони давлатӣ ва пок нигоҳ доштани он зарур мебошад.

Дар пасманзари зикркардаҳои Пешвои миллат таъкид намуданием, ки забони мо сарвати мо ва бойигарии маънавии миллат ба ҳисоб меравад, гиромӣ доштан ва ҳимояи он ба сифати забони давлатӣ вазифаи ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ва ҳар яки мо соҳибони ин забон мебошад.

**Нақши меҳварии Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи чунин шахсиятҳои бузурги давлатию таърихӣ мебошанд, ки дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ба рушду тараққӣ кардани забон дар замони соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Оре, забон ба унвони падидаи фарҳанги миллӣ аз замони пайдоиш барои нигаҳдории таърих, арзишҳои маънавии миллат, анъана ва суннатҳои мардумӣ хизмат карда, ҳамчун муҳимтарин унсури бақои миллат худро муаррифӣ намудааст. Тавассути забон дар ҳофизаи хаттии миллатҳо маҷмӯи тафаккур ва андешаи мардум ҳамчун мероси маънавӣ аз наслҳои гузашта то имрӯз нигаҳдорӣ гардидааст, ки барои таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳамин радиф Пешвои миллат чунин зикр менамоянд, ки «Мо вазифадорем, ки ин хазинаи бемислро чун гавҳари чашм ҳифз намоем ва барои устувор гардонидани пояҳои забони давлатиамон ҳарчи бештар заҳмат кашем. Зеро, андеша ва ғояи миллии ҳар як халқ дар забону адабиёт ва фарҳангу ҳунараш ифода ёфта, дар тафаккуру маърифати фарзандони он ташаккул меёбад».

Албатта, дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо кӯшиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд. Бо дарки муҳимтарин ва умдатарин масъала, яъне хусусияти муттаҳидгардонӣ ва ваҳдатофарии забон, Роҳбари давлат онро ҳамчун рукни устувору побарҷои давлатдории навини тоҷикон эътироф намуданд, ки аз азамату ҷалол ва иқтидору нерую тавоноии забони тоҷикӣ сарчашма мегирад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ташаббусҳои пайвастаи Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати як халқи дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёшиносӣ ва ё эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд.

Дар баробари ин, чунонки Пешвои миллат таъкид мекунанд, ҳар як шаҳрванди кишвар барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ кӯшиш карда, падару модарон бояд ба наслҳои оянда одоби муошират ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзонанд, зеро беэътиноӣ ба забони модарӣ беэҳтиромӣ нисбат ба миллату Ватан, модар ва таъриху фарҳанги хеш аст.

Бахусус, тавассути ташкил намудани мулоқоту вохӯриҳо бо ҷалби олимону адибони маъруф, омӯзишу мутолиаи асарҳои илмиву адабӣ, аз бар кардани шеърҳо ва ғайра, ки имконияти бештари бедор намудани завқу шавқи ҷавононро дар пай доранд, барои қавӣ гардонидани ҳофизаи таърихии хонандагону донишҷӯён зарур мебошад.

Мояи ифтихору сарбаландист, ки Пешвои муаззами миллат пуштибону ҳомии забони тоҷикӣ мебошанд ва ба забон ҳамчун рукни асосии бинои ҳастии миллат ва устувориву будубоши давлат, ба ҳайси муқаддасоти миллат арҷ мегузоранд.

Чунонки дар ин маврид Сарвари давлат ишора намудаанд: «Бақои тоҷик, забони тоҷик аст, яъне забони ноби тоҷикӣ. Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад. Фарҳанги беназиру оламшумули тоҷикон ва адабиёти пурғановати зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикон, ки қалбҳои аҳли назар ва фаҳму фаросати ҷаҳонро тасхир кардааст,

маҳз бо ҳамин забон, яъне забони тоҷикӣ, навишта ва эҷод шудаанд».

**Забон ҳамчун рукни давлат. Нақши меҳварии Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ. Таҳкими заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии забони давлатӣ ҳамчун омили рушди минбаъдаи он.** Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009 [3] забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифта, ҷиҳати баланд бардоштани устувории забони тоҷикӣ асоси қонунӣ гузошта шуд.

Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

Қонуни номбурда ба рушди забони давлатӣ дар қаламрави Тоҷикистон нигаронида шуда, вазифаҳои навбатии давлат ва ҷомеаро муайян месозад. Истифодаи васеи забони давлатӣ дар соҳаи технология, компютеркунонӣ, интернет, такмили таълими забони давлатӣ дар гурӯҳҳои тоҷикию ғайритоҷикии мактабҳои миёнаву олӣ, тарбияи ифтихори миллӣ аз забони модарӣ, баланд бардоштани фарҳанги суханварӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи қоидаву қонунҳои забони давлатӣ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Президенти кишвар андешаҳои худро дар бораи густариши минбаъдаи забони давлатӣ ба таври мухтасар ва ҷамъбастӣ чунин баён кардаанд: «Мо барои равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳари қимматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард».

Аз ин ҷост, ки барои татбиқи қонуни нав аз мақомоти давлатӣ сар карда, то муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуданд ва дар садади иҷро қарор доранд.

Дар робита ба ин, санаи 30 июни соли 2021 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» [4] ба тасвиб расид, ки имрӯз мавриди амал қарор дорад.

Дар замони соҳибистиқлолии кишварамон ба яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати забонии давлату Ҳукумат эҳё ва ба танзим даровардани номҳои миллӣ ва қадимаи тоҷикӣ, истифодаи саҳеҳ аз қолабҳои калимасозии миллӣ, номгузории мавзеъҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ, маҳаллу деҳот ва шаҳру ноҳияҳо низ, ки бояд бо такя ба суннатҳои гузаштаи ниёгон амалӣ карда шавад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Аз нав эҳё гардидани номҳои асили миллӣ, таърихӣ ва қадимаи Суғд, Хатлон, Бохтар, Истаравшан, Рашт, Сайҳуну Ҷайҳун на танҳо ба гузаштаи пурифтихори мо ишора дорад, балки ҷиҳати эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва ташаккули худогоҳиву худшиносии миллии мардуми мо нақши муассир мегузорад.

Дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бевосита бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду марҳила ҳуҷҷатҳои барномавӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди забони давлатӣ қабул карда шуд. Аз ҷумла, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 [5] ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 [6] тасдиқ гардидаанд.

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон қабул гардида, барои рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

Бояд зикр намуд, ки барномаи мазкур барои ташаккули худшиносӣ, худогоҳии шаҳрвандон, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа таҳия шудааст.

**Забон ҳамчун рукни давлат. Нақши меҳварии Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ.Таҳкими заминаҳои**

**меъёрӣ-ҳуқуқии забони давлатӣ ҳамчун омили рушди минбаъдаи он. Нақши асарҳои Пешвои миллат дар густариши забони давлатӣ.** Лозим ба таъкид аст, ки ҷавҳари сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамонро дар самти сиёсати давлатӣ оид ба забон, эътирофи забони давлатӣ ҳамчун омили муҳимтарини ҳастии давлат ва миллат, густариши истифодаи забони давлатӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони адабӣ, инчунин ҷараёни мукаммалу муназзами риояи қоидаҳои он ба сифати арзиши олии давлатӣ ташкил додааст.

Бори нахуст дар таърихи давлатдории мо забони тоҷикӣ аз муқаддасоти давлат дониста шуд, ки нишони аҳаммияти махсуси давлатӣ нисбат ба забони модарӣ аст. Дар ин росто, муҳиммияти муқаддасоти мазкур қабл аз ҳама дар асарҳои калидӣ ва оламшумули Пешвои миллат инъикоси пурвусъат ёфтаанд.

Яъне китобҳои Роҳбари давлат худ таҷассумгар ва таҳкимбахши заминаҳои таърихӣ ва рушди забони тоҷикӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки Пешвои муаззами миллат дар таълифоти илмию таҳқиқотиашон муҳимтарин масъалаҳои миллат ва забонро мавриди баррасӣ қарор дода, иртиботи бевоситаи ин ду рукни муҳимми миллатсоз ва давлатсозро пайваста таъкид месозанд.

Аз он ҷумла, асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён» (2002) [7, 460 с.], «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён» (2002), «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён» (2006), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орийӣ» (2006), «Уфуқҳои истиқлол» [8, 436 с.] суханрониҳояшон дар маҳфилу чорабиниҳои гуногун оид ба сиёсати забонии давлат, муайян кардани самтҳои асосии инкишофи забон ва забоншиносии тоҷик нақши бунёдӣ ва раҳнамоӣ доранд.

Дар ин радиф, махсусан асари дуҷилдаи «Забони миллат – ҳастии миллат» [9, 432 с.], ки сайри таърихии забони тоҷикиро аз замони қадим то имрӯз дар бар гирифтааст, бори дигар собит сохт, ки Пешвои муаззами миллат нисбат ба тақдири забони давлатӣ таваҷҷуҳи хоса дошта, оид ба рушду такомули минбаъдаи он пайваста андешаронӣ мекунанд.

Дар ин асари бунёдӣ дастовардҳои навтарини забоншиносиву тоҷикшиносии ватаниву ҷаҳонӣ ҷамъбаст гардида, аз лиҳози сабку ҷобаҷогузории мавод ва тарзи пешниҳод аз дигар осори забоншиносӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, дар марҳалаи сифатан нави давлатдории мо - тоҷикон, таълиф ёфтани асари гаронбаҳои «Забони миллат – ҳастии миллат» аз як ҷиҳат барои муаррифии забони мо - нишони ҳастии мо хизмати бузургро ба анҷом расонида бошад, аз ҷониби дигар арҷгузорӣ ба забони миллат, ҳалли як қатор масъалаҳои баҳсталаби забоншиносии тоҷик ва бозгӯии қудрату манзалат, ҳифзи асолати забони тоҷикӣ аз гузашта то ба имрӯз аст.

Ҳамин тариқ, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушду густариши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ беназир буда, маҳз ба василаи сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат забони модарии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ҷойгоҳи аслии худро соҳиб гашт.

## ВОЗРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА В СВЕТЕ КУЛЬТУРНОЙ ПОЛИТИКИ ЛИДЕРА НАЦИИ

***Ключевые слова:*** законодательство; законодательные акты; нормативные правовые документы; закон; возрождение и развитие государственного языка; культурная политика Лидера Нации; государственный язык, языковые требования; условия нормативных правовых актов; правовое просвещение населения; законодательный язык; произведения Лидера Нации; расширение государственного языка.

***Аннотация:*** В данной статье вопросы развития государственного языка и его законодательства рассматриваются в свете культурной политики лидера нации. В данной статье

рассмотрено несколько основных аспектов, связанных с темой, в том числе вопросы языка как опоры государства, определяющая роль лидера нации в развитии государственного языка, укрепление нормативно-правовых основ государственного языка. как фактор его дальнейшего развития, проанализирована роль произведений лидера нации в развитии государственного языка, принято решение о научной рецензии.

***Насриддинзода Эмомали Сайфиддин*** - помощник Президента Республики Таджикистан по вопросам социального развития и отношений с обществом, доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана.

## A REVIVAL AND DEVELOPMENT OF THE STATE LANGUAGE IN THE LIGHT OF THE CULTURAL POLICY OF THE LEADER OF THE NATION

***Keywords:*** legislation; legislative acts; regulatory legal documents; law; revival and development of the state language; cultural policy of the Leader of the Nation; state language, language requirements; conditions of regulatory legal acts; legal education of the population; legislative language; works of the Leader of the Nation; expansion of the state language.

***Annotation:*** In this article, in the light of the cultural policy of the leader of the nation the issues of the development of the state language and its legislation are discussed. Several main aspects related to the topic, including issues of language as a pillar of the state, the pivotal role of the Leader of the Nation in the development of the state language, strengthening the normative-legal foundations of the state language as a factor in its further development, and the role of the works of the Leader of the nation in the development of the state language are analyzed and a scientific review has been decided.

***Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin*** - assistant of the President of the Republic of Tajikistan on issues of social development and relations with society, doctor of law, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.

2. Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ аз 21 июли соли 2009 // [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/69 (санаи муроҷиат: 11.10.2023).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 11. 2023).

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» аз 30 июни соли 2021, 268 // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 11. 2023).

5. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №335 тасдиқ гардидааст // Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 11. 2023).

6. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647 тасдиқ гардидааст // Махзани

муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 11. 2023).

7. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2002. – 460 с.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2018. – 436 с.

9. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. – Душанбе: “Нашриёти муосир”, 2020. – 432 с.

10. Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Султон М. Ҳ. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 А-Н (нашри дувум). – Душанбе: “Матбаа-Т”, 2010. – 784 с.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан была принята на всенародном референдуме 6 ноября 1994 года. 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г. в него путем всенародных референдумов вносились изменения и дополнения. – Душанбе, 2016. – 64 с.

2. Выступления Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, посвященные Дню государственного языка 21 июля 2009 года // [Электронный ресурс]: Источник доступа: URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/ срок/5/69 (дата подачи заявления: 11.10.2023).

3. Закон Республики Таджикистан «О государственном языке Республики Таджикистан» от 5 октября 2009 года № 553 // Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 11.03.2023).

4. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О правилах правописания таджикского языка» и «Знаки книги таджикского языка» от 30 июня 2021 года № 268 // Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан» Справедливость". Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 11.03.2023).

5. Программа развития государственного языка на 2012-2016 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2012 года № 335 // Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан» Справедливость". Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 11.03.2023).

6. Программа развития государственного языка на 2020-2030 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 ноября 2020 года № 647 // Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан» Справедливость". Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 11.03.2023).

7 Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. Первая книга. От арийцев к соманцам. – Лондон, 2002. – 460 с.

8. Эмомали Рахмон. Горизонты независимости. – Душанбе: «Гандж-Нашриёт», 2018. – 436 с.

9. Эмомали Рахмон. Язык нации – это суть нации. – Душанбе: «Современное издательство», 2020. – 432 с.

10. Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Султан М. Часть 1. Культура перевода таджикского языка. Том 1 А-Н (второе издание). – Душанбе: «Матбаа-Т», 2010. – 784 с.

**List of literature:**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in a national referendum on November 6, 1994. On September 26, 1999, June 22, 2003, and May 22, 2016, changes and additions were made to it through national referendums. - Dushanbe, 2016. - 64 p.

2. Speeches of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon dedicated to the State Language Day on July 21, 2009 // [Electronic resource]: Access source: URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/69 (date of application: 11.10.2023).

3. Law of the Republic of Tajikistan "On the State Language of the Republic of Tajikistan" dated October 5, 2009, No. 553 // Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic resource]. Access mode: – URL: http://www.adlia.tj (access date: 03. 11. 2023).

4. Decision of the Government of the Republic of Tajikistan "On the spelling rules of the Tajik language" and "Signs of the Tajik language book" dated June 30, 2021, 268 // Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic resource]. Access mode: – URL: http://www.adlia.tj (access date: 03. 11. 2023).

5. The program for the development of the state language for 2012-2016, approved by the decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2012, No. 335 // Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic resource]. Access mode: – URL: http://www.adlia.tj (access date: 03. 11. 2023).

6. The program for the development of the state language for 2020-2030, approved by the decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated November 28, 2020, No. 647 // Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic resource]. Access mode: – URL: http://www.adlia.tj (access date: 03. 11. 2023).

7 Emomali Rahmon. Tajiks in the mirror of history. The first book. From Aryans to Somanians. - London, 2002. - 460 p.

8. Emomali Rahmon. Horizons of independence. - Dushanbe: "Ganj-Nashryot", 2018. - 436 p.

9. Emomali Rahmon. The language of the nation is the essence of the nation. - Dushanbe: "Modern Publishing House", 2020. - 432 p.

10. Nazarzoda S., Sanginov A., Karimov S., Sultan M. H. Tajik language interpretation culture. Volume 1 A-N (second edition). - Dushanbe: "Matbaa-T", 2010. - 784 p.



**УДК: 340.15**

**Азимов Фирдавс Акбаралиевич,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: Asimov.firdavs.1984@mail.ru*
*Тел.: (+992) 207-00-99-96.*

# ВАНДИДОД ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** Авасто; Вандидод; ҷазо; ҷиноят; ҷазои қатл; дин; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҳуқуқвайронкунӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ меравад. Ба андешаи муаллиф омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто аз он далолат менамояд, ки аллакай дар замони пешин шаклҳои ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ дар асоси меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қатл, маҳдуд кардани озодӣ) муқаррар шуда буд.

“Авасто” яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мардуми Шарқ махсусан форсҳо ба шумор меравад, ки он аз ҷониби Зардушт таълиф гардидааст. Б.Ғ. Ғафуров чунин менигорад: “Авасто” муҳимтарин ва ягона маъхаз барои равшан намудани таърихи қадимтарини эрониёни шарқӣ, яъне мардуми Осиёи Миёна, Афғонистон ва он қисмати Эрон, ки дар шафати Осиёи Миёна воқеъ гардидааст, махсуб мешавад [11, с. 72].

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон “Нахустин Қобусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишти дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур - Авестои ҷовидона – дигар дар қолаби сарҳадҳои кӯчак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва худудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба укёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст [27, с. 40-41]. Дар ҳақиқат ҳам суханҳои Пешвои миллат арзиши баланди илмиро соҳиб аст. Чунки осори мухтарам Э.Раҳмон сабаб шуд, ки имрӯз тамоми олимони минтақа ва ҷаҳон низоми ҳуқуқии зардуштиро эътироф намуда, институҳои алоҳидаи ҳуқуқии ҷиноятии онро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор додаанд. Дар ҳақиқат нуздаҳумин наски Авасто ин Вандидод ба шумор меравад, дар худ институти ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад, ки барои мо тоҷикон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон аст. Дар ин росто З.Х. Зокирзода низ гуфтаҳои Пешвои миллатро тақвият дода, қайд менамояд, ки авесто яке аз қадимтарин сарчашмаи ҳуқуқӣ буда, таҷассумкунандаи институти ҷазо дар масири таърихи халқи тоҷик махсуб меёбад [13, с. 31]. Бояд қайд намуд, ки омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто аз он далолат менамояд, ки аллакай дар замони пешин шаклҳои ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ дар асоси меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қатл, маҳдуд кардани озодӣ) муқаррар шуда буд [12, с. 14]. Ба андешаи И.Ҳ. Бобоҷонзода институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ дар ин давраи рушди ҷомеа хусусиятҳои хоси худро доштанд [9, с. 203]. Муҳаммад Рашшод ҷазоҳои ҷиноятии ин давраро ба динӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ҷудо мекунад [25, с. 123]. Ба андешаи У.А. Азиззода ҷиноятҳо ба муқобили дин дар ҳамаи таснифоти ҷиноятҳо гурӯҳи асосиро ташкил менамояд [6, с. 36-38]. Ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод дар ҳуқуқи мусулмонӣ низ мавриди эътироф ва ҳифз қарор дода шуда буд. Дар Тоҷикистони таърихӣ озодии виҷдон ва эътиқод ба таври махсус эътироф гардида, ҳифз карда мешуд. Бинобар сабаби ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ бештар хусусияти динӣ доштанд, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон маҳз ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод ба ҳисоб мерафт [14, с. 85].

Дар Вандидод ҳам дар бораи мавҷудияти чунин ҷазоҳо ишорат мешавад. Дар фаргарди

10-и Вандидод гуфта мешавад,ки амали шахсе,ки маҳкумро аз зиндон озод менамояд, ба амалҳои одаме баробар карда мешавад, ки пусти касро канда мегирад ва сари ӯро аз тан ҷудо менамояд, яъне ба одамкушӣ баробар карда мешавад. Дар замони ҳукмронии подшоҳ Аршак шахсоне, ки муҷримонро паноҳ медоданд, бояд бо онон баробар кушта мешуданд, хоҳ онҳо мӯбади мӯъбадон бошанд, хоҳ остонадор [15, с. 13]. Ба ашхосе ки ҳукмро баҷо меоварданд, шоҳ силии ҳотамона ваъда менамуд. Аз ин гузашта, ӯ мусодираи молумулки гунаҳгорон (ҷинояткор)-ро ба фоидаи хазона муахаза менамуд [16, с. 13].

Ба андешаи У.А. Азиззода дар давраи зардуштӣ сараввал аксуламали ҷомеаро ба кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки ба ин ё он объекти ҷамъиятӣ зарари муайян мерасонд, мефаҳмонд, сипас пас аз пайдоиш ва ташаккули сохтори давлатӣ институт шакли ҳуқуқиро гирифт [6, с. 60]. Назарияҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар китоби "Авасто" зикр ёфтаанд. Авасто аз 21 қисм иборат буда, то замони мо 5-қисми он боқӣ мондааст, ки ҳар яке аз ин қисмҳо ба масъалаҳои гуногуни институтҳои ҳуқуқӣ бахшида шудаанд. Чунончи:

"Ясно"- муноҷот;

"Вандидод"- маҷмӯи амрҳои динӣ;

"Виспарад" - он дуоҳоеро фаро мегирад, ки дар ситоиши Яздон ва ниёиш ба даргоҳи он хос буда, ҳангоми тоату ибодати зардуштиён тиловат мегардид;

"Яштҳо"- суруди муқадасси маъбудони зардуштӣ;

"Хурд Авасто"- дуоҳо.

Вандидод ин як порчае аз "Авасто" буда, ҳамчун қонунномаи асосӣ дар оини зардуштӣ маҳсуб мешавад.

Видевдат (Вандидод лафзи форсӣ-тоҷикӣ) - яке аз панҷ китобҳои то замони мо омада расидаи "Авасто" ба шумор меравад. Ҳарчанд номи он ҳамчун "Қонун бар зиди девҳо" тарҷума шудааст, яъне дар бораи бар зидди зотҳои бад, "Девҳо". Аммо бояд қайд кард, ки Вандидод ҳеҷ гоҳ маҷмӯаи зӯроварӣ қаламдод карда намешавад. Фалсафаи зардуштӣ одамонро ба гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек даъват намуда, ҳама гуна зӯровариро маҳкум намудааст. Мо тоҷикон дар дипломатияи худ ҳамеша сулҳу амонӣ, эҳтиром ва ҳаққи ҳамсоягиро дар масири пурпечу тоби таърих нигоҳ доштаем. Дар зери мафҳуми "Девҳо" дар зардуштия инсонҳои бадкор ва бадахлоқ дар назар дошта шудаанд, ки онҳоро "Вандидод" яъне "девҳои дупоя" низ ном мебаранд. Дар адабиёти форсии асримиёнагӣ, дар навиштаҷотҳои Зардуштӣ калимаҳои "нимдевиён"-"Нимдев", яъне шахсоне, ки танҳо номи инсонӣ ва табиати инсонӣ доранд, вале дар асл мисли девони дупой ҳастанд, сухан меравад. Тибқи Вандидод "Девҳо" на дар бораи замин фикр мекунаду на осмон, на амали нек мегӯяду на бад, дар умум гӯем агар комилан масъулияти инсонӣ надошта, дар пайи қонеъсозии нафси бади худ мебошанд. Вандидод на танҳо бар зидди девҳо, балки бар зидди тамоми табақоти ҳамон замон ҳамчун қонуни ҷиноятӣ эътироф мешуд. Мутаассифона дар доираи зиёиён ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ шахсоне ба назар мерасанд, ки имрӯз баъзе намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани озодиро ҳамчун институти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ рад менамоянд ва онро ба истилоҳ тухфаи давлати шӯравӣ медонанд. Ҳол он ки садҳо далелу исботҳое ҳастанд, ки мавҷудияти ҷазои маҳдуд кардани озодиро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳазорсолаҳо пеш арзи вуҷуд намудааст, асоснок менамояд. Чунончӣ, ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба таври васеъ истифода мегардид, мутаассифона моли низоми ҳуқуқи шуравӣ медонанд. Ба андешаи У.А. Азиззода дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон дар давоми ҳамаи давраи амалкарди низоми ҳуқуқи зардуштӣ маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун чораи хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ истифода карда мешуд ва он чун давомат (ирсият) ба дигар низомҳои ҳуқуқӣ мегузашт [7, с. 413]. Ҷазо ҳамчун институти ҳуқуқиест, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳамчун олоти асосии мубориза бо ҷинояткорӣ хизмат мекард [19, с. 47]. Низоми ҷазо дар давлатҳои даврони зардуштӣ доимо ташаккул меёфт. Бештари шаклҳои ҷазо дар даврони давлатдории Ҳахоманишиҳо ва давраҳои минбаъдаи рушди он аз ҷазоҳои ҷисмонӣ иборат буданд, ки бераҳмона ва сахт буданд. Вижагии ин намуди ҷазоҳо дар он хулоса мешуд, ки ба шахси дар содиркунии ягон амал гунаҳгоршуда ё

гирифторшудаи ягон ҳолати аз рӯи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии он замон хавфи ҷамъиятидошта чораҳои маҷбуркунии ҷамъиятӣ ва давлатии маҳдудсозанда раво дида мешуд. Масалан, Авасто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи давраи зардуштӣ ба зан иҷозат намедоданд, ки дар давраи ҳайзи худ ба оташи муқаддас, ба об ва замини обӣ, ба дигар ҷойҳои пок наздик шавад. Занеро, ки дар чунин ҳолат қарор дошт, «армешт» мегуфтанд, ва ҷое, ки ӯ дар он нигоҳдорӣ мешуд, «армештгоҳ» («армештгос») номида мешуд. Вай то пурра сиҳат шуданаш бояд дар он ҷо меистод.

Инчунин, тибқи Вандидод бурдани ҷисми мурда ба дахма ба як шахс (мустақилона) ва бе ёрии шахсони дигар манъ карда мешуд, чунки вай метавонист ҳангоми ин кор сироят бинад, нопок шавад ва дигар аъзои ҷамъиятро сироят бикунад. Агар одам бар хилофи ҳамаи мамнӯъот чунин амалро содир кардааст, пас ӯро низ нақли макон кардан ва қарор доштан дар ҷойҳои муайян маҳдуд карда мешуд. Ҳар инсоне ки дар бораи масъулият фикр намекард, аз рӯи мундариҷа, ки он рамзи коҳинон аст ва қоидаҳоро дар бар мегирад ҷазоҳо пешкаш мешуданд. Ҳарчанд имрӯз маҳдуд кардани озодӣ дар м. 54 КҶ ҶТ яке аз намудҳои ҷазо ба ҳисоб меравад, онро маҳсули низоми ҳуқуқии шӯравӣ хонда, яктарафа инкор карда мешавад. Ҳол он ки тамоми институтҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқии шӯравӣ ба низомҳои ҳуқуқии англо-саксонӣ, романӣ-олмонӣ, анъанавӣ-динӣ мунтақил (трансформатсия) гашта, боз аз сари нав бо шаклу шамоили римӣ ба низоми ҳуқуқии амалкардаи мо – низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ворид гардидааст. Аввалин генезиси бавуҷудоии ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аз низоми ҳуқуқии зардуштӣ оғоз меёбад. Ҳарчанд дар Вандидод истилоҳи "маҳдуд кардан" ё "нақли макон кардан" истифода гардида бошад ҳам қарор доштани инсонро дар ҷойҳои муайян маҳдуд мекарданд.

Дар маросимҳои зардуштӣ, ки дар нимашабҳо гузаронида мешуданд, қисмҳое аз Вандидод ва бобҳои "Ясно" ва "Виспарад" аз ҷониби ду коҳин хонда мешуд. Тиловати Вандидод дар маросимҳои зардуштиён ҳатмӣ буд.

Дар давраҳои қадим дар рафти ҷангҳо ва юришҳо асарҳои зиёде несту нобуд гардидаанд, аз ҷумла худи китоби Авасто, ки аз тарафи Искандари Мақдунӣ сӯзонида шуда буд. Далели сӯзонидани Авасто дар ягон китобҳои мутафаккирони юнонӣ, ки дар он корнамоиҳои Искандари Мақдунӣ дарҷ мегардиданд,зикр нашудааст. Ин амали Искандар аз ҷониби мубадони зардуштӣ бисёр як амали зишт ва таҳқиромез пиндошта шуда, коҳинонбар он назар буданд, ки Искандар бояд барои баъзе корҳояш маҳкум шавад. Масалан: барои худхоҳӣ ё сӯзонидан ва нусхабардорӣ кардани асарҳои форсӣ, аз ҷумла Авасто. Ба ақидаи онҳо агар Искандар ин китобҳоро нусхабардорӣ карда бошад ҳам дар он ақидаҳои шахсии Искандар зикр мешавад. Коҳинони зардуштӣ румиёнро душмани ашадии диншон меҳисобиданд.

М. Бойес барои исботи ин ду далелхои кадимро мисол меорад: дар Исиёнҳои Искандар маъбадҳои Эронро ғорат кардаанд [10, с. 97].

Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи фарҳанги халқҳои ҷаҳон ақидаҳои зиёди адабиву ахлоқӣ ва фалсафӣ пайдо шудаанд. Дар ин вақт зардуштия бо динҳои яҳудӣ, будоӣ ва масеҳӣ бархӯрд намуда, аз як тараф, рукнҳои асосии илоҳиёти худро такмил дода ва аз тарафи дигар, шароити худро ба тартибу низоми нави ҷамъиятӣ мутобиқ намуд. Дар фосилаи чор асри салтанати Сосониён китоби муқадаси зардуштиён "Авесто" чанд маротиба таҳриру тадвин шудааст. Бо дархоси шоҳаншоҳ Хусрави 1 (Анушервони одил) барои мустаҳкам намудани дини давлатӣ як қатор чорабиниҳои амалӣ андешида шуд. Бо амри ӯ муратаб кардани китоби муқадаси зардуштиён оғоз ёфта, ҳар нуқтае, ки барои ғояи ваҳдатоварии динии замони Сосониён мувофиқат намекард, ихтисор карда шуда ва ба ҷойи он масалаҳои тозаи марбут ба аҳкому ахлоқи динӣ ҳамроҳ гардидаанд. Ҳамин масъаларо дар назар дошта таърихнависи асримиёнагӣ – М. Масъудӣ насиҳати Ардашери Бобаконро ба писараш Шопур чунин овардааст. "Бидон, ки дину имон ва подшоҳӣ ҳарду бародаранд ва бидуни якдигар вуҷуд доштан наметавонанд. Дин асоси давлат аст ва давлат онро ҳимоя мекунад". "Авестои давраи Сосониён аз 348 фасл ва 21

наск, яъне китоб иборат буд. Ҳамин тариқ, Вандидод дар замони Сосониён (асрҳои III-VII мелодӣ) ба форсии миёна тарҷума шудааст; ба ӯ фикру мулоҳизаҳои сершумор илова шудаанд. Авасто, Синбоднома, Қобуснома, Дарахти асурик, Бундахш, Тоҷномак, Оиномак, Чатранномак, Хазинаи шойгон ва ғайраҳоро ҳамчун ёдгориҳои хаттии қадима зикр кардан мумкин аст, ки на ҳамаи ин китобҳо то замони мо омада расидааст. Танҳо баъзе наскҳои Авасто дар замони ҳукмронии Хусрави 1 бо забони паҳлавӣ тарҷума ва ҷамъоварӣ шудааст, ки то ба замони мо омада расидаанд.Чунончӣ, Хусрави I фармон додааст, ки матнҳои қадимаи китобро барояш тарҷума ва ҷамъоварӣ намоянд. Зоҳиран, дар охири замони ҳукмронии Сосониён (асрҳои 5-6 пеш аз милод) Вандидод ҳатто ба қатори асари хатмӣ ва омӯзишӣ дар маъбадҳои динӣ шомил гардида буд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ оварда мешавад,ки донистани асарҳои паҳлавӣ ба шоҳзодаҳо низ таълим дода мешуд. Дар асари адабии "Хусравнома" оварда мешавад, ки Хусрав писари Кайқубод замоне, ки ӯро ба мактаб фиристоданд аз илмҳои динӣ ва аз асарҳои бо ҳуруфи паҳлавӣ навишташуда бохабар буд [2, с. 35]. Ба ақидаи О.М. Чунакова Хусрав қисмҳои Вандидод ва Занд-Авесторо аз бар карда буд [26, с. 149]. Лозим ба таъкид аст, ки оиди масъалаи мавриди назар дар асоси ин порча чизе гуфтан душвор аст. Зеро "Хусравнома" ҳамчун асари адабӣ буда, бештар ба асотирҳо ва ривоятҳо вобаста аст. Олимон ин масъаларо матраҳ намуда қайд менамояд, ки Вандидод дар асоси матни хаттӣ ё дар шакли шифоҳӣ то замони мо омада расидааст. Ба андешаи мо Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди сулолаи Сосониён аз ҷониби мубадони дини Зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукумронии Хусрави 1 рост меояд. Ҳамин тариқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидод (қонуни ҷиноятӣ-А.Ф.) лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар асоси таҳлили грамматикии матни Вандидод А.Камменҳубер муайян намудааст, ки дар замони Сосониён, яъне асри IV-и п. аз м. Вандидод хаттӣ навишта шуда, пурра таҳрифу навоварӣ карда шудааст [1, с. 108]. Ва он чизе, ки дар асар навоварӣ шуд ин тафсири Вандидод бо забони паҳлавӣ буд. Ба андешаи мо, гипотезаи Камменҳубер ду чизи муҳим дорад: камбудӣ ва норасоиҳо. Аввалан, вай дастовардҳои бостоншиносон ва маводҳои археологӣ ва этнографӣ, ки то он вақт (охири солҳои 50-уми асри XX) ба даст оварда шудаанд, нодида мегирад. Сониян, чунин ба назар намерасад, ки мувофики он ченаки асил ва дурустии матнҳои авастоӣ аз қабили идеяҳо ва намунаҳои готҳо ва ҳамаи он чи ки бо ягон сабаб ба онҳо мувофиқ нест, аз тарафи онҳо сохта ва дуруғ ҳисоб карда мешавад. Нуқтаи дигари баҳс ин санаи ворид шудани меъёрҳо ва қавоиди вандидодӣ ба ибодатҳои зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи М.Бойс, ин пас аз истилои арабҳо дар асри IX дар Эрон ва Осиёи Миёна рух додааст. Замоне, ки Вандидод дар таҳрифи мубадон қарор мегирад ва тағйироти ҷиддиро аз сар мегузаронад. Ҳамин тавр, дар қисми дуоҳои шабона Вандидод хонда мешавад ва ин барои коҳинони маъбад ҳамчун меъёри ҳатмӣ мегардад. Бинобар ин, бо илова гардидани «Қонуни зидди девҳо» эҳтимол меравад, ки дар он салоҳиятҳои коҳинони маъбад зиёд ба назар мерасад. Ин ягона ҳолатест, ки ба коҳини маъбад иҷозат дода шудааст, ки аз матнҳои хаттӣ истифода барад, инчунин, ҳамаи қисмҳои дигари Вандидодро бояд аз тахти дил аз бар намоянд. Вандидодро коҳинони маъбад аз руйи китоб мехонданд, зеро, ки бисёр матнҳои калон ва мушкил дошт. Ба фикри мо, душвории аз ёд кардани ҳаҷми калон ва муҳимтар аз ҳама, дар тамоми матни насри ин китоб (бо вуҷуди он ки дар баъзе ҷойҳо ин наср таҳриф шудааст), нисбат бо дуоҳои дар Ясно ва Яштҳо пешбинӣ шуда мушкилтар ба назар мерасад. Гарчанде ки мафҳумҳои дар сохтори Вандидод пешбинишуда махсусан, «услуби он» одатан филологӣ ба назар расад. Аммо дар асл бошад Вандидод ба масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят, ҷазо ва дигар институтҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Мо зимни таҳлили он, муқаддимаи таърихӣ-динӣ ва мулоҳизахои оид ба меъёрҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард, ки асолати пурмазмуни онро дар зер таъкид менамоем.

Сохтори Вандидодро шартан ба 7 блок ҷудо мекунанд:

Фаргардҳои 1 ва 3 ба масъалаҳои мифологию динӣ, муқовимати қувваҳои некию бадӣ бахшида шудаст.

Фаргарди 4 ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва муносибат бо шартномаҳо ҳуқуқвайронкунӣ ва қасамхӯрӣ бахшида шудааст.

Фаргардҳои 5-12 қариб, ки аз се як қисми ҳамаи наск ба ҳисоб меравад. Қоидаҳо ва оинҳои вобаста ба дафн, таҳқири ҷисми мурда ва тоза шудан аз он, ҳамчунин маросими азодориро дар бар мегирад.

Фаргардҳои 13-15 муқаррарот оид ба саг (тартиби нигоҳубини он, ҷазо барои расонидани зарар ба саг, ҳамчунин оид ба ҳифзи модарӣ, чӣ дар муносибат бо зани ҳомила ҳамчунин ҳифзи саги бордор як қисми он ҳисобида мешавад.

Фаргардҳои 16-18 маросимҳо оид ба тоза кардан аз чизҳои наҷас (мӯй, нохунҳои бурида), инчунин маҳкум намудани танбалӣ, ҳасад ва зино.

Фаргарди 19 дар бораи қувваҳои бефоида дар бораи навзод ва баъд аз марг дамидани рӯҳ бахшида шудааст.

Фаргарди 20-22 ба қоидаҳои шифоёбии забонӣ ва дур кардани беморӣ аз рӯҳи инсон бахшида шудааст.

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибат бо ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов як қатор принсипҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таъин ва татбиқи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ риоя мегардиданд [8, с. 41]. Аксарияти онҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ низ мустаҳкам гардида буданд, чунончи, принсипи ҷавобгарии фардӣ [8, с. 41]. Мувофиқи принсипи мазкур ҳар як шахс барои кирдори содиркардааш танҳо худаш ҷавобгар дониста мешуд. Талаботҳои принсипи мазкурро ба инобат гирифта, Куруши Кабир дар Эъломияи худ чунин эълон дошта буд: «... ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад, ҳеҷ касеро набояд ба ангезаи ин, ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар аз дудмон ё хонаводае, хилоф кард, танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигар мардумон ва хонавода коре нест» [21, с. 117-118].

Яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунандае, ки дар Вандидод зикр шудааст ин гаравидан ба дини бегона мебошад. У.А. Азиззода менависад, ки аз таърихи силсилавии зардуштия чунин бармеояд, ки рӯ тофтан аз оини зардуштия на фақат ба маҳдуд шудани ҳуқуқу уҳдадориҳо оварда мерасонид, балки он ҳукми қатлро низ дар пай дошт [5, с. 71-73]. Далели гуфтаҳои дар боло зикршуда таҳқиқи С. Нафисӣ дар татбиқи ҷазои қатл нисбати мубаде бо номи Абадишуъ, ки аз оини зардуштия рӯ гардонда ба оини насроният гузашта буд, шуда метавонад. С. Нафисӣ қайд мекунад, ки ҳангоми иҷрои ҷазои қатл шоҳ Ардашер бевосита иштирок дошт [20, с. 52]. Зеро мардуми мо дар ҳазорсолаҳо пеш маълум намуда буданд, ки оини бегонапарастӣ ба номуттаҳидии мардум овада расонида, пояҳои ҷомеа ё давлатдориро заъиф месозад. Ҳатто барои аз байн рафтани низоми давлатдорӣ сабаб мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки дар Авесто ба масъалаи ҳифзи саломатии инсон низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов дар Вандидод ҳифзи саломатӣ вобаста аз намуди кирдор, шакл ва дараҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ва субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ба намудҳо ҷудо гардида, ҷазоҳои гуногун муқаррар карда шудаанд [8, с. 45]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ вобаста ба сатҳу дараҷаи хавфнокиашон ба чунин навъҳо тасниф карда шудаанд: 1) ба даст силоҳ гирифтан (бо мақсади задан); 2) зарба задан; 3) маҷруҳ кардан; 4) хун резондан; 5) устухон шикастан; 6) расонидани зарари ҷисмонӣ ва ақлӣ ба саломатии инсон [17, с. 74]. Дар Авесто бошад, чор намуди ҷиноятҳо дараҷабандӣ гардидаанд: 1) огерепта; 2) авауришта; 3) аредуш; 4) пешутану [3, с. 486].

Новобаста аз ин тамаддуни зардуштӣ ҳуқуқҳои занонро бевосита муқаррар намудааст, ки инро метавон аз Авасто ва дигар сарчашмаҳои нодири замони мазкур мушоҳида намуд [18, с. 2018]. Бино ба таҳқиқоти Ҷ. Саъдизода, Сафарзода Н.Ф. дар тамаддуни зардуштия рӯзи махсусе ҷой дошт, ки дар он рӯз занон аз кору бори зиндагӣ фориғ буданд ва мардон ба онҳо тухфаҳо инъом менамуданд [21,

с. 164]. Масъалаи обрӯю эътибори зан махсусан ҳифз мегардид. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов агар мард ба таври дахлдор занро нигоҳубин накунад ва ё аз таъминоти ӯ саркашӣ кунад ва ё амалеро содир намояд, ки ба зан ва кӯдакони ӯ зарар расад, ӯро ҳукми қатл интизор буд [8, с. 42]. Ӯ танҳо дар сурате бахшида мешуд, ки тамоми зарари моддию маънавии расонидаашро ҷуброн намояд. Ин бори дигар аз он далолат медиҳад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ масъалаи ҳифзи ҳуқуқи зан ва кӯдакро аз зарари маънавӣ мавриди назари худ қарор дода, онро расман дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Қатъ намудани никоҳ ва бенигоҳубин гузоштани зан низ гуноҳи вазнин дониста мешуд [23, с. 92]. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ қатъ кардани никоҳ танҳо дар сурати розигии тарафҳо мумкин буд. Танҳо дар ду ҳолат розигии занро дар бекор кардани никоҳ ба инобат намегирифтанд:

1) Агар ӯ барои шавҳарро гӯш накардан гунаҳкор бошад, ҷодугарӣ кунад, ё гуноҳи динӣ содир намояд;

2) Дар ҳолате, ки дар муҳлати 10 сол зан фарзанддор нашавад.

Мавриди зикр аст, ки дар қисмати 3-и фаргарди 4, сатрҳои 17-21-и Вандидод ҷавобгарии ҷиноятӣ ба муқобили саломатии инсон ҳамчун кирдорҳои категорияи огерепт пешбинӣ шудаанд. Дар сатрҳои 20 ва 21 қайдҳои махсус доир ба пардохти ҷарима ҳамчун намуди ҷазо барои содир намудани категорияи мазкури ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст [19, с. 47]. Агар маротибаи ҳаштум инсон кирдори огерептро содир карда бошад ва фидя, товони зарар насупорида бошад, пас ӯро бо 200 зарба бо қамчини асп ва калтак (чубдаста) ҷазо медоданд [19, с. 47]. Ҳамин гуна, агар ягон шахс ҷинояти огерептро содир намояд ва аз пардохти ҷарима, фидя, ѐ товони зарар саркашӣ намояд, дар ин ҳолат ӯро бо 200 зарба бо қамчини асп ва калтак ҷазо медоданд [4, с. 486-487]. Дар «Вандидод» меъёрҳои тиббии марбут ба илми тиб ва амалиёти беморон оварда шудаанд. Дар ин меъёрҳо объекти муҳофизат аксар вақт саломатӣ ва ҳаёти кӯдаку модар мебошад. Дар бораи қатли кӯдак дар батни модар дар Вандидод фаргарди 15, қисми 2, сатри 9-18 муфассалан оварда шуда, ин амалро қатъиян маҳкум кардааст: "Агар он зан аз шарми мардум, меваи зиндагиро дар заҳдони хеш нобуд кунад, гуноҳи куштани фарзанд бар гардани ӯ ва падари ӯст" [3, с. 577]. Дар зардуштия сарфи назар аз вазъи занҳо (шавҳардор ё бешавҳар) ва вазъи кӯдакон (қонунӣ ё ғайриқонунӣ) исқоти ҳамл манъ аст: "Агар марде бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум, меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад" [3, с. 577]. Ҳамчунин оини мазкур барои занон истифодаи гиёҳҳои шифобахше, ки исқоти ҳамлро ба бор меоранд манъ намудааст: "Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад" [3, с. 577]. Хулоса, таълимоти зардуштия ҳамагуна исқоти ҳамлро мамнуъ эълон карда, зиндагӣ ва ҷони кӯдакро дар ҷои аввал қарор дода, ҳифз менамояд. Агар қонунгузории оила дар шароити муосир кӯдак гуфта шахсеро аз оғози таваллуд синни муайяне донад, пас, қонунгузории таърихӣ-зардуштӣ кӯдакро аз батни модар то 15 солагӣ [22, с. 134; 23; 24] эътироф мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Вандидод зикр шудааст, ин мувозибат намудани оила ва кӯдак мебошад. Ба андешаи А.Ғ. Холиқзода марде, ки зан аз ӯ ҳомиладор мешавад, вазифадор аст, ки то таваллуди кӯдак модарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Агар мард ба таври зарурӣ зани ҳомиладори худро дастгирӣ накунад ва ин амал ба кӯдаки дар батнбуда зиён оварад, он мард муртакиби гуноҳи куштори қасдан шуда, тибқи он ҷазо дода мешавад" [22, с. 139].

Ҳамин тавр, Ваннդидод вазифаҳои падару модаронро дар мавриди таҳти назорати махсус қарор додани кӯдакон ва таъмин намудани онҳоро ба хӯрокаву пӯшока пешбинӣ намудааст.

Ҳангоми таҳлили мавзуи Вандидод – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар ҳақиқат нуздаҳумин наски Авасто ин Вандидод ба шумор меравад, дар худ институти ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад, ки барои мо тоҷикон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон аст.

2. Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто аз он далолат менамояд, ки аллакай дар замони пешин шаклҳои ҷиноят ва тарзҳои ҷазодиҳӣ дар асоси меъёрҳои нисбатан мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, қатл, маҳдуд кардани озодӣ) муқаррар шуда буд.

3. Вандидод ба шакли хаттӣ омада расидааст, чунки дар аҳди сулолаи Сосониён аз ҷониби мубадони дини Зардуштӣ китобат гардидааст, ки ба замони ҳукумронии Хусрави 1 рост меояд. Ҳамин тариқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар қатори коҳинони маъбадҳо барои шоҳзодаҳо ва хизматчиёни дарбор низ азёд донистани матни Вандидод лозим ва ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Саъдизода Ҷ.**

## ВАНДИДОД КАК ИСТОРИКО-ПРАВОВОЙ ИСТОЧНИК

***Ключевые слова:*** Авеста; Вандидат; наказание; преступление; смертная казнь; религия; юридическая ответственность; правонарушение.

***Аннотация:*** В данной статии, речь идёт о Вандидат как историко-правовой источник. По мнению автора, изучение норм авестийского уголовного права свидетельствует о том, что уже в глубокой древности формы преступлений и способы наказания устанавливались на основе относительно полных норм уголовного права (юридическая ответственность, нарушение права, смертная казнь, ограничение свободы).

***Азимов Фирдавс Акбаралиевич*** - соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета.
E-mail: *:* Asimov.firdavs.1984@mail.ru, Тел.: (+992) 207-00-99-96.

## VANDIDAT AS A HISTORICAL AND LEGAL SOURCE

***Keywords:*** Avesta; Vandidate; punishment; crime; death penalty; religion; legal responsibility; offense.

***Annotation:*** In this article, we are talking about Vandidat as a historical and legal source. According to the author, the study of the norms of Avestan criminal law indicates that already in ancient times the forms of crimes and methods of punishment were established on the basis of relatively complete norms of criminal law (legal liability, violation of law, death penalty, restriction of freedom).

***Azimov Firdavs Akbaralievich*** – applicant for the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University.
E-mail: *:* Asimov.firdavs.1984@mail.ru, Tel.: (+992) 207-00-99-96.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Камменҳубер А. Қоидаҳои марг ва "ҷодугарии саг" дар Видевдат // ZDMG. – 1958. – №2. – С. 108.
2. Авеста "Закон против дэвов" (Видевдат). СПб.: Изд-во Политехн. Унта, 2008. – С. 35.
3. Авесто, Вандидод. Ҷилди 1 – Душанбе: "Бухоро" 2014, - 784 саҳ., С. 577.
4. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – С. 486–487.
5. Азизов У.А. Таҳаввули институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ва муосир: тадқиқоти таърихӣ ва ҳуқуқӣ: автореф. дис. …доктор. илм. ҳуқуқ: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 31–33.
6. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ. Дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 203 с.

7. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқи моликии занон дар замони Зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – № 6. – Қ. II – С. 203–207.

8. Бойес М. Зардуштиён. Эътиқод ва урфу одатҳо. – М., 1988. – 97 с.

9. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.

10. Зокиров З.Х. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк. Монография [Матн] З.Х. Зокиров. – Душанбе: Нашри Камол", 2006. – 152 с.

11. Зокирзода З.Х., Азимов Ф.А. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Азимов / Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29–43.

12. Зокирзода З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с

13. Зокиров З.Х. Конфискации имущества: прошлое и настоящее (на тадж. яз.). Монография [Текст] / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Сухан, 2016. – 96 с.

14. Зокирзода З.Х., Ахмедов Н.С. Ҳуқуқ (саволу ҷавобҳо): воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров, Н.С. Ахмедов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 166 с.

15. Пирнийа Х. Таърихи Ирони Бостон. Т.1. – Теҳрон, 1362 х/1984. – С. 74.

16. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз тафовути фарҳангӣ то муколамаи тамаддунҳо: монография. – Душанбе: ТАЙРОН, 2018. – 172 с.

17. Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон. Дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 207 с.

18. Саид Нафисӣ. Таърихи тамаддуни Сосониёни Эрон. – Теҳрон, 1383 ҳ. /2005 – 284 с.

19. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.

20. Холиқов А.Ғ. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ: Дис. … д-р илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2004. – 420 с.

21. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: "ЭР-граф", 2014. – 380 с.

22. Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дис. ... д-р. илм. фалсафа. – Душанбе, 2007. – 300 с.

23. Рашшод М. Фалсафа аз замонҳои қадим [Текст] / М. Рашшод. – Душанбе, 2002. – 397 с.

24. Чунакова О.М. Комедияи Илоҳии Паҳлавӣ. Китоб дар бораи Виразе одил (Арда вираз намак) ва матнҳои дигар. Муқаддима, тарҷумаи матнҳои паҳлавӣ, тарҷ. ва шарҳ. – М., 2001. – С. 149.

25. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. Лондон, 1999. – С. 40-41.

**Список литературы:**

1. Камменхубер А. Правила смерти и «собачья магия» в Видевдате. // ЗДМГ. – 1958. – № 2. - С. 108.

2. Авеста «Закон против демонов» (Видевдат). СПб: Изд-во Политех. Унта, 2008. – С. 35.

3. Авеста, Вандидод. Том 1 – Душанбе: «Бухара» 2014, – 784 с., с. 577.

4. Авеста. Старейшие иранские песни и тексты песен. - Душанбе: Законность, 2001. - С. 486–487.

5. Азизов Ю.А. Эволюция институтов обвинения и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: авторская рецензия. дис. ... пошел к врачу. Наука: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 31-33.

6. Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда: историко-правовые и теоретико-правовые исследования. Дис. имя наука право – Душанбе, 2022. – 203 с.

7. Бабаджонзода И.Х. Имущественные права женщин в зороастрийские времена // Доклад Национального университета Таджикистана / Кафедра социальных, экономических и социальных наук. - 2018. - № 6. - К. II – С. 203–207.
8. Бойс М. Зороастрийцы. Вера и обычаи. - М., 1988. - 97 с.
9. Гафуров Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя, средневековая и новейшая история. Первая книга. - Душанбе: Ирфан, 1998. - 704 с.
10. Закиров З.Х. Описание уголовного права на конфискацию имущества. Монография [Текст] З.Х. Закиров. - Душанбе: Нашри Камал, 2006. - 152 с.
11. Закирзода З.Х., Азимов Ф.А. Некоторые вопросы юридической ответственности по Вандидоду и ее соотношение с законодательством Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Закиров, Ф.А. Азимов / Политология и права человека. – 2022. – № 2 (26). - С. 29-43.
12. Закирзода З.Х. Актуальные проблемы уголовного права Республики Таджикистан. Монография: первое издание [Текст] / З.Х. Закиров, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.
13. Закиров З.Х. Конфискация имущества: прошлое и настоящее (без перевода). Монография [Текст] / З.Х. Закиров. – Душанбе: Сухан, 2016. – 96 с.
14. Закирзода З.Х., Ахмедов Н.С. Право (вопросы и ответы): учебное пособие: первое издание [Текст] / З.Х. Закиров, Н.С. Ахмедов. – Душанбе: Мехрой-граф, 2021. – 166 с.
15. Пирния Х. История Boston Iron. Т.1. - Тегеран, 1362/1984. - С. 74.
16. Рахмон Д.С., Саадизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурных различий к диалогу и цивилизации: монография. – Душанбе: ТАЙРОН, 2018. – 172 с.
17. Раджабзода С.А. Становление и развитие института возмещения вреда, причиненного преступностью в Таджикистане. Дис. ...имя наука право – Душанбе, 2022. – 207 с.
18. Саид Нафиси. История сасанидской цивилизации Ирана. - Тегеран, 1383 г. по Хиджре. /2005 – 284 с.
19. Садизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от Заратустры до Кира. – Душанбе: Бахманрод, 2016. – 164 с.
20. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: Дисс. ... пошел к доктору. наука – Душанбе, 2004. – 420 с.
21. Халиков А.Г. История государства и права Таджикистана. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 380 с.
22. Рагимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс. ... доктор. философ. наук – Душанбе, 2007. – 300 с.
23. Рашшад М. Философия с древнейших времен [Текст] / М. Рашад. – Душанбе, 2002. – 397 с.
24. Чунакова О.М. Божественная комедия Пехлеви. Книга о прадреном Вирасе (Арда враз намак) и другие. Тексты. Введ., транслитерация пехлевийских текстов, пер. и комментируйте. - М., 2001. - С. 149.
25. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. Первая книга. От арийцев к соманцам. Лондон, 1999. – С. 40-41.

**List of literature:**

1. Kammenhuber A. Tottenvorschriften und "Hunde-Magie" in Videvdat // ZDMG. – 1958. – No. 2. - S. 108.
2. Avesta "Law against demons" (Videvdat). St. Petersburg: Izd-vo Polytechnic. Unta, 2008. - P. 35.
3. Avesta, Vandidod. Volume 1 - Dushanbe: "Bukhara" 2014, - 784 p., p. 577.
4. Avesta. The oldest Iranian songs and lyrics. - Dushanbe: Legality, 2001. - P. 486–487.
5. Azizov U.A. Evolution of institutions of prosecution and punishment in the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: author's review. dis. ... for the degree of doctor science: 12.00.01. - Dushanbe, 2015. - P. 31-33.

6. Bobokhonov F.A. Protection of human rights from moral harm: historical-legal and theoretical-legal studies. Dis. name science the right - Dushanbe, 2022. - 203 p.

7. Babajonzoda I.H. Property rights of women in Zoroastrian times // Report of the National University of Tajikistan / Department of social, economic and social sciences. - 2018. - No. 6. - K. II – S. 203–207.

8. Boyes M. Zoroastrians. Faith and custom. - M., 1988. - 97 p.

9. Gafurov B.G. Tajiks: the most ancient, ancient, medieval and modern history. The first book. - Dushanbe: Irfan, 1998. - 704 p.

10. Zakirov Z.Kh. Description of the criminal right to confiscate property. Monograph [Text] Z.Kh. Zakirov. - Dushanbe: Nashri Kamal", 2006. - 152 p.

11. Zakirzoda Z.H., Azimov F.A. Some issues of legal responsibility according to Vandidot and its correlation with the legislation of the Republic of Tajikistan [Text] / Z.Kh. Zakirov, F.A. Azimov / Political science and human rights. – 2022. – No. 2 (26). - S. 29-43.

12. Zakirzoda Z.Kh. Critical problems of the criminal law of the Republic of Tajikistan. Monograph: first edition [Text] / Z.Kh. Zakirov, F.A. Bobohonov. - Dushanbe, 2022. - 185 p.

13. Zakirov Z.Kh. Property confiscation: past and present (not translated). Monograph [Text] / Z.Kh. Zakirov. - Dushanbe: Sukhan, 2016. - 96 p.

14. Zakirzoda Z.H., Akhmedov N.S. Law (questions and answers): educational tool: first edition [Text] / Z.Kh. Zakirov, N.S. Akhmedov. - Dushanbe: Mehroj-graf, 2021. - 166 p.

15. Pirnia Kh. History of Boston Iron. T.1. - Tehran, 1362/1984. - S. 74.

16. Rahmon D.S., Saadizoda J., Safarzoda N.F. Human rights: from cultural differences to dialogue and civilization: monograph. - Dushanbe: TAYRON, 2018. - 172 p.

17. Rajabzoda S.A. Formation and development of the institution of compensation for damage caused by crime in Tajikistan. Dis. ...name science the right - Dushanbe, 2022. - 207 p.

18. Said Nafisi. History of Sasanian civilization of Iran. - Tehran, 1383 H. /2005 – 284 p.

19. Saadizoda J., Safarzoda N.F. Human rights: from Zarathustra to Cyrus. - Dushanbe: Bahmanrod, 2016. - 164 p.

20. Khalikov A.G. Legal system of Zoroastrianism: Diss. ... went to Dr. science - Dushanbe, 2004. - 420 p.

21. Khalikov A.G. History of the state and law of Tajikistan. - Dushanbe: "ER-graf", 2014. - 380 p.

22. Rahimov S.H. Philosophical and aesthetic ideas of Zoroastrianism: Diss. ... Dr. philosophy science - Dushanbe, 2007. - 300 p.

23. Rashshad M. Philosophy from ancient times [Text] / M. Rashad. - Dushanbe, 2002. - 397 p.

24. Chunakova O.M. Pehlevi's divine comedy. Kniga o pradrenom Virase (Arda vraz namak) and others. Texts. Vved., transliteration of Pahlavi texts, per. and comment. - M., 2001. - P. 149.

25. Emomali Rahmon. Tajiks in the mirror of history. The first book. From Aryans to Somanians. London, 1999. - P. 40-41



**УДК: 340.11**

**Қодирзода Мирзоқодир Аюб,**
*муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсент.*
*E-mail: mirzokodir-1@mail.ru*
*Тел.: (+992) 550-50-69-90.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЭКОЛОГИКУНОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***Калидвожаҳо:*** экологикунонии қонунгузорӣ; ҳифзи муҳити зист; арзишҳои экологӣ; сарватҳои табиӣ; нигоҳдории сарватҳои табиӣ; истифодаи сарватҳои табиӣ; ғояҳои илмӣ; ҳуҷҷатҳои барномавӣ; сиёсати давлатӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назариявии экологикунонии қонунгузорӣ дар асоси ғояҳои илмии муосири соҳаи назарияи ҳуқуқи экологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Имрӯзҳо масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба экология яке аз самтҳои қобили таваҷҷуҳи сатҳи давлатӣ ва байналмилалӣ гардидааст. Дар ин раванд экологикунонии қонунгузорӣ барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир яке аз масоили диққатҷалбкунандаро мушкилотҳои экологӣ ташкил менамояд, ки метавонанд ҷабҳаҳои назариявию методологиро дар худ таҷассум намоянд, маҳз ба ин раванди илмӣ метавон экологикунонии қонунгузориро шомил намуд[1, с.65-80]. Маҳз мақсади меҳварии тамоюли экологикунонии қонунгузорӣ ин ба таври расмӣ-ҳуқуқӣ дар қонунгузории давлат ворид намудани ғояҳои созгори муайянкунандаи арзишҳои экологӣ-ҳуқуқӣ мебошад[2; 3; 4].

Дар ин робита муҳаққиқ Э.Р. Шамсутдинов зикр менамояд, ки гарчанде масоили экологикунонии қонунгузорӣ барои таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия муҳим бошад ҳам, аммо олимон нисбати он кам таваҷҷуҳ кардаанд[5, с.7]. Аз андешаи зикршуда маълум мегардад, ки ҳоло роҷеъ ба экологикунонии қонунгузорӣ дар доираи илми ҳуқуқшиносии Федератсияи Россия низ таҳқиқоти бунёдӣ ва ё комплексии бавуҷудоварандаи ҷараёни консептуалӣ рӯи кор наомадааст.

Бояд тазаккур дод, ки экология ин ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти инсоният ба шумор меравад, аз ин рӯ, муносибати байниҳамдигарии табиат ва одамон низ бояд бо ҳадафҳои рушд нигаронида шуда, дар ин робита самти танзими ин муносибатҳо низ бо ғояҳои беҳдошти экологӣ (экологикунонӣ) нигаронида шуда, бо ин васила бояд ин сарвати мавҷудаи табиӣ, барои наслҳоиояндаи мо низ нигоҳдорӣ шаванд[5, с.7].

Экологикунонӣ яке аз самтҳои муҳим барои ташаккули низоми қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки мақсади меҳварии он ба як зинаи дигари рушд бурдани муносибати инсоният нисбати табиат мебошад.

Талаботҳои мавҷудаи қонуниятҳои табиатро талаботҳои экологӣ ва раванди ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ворид намудани талаботҳои экологиро экологикунонии ҳуқуқ меноманд[6].

Бояд тазаккур дод, ки ба сифати объекти экологикунонӣ санадҳои қонунгузорӣ баромад менамояд, ки ба ин васила ба низоми таркибии онҳо талаботҳои экологӣ-ҳуқуқӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ба андешаи И.А. Игнатева, дар раванди амалинамоии кодификатсияи қонунгузорӣ бояд талаботҳо вобаста ба экологикунонӣ ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифта шаванд[7].

Албатта, ба андешаи мо низ, чунин андеша қобили дастгирӣ буда, метавонад барои мукаммал гардидани қонунгузории таҳияшаванда аз нуқтаи назари арзишҳои

экологӣ-ҳуқуқӣ, заминаи воқеиро фароҳам оварад.

С.А. Кошеев чунин зикр менамояд, ки рушди экологикунонии қонунгузорӣ метавонад барои беҳтар шудани якчанд самтҳо, ки онҳо дар эътибори фазои илмӣ қарор доранд, таъсиргузор бошад:

- таъмини амалишавии ҷуброни қисмати пардохтҳо оид ба истифодаи сарватҳои табиӣ;

- такмили ҳавасмандгардонии иқтисодии истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ ва дар маҷмӯъ ҳифзи муҳити зист;

- муқаррар намудани пардохтҳои меъёрӣ вобаста ба таъсиррасонии номатлуб нисбат ба муҳити зист;

- рушди шартномавии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ[8] ва ғайраҳо.

Қобили зикр аст, ки масъалаи экологикунонӣ дар баробари зери таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшиносӣ қарор гирифтанаш, ҳамчунин, муҳаққиқони соҳаи иқтисодиётро низ ба худ ҷалб кардааст. Ба андешаи Д.Ю. Савон экологикунонии раванди истеҳсолот метавонад барои рушди бемайлони соҳаи иқтисодиёти аз нуқтаи назари экологӣ камзарар ва дар ин замина зиёд гардидани фаъолияти сармоягузории соҳаи ҳифзи муҳити зист ва рушди он мусоидати бевосита намояд [9].

Дар муқоиса бо самтҳои анъанавии танзимнамоии экологӣ, аз қабили ҳифзи ҳавои атмосферӣ, об, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, тарбия ва маърифати экологӣ, ҳамчунин, самтҳои иловагии сиёсати минтақавиро ҳамчун як қисми раванди экологикунонии фазои истеҳсолӣ муайян намуданамон мумкин аст. Аз ҷумла:

- мусоидат ба таҳия ва амалигардонии инноватсияи экологӣ;

- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар минтақаи муайян, аввалан аз ҳисоби паст намудани хавфҳои экологӣ;

- беҳтарсозии инфраструктураи экологии соҳаи саноат;

- гузариш ба соҳибкории ба низоми экологӣ мувофиқгардонидашуда;

- ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи сохторҳои идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳои таҳқиқотии экологӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои афзалиятноки экологӣ ва иқтисодӣ[9].

Ҳолатҳои болозикр метавонад барои рушд кардани тамоми зинаҳои иқтисодиёти мамлакат маҳз дар заминаи экологикунонии истҳсолоти хурд, миёна ва бузург амалӣ гардонида шавад.

Т.С. Иванова зикр менамояд, ки экологикунонӣ метавонад ба ҷабҳаҳои танзим ва истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ низ татбиқ шавад. Барои он ки барои аз қаъри замин берун овардани сарватҳои табиӣ ба монанди газ, нефт, ангишт ва ғайра ба мо зарурат пеш меояд, ки истеҳсолоти муайянро барои истихроҷи онҳо равона намоем[10, с.93-99].

Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Э.Р. Шамсутдинов барои амалӣ намудани механизми экологикунонии қонунгузорӣ нақши муҳимро омӯзиш ва таҳқиқи масоили мавҷудаи ҷодаи мазкур нақши ҳалкунандаро бозида, дар як маврид раванди экологикунонии қонунгузорӣ метавонад барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ вобаста ба ҳифзи муҳити зист мусоидати бевосита намояд [5].

Ҳолати болозикр яке аз равандҳои муҳими экологикунонии қонунгузории экологӣ, алалхусус дар самти танзими муносибатҳо вобаста ба истифода ва ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ мебошад.

Дар баробари ин яке аз ҷараёнҳои мустақили экологикунониро фаъолияти хоҷагидорӣ ташкил менамояд. Экологикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ бо субъектони зерин амалӣ карда мешавад:

1) бо ташаббуси худи субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ:

а) ташаккул додани истеҳсолот, ки ба ҷорикунии технологияҳое, ки барои нигоҳдории сарватҳои табиӣ ба ҳолати муътадил равона гардидаанд, инчунин, таҷдиди низоми идоракунии партовҳои гуногуни ба онҳо таалуқдошта дар истеҳсолоти саноатӣ;

б) ҷорикунии технологияҳои нав оид ба нигоҳдории партовҳо ва такрористеҳсолии партовҳо.

2) аз ҷониби давлат дар шахсияти

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ:

а) қарорҳо дар фаъолияти идоракунӣ (ташкил ва баамалбарории экспертизаи давлатии экологӣ; ташкил ва инкишоф додани низоми маърифати экологӣ, ташаккул додани маданияти экологӣ);

б) чорабиниҳои ҳуқуқӣ (муқаррар намудани талаботҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист, таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳарчи бештар кам кардани зарари бинову ишоотҳо нисбат ба муҳити зист ва ба технологияҳои беҳтари ҷавобгӯй ба бехатарии экологии ҷаҳонӣ ҷавобгӯй намудани онҳо; зина ба зина кам кардани дараҷаи таъсир ба муҳити зист аз тамоми манбаъҳои антропогенӣ)[11, с.201-207].

Ба андешаи муҳаққиқ Н.В. Медяник яке аз воситаҳои муҳимтарини ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ ва рушди иқтисодиёти ба равандҳои рушди экологӣ созгор, ин экологикунонии хоҷагидорӣ ва фаъолияти ба он вобаста мебошад. Дар ин замина пешниҳод менамояд, ки экологикунонии иқтисодиёт ва алалхусус фаъолияти хоҷагидории хурду бузург метавонад ба мақсади марказии фазои талаботҳои экологӣ созгор бошад[12].

Ба андешаи муҳаққиқон З.В. Галазова, А.В. Шаропатова, дар шароити боло рафтани хатарҳои сершумор ба табиат ва мавҷудоти зинда таъмин намудани амнияти экологӣ ва нигоҳдории муътадили вазъи экологии сайёра то рафт мураккаб ва душвор шуда истодааст. Дар чунин раванд боиси қайд аст, ки маҳз дар фазои илмӣ ва сиёсати идоракунии экологӣ пайдо гардидани равандҳои иқтисоди сабз ва экологикунонӣ, метавонад барои ояндаи неки олами ҳифзи муҳити зист таъсиргузории мусбии худро расонида бошад[13, с.83].

Дар ҳолати болозикр метавон механизмҳои ҷудогонаи функсионалии давлатро нисбат ба ҷоннок намудани ғояҳои иқтисоди сабз ва дар баробари ин экологикунонии қонунгузорӣ талқин ва роҳандозӣ намуд. Дар маҷмуъ ҳолатҳои ишорагардида метавонад барои амалишавии тамоми сатҳҳои сиёсати экологӣ ва функсияи экологии давлат мусоидати воқеӣ намояд.

Ҳамин тариқ, зикр кардан мумкин аст, ки экологикунии қонунгузорӣ ҳамчун як падида ва раванди мустақили илмӣ, амалӣ, барномавӣ ва қонунгузорӣ мебошад. Мақсади меҳварии экологикунонии қонунгузорӣ сатҳу сифати муқарраротҳои қонунгузории таъсиргузор ба соҳаи ҳифзи муҳити зистро ба дараҷаи муайян ба арзишҳои умумӣ ва хосаи экологӣ мутобиқ намудан аст. Аз ин хотир, ҷараёни мазкур ҳоло марҳилаи аввалияи рушдро паси сар карда истодааст, ки ҳолати мазкур тақозои онро дорад, ки бояд механизмҳои барномавӣ, илмӣ, консептуалӣ ва доктириналии сатҳи давлатӣ таҳия, қабул ва амалӣ карда шаванд.

Ҳамзамон, ба экологикунонии қонунгузорӣ чунин мафҳумро муносиб донистанамон мумкин аст: - экологикунонии қонунгузорӣ - ин раванди мустақили илми ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани арзишҳои экологӣ ба муқарраротҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифз, истифодаи самаранок ва барқарорсозии сарватҳои табиии мавҷуда, барои таъминоти наслҳои минбаъдаи инсоният бо ин неъматҳои табиӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Абдухолиқзода А.М.**

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЭКОЛОГИЗАЦИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

***Ключевые слова:*** экологизация законодательства; охрана окружающей среды; экологические ценности; природные ресурсы; охрана природных ресурсов; природопользование; научные идеи; программные документы; государственная политика.

***Аннотация:*** В данной статье исследованы некоторые теоретические вопросы экологизация законодательства, основанные на современных научных идеях в области теории экологического права. Сегодня вопросы охраны окружающей среды и регулирования

общественных отношений, связанных с экологией, стали одним из направлений, заслуживающих внимания на государственном и международном уровне. В этом процессе важную роль может сыграть экологизация законодательства для реализации государственной политики в области охраны окружающей среды.

***Кодирзода Мирзокодир Аюб*** – заместитель ректора по научным делам Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан, доцент. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru, Тел.: (+992) 550-50-69-90.

**SOME THEORETICAL ISSUES IN ENVIRONMENTAL LEGISLATION**

***Keywords:*** green legislation; environmental protection; environmental values; natural resources; protection of natural resources; environmental management; scientific ideas; policy documents; public policy.

***Annotation:*** This article explores some theoretical issues of greening legislation, based on modern scientific ideas in the field of the theory of environmental law. Today, issues of environmental protection and regulation of public relations related to ecology have become one of the areas that deserve attention at the state and international level. In this process, the greening of legislation can play an important role for the implementation of state policy in the field of environmental protection.

***Qodirzoda Mirzoqodir Ayub*** – deputy rector of the Institute for Advanced Studies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, assistant professor. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru, Tel.: (+992) 550-50-69-90.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Каримов Д.А. Методологияи ҳуқуқ. (предмет, функсия, масъалаҳои фалсафаи ҳуқуқ) / нашр. 2. – М.: «Аванта+», 2001.– С. 65-80.
2. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми умумӣ: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 584 с.
3. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400 с.
4. Қодирзода М.А. Нақши экологикунонии қонунгузорӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат [Матн] / А.Д. Ғафурзода, М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 2(46). – С. 7-11.
5. Э.Р. Шамсутдинов Проблемаҳои назариявӣ ва методологии экологикунонии қонунгузории Росия. автореф. дис... номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Шамсутдинов Эдуард Разалифович. – Митиши, 2009. – С. 7. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://www.dissercat.com/content/teoretiko-metodologicheskie-problemy-ekologizatsii-rossiisk ogo-zakonodatelstva (санаи муроҷиат: 11.11.2023).
6. Тахватулина Н.К. Танзими ҳуқуқии экологикунонӣ: тадқиқоти назариявӣ ва ҳуқуқӣ. автореф. дис…. номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Тахватулина Наиля Кималевна. – Волгоград., 2006. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://www.dissercat.com /content/ekologizatsiya-pravovogo-regulirovaniya-teoretiko-pravovoe-issledovanie (санаи муроҷиат: 11.11.2023).
7. И.А. Игнатьева Қонунгузории экологии Русия: назария ва амалияи мураттабсозӣ. автореф. дис…. доктор. илм. ҳуқуқ: 12.00.06 / Игнатьева Инна Анатольевна. – Москва., 2007. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://www.dissercat.com/content/ ekologicheskoe-zakonodatelstvo-rossii-teoriya-i-praktika-sistematizatsii (санаи муроҷиат: 11.11.2023).

8. С.А. Кощеев Проблемаҳои экологии қонунгузории пардохт ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва таъсири манфӣ ба муҳити зист. автореф. дис…. номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.06 / Кощеев Сергей Александрович. – Москва., 2010. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://www.dissercat.com/content/problemy-ekologizatsii-zakonodatelstva-o-plate-pri-polzovanii-nedrami-i-za-negativnoe-vozdei (санаи муроҷиат: 11.11.2023).

9. Д.Ю. Савон Экологикунонии соҳаи истеҳсолот: консепсия, омилҳо, механизм. автореф. дис…. доктор. илм. иқтистод: 08.00.05 / Савон Диана Юрьевна. – Ростов-на-Дону., 2007. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://economy-lib.com/ekologizatsiya-proizvodstvennoy-sfery-kontseptsiya-faktory-mehanizm (санаи муроҷиат: 11.11.2023).

10. Иванова Т.С., Дезидери Ж.П. Экологикунонии қонунгузории зеризаминӣ: мушкилоти замон // Паёми Донишгоҳи давлатии Сургут. 2021. № 3. С. 93–99. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-zakonodatelstva-o-nedrah-vyzovy-vremeni (дата обращения: 11.11.2023).

11. Е.Н. Абанина. Экологикунонӣ ҳамчун раванди ноил шудан ба рушди устувор. Паёми Академияи давлатии ҳуқуқии Саратов №3 (122) 2018. С. 201–207. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-kak-protsess-dostizheniya-ustoychivogo-razvitiya (дата обращения: 11.11.2023).

12. Медяник Н.В. Идоракунии экологикунонии рушди системаи хоҷагии табиат: императивҳо, консепсия, асбобҳо, моделҳо, арзебиҳо: дис. … доктор. илм. иқтисод. – Санкт-Петербург, 2020. – 449 с. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: https://unecon.ru/sites /default/files/dissmedyanikpdf.pdf (дата обращения: 11.11.2023).

13. Галазова З.В., Шаропатова А.В. Проблемаҳои татбиқи сиесати давлат дар соҳаи амнияти экологӣ ва ташкили истеҳсол ва истеъмоли масъул. Паёми Маркази илмии Владикавказ. 21том, №4, 2021. С. 80–83. Захираи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: http://vestnik-vnc.ru/Portals/141/2021-4/2021-4-12.pdf (дата обращения: 11.11.2023).

14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016. – № 636 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.11.2023).

15. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми сентябри соли 2022, №482 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.11.2023).

**Список литературы:**

1. Каримов Д.А. Методология права. (предмет, функции, проблемы философии права)./ 2-е . изд. – М.: «Аванта+», 2001.– С. 65-80.

2. Сохибзода М.М. Экологическое право Республики Таджикистан: учебник: Общая часть: первое издание / под ред. Саидзода Иззатулло Хабибулло – директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, канд. юрид. наук, доцента. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 584 с.

3. Сохибзода М.М. Экологическое право Республики Таджикистан: учебник: Особенная часть: первое издание / под ред. Саидзода Иззатулло Хабибулло. – директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, канд. юрид. наук, доцента. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400 с.

4. Кодирзода М.А. Роль экологизация законодательства в реализации экологической функции государства [Текст] / А.Д. Гафурзода, М.А. Кодирзода // Законодательство. – 2022. – № 2(46). – С. 7-11.

5. Э.Р. Шамсутдинов Теоретико-методологические проблемы экологизации российского законодательства. автореф. дис…. канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шамсутдинов Эдуард Разалифович. – Мытищи., 2009. – С.7. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/teoretiko-metodologicheskie-problemy-ekologizatsii-rossiiskogo-zakonodatelstva (дата обращения: 11.11.2023).

6. Тахватулина Н.К. Экологизация правового регулирования: Теоретико-правовое исследование. автореф. дис…. канд. юрид. наук: 12.00.01 / Тахватулина Наиля Кималевна. – Волгоград., 2006. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/ekologizatsiya-pravovogo-regulirovaniya-teoretiko-pravovoe-issledovanie (дата обращения: 11.11.2023).

7. И.А. Игнатьева Экологическое законодательство России: теория и практика систематизации. автореф. дис…. доктор. юрид. наук: 12.00.06 / Игнатьева Инна Анатольевна. – Москва., 2007. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat .com/content/ekologicheskoe-zakonodatelstvo-rossii-teoriya-i-praktika-sistematizatsii (дата обращения: 11.11.2023).

8. С.А. Кощеев Проблемы экологизации законодательства о плате при пользовании недрами и за негативное воздействие на окружающую среду. автореф. дис…. канд. юрид. наук: 12.00.06 / Кощеев Сергей Александрович. – Москва., 2010. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/problemy-ekologizatsii-zakonodatelstva-o-plate-pri-polzovanii-nedrami-i-za-negativnoe-vozdei (дата обращения: 11.11.2023).

9. Д.Ю. Савон Экологизация производственной сферы: концепция, факторы, механизм. автореф. дис…. доктор. эконом. наук: 08.00.05 / Савон Диана Юрьевна. – Ростов-на-Дону., 2007. Электронный ресурс: Режим доступа: https://economy-lib.com/ekologizatsiya-proizvodstvennoy-sfery-kontseptsiya-faktory-mehanizm (дата обращения: 11.11.2023).

10. Иванова Т.С., Дезидери Ж.П. Экологизация законодательства о недрах: вызовы времени // Вестник Сургутского государственного университета. 2021. № 3. С. 93–99. (Электронный ресурс) Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-zakonodatelstva-o-nedrah-vyzovy-vremeni (дата обращения: 11.11.2023).

11. Е.Н. Абанина. Экологизация как процесс достижения устойчивого развития. Вестник Саратовской государственной юридической академии №3 (122) 2018. С. 201–207. (Электронный ресурс) Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-kak-protsess-dostizheniya-ustoychivogo-razvitiya (дата обращения: 11.11.2023).

12. Медяник Н.В. Управление экологизацией развития природохозяйственной системы: императивы, концепция, инструменты, модели, оценки: дис. … д-ра эконом. наук. – Санкт-Петербург, 2020. – 449 с. (Электронный ресурс): Режим доступа: https://unecon.ru /sites/default/files/dissmedyanikpdf.pdf (дата обращения: 11.11.2023).

13. Галазова З.В., Шаропатова А.В. Проблемы реализации политики государства в области экологической безопасности и организации ответственного производства и потребления. Вестник Владикавказского научного центра. том 21, №4, 2021. С. 80–83. (Электронный ресурс) Режим доступа: http://vestnik-vnc.ru/Portals/141/2021-4/2021-4-12.pdf (дата обращения: 11.11.2023).

14. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, утверждено постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (дата обращения: 11.11.2023)

15. Стратегии развития “зеленой” экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы, утверждено постановление Правительство Республики Таджикистан от 30 сентября 2022 года, №482. // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (дата обращения: 11.11.2023)

**List of literature:**

1. Karimov D.A. Methodology of law. (subject, functions, problems of legal philosophy)./ 2nd. ed. – M.: “Avanta+”, 2001. – P. 65-80.

2. Sohibzoda M.M. Environmental law of the Republic of Tajikistan: textbook: General part: first edition / ed. Saidzoda Izzatullo Khabibullo – Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D. legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: “ER-graph”, 2021. – 584 p.

3. 3 Sohibzoda M.M. Environmental law of the Republic of Tajikistan: textbook: Special part: first edition / ed. Saidzoda Izzatullo Khabibullo. – Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D. legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: “ER-graph”, 2022. – 400 p.

4. Qodirzoda M.A. The role of greening legislation in the implementation of the environmental function of the state [Text] / A.D. Gafurzoda, M.A. Kodirzoda // Legislation. – 2022. – No. 2(46). – P. 7-11.

5. E.R. Shamsutdinov Theoretical and methodological problems of greening Russian legislation. abstract dis…. Ph.D. legal Sciences: 12.00.01 / Shamsutdinov Eduard Razalifovich. – Mytishchi., 2009. – P. 7. Electronic resource: Access mode: https://www.dissercat.com/content/ teoretiko-metodologicheskie-problemy-ekologizatsii-rossiiskogo-zakonodatelstva (date of the application: 11.11.2023).

6. Takhvatulina N.K. Greening of legal regulation: Theoretical and legal research. abstract dis…. Ph.D. legal Sciences: 12.00.01 / Takhvatulina Nailya Kimalevna. – Volgograd, 2006. Electronic resource: Access mode: https://www.dissercat.com/content/ekologizatsiya-pravovogo-regulirovaniya-teoretiko-pravovoe-issledovanie (date of the application: 11.11.2023).

7. I. A. Ignatieva Environmental legislation of Russia: theory and practice of systematization. abstract dis…. doctor. legal Sciences: 12.00.06 / Ignatieva Inna Anatolevna. – Moscow., 2007. Electronic resource: Access mode: https://www.dissercat.com/content /ekologicheskoe-zakonodatelstvo-rossii-teoriya-i-praktika-sistematizatsii (date of the application: 11.11.2023).

8. S.A. Koshcheev Problems of greening legislation on payments for the use of subsoil and for negative impacts on the environment. abstract dis…. Ph.D. legal Sciences: 12.00.06 / Koshcheev Sergey Aleksandrovich. – Moscow., 2010. Electronic resource: Access mode: https://www.dissercat.com/content/problemy-ekologizatsii-zakonodatelstva-o-plate-pri-polzova nii-nedrami-i-za-negativnoe-vozdei (date of the application: 11.11.2023).

9. D.Yu. Savon. Greening the production sector: concept, factors, mechanism. abstract dis…. doctor. economy Sciences: 08.00.05 / Savon Diana Yurevna. – Rostov-on-Don., 2007. Electronic resource: Access mode: https://economy-lib.com/ekologizatsiya-proizvodstvennoy-sfery-kontseptsiya-faktory-mehanizm (date of the application: 11.11.2023).

10. Ivanova T.S., Desideri J.P. Greening of subsoil legislation: challenges of the time // Bulletin of Surgut State University. 2021. No. 3. pp. 93–99. (Electronic resource) Access mode: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-zakonodatelstva-o-nedrah-vyzovy-vremeni (date of the application: 11.11.2023).

11. E.N. Abanina. Greening as a process of achieving sustainable development. Bulletin of the Saratov State Law Academy No. 3 (122) 2018. P. 201–207. (Electronic resource) Access mode: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologizatsiya-kak-protsess-dostizheniya-ustoychivogo-razvitiya (date of the application: 11.11.2023).

12. Medyanik N.V. Managing the greening of environmental development: imperatives, concepts, tools, models, assessments: dis. ...Dr. Econ. Sci. – St. Petersburg, 2020. – 449 p. (Electronic resource): Access mode: https://unecon.ru/sites/default/files/dissmedyanikpdf.pdf (date of the application: 11.11.2023).

13. Galazova Z.V., Sharopatova A.V. Problems of implementing state policy in the field of environmental safety and organizing responsible production and consumption. Bulletin of the

Vladikavkaz Scientific Center. vol. 21, no. 4, 2021. pp. 80–83. (Electronic resource) Access mode: http://vestnik-vnc.ru/Portals/141/2021-4/2021-4-12.pdf (date of the application: 11.11.2023).

14. The National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2030, approved by the resolution of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 1, 2016, No. 636. // Electronic resource: Adlia: Centralized bank, legal information bank of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (date of the application: 11.11.2023)

15. Strategies for the development of a “green” economy in the Republic of Tajikistan for 2023-2037, approved by Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated September 30, 2022, No. 482. // Electronic resource: Adlia: Centralized bank, legal information bank of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (date of the application: 11.11.2023).



**УДК: 342.2**
**Салиева Нигора Шодибоевна**,
*кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского и экономического права Академии государственного управления при Президенте Республике Таджикистан.*
*E-mail: jonikhilola1986@mail.ru,*
*Тел.: (+992) 919-70-48-58.*

# ПРИОРИТЕТЫ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ В СТАНОВЛЕНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

***Ключевые слова:*** правовое государство; общество; верховенство закона; права человека; правовая политика.

***Аннотация:*** В статье рассматривается основные идеи формирования правового государства, определение приоритетов правовой политики при формировании правового государства в Таджикистане. Анализируются различные точки зрения идеи формирования правового государства, многообразие её трактовок и понимания.

Трансформация в различных сферах жизни общества, а также интенсивное проведения правовой реформы вызвали необходимость углубленного исследования понятия правового государства.

Идея правового государства издавна находилось в центре внимания целого ряда поколений мыслителей и продолжает волновать многих современных мыслителей, что определило различные подходы к данной идее и многообразие её трактовок. В свою очередь всё это не может не повлиять на эффективность правовой политики при определении её приоритетов в сфере построения правового государства.

Корни идеи взаимосвязанности государственных и правовых начал жизнедеятельности общества, верховенства закона, прав человека уходят в древность. В.С. Нерсесянц указывает что именно в этот период начиняются поиски принципов, форм и конструкций для установления надлежащих взаимосвязей, и согласованного взаимодействия права и власти. [1, с. 94] Но своё более отчётливое выражения она получила в Новое время и последующие за ним периоды истории. Так, с философским обоснованием либеральной теории правового государства выступил И.Кант, в котором государство оценивается как объединения множества людей, подчиненных правовым законам. Он утверждал, что государство - это правовая организация, не что иное, как организационное и материальное выражение и средство обеспечения правил правомерного поведения, совокупность средств, институтов, обеспечивающих правовое регулирования. В природе государства ничего другого нет. Если появляется что-то ещё, то это случайное. Природа государства правовая. [2, с.231-233].

Но термин правовое государство впервые появился в трудах К.Т. Велькера, Р. Моля, Ф.Ю. Шталя и других в первом трети XIX в.

С критикой либеральной трактовки правового государства выступил Гнейтс, который полагал, что либерализм не способен обеспечить свободное развитие общества и индивидов к самодеятельности и индивидуальности. [3, с.37].

В рамках юридического позитивизма разрабатывается позитивистская конструкция правового государства, суть которого как утверждает В.С. Нерсесянц состоит в попытке создать ту или иную конструкцию самоограничения государства самим созданным правам. [4, с.104].

По словам В.В. Лапаевой, позитивистский подход не способен формулировать критерии разграничения

правового и не правового начал в общественной жизни. [5, с.47].

В России идея правового государства на основе либеральных принципов активно разрабатывалось в конце XIX - начале XX вв.

В трудах Н.М. Коркунова, С.А. Муромцева, Л.И. Петрожитского, Е.Н. Трубецкого детально разработаны многие правовые вопросы власти и иерархии правовых актов. [6].

В условиях Союза ССР формируется понятие законности как требование неукоснительного соблюдения правовых актов. Право рассматривается в качестве орудия государственной власти в решении её задач. [7, с.93-94].

Важнейшая особенность советского государства - руководящая роль коммунистической партии, которая подбирала кадры на все руководящие государственные должности с помощью механизма номенклатуры. Идея о верховенстве закона в государстве возникла только в конце 1970-х начале 1990-х годов. например Н.В. Витрук в 1979 году обосновал идею о том, что правовое государство предполагает создание правовых институтов, позволяющих народу контролировать власть. [8, с.16].

Г.В. Мальцев в 1990 годы исследовал правовое государство, как проблема организации взаимоотношении власти и человека на основе права. [9, с.239].

С распадом СССР идея правого государства становится официальной и весьма популярной. Появляются статьи, книги, учебники в которых акцент делается на правовом самоограничении государства.

Как видно, идея правового государства имеет долгую историю развития. Существуют также различные модели правового государства –либеральная, неопозитивистская, либертарная и др. При этом, как показал проведённый анализ, большинство данных моделей - западного происхождения, что несомненно поднимает вопрос об уживчивости этих идей на почве таджикского общества.

По словам А.Э. Рахматулоева, «формирование правового государства в Таджикистане не может ограничиваться исключительно западноевропейским и американским опытом. Оно должно сопровождаться сохранением самобытных черт народа и самобытных начал государства. В противном случае процесс формирования правовой государственности исключительно по западным стандартам может вызвать ряд проблем. [10, с.16-17].

Н.И. Матузов отмечает что реализация идей правовой государственности предполагает нахождение оптимального варианта взаимодействия государства и права.

Проблему уживчивости западных моделей правового государства нельзя упускать из внимания при определении приоритетов правовой политики Таджикистана. Так как приоритет правовой политики служит ориентиром деятельности субъектов данной политики.

Согласно ст.1 Конституции Республики Таджикистан - Республика Таджикистан является суверенным, правовым, демократическим, светским, унитарным государством. Однако получение Таджикистаном статуса правового государства - это пока цель, к которой следует стремиться. Достижение данной цели предполагает решение ряда политико-юридических задач, включая первоочередные, актуальные, приоритетные задачи.

По словам Р.Ш. Сативалдыева, правовое государство – «это качественно новый тип организации и функционирования государственной власти, форма организации жизнедеятельности людей и общества на основе провозглашения человека и его прав и свобод высшей социальной ценностью, верховенства права и правового закона, самоограничения власти правом, взаимной ответственности государства и личности» [11, с.161].

Одной из основных задач при построении правового государства является укрепление и упрочение законности. Это связано прежде всего с тем, что законность необходима для обеспечения свободы и реализации прав граждан, образования и функционирования гражданского общества, осуществления демократии, научно обоснованного построения

и рациональной деятельности государственного аппарата.

Указанные выше признаки или свойства правового государства выступают в качестве приоритетов правовой политики. Они представляют собой актуальные проблемы и задачи, решение которых позволит достигнуть перспективной цели по формированию правовой государственности. Верховенство или господство права, обеспечение прав и свобод человека, разумные взаимоотношения государства и личности на основе партнерских отношений и их взаимной ответственности, качество закона как условие его верховенства, самоограничение государства правом (правовыми нормами, идеями, ценностями), высокая правовая культура, включая необходимый уровень правосознания, разделение властей с целью предотвращения концентрации власти в руках одной ветви власти и злоупотребления ею, конституционная законность на основе эффективной системы конституционного контроля выступают одновременно как признаки правового государства, ценности, идеи, приоритеты правовой политики.

**Рецензент: к.ю.н. Махмадшозода Ф.А.**

## АФЗАЛИЯТҲОИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** сиёсати ҳуқуқӣ; афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ; маърифати ҳуқуқӣ; сиёсати ҳуқуқӣ; падидаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақола рушди идеяҳо ва нуқтаи назари сиёсати ҳуқуқӣ муҳокима карда мешавад.Таъкид карда мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ ё давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳия ва татбиқи қонун аз замони пайдоиши ҳуқуқшиносӣ ҳамчун илм вуҷуд дошт, гарчанде ки на ҳамеша хусусияти ба таври расмӣ ба қайд гирифташударо дошт. Он инчунин камбудиҳои рушди сиёсати ҳуқуқиро, ки олимон пеш мебаранд, муаррифӣ мекунад.

***Салиева Нигора Шодибоевна*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждани ва иқтисоди Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: jonikhilola1986@mail.ru, Тел.: (+992) 919-70-48-58.

## PRIORITIES OF LEGAL POLICY IN THE FORMATION OF LEGAL STATE

***Keywords:*** legal policy; advantages of legal policy; legal education; legal policy; political and legal phenomenon.

***Annotation:*** The article discusses the development of ideas and views of legal policy. It is argued that legal or state-legal policy or policy in the field of creation and application of law has existed since the formation of jurisprudence as a science, although it did not always have a formalized systemic character. It also presents the shortcomings of the development of law policy undertaken by scientists.

***Salieva Nigora Shodiboevna*** - candidate of law, associate professor of the department of civil law and economics of the State Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: jonikhilola1986@mail.ru, Tel.: (+992) 919-70-48-58.

**Список литературы:**

1. Нерсесянц B.C. Философия права. Учебник для вузов. — М.: Издательская группа ИНФРА • М — НОРМА, 1997. — 652 с.
2. Кант И. Метафизика нравов в двух частях // Соч.: В 6 т. М., «Мысль», 1965. (Философ. наследие).- Т. 4. Ч. 2.- 478 с.
3. Правовое государство и административные суды Германии / Гнейст Р.; Под ред.: Свешников М.И.; Пер.: Фустов Ф.С.. - 2-е изд., испр. и доп. - С.-Пб.: Тип. В. Безобразова и Ко, 1896. - 379 с.

4. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник для вузов. — М.: Издательская группа Норма – Инфра-М, 1998. — 652 с.

5. Лапаева В.В. Российская юриспруденция в поисках нового типа правопонимания // Наш трудный путь к праву: материалы Философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / сост. В.Г. Графский. – М., 2006. – С.35-61.

6. История русской правовой мысли / под. ред. С.А. Пяткиной. М.: Остожье, 1998.- Выпуск 5.- 2011. -603с.

7. Тихомиров Ю.А. Правовое государство: проблемы формирования и развития/ Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование- Научная дискуссия.- Выпуск 5. М.: 2011.-С.93-109

8. Витрук Н.В. Общая характеристика конституционных прав, свобод и обязанностей граждан СССР // Социализм и личность / отв. ред. В.М. Чхиквадзе. – М., 1979. – С. 3-16.

9. Мальцев Г.В. Социалистическое государство: исторический опыт и традиции // Социалистическое правовое государство: концепция и пути реализации / отв. ред. В.С. Нерсесянц. – М., 1990. – С. 239.

10. Рахматулоев А.Э. Социокультурные доминанты и концептуально-правовые начала формирующегося правового государства в постсоветском Таджикистане: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – 23с.

11. Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник. – Душанбе: «Империал-Групп», 2009. – 358с.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Нерсесянтс В.С. Фалсафаи ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. – М.: Гурӯҳи нашриёти ИНФРА М – НОРМ, 1997. – 652 с.

2. Кант I. Метафизикаи ахлоқ дар ду қисмат // Асарҳо: Дар 6 ҷилди М., «Андеша», 1965. (Мероси фалсафӣ).- Т. 4. қисми 2.- 478 с.

3. Волоияти қонун ва судҳои маъмурии Олмон / Гнеист Р.; Таҳрир: Свешников М.И.; Тарҷума: Фустов Ф.С. - нашри 2, таҳрир. ва иловагӣ - S.-Pb.: В.Безобразова ва д., 1896. – 379 с.

4. Нерсесянц В. Фалсафаи ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. – М.: Гурӯҳи нашриёти Норма – Инфра-М, 1998. – 652 с.

5. Лапаева В.В. Ҳуқуқи Русия дар ҷустуҷӯи навъи нави фаҳмиши ҳуқуқӣ // Роҳи душвори мо ба ҳуқуқ: маводи хонишҳои фалсафӣ ва ҳуқуқӣ ба хотираи академик В. Нерсесянтс / комп. В.Г. Графский. – М., 2006. – С.35-61.

6. Таърихи афкори ҳуқуқии рус / зери таҳр. С.А. Пяткина. М.: Остожье, 1998.- Шумораи 5.- 2011. -603 с.

7. Тихомиров Ю.А. Волоияти қонун: мушкилоти ташаккул ва рушд / Таҳлили мушкилот ва тарҳрезии идоракунии давлатӣ - Баҳси илмӣ.- Нашри 5. М.: 2011. - С.93-109.

8. Витрук Н.В. Хусусиятҳои умумии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандҳои конститутсионии СССР // Сотсиализм ва шахсият / зери таҳр. В.М. Чхиквадзе. – М., 1979. – С.3-16.

9. Малтсев Г.В. Давлати сотсиалистӣ: таҷриба ва анъанаҳои таърихӣ // Давлати ҳуқуқии сотсиалистӣ: консепсия ва роҳҳои татбиқ / зери таҳр. В.С. Нерсесянтс. – М., 1990. – С.239.

10. Раҳматулоев А.Э. Бартариҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва принсипҳои консептуалӣ ва ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистони пасошӯравӣ: автореф. дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2004. – 23 с.

11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Гурӯҳи императорӣ», 2009. – 358 с.

**List of literature:**

1. Nersesyants V.S. Philosophy of Law. Textbook for universities. - M.: INFRA Publishing Group M - NORM, 1997. - 652 p.
2. Kant I. Metaphysics of morals in two parts // Works: In 6 volumes. M., “Thought”, 1965. (Philosophical heritage).- T. 4. Part 2.- 478 p.
3. The rule of law and administrative courts of Germany / Gneist R.; Edited by: Sveshnikov M.I.; Translation: Fustov F.S. - 2nd ed., revised. and additional - S.-Pb.: Type. V. Bezobrazova and Co., 1896. - 379 p.
4. Nersesyants V.S. Philosophy of law. Textbook for universities. - M.: Publishing group Norma - Infra-M, 1998. - 652 p.
5. Lapaeva V.V. Russian jurisprudence in search of a new type of legal understanding // Our difficult path to law: materials of Philosophical and Legal Readings in memory of Academician V.S. Nersesyants / comp. V.G. Grafsky. – M., 2006. – P.35-61.
6. History of Russian legal thought / under. ed. S.A. Pyatkina. M.: Ostozhye, 1998.- Issue 5.- 2011. -603 p.
7. Tikhomirov Yu.A. Rule of law: problems of formation and development / Problem analysis and public management design - Scientific discussion. - Issue 5. M.: 2011. - P.93-109.
8. Vitruk N.V. General characteristics of constitutional rights, freedoms and duties of citizens of the USSR // Socialism and personality / resp. ed. V.M. Chkhikvadze. – M., 1979. – P. 3-16.
9. Maltsev G.V. Socialist state: historical experience and traditions // Socialist legal state: concept and ways of implementation / resp. ed. V.S. Nersesyants. – M., 1990. – P. 239.
10. Rakhmatuloev A.E. Sociocultural dominants and conceptual and legal principles of the emerging legal state in post-Soviet Tajikistan: abstract. dis. ...cand. legal Sci. – Dushanbe, 2004. – 23 p.
11. Sativaldyev R.Sh. Theory of state and law: textbook. – Dushanbe: “Imperial Group”, 2009. – 358 p.



**УДК: 349(575.3)**

**Раҳим Зафар Ҳаким,**
*унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, и.в. директори Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: zafarrahim3@gmail.com*
*Тел.: (+992) 918-85-40-49.*

## НАҚШИ ПРИНСИПҲО ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

***Калидвожаҳо:*** нақши принсипҳо дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист; сарватҳои табиӣ; мақомоти давлатӣ; қонунгузорӣ; табиатистифодабарӣ; қонуният; об; замин; ҷангал; ҳавои атмосфера.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур нақш ва хусусиятҳои принсипҳо дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист тибқи қонунгузории амалкунанда ва аз нуқтаи назари олимони ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идракунии давлатӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ чун таҷриба ба мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла дар баамалбарории фаъолияти мақомоти давлатӣ гурӯҳи принсипҳо ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, ки онҳо бояд заминаи қонунӣ дошта бошанд.

Агар ба маънои таҳтулафзии принсип назар афканем, он аз калимаи лотинии “Principum” гирифта шуда, маънояш асосҳои бунёдӣ, ғояҳои роҳбарикунанда, қоидаҳои асосии фаъолият мебошад.

Олимони илми ҳуқуқшиносӣ мавқеи принсипҳоро дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист бисёр муҳим арзёбӣ мекунанд.

Ба андешаи Г.В. Атаманчук принсипи идоракунии давлатӣ ин қонуният, муносибат ё робитаи мутақобилаи хусусияти иҷтимоию сиёсӣ ва дорои дигар унсурҳои идоракунии давлатӣ (низоми унсурҳои онтологӣ) мебошад, ки дар шакл ва мавқеи муайяни илмӣ ифода ёфта, дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, дар фаъолияти одамон ва раванди идоракунӣ васеъ истифода мегардад. Муаллифи мазкур принсипҳоро дар идоракунии давлатӣ ба низомнок - ҳадафмандона, низомнок - функсионалӣ, низомнок – ташкилӣ ва низомнок - мурофиавӣ тасниф мекунад [1, с. 186-199].

Ҳамзамон, Герасимова И.А. принсипҳои идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зистро дақиқтар тасниф намуда, онҳоро ба принсипи таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ба муҳити зисти солим, принсипи омезиш додани танзими давлатӣ бо ҳокимияти маҳаллӣ (худидоракунии маҳаллӣ), принсипи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мутобиқ ба манфиатҳои экологӣ ва иқтисодӣ, принсипи таъмини рушди устувор, принсипи музднок истифодабарии сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зист зарарнок аст, принсипи робитаи моқомоти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва принсипи қонуният тасниф намудааст [2, с. 50-66].

Бронина А.Б. ва Красов О.И. принсипҳои асосии идоракуниро ба: а) умумидавлатии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии сарватҳои табиӣ; б) дуруст ҷудо кардани функсияҳои амрдиҳӣ ва хоҷагидорӣ ҳангоми истифодабарии доимии сарватҳои табиӣ; в) доимӣ, тамомнашаванда ва оқилонаи истифодабарии сарватҳои табиӣ дар асоси ташкили комплекси корхонаҳои доимомалкунанда; г) самарабахш пайвастани шаклҳои соҳавӣ-худудии идоракунӣ дар таъмини истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ; ғ) ба инобат гирифтани усулҳои иқтисодӣ дар идоракунӣ, васеъ истифода кардани усулҳои иҷора ва пардохт; д) истифодаи тарзу усулҳои гуногун дар ташкили идоракунӣ вобаста ба гуногунии сарватҳои табиӣ ҷудо мекунад [3, с. 44-45].

Гладун Е.Ф. бо дар назар доштани қонуниятҳои объективии истифодабарии сарватҳои табиӣ ва тақозои ҳадафҳои рушди устувор принсипҳои идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зистро ба принсипҳои оқилона, истифодаи самаранок, комплексӣ, устуворона, амниятӣ, пардохтӣ, таъхирнопазирии истифодаи захираҳо, ба инбат гирифтани манфиати сокинони маҳалле, ки сарвати табиӣ дар ҳудуди он ҷойгир аст, қабули қарорҳои ба ҳифзи муҳити зист нигарондашуда ҷудо мекунад [4, с. 305].

Олими ватанӣ Ойев Х. чунин андеша дорад, ки принсип гуфта он ғояҳои роҳбарикунандаро меноманд, ки ба онҳо қонуниятҳои инкишофи раванди табиату ҷамъият ва тафаккур асос меёбанд. Принсипҳо он ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқ муқаррар карда шуда, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии давлатӣ ва дигар шахсон дар раванди иҷрои вазифаҳои худ ба онҳо такя мекунанд. Ба андешаи муаллифи мазкур мақомоти ҳокимияти иҷроия, идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон дар асоси принсипҳои: а) ҳуқуқӣ, б) ташкилӣ фаъолият менамоянд.

Ба принсипҳои ҳуқуқӣ: волоияти арзишҳо, манфиат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; таҷзияи ҳокимият; пурраҳокимиятии халқӣ, демократизм; волоияти қонун; ҷудо кардани вазифа; қонуният; ошкоро будани фаъолият; унитаризмро дохил мекунад.

Ба принсипҳои ташкилӣ бошад: банақшагирии фаъолият; объективӣ; илмӣ будани фаъолият; бо самар будани фаъолият; қиёс ва сабтсозии вазифаю ваколатҳо; масъулиятнокӣ; ҳамгироии яккасардорӣ бо идоракунии дастаҷамъӣ; соҳавӣ ва ҳудудӣ дар идоракунӣ; росхатта; функсионалӣ; итоати дутарафаро дохил мекунад [5, с. 48].

Бринчук М.М. принсипи истифодаи босамари сарватҳои табииро бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон ҳамчун принсипи асосӣ дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист мешуморад [6, с. 45].

Таҳқиқоти аз ҷониби олимони соҳа андешидашуда ва қонунгузории соҳа базгӯи он аст, ки принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз низоми принсипҳои умумиилмии соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ асос гирифта, махсусияти ташаккул ва рушди институтсионалии онҳо дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист мушоҳида карда мешавад.

Барои муайян намудани принсипҳои идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист, зарурияти таҳлили маъмурӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ ба миён меояд.

Агар мо қонунгузории соҳаро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки дар он принсипҳои умумии зерин муқаррар шудаанд:

- пешгӯӣ намудани зарари расонидашаванда ба муҳити зист дар раванди рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон;
- ҳифзи муҳити зист вазифаи ҳар як шахс;
- инсондӯстӣ;
- таъмини истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ;
- таъмини рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти аз лиҳози экологӣ созгор;
- нигоҳ доштан ва ҳифзи мувозинати экологӣ;
- дастрасии озодона ба иттилооти экологӣ;
- пардохтшаванда будани табиатистифодабарӣ;
- ҳамбастагии экосистема ба танзими ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист ва идоракунии табиат
- масъулияти шахсони мансабдор, корхонаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон барои вайрон кардани (риоя накардани) талаботи қонунгузории экологӣ;
- ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар бораи муҳити зист бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист вобаста ба соҳаҳои гуногуни табиатистифодабарӣ қонунгузорӣ принсипҳои дигарро муқаррар намудааст. Масалан, дар соҳаи заминистифодабарӣ принсипҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд: - таъмини истифодаи оқилона ва нигоҳдории замин ҳамчун муҳимтарин ҷузъи табиӣ; - таъмини татбиқи технологияҳои ҳифзи замин ва чораҳои

дигари пешгирӣ аз олудашавӣ ва харобшавии замин дар рафти фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият; - сари вақт гузаронидани таҳқиқот ва ошкор намудани тағйироти ҳолати замин; - андешидани тадбирҳо барои ҳосилхез гардонидани замин ва барқарор кардани замини харобгардида; - илман асоснок кардани чорабиниҳо дар соҳаи ҳифзи замин; ошкор, пурра ва саҳеҳ будани маълумоти ҳолати замин ва тадбирҳое, ки барои ҳифзи замин андешида мешаванд; - иштироки мутахассисон дар мавриди қабули қарорҳо дар соҳаи ҳифзи замин ва ногузир будани ҷавобгарӣ барои зарари замин расонидашуда.

Дар идоракунии давлатии табиатистифодабарӣ низ принсипҳои муайян муқаррар шудааст, ки ҳангоми амалинамоии ҳуқуқи табиатистифодабарӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Ба гурӯҳи ин принсипҳо дохил мешавад: - принсипи миллӣ намудани сарватҳои табиӣ; - принсипи мақсаднок истифода бурдани сарватҳои табиӣ; - принсипи устуворона истифода бурдани сарватҳои табиӣ; - принсипи бемуҳлат истифода бурдани сарватҳои табиӣ; - принсипи дар асоси нақша истифода бурдани сарватхои табиӣ; - принсипи музднокии истифодабарии махсуси табиат; - принисипи истифодаи оқилонаи табиат.

Бо ҳамин тартиб дар санадҳои қонунгузорӣ соҳаҳои дигари табиатистифодабарӣ низ мустаҳкам гардидани принсипҳо мушоҳида мегардад.

Ба андешаи Байделдинов Д.Л. принсипҳои махсусгардонидашудаи идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист аз инҳо иборатанд:

- муҳимияти ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, нигоҳдорӣ ва барқароркунии сарватҳои табиӣ, фароҳамоварии шароити созгори зисти аҳолӣ;

- ба моликияти давлат мансуб донистани сарватҳои табиӣ, зери назорати махсус қарор додани замин ҳамчун моликияти давлатӣ;

- дар мувозинат нигоҳ доштани вазифаҳои экологии ҷамъият бо дар назар доштани паҳлуҳои муҳими иқтисодию иҷтимоии давлат;

- амалинамоии усулҳои иқтисодии идоракунӣ дар муътадилсозии таъмини тартиботи экологӣ;

- таваҷҷуҳи бештар ва иштироки фаъолонаи шаҳрванд, аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли проблемаҳои ҳифзи муҳити зист [7, с. 10-11].

Албатта, дар идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист ба масъалаи принсипнокии ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон ва дар ин радиф нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зисти аҳолӣ бисёр зарур аст. Яке аз сарватҳои табиие, ки ба он инсон дар ҳама давру замон бештар ниёз дорад ва ба саломатии инсон таъсир мерасонад, об мебошад.

Дар қонунгузории об принсипи моликияти давлатӣ будани захираҳои обӣ амал менамояд. Мувофиқи м. 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 8 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688 [8] об ҳамчун моликияти истисноии давлатӣ ҳисобида мешавад ва истифодаи самараноки он ба манфиати халқ кафолат дода шудааст.

Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ танҳо ҳуқуқи истифода бурдани обро доро мебошанд. Вобаста ба ин шаҳрвандон аз ҳуқуқи субъективии худ истифода намуда, ҳуқуқи истифодаи обро ба амал мебароранд. Бо сабаби моликияти истисноии давлат будани об барои вайрон кардани ҳуқуқи моликияти истисноии давлат ба об шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Тибқи қ. 1, м. 64 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №761 [9] истифодаи захираҳои фонди давлатии ҷангал музднок мебошанд. Пардохт барои ҷангалистифодабарӣ яке аз механизмҳои иқтисодии идоракунии хоҷагии ҷангал буда, субъекти истифодабарандаи онро водор менамояд, ки ин уҳдадории қонунан пешбинигардидаро сари вақт иҷро намояд. Пардохти истифода намудани ҷангал ҳамчун захираи табиӣ ба амалишавии се вазифа мусоидат менамояд: а) баланд бардоштани манфиатдории истеҳсолкунанда нисбати истифодаи оқилонаи захираҳои ҷангал (чӯб,

тахта, ҳезум ва дигар масолеҳ); б) пайдо шудани ҳавасмандии моддӣ нисбати истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии ҷангалҳо; в) ба вуҷуд омадани маблағҳои иловагӣ барои барқарорсозӣ ва таҷдиди ҷангалҳо.

Пардохти истифодаи ҷангал бо шакли андоз барои истифодабарии ҷангал ва иҷорапулӣ ситонида мешавад [10, с. 175].

Механизмҳои иқтисодии идоракунии хоҷагиҳои давлатии ҷангал иборат аст, аз банақшагирии чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҷангалзорҳо аз нестшавӣ ва барқароркунии онҳо, маблағгузории хоҷагиҳои ҷангал тибқи меъёрҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки онҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ намудааст, пардохти ҳақи истифодаи захираҳои ҷангал аз тарафи истифодабарандагони ҷангал, ҳавасмандгардонӣ барои васеъ намудани масоҳати заминҳои фонди давлатии ҷангал ва суғуртаи фонди давлатии ҷангал аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, сӯхтор ва ҳашароту зараррасонандагони дигар.

Ҳолатҳои дар боло зикр шуда ва таҳлилҳо нишон медиҳад, ки вобаста ба соҳаҳои табиатистифодабарӣ принсипҳои пешниҳод шуда ба худ хусусияти хосро касб намудаанд.

Ерофеев Б.В. дар соҳаи идоракунии дарвлатии ҳифзи муҳити зист чунин принсипҳоро муайян намудааст: принсипи қонуният ва танзими давлатии истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи онҳо; принсипи афзалиятнокии ҳифзи муҳити зист; принсипи иттилоотӣ-барномавии танзими давлатии истифодабарӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; принсипи ҳамоҳангии идоракунӣ ва танзими соҳаи ҳифзи муҳити зист дар сатҳи мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ [11, с. 208-210].

Қобили зикри хос аст, ки яке аз институтҳои рӯ ба рушди соҳаи идоракунии давлатӣ дар соҳаи табиатистифодабарӣ ва ҳифзи муҳити зист маҳз аудити экологӣ мебошад.

Аудити экологӣ ба принсипҳои муайян асос меёбад, ки онҳо асосҳои бунёдии дар қонунгузорӣ муқарраршуда мебошанд, моҳият ва таъиноти аудити экологиро ифода намуда, ҳангоми гузаронидани аудити экологӣ, татбиқи қонунгузории соҳавӣ, зимни тафсири ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории соҳа ба инобат гирифта мешаванд. Аудити экологӣ тибқи принсипҳои асосии зерин гузаронида мешаванд:

– ҳатми будани баҳисобгирии талаботи амнияти экологӣ ва рушди устувор;

– баҳисобгирии хусусиятҳои табиӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҳудуд, ҳолати имрӯза ваояндаи муҳити зисти табиӣ;

– салоҳияти касбӣ;

– мустақилияти фаъолияти аудитории экологӣ;

– боэътимодӣ ва пуррагии маълумот;

– илман асоснок, холисона ва қонунӣ будани хулосаҳои аудиторӣ;

– махфияти маълумот.

Ҳангоми гузаронидани аудити экологӣ принсипҳои мазкур бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар сурати вайрон кардани талаботи принсипҳои мазкур зимни гузаронидани аудити экологӣ вайрон кардани қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, аудити экологии гузаронидашуда ягон оқибати ҳуқуқӣ надорад ва хулосаи аудити экологӣ дорои амаҳамияти ҳуқуқӣ намебошад, инчунин ба он асос овардан имконнопазир аст.

Ҳамчунин зикр намудан ба маврид мебошад, ки принсипҳои арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ин асосҳои ибтидоӣ, ғояҳои бунёдие мебошанд, ки дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, моҳият ва таъиноти иҷтимоии онро ифода менамоянд. Арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) фарзияи хатари эҳтимолии экологии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти банақшагирифташаванда;

2) ҳатмӣ будани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зисти фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти банақшагирифташаванда, ки метавонад ба муҳити зист таъсири мустақим ё ғайримустақими манфӣ расонад;

3) ҳатмӣ будани арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист дар марҳилаи лоиҳакашӣ;

4) ҳатмӣ будани баҳисобгирии талабот оид ба таъмини амнияти экологӣ ҳангоми арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист;

5) саҳеҳ ва мукаммал будани маълумоте, ки ҳангоми арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист истифода карда мешавад;

6) илман асоснок ва холисона будани натиҷаи хулосаҳо оид ба арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист;

7) дастрасии озод ба натиҷаҳои арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист;

8) ба ҳисоб гирифтани фикру мулоҳизаҳои шахсони манфиатдор;

9) ҷавобгарии фармоишгари фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти банақшагирифташаванда барои оқибатҳои манфии татбиқи лоиҳа.

Риояи талаботи принсипҳои зикршуда ва ба инобат гирифтани онҳо барои фармоишгари фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти банақшагирифташаванда ҳатмӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили маъмурӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ ва кори олимони соҳа чунин мешуморем, ки дар баамалбарории идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист нақши принсипҳо назаррас буда, бо сабиби он ки объектҳои табиӣ дар шакли физикӣ вуҷуд доранд ва ҳамчун захираи асоси барои пешбурди ҳаёти инсоният мебошанд, дар қонунгузорӣ ва кори олимон принсипҳо дар баробари ғоявӣ буданашон бештар хусусияти ҳатмигӣ пайдо намудаанд.

Дар омӯзиши масоили принсипҳои идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист, бо такя ба арзишҳои меъёрии хусусияти принсипиалидоштаи санадҳои қонунгузорӣ ва ғояҳои муосири илмии ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаи идоракунии давлатӣ, метавон як таърифи моделии принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро манзур намуд.

Принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист гуфта - он ғояҳои бунёдии хусусияти расмӣ, тавсиявӣ ва илмидоштаеро меноманд, ки ҳадафи меҳварии онро дар идоракунии давлатӣ, танзими консептуалии истифодаи босамар, оқилона, барқарорсозӣ ва кафолати нигоҳдории сарватҳои табииро барои наслҳои имрӯза ва оянда дорад.

Дар ин маврид принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро шартан ба гурӯҳҳои зерин тасниф кардан мумкин аст;

- принсипҳои расмӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки дар қонунгузории амалкунанда муқаррар шудааст;

- принсипҳои илмӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки дар таҳқиқотҳои дисертатсионӣ, монографӣ, институсионалӣ ва мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд;

- принсипҳои барномавӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии соҳавӣ мустаҳкам гардидаанд.

**Муқарриз н.и.ҳ., дотсент Аминов М.**

## РОЛЬ ПРИНЦИПОВ В ГОСУДАРСТВЕННОМ УПРАВЛЕНИИ ОХРАНОЙ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ

***Ключевые слова:*** роль принципов в государственном управлении охраной окружающей среды; природных ресурсов; государственных органов; законодательства; природопользования; законности; воды; земли; леса; атмосферного воздуха.

***Аннотация:*** В данной статье анализируются и изучаются роль и характеристики принципов в государственном управлении охраной окружающей среды согласно действующему законодательству и с точки зрения ученых административного права и сферы государственного управления.

***Рахим Зафар Хаким*** - соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, и.о. директора Государственного учреждения «Центра юридической помощи» Министерства юстиции Республики Таджикистан. E-mail: zafarrahim3@gmail.com, Тел.: (+992) 918-85-40-49.

## THE ROLE OF PRINCIPLES IN STATE MANAGEMENT OF ENVIRONMENTAL PROTECTION

***Keywords:*** the role and features of the principles in public management of environmental protection; natural resources; government bodies; legislation; environmental management; legality; water; land; forests; atmospheric air.

***Annotation:*** This article analyzes and studies the role and characteristics of principles in public management of environmental protection in accordance with current legislation and from the point of view of scientists of administrative law and the field of public administration.

***Rahim Zafar Hakim*** – an applicant of the Academy of public administration under the Republic of Tajikistan, deputy director State institution "Legal aid Center" Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. E-mail: zafarrahim3@gmail.com, Tel.: (+992) 918-85-40-49.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Атаманчук Г.В. Назарияи идоракунии давлатӣ. М., 1997. - 528 с.
2. Герасимова И.А. Идоракунии истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист. Оренбург, 1998. – 173 с.
3. Бронина А.Б., Красов О.И.. Кормандони ҷангал. Саволҳои ҳуқуқӣ. М., 1990. – 184 с.
4. Гладун Е.Ф. Идоракунии захираҳои табиӣ. Дастури таълимӣ. Тюмен. – 2007. – 242 с.
5. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2013. 564 с.
6. Бринчук М.М. Ҳуқуқи экологӣ (ҳуқуқи муҳити зист): Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқӣ. – М.: Юристь, 1998.– 541 с.
7. Байделдинов Д.Л. Правовой механизм государственного управления в области экологии. – Алматы. 1998. – 230 с.
8. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2024).
9. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №761 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2024).
10. Тафсири Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Баҳриддинзода С.Э. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 200 с.
11. Ерофеев Б.В. Ҳуқуқи экологии Россия. – М.: Юристь. 1996. – 623 с.

**Список литературы:**

1. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления. М., 1997. - 528 с.
2. Герасимова И.А. Управление природопользованием и охраной окружающей среды. Оренбург, 1998. – 173 с.
3. Бронина А.Б., Красов О.И.. Работникам леса. Правовые вопросы. М., 1990. – 184 с.
4. Гладун Е.Ф. Управление природными ресурсами. Учебное пособие. Тюмен. – 2007. – 242 с.
5. Оев Х. Административное право Республики Таджикистан. Часть 1. – Душанбе, 2013. 564 с
6. Бринчук М.М. Экологическое право (право окружающей среды): Учебник для высших юридических учебных заведений. – М.: Юристь, 1998.– 541 с.
7. Байделдинов Д.Л. Правовой механизм государственного управления в области экологии. – Алматы. 1998. – 230 с.

8. Водный кодекс Республики Таджикистан от 2 апреля 2020 года №1688 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 18.01.2024).

9. Лесной кодекс Республики Таджикистан от 2 августа 2011 года №761 // Централизованная правовая и информационная база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 18.01.2024).

10. Комментарий к Лесного кодекса Республики Таджикистан // Под редакцией к.ю.н., доцента Бахриддинзода С.Э. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 200 с.

11. Ерофеев Б.В. Экологическое право России. – М.: Юристь. 1996. – 623 с.

**List of literature:**

1. Atamanchuk G.V. Theory of public administration. M., 1997. - 528 p.

2. Gerasimova I.A. Management of natural resources and environmental protection. Orenburg, 1998. – 173 p.

3. Bronina A.B., Krasov O.I. To forest workers. Legal issues. M., 1990. – 184 p.

4. Gladun E.F. Natural resource management. Tutorial. Tyumen. – 2007. – 242 p.

5. Oev H. Administrative law of the Republic of Tajikistan. Part 1. – Dushanbe, 2013. 564 p.

6. Brinchuk M.M. Environmental law (environmental law): Textbook for higher legal education institutions. – M.: Jurist, 1998.– 541 p.

7. Baideldinov D.L. Legal mechanism of public administration in the field of ecology. - Almaty. 1998. – 230 p.

8. Water Code of the Republic of Tajikistan dated April 2, 2020 No. 1688 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 01/18/2024).

9. Forest Code of the Republic of Tajikistan dated August 2, 2011 No. 761 // Centralized legal and information database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 01/18/2024).

10. Commentary on the Forest Code of the Republic of Tajikistan // Edited by Ph.D., Associate Professor Bakhriddinzoda S.E. – Dushanbe: “ER-graf”, 2019. – 200 p.

11. Erofeev B.V. Environmental law of Russia. – M.: Lawyer. 1996. – 623 p.

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**
**12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)**

**УДК: 342.61**



**Зоир Ҷурахон Маҷидзода,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия.*
*E-mail:* Zoirov2009@mail.ru
*Тел.: 221-65-85.*



**Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail:* saradukht@mail.ru
*Тел.: 221-65-85*

## ҲУҚУҚИ ТАШАББУСИ ҚОНУНГУЗОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ҲАМЧУН ПАДИДАИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Калидвожаҳо:*** Президент; субъект; ташаббуси қонунгузорӣ; таҳия; лоиҳаи қонун; пешниҳоди лоиҳаи қонун; таклифҳои қонунгузорӣ; раванди қонунгузорӣ; баррасии лоиҳаи қонунҳо; Маҷлиси намояндагон; Маҷлиси миллӣ; комиссияҳои созишӣ; имзо; интишори қонун; такмили қонунгузорӣ; афзалиятнок; парламент; ҳукумат.

***Аннотатсия:*** Мақола дар заминаи меъёрҳои қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳқиқ карда шудааст. Нақши ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи пешниҳод намудани қонунҳои мукаммал, таклифҳои қонунгузорӣ амали намудани ин ҳуқуқ равшан мегардад. Дар аксари давлатҳо ташаббусҳои қонунгузории Президент, Сарвазир ва Ҳукумат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нақши асосӣ ва ҳалкунанда дорад. Алалхусус, дар давлатҳои шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ ба ташаббуси қонунгузории Президент афзалияти бештар дода мешавад.

Муайян кардани салоҳияти Президент яке аз масъалаҳои асосии мақоми ӯ мебошад. Нақш ва мавқеи Президентро дар низоми ҳокимияти давлатӣ аксаран дар доираи салоҳият муайян мекунанд. Президент ҳамчун намояндаи олии давлат дар дохили кишвар ваколатҳои муайянеро дар соҳаи қонунгузорӣ дорад.

Тавре А.И. Черкасов қайд мекунад, «ба сарварони давлатҳо аксаран дар конститутсия салоҳиятҳои хеле васеъ дода мешаванд» [8]. Аммо дар амал доираи воқеии салоҳиятҳои Сардори давлат дар соҳаи қонунгузорӣ ба фаъолияти механизми давлатӣ, вазъи воқеии сиёсие, ки бо таносуби қувваҳо дар мамлакат муайян карда мешавад, инчунин низоми сиёсии ҳизбӣ вобаста аст. Салоҳиятҳои қонунгузории Президент хеле васеъ мебошанд. Аксар вақт ваколати қонунгузории Президент аз салоҳияти

қонунгузории ӯ бармеояд. Президент бо парлумон ҳамкории мутақобила дорад, ки ин нақши назарраси сардари давлатро дар раванди қонунгузорӣ ба таври зайл тавсиф мекунад:

-ворид намудани лоиҳаи қонунҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ;

-имкони иштироки доимӣ дар раванди қонунгузорӣ, ҳангоми баррасии қонунҳо дар палатаҳои парлумон ё комиссияҳои созишӣ;

-имзо ва интишори қонун;

-баргардонидани қонунҳо.

Аз ин гуфтаҳо метавон муайян кард, ки иштироки Президент дар раванди қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, аз татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оғоз меёбад. Татбиқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби сардари давлат дар санадҳои конститутсионии шумораи зиёди давлатҳо, ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Дар ин замина суханони В.Е. Чиркинро зикр намудан ба манфиати кор мебошад, ки «қариб дар ҳама кишварҳо сардари давлат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дорад ва лоиҳаи қонунҳои ӯ пешниҳод намуда ба парлумон дар навбати аввал баррасӣ мешаванд» [8].

Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои ҷаҳон собит менамояд, ки қисми бештари лоиҳаи қонунҳо маҳз бо ташаббуси қонунгузории Президент, Сарвазир ва ҳукумат ба баррасии парлумон пешниҳод карда мешавад. Бар замми ин Президент дар давлатҳои дорои шакли идораи президентӣ чун сардари давлат мақоми баланд дошта, дар доираи ваколатҳои худ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ истифода мебарад. [4, с.17]. Ба Президент додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ унсури мушаххас ва ниҳоят муҳимми шакли давлатдорист. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки Президент қисми зиёди лоиҳаи муҳимтарин ё лоиҳаи қонунеро, ки вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбанд, ба парлумон пешниҳод мекунад. Мавҷудияти ин салоҳияти сардари давлат ба ӯ имкон медиҳад, ки на танҳо стратегияи қонунгузориро ташаккул медиҳад, балки бо амали худ ба фаъолияти субъектҳои дигари ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳким бахшад, ба фаъолияти қонунбарорӣ тавассути пешниҳод намудани таклифҳои қонунгузорӣ таъсири амиқ расонад.

Ҳангоми баррасии масъалаи ташаббуси қонунгузории Президент дар доираҳои илмӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Баъзе аз олимон бар он ақидаанд, ки Президент набояд ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта бошад.

Масалан, ба андешаи Т.И. Новитская ташаббуси қонунгузории Президенти Федератсияи Россия татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимиятро дар доираи раванди қонунгузорӣ ба таври назаррас шакли онро дигаргун сохта, танзими онро амалӣ месозад. Чунин салоҳияти президент фаъолияти мақомоти қонунгузорро коста мегардонад. Бо дарназардошти ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки Президенти Федератсияи Россия аз доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бароварда шавад, зеро ки шумораи лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия пешниҳодшаванда ҳамагӣ 5-10%-ро ташкил медиҳад. Ин андешаро олими дигар М.А. Краснов низ тарафдорӣ менамояд. [7].

С.А. Авакян чунин мешуморад, ки президент бо пешниҳоди лоиҳаи қонун аз номи худ ба мақомотҳои дигар фишор оварда, онҳоро маҷбур мекунад, ки андешаи ӯро дар фаҳмиши масъалаи мазкур дастгирӣ намоянд [1].

Бо назардошти он, ки салоҳияти қонунгузории Президент дар ҳалли масъалаҳои мубрам аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, аз ин рӯ, дар Конститутсияи аксари кишварҳои ҷаҳон, бахусус дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд - ИДМ) салоҳияти ташаббуси қонунгузорӣ ба ваколати президент шомил шудааст. Дар сурати надоштани ташаббуси қонунгузорӣ, президент бояд тавассути ҳамҳизбони худ лоиҳаи қонунро ба парлумон пешниҳод кунад ва ин президентро вобастаи аъзои ҳамҳизбони худ мегардонад. Воқеан, дар баъзе конститутсияҳо меъёр дар бораи боздоштани фаъолияти Президент дар ҳизби сиёсӣ дар давраи иҷрои ваколатҳояш муқаррар шудааст. Агар президент лоиҳаи қонунро ба воситаи вакилон пешниҳод кунад, ин омил боз президентро ба вакилон вобаста мекунад. Ин масъала дар ин раванд мубрам ва мураккаб мегардад.

Ин мавзуъ мавриди таваҷҷуҳи олими тоҷик З. Ализода қарор гирифта назари худро чунин иброз намудааст. «Дар бисёре аз

кишварҳои ИДМ аз ҷониби таҳиякунандагони Конститутсия ҳуқуқи ба Президент ва Ҳукумат додани ташаббуси қонунгузорӣ аз он бармеояд, ки додани чунин имконият ба Президенти кишвар қудрат ва салоҳияти ӯро тақвият мебахшад. [2]. Ҷиҳати дигар чунин ифода меёбад, ки Президенти кишварҳои ИДМ дар таҳияи Конститутсияҳои кишвари худ расмӣ ва ё ғайрирасмӣ иштирок доштанд ва ин ҳолат ба муқаррар намудани ташаббуси қонунгузорӣ таъсир расонидааст». [2].

Ҷанбаҳои назариявии консепсияи ташаббуси қонунгузории Президентро баррасӣ намуда, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти ҶТ-ро, ки дар Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст, баррасӣ менамоем. Мутобиқи моддаи 58-и Конститутсия Президент ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта, онро бо роҳи пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ амалӣ менамояд. Ташаббуси қонунгузории Президент вазифаҳои асосии фаъолияти қонунгузориро ҳал мекунад. Президент оид ба масъалаҳои гуногун тадбирҳо меандешад, таҳияи лоиҳаи қонунҳоро ба миён мегузорад ва онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад. Ин масъалаҳо муҳим ва ҳалталаб ҳисобида мешаванд.

Барои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ақидаи ягона ба шаклҳои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Сарвари давлат, зарур аст, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ташаккули мантиқии раванди онро ба таври мукаммал бозгӯӣ намоем. Дар ин ҷо баррасии амиқи хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муҳим ба шумор рафта, дар ин раванд набояд сарфи назар намуд, ки ҳуқуқ унсури ҷараёни қонунгузорӣ буда, бо мақсади ташаббуси қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

Президенти кишвар бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳоро оид ба масъалаҳои муҳимми давлатӣ ва амнияти давлатӣ, лоиҳаи қонунҳо дар соҳаи андози давлатӣ, сиёсати молиявию андоз, авфи умумӣ, дар бораи истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ва ғ. пешниҳод менамояд. Сарвари давлат ҳамчун кафили Конститутсияи ҶТ дар бораи самаранокии қонунгузорӣ пайваста ғамхорӣ намуда, ба салоҳияти парлумон дахолат накарда, дар ҳолатҳои ҳаётан муҳими дар Конститутсия пешбининашуда ба таври фаврӣ амал мекунад.

Дар ин маврид ба суханони А.А. Котенков такя намудан мувофиқи матлаб мебошад, ки ба андешаи ӯ «ҳуқуқи сарвари давлат дар мавриди афзалият ба баррасии ташаббуси қонунгузории ӯ бояд қонунӣ гардонида шаванд». [4].

Президент нисбат ба дигар субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ бартарӣ дорад, яъне таклифҳои қонунгузории ӯро афзалиятнок бояд ҳисобид. Ин андешаи олим боиси дастгирист. Гарчанде дар Конститутсияи амалкунанда муқаррароти дахлдор мавҷуд набошад ҳам, Маҷлиси Олӣ бо риояи таҷрибаи муқарраргардида одатан онҳоро бенавбат баррасӣ менамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки Конститутсияи Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои ИДМ барои президенти кишвари худ ташаббуси қонунгузориро ба таври мақсаднок муқаррар кардаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президент ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат доираи хеле васеи масъалаҳои ҳуқуқ ба ташаббуси қонунгузориро муқаррар намудааст. Бояд қайд намуд, ки вобаста ба салоҳдиди президент предмети танзими ин раванд маҳдудият надорад, ки инро дар тасвиби як қатор қонунҳо метавон дид.

Бо ташаббуси қонунгузории Президенти мамлакат бори аввал Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда шуд. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва пурра намудани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ як қатор пешниҳодҳои қонунгузорӣ сурат гирифтаанд. Ҳар як лоиҳаи қонуни пешниҳодкардаи Президент бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеаи муосир таҳия ва ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод мешавад. Президент сол то сол бо истифода аз ташаббуси қонунгузорӣ дар назди парлумон вазифаҳои бештари фаъолияти қонунгузориро мегузорад.

Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли таклифҳои қонунгузорӣ низ амалӣ мегардад. Татбиқи таклифҳои қонунгузории Президент дар бораи қабули қонунҳои нави ҶТ, дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории

амалкунанда шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Масалан, бо ташаббуси Президенти мамлакат ба Кодекси оила оид ба баланд бардоштани синни никоҳӣ, дар Кодекси ҷиноятӣ дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ тағйиру илова ворид карда шуд. Таклифҳои қонунгузории Сарвари давлат дар шароити нави таърихӣ, пеш аз ҳама, ба ҳадафу вазифаҳои давлати соҳибистиқлол, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати ҷомеа, худшиносии миллӣ ва барои рушди ҷомеа нигаронида шудаанд. [6].

Ҳадафи ниҳоии ташаббусҳои қонунгузории Сарвари давлат - таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, шаклҳои ҳуқуқии амалӣ гаштани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва танзими қонунии муносибатҳои ҷомеа мебошанд.

Таҳлили мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

Аввалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат дар гузоштани вазифаҳои умумӣ дар назди тамоми сохторҳои ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҷиҳати таҳкими давлатдорӣ ваислоҳоти иқтисодӣ, таъмини принсипҳои демократӣ дар ҷомеа фаъол аст. Масалан, яке аз муҳимтарин иқдомҳои татбиқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми якуми моддаи 99-и Конститутсия, ин пешниҳоди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар дар соли 1999 мебошад.

Дуюм, ташаббуси қонунгузории Сарвари давлат бо дарназардошти мушкилоти дар ҷомеа ба вуҷуд омада ва вобаста ба нақшаҳои давлат ба самтҳои гуногун ва вазифаҳои нав тадриҷан татбиқ мегарданд. Ин муқаррароти Конститутсия моҳияти мақоми Президенти мамлакатро ифода менамояд. Ин вазифаи пурмасъулият мақсаднокии ин мақомотро ифода намуда, он бевосита ба фаъолияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муҳтарам Эмомали Раҳмон дода шудаанд, иртибот дорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки аввало, ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо масъалаҳои ворид намудани лоиҳаи қонун ба Маҷлиси Олӣ маҳдуд намешавад. Дуюм, Президент дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ буда, лоиҳаи қонунҳоро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод мекунад ва пас аз таҳияи бодиққат ва мукаммал намудан онро ба қабули Маҷлиси намояндагон ирсол менамояд.

## ПРАВО ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ИНИЦИАТИВЫ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЙ ИНСТИТУТ

***Ключевые слова:*** Президент; субъект; права законодательной инициативы; подготовка; проект закона; представить проект закона; законодательная инициатива, законодательный процесс; рассмотрение; проект законов; Маджлиси намояндагон; Маджлиси милли; согласительные комиссии; подписание; опубликование; возвращение закона; совершенствование закона; преимущество; парламент; правительство.

***Аннотация:*** Статья исследована в контексте норм действующего законодательства Республики Тмджикистан и государств Содружество Независимых Государств. Становиться понятной роль законодательной инициативы Президента Республики Таджикистан через представление совершенных проектов законов, законодательный предложений по реализации этого права. В большинстве стран законодательные инициативы Президента, Премьер-министра и Правительтства играют ключевую и рещающую роль в правотворческой деятельности. В частности, в государствах с президентско-республиканской формой правления законодательная инициатива Президента имеет большой приоритет.

***Зоир Джурахон Маджидзода*** - доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник Института философии, политологии и права им. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. E-mail: Zoirov2009@mail.ru, Тел.: 221-65-85.

***Якубова Сабохат Нарзуллоевна*** - кандидат юридических наук, доцент кафедры конституционного и административного права юридического факультета Национального университета Таджикистана. E-mail: saradukht@mail.ru, Тел.: 221-65-85.

**RIGHT OF LEGISLATIVE INITIATIVE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A CONSTITUTIONAL LEGAL INSTITUTION**

***Keywords:*** President; subject; rights of legislative initiative; preparation; law project; present a draft law; legislative initiative, legislative process; consideration; draft of laws; Majlisi Namoyandagon; Majlisi Milli; conciliation commissions; signing; publication; return of the law; improvement of the law; privilege; parliament; government.

***Annotation:*** The article is studied in the context of the norms of the current legislation of the Republic of Tmjikistan and the Commonwealth of Independent States. The role of the legislative initiative of the President of the Republic of Tajikistan through the presentation of perfect draft laws and legislative proposals for the implementation of this right becomes clear. In most countries, legislative initiatives of the President, Prime Minister and Government play a key and decisive role in law-making activities. In particular, in states with a presidential-republican form of government, the legislative initiative of the President has great priority.

***Zoir Jurakhon Majidzoda*** - Doctor of Law, Professor, Chief Researcher of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan. E-mail: Zoirov2009@mail.ru, Tel.: 221-65-85.

***Yakubova Sabohat Narzulloevna*** - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Constitutional and Administrative Law of the Law Faculty of the Tajik National University. E-mail: saradukht@mail.ru, Tel.: 221-65-85.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Авакян С.А. Лексикаи конститутсионӣ: Луғати истилоҳоти ҳуқуқии давлатӣ М.: Юстицинформ, 2015. – С. 64.
2. Ализода З. Ташаккул ва рушди институти парламент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тадқиқоти конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ. М.: 2013. – С. 132.
3. Булаков О.Н. Парламенти дупалатаи Федератсияи Россия. - Санкт-Петербург: нашриёти “Маркази ҳуқуқӣ Пресс”. 2003. – С. 346-347.
4. Котенков А.А. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, амалия ва мушкилоти баланд бардоштани самаранокии ҳамкории Президенти Федератсияи Россия бо Думаи Давлатии Маҷлиси Федералӣ дар соҳаи қонунгузорӣ: Автореф. дис. н.и.ҳ. М., 1998. – С. 17.
5. Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. - Душанбе. «ЭР-граф». 2016. - С. 38.
6. Маҳмудзода М. Президент ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ӯ. // Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо) Душанбе. “ЭР-граф”, 2017. - 2008. – С. 497.
7. Тафсири илмӣ-амалии Конститутсияи Федератсияи Россия / Под ред. Лазарева В.М. 1997. – С. 385-386.
8. Черкасов В.Е. Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ. «Юристь» 1997. – 444 с.
9. Чиркин В.Е. Конститутсия асри XXI: Таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. - М., 2011. – С. 494.

**Список литературы:**

1. Авакян С.А. Конституционная лексика: Словарь государственно-правовых терминов М.: Юстиинформ, 2015. - С. 64.
2. Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: Конституционно-правовое исследование. М.: 2013. - С. 132.
3. Булаков О.Н. Двухпалатный Парламент Российской Федерации. - СПб: Издательство «Правовой Центр Пресс». 2003. - С. 346-347.
4. Котенков А.А. Конституционно-правовые основы, практика и проблемы повышения эффективности взаимодействия Президента Российской Федерации и Государственной Думы Федерального Собрания в законодательной сфере: Справочник автора. дис. Национальные институты здравоохранения США. М., 1998. - С. 17.
5. Махмудзода М., Сотиволдиев Р. Законодательные инициативы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и их значение в развитии независимого государства. 2-е издание. - Душанбе. «ЭР-граф». 2016. - С. 38.
6. Махмудзода М. Президент и его право законодательной инициативы. // Правовая политика и демократическое государство. (сборник статей и репортажей) Душанбе. «ЭР-граф», 2017. – 2008. – С. 497.
7. Научно-практический комментарий к Конституции Российской Федерации / Под ред. Лазарева В.М. 1997. – С. 385-386.
8. Черкасов В.Е. Конституционное право зарубежных стран. Учебник. «Юрист» 1997. – 444 с.
9. Чиркин В.Е. Конституция XXI века: Сравнение - правовое исследование. - М., 2011. - С. 494.

**List of literature:**

1. Avakyan S.A. Constitutional lexicon: Dictionary of state legal terms M.: Justicinform, 2015. - S. 64.
2. Alizoda Z. Formation and development of the institution of parliament in the Republic of Tajikistan: Constitutional and legal research. M.: 2013. - S. 132.
3. Bulakov O.N. Bicameral Parliament of the Russian Federation. - St. Petersburg: "Legal Center Press" publishing house. 2003. - S. 346-347.
4. Kotenkov A.A. Constitutional and legal foundations, practice and problems of increasing the effectiveness of the interaction between the President of the Russian Federation and the State Duma of the Federal Assembly in the legislative sphere: Author's reference. dis. n.i.h. M., 1998. - S. 17.
5. Mahmudzoda M., Sotivoldiev R. Legislative initiatives of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and its importance in the development of the independent state. 2nd edition. - Dushanbe. "ER-graph". 2016. - S. 38.
6. Mahmudzoda M. The President and his right to initiate legislation. // Legal policy and democratic state. (a collection of articles and reports) Dushanbe. "ER-graph", 2017. - 2008. - S. 497.
7. Scientific and practical commentary on the Constitution of the Russian Federation / Pod ed. Lazareva V.M. 1997. – S. 385-386.
8. Cherkasov V.E. Constitutional law of foreign countries. Textbook. "Yurist" 1997. - 444 p.
9. Chirkin V.E. Constitution of the 21st century: Comparison - legal research. - M., 2011. - S. 494.



**УДК: 342**

**Султонзода Тоҷиддин Саидҷамол,**
*унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: t.sultonzoda1991@bk.ru*
*Тел.: (+992) 980-01-00-00.*

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТ ҲАМЧУН ПРИНСИПИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Калидвожаҳо:*** мафҳум; моҳият; соҳибихтиёрӣ; ҳуқуқ; конститутсия; давлат; шакл; шаҳрвандон; масъала, Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд, кафолат, ҳимоя, нақш.

***Аннотатсия:*** Омӯзиши ин мавзуъ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро бисёре аз масъалаҳои марбут ба соҳибихтиёрӣ ва таъмини тамомияти арзӣ вазифаи давлат башумор рафта тӯли 32 соли соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо асосҳои ташаккули давлатдории миллии худро ташаккулу мустаҳкам гардонид, балки дар арсаи байналмилалӣ низ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути чандин пешниҳод ва ташаббусҳои созандаю сулҳоваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обрӯву нуфуз ва эътибори калонро соҳиб гардид. Дар қисми 3 моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст.

Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амали мегардонад (моддаи 6 Конститутсия). Аз ин ҷиҳат, дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми соҳибихтиёрии халқ бо пурраҳокимиятии халқ ҳамаъно буда, танҳо дар заминаи мастақилии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии халқ метавонад, озодона идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро баамал барорад. Соҳибихтиёрии халқ ҳамчун падидаи ҳуқуқию сиёсӣ ва татбиқи он бо масоиле алақаманд аст, ки он тафовути обективию субъективии байни иродаю манфиатҳои воқеии халқ ва шаклҳои амалигардонии онҳоро муаян иенамояд[12].

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ таъкид менамояд, ки «Дар нахустин рузҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои ҳифзи тамомияти арзии давлат ҳам яке аз вазифаҳои аввалиндарачаи мо буд, зеро дар он рӯзҳои мудҳиш баъзе аз неруҳои дохилӣ ва хориҷӣ аллакай нақшаи тақсими Ҷумҳурии Тоҷикистони ягона ва аз таркиби кишвари мо ҷудо намудани вилояту ноҳияҳои алоҳидаро дар сар доштаанд. Ин хатари ҷидди бо шарофати ваҳдату ҳамдилӣ ва дастгирии мардуми шарафи кишварамон бартараф гардид» [2, с.10].

Принсипи сохибихтиёрии халқ, ки асоси сохти конститутсионӣ мебошад, дар амали гардонидани давлати демократи нақши муасир дорад. Сохибихтиёрии давлат ҳамчун принсипи конститутсионӣ аз соҳибихтиёрии халқ сарчашма мегирад. Соҳибихтиёрии халқ аз конститутсияи сарчашма гирифта дар модда 6 муаян шудааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амали мегардонад. Инчунин дар қисми 4 моддаи 7 оварда шудааст, ки Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст. Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои маъмурию

ҳудудиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд[1].

Чӣ тавре, ки А.И. Имомов қайд менамояд соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз падидаи ҳуқуқӣ - конститутсионӣ буда бо соҳибихтиёрии халқ зич пайваста мебошад, ва дар натиҷаи амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии миллӣ ташаккул меёбад. Дар хусуси соҳибихтиёрии давлатӣ мазмун, таъинот ва шаклҳои таҷассуми он дар илми ҳуқуқшиносӣ фикру мулозиҳаи мухталиф мавҷуданд. Ҳанӯз дар аввали асри XX олими рус Палиенко. И. навишта буд, ки “Соҳибихтиёрӣ ҳамчун хислату хусусияти ҳокимият аст, ки вобаста ба ин он ҳокимияти олӣ ва мустақили ҳуқуқӣ мебошад”. Ӯ мегуфт, ки “Соҳибихтиёрӣ - на худи ҳокимияти давлатӣ, балки фақат хусусияти муайяни он, ки вобаста ба ин ӯ ҳокимияти олӣ ва мустақили ҳуқуқӣ мебошад”[7, с.222].

Аммо бори нахуст мафҳуми соҳибихтиёриро Ж. Бодин пешниҳод карда, сохибихтиёриро ҳамчун бартарии сиёсии ҳокимияти давлатӣ дар қаламрави тамоми кишвар муайян кардааст, ки онро ғайр аз қонунҳои табии маҳдуд намекунад [5, с.689-695].

Ҳамзамон А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд, ки фазои андешаи илмӣ, динӣ ва сиёсии кишвар дар давраи баъд аз сулҳу субот новобаста аз сулҳу суботи ҷомеа, хеле пуртазод ва мухталиф буда, роҳи ояндаро бо душворӣ ҷустуҷӯ менамуд. Ба ин мушкилиҳо масоилҳои мухталифу ҳалталаби ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва динӣ, зери таъсири унсурҳои дохилию хориҷӣ бор зам менамуданд[13, с.14-25].

Дар ҳамин мазмун М.Г. Амиров ибрози ақида менамояд, ки мафҳуми сохибихтиёрӣ аз ҷиҳати моҳият ва характери худ як категорияи сиёсию ҳуқуқӣ ва аниқтараш категорияи давлатию ҳуқуқӣ буда, соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ иқтисодӣ, идеологи, иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад ва инъикос мекунад. Ҳангоми таҳлили ақидаҳои маъмул дар бораи истиқлолияти давлатӣ ва мафҳумҳои консепсияи он, ки мактабҳои гуногуни ҳуқуқии давлатӣ таҳия кардаанд, наметавон дид, ки маънои умумӣ ва мазмуни соҳибихтиёрии давлат дар аксари ҳолатҳо, сарфи назар аз тафовути ҷиддии тафсири ин масъала, аз як тараф, дар ниҳояти кор ба волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили мамлакат нисбат ба ҳамаи дигар ҳокимияти иҷтимоие, ки дар ҳудуди он мавҷуданд, иттиҳодияҳои гуногуни шаҳрвандон, инчунин нисбат ба худи шаҳрвандон меояд, аз тарафи дигар бо мустақилияти ҳокимияти давлатӣ берун аз ҳудуди мамлакат, дар муносибат бо дигар мақомотҳои сохибихтиёри давлатӣ алоқамананданд[4, с.21].

Инчунин З.Ализода қайд менамоянд, ки ба вуҷуд овардан, нигоҳ доштану таҳкими ризоияти ҷомеа, ки асоси ваҳдат, ягонагӣ, сарҷамъӣ ва муттаҳидии ҷомеа мебошад, яке аз ҳадафҳои асосии давлат ҳисобида мешавад. Ҳамчунон ризоияти ҷомеа, ки натиҷаи он ваҳдат аст, заминаи асосии сулҳу субот, қонунияту тартибот ва рушди устувори ҷомеа мебошад. Ризоияти ҷомеа ва ваҳдат омиле мебошад, ки ба ҳама ҷомеаҳо марбут буда, ҳамеша ҷомеаро ҳамроҳӣ менамоянд. Аз ин ҷо, ваҳдати ҷомеа яке аз қонунмандии он мебошад. Ва дар он ҷомеаҳое, ки ризоияти ҷамъиятӣ ва ваҳдати миллӣ барқарор аст, дар он ҷо оромию осудагии аҳолӣ, суботу рушди ҷомеа ва қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ҳукумрон мебошад, ки ин мақсаду мароми ҳар як ҷомеа ва давлат мебошад. Ҳадафу мақсадҳои созандаи ҷомеа ва давлат низ маҳз ба ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ вобаста аст. Маҳз дар фазои сулҳу субот, оромию тинҷӣ ва қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ин мақсадҳои ободкорию созандагии ҷомеаю давлат амалӣ мегарданд[3, с.57-60].

Ба гуфтаи В.Г. Вишняков «Соҳибихтиёрии давлат якчанд унсурҳоро дар бар мегирад - на танҳо қаламрави, балки ягонагии моликият, шаҳрвандии ягона, давлати ягона ҳокимият, буҷети ягона ва андоз ва ғайра» [6]. Соҳибихтиёрии давлат на танхо ба масъалаҳои ҳудудӣ, балки ба дигар соҳаҳои низоми ягонаи давлатӣ низ дахл дорад.

И.А Умновой қайд менамояд, ки дар бораи ки тафсири соҳибихтиёрии давлат барои ба мазмуни он дохил шудани ягонагии низом ҳокимияти давлатӣ, ҳудуди ягона, инчунин ягонагии конститутсионӣ ва ҳуқуқии низомҳо асос медиҳад. Ҳамин тариқ, мазмуни мафҳуми

«ягонагии давлат» дар низоми дигар принсипҳо муайян мешавад. Дурусттар ба назар мерасад, ки якпорчагии давлатро як хусусияти сифатии давлатдорӣ фаҳмидан, дараҷаи тараққиёти онро инъикос менамояд [11, с.107-108].

Дар ин замина В.И. Червонюк чунин мешуморад, ки соҳибихтиёрии давлат аст хосияте, ки мавҷудияти устуворро тавсиф мекунад муносибатҳои байни шаҳрвандон ва давлат, ягонагии ҳокимият дар тамоми ҳудуди (давлатии) он ва тамомияти арзиро муайян мекунанд [8].

Идеяи асосии назарияи классикии соҳибихтиёрии давлатӣ ин ҳокимияти пурраи давлат дар шакли ҳокимияти олии он мебошад, ки сатҳи ягонаи олии қабули қарорҳои дорои аҳамияти умумидавлатиро ифода намуда, тамоми ваколатҳои давлатро дар табиати соҳибихтиёри он мутамарказ мекунад. Вобаста ба шакли давлат ҳокимияти олӣ метавонад аз як ё якчанд мақомоти олӣ иборат бошад.

Дар хусуси соҳибихтиёрии собиқ ИҶШС ва соҳибихтиёрии субъектони он бисёр олимони шӯравӣ таваққӯф карда буданд. Профессор Д. Л. Златополский навишта буд, ки "Соҳибихтиёрии ИҶШС хусусияти давлати шӯравӣ мустақилона ва новобаста аз ҳокимияти давлатҳои дигар, мувофиқи иродаи халқ вазифаҳои худро дар дохили давлат ва берун аз он, дар алоқаҳои байналмилалӣ ба амал баровардан аст". Профессор А.И. Лепёшкин мегуфт, ки "Соҳибихтиёрии давлат - хусусияти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки вобаста ба он олӣ, мустақил ва соҳибистиқлол аст". Соҳибихтиёрии давлатро ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ шуморида, проф. В.С. Шевсов навишта буд, ки соҳибихтиёрии давлат гуфта волоият ва истиқлолият, яъне хосиятҳои соҳибихтиёронаи ҳокимияти давлатӣ, ки моҳияти сиёсию ҳуқуқии онро ифода мекунад ва дар шахсҳои хос дар фаъолияти дохилӣ ва сиёсии хориҷии давлат инъикос меёбад, фаҳмида мешавад[7, с.222].

М.Ориу муътақид аст, ки соҳибихтиёрии сиёсиро метавон ба миллат, яъне афроди дар ҳокимият ширкаткунанда ва соҳибихтиёрии ҳуқуқиро метавон ба мардум мансуб кард, ки ин на хости ҳокимият, балки иродаи шаҳрвандӣ бо натиҷаи он аст[9, с.49].

Тибқи таълимоти К.Шмитт, соҳибихтиёрӣ на ба мафҳуми устувори ҳуқуқӣ, балки танҳо ба ҳолати фавқулоддае меояд, ки дар он давлат метавонад пайдо шавад ва онро бо ҳуқуқи давлат пайваст кунад[14, с.336].

Истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ барои ҳаёт ва фаъолияти ҳар як давлат аҳамияти калидӣ доранд. Давлат ҳудудро ҳамчун ҷузъи ташкилоти давлатӣ, шарти табиии зарурии мавҷудияти он, шарти моддии ҳаёти ҷамъиятӣ дар давлат ташкилшуда пешбинӣ мекунад. Ҳар як давлат ба муайян кардани ҳудуди берунии қаламрави худ манфиатдор аст ва барои таъмини қаламрави он на танҳо аҳамияти ҳуқуқии байналмилалӣ, балки аҳамияти ҳуқуқии дохилии давлатӣ низ дорад.

Соҳибихтиёрии халқ дар соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллат таҷассум меёбад. Халқи Тоҷикистон давлати худро барои татбиқи соҳибихтиёрӣ ҳуқуқдор менамояд. Дар натиҷа ҳокимияти давлатӣ соҳибихтиёр гардида хусусиятҳои ба худ хос пайдо мекунад. Асоси иҷтимоии соҳибихтиёрии халқ ба соҳибихтиёрии давлат як буда, аз ҳамдигар ҷудонашванда мебошанд. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии давлат шаклҳои гуногуни таҷассуми соҳибихтиёрии ягона аст. Соҳибихтиёрии давлат шакли ҳуқуқӣ - конститутсиони амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии халқ буда, бо ин сабаб ҳокимияти давлатӣ чунин хислатҳои хусусиятнок ба монанди ҳокимияти олӣ, ваҳдати он ва истиқлолият дар муносибат бо дигар давлатҳоро пайдо мекунад[7, с.223].

Соҳибихтиёрии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки давлат самтҳои асосии сиёсати дохилӣ - роҳу усулҳои тараққиёти худро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра, дар сиёсати хориҷӣ тарзу усулҳои муносибат бо давлатҳои хориҷӣ ва умуман ҷомеаи ҷаҳониро мустақилона муайян менамояд. Нисбат ба соҳибихтиёрии халқ чунин гуфтан мумкин аст, ки халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ буда, ҳокимияти худро бевосита (дар раъйпурсӣ ва интихобот) ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Мафҳуми халқ дар қисми сеюми

моддаи 6 Конститутсия шарҳ дода шудааст, ки тибқи он тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон сарфи назар аз миллаташон халқи Тоҷикистон ҳисоб меёбанд. Соҳибихтиёрии халқ боз дар он ифода меёбад, ки аз номи вай танҳо Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тамоми шаҳрвандон бо тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мекунанд, яъне вай ба мазмуни пуррааш вакили олии халқ маҳсуб мешавад. Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ халқ тавассути овоздиҳии умумихалқӣ интихоб менамоянд. Маҷлиси Олӣ бошад, мақоми олии ҳам намояндагӣ ва ҳам қонунгузор аст. Раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ аст. Конститутсия халқи Тоҷикистонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намуда, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста ба миллат муттаҳид сохта, онро ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад, (моддаи 6).

Қайд намудан зарур аст, ки соҳибихтиёрии давлатӣ бо чунин унсурҳо асос меёбад:

- волоияти қонун;
- соҳибҳуқуқии халқ;
- таҷзияи ҳокимият;
- баробарҳуқуқӣ.

Илми ҳуқуқшиносӣ дар радифи соҳибихтиёрии халқ боз ду навъи дигари соҳибихтиёрӣ - соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллиро эътироф мекунад. Соҳибихтиёрии давлат дар волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили давлат ва истиқлоли пурраи он дар муносибатҳои беруна ифода меёбад. Ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар шакли пурраашон дар қаламрави давлат амал карда, ҳеҷ гуна дахолати мамлакатҳои хориҷиро намепазирад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ низ давлат тобеи иродаи давлатҳои хориҷӣ намегардад. Соҳибихтиёрии давлат пурра ва бидуни истисно зоҳир мешавад ва он нишонаи сифатии ҳар гуна давлат буда, моҳияти сиёсию ҳуқуқии давлатро ифода мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳамаи ин нишонаҳои номбурда аст ва метавон гуфт, ки соҳибихтиёрии давлат дар шакли пурра ва бидуни истисно вуҷуд дорад[10].

Тӯли 32 соли соҳибихтиёрӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо асосҳои ташаккули давлатдории миллии худро ташаккулу мустаҳкам гардонид, балки дар арсаи байналмилалӣ низ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути чандин пешниҳод ва ташаббусҳои созандаю сулҳоваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обрӯву нуфуз ва эътибори калонро соҳиб гардид. Дар қисми 3 моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки муҳимтарин хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатӣ ин:

- Волоияти ҳокимияти давлатӣ нисбат ба дигар мақомоти иҷтимоии дохили кишвар;
- Истиқлолияти давлат нисбат ба дигар давлатҳои соҳибихтиёрӣ берун аз он.

Дар ҷаҳони муосир масъалаи маънои истиқлолият на танҳо барои як давлати алоҳида, балки барои иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, ки на танҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлат, сохибихтиёрии худи давлат, балки барои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дахл доранд, муҳимтарин аст.

Муқаррарот дар бораи он, ки сохибиҳтиёрии давлатӣ танҳо ба тамоми давлат тааллуқ дорад, на ба қисмҳои алоҳидаи он ё падидаҳои аз он, аз ҷумла ба ҳокимияти давлатӣ тааллуқдошта, дар қонунҳои асосӣ - конститутсияҳои як қатор давлатҳои ҳозира ба таври қонунӣ мустаҳкам карда шудааст. Зиёда аз ин, ҳам дар шакли нишон додани бевоситаи моликияти соҳибихтиёрии давлатӣ ин ё он давлат ва ҳам дар шакли бавосита намояндагӣ - бо нишон додани характери хоси сохибихтиёрии давлатӣ аз сохибихтиёрии тамоми халқ сурат мегирад[4, с.21].

Ҳамин тариқ мафҳуми соҳибихтиёрии давлат ин яке аз соҳибихтиёрии халқ аст, ки аз соҳибҳуқуқӣ ва соҳибдавлатӣ сарчашма гирифта фарогирандаи соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ башумор меравад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Олимзода Д.А.**

## ЗНАЧЕНИЕ, СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СУВЕРЕНИТЕТА КАК КОНСТИТУЦИОННОГО ПРИНЦИПА

***Ключевые слова:*** понятие; сущность; суверенитет; закон; конституция; государство; форма; граждане; вопрос; Республика Таджикистан; развитие; гарантия; защита; роль.

***Аннотация:*** Исследование данной темы имеет большое теоретическое и практическое значение, поскольку многие вопросы, связанные с суверенитетом и обеспечением территориальной целостности, считаются обязанностью государства.За 32 года суверенитета Республика Таджикистан не только сформировала и укрепила основ своей национальной государственности, но и на международной арене в качестве самостоятельного субъекта международного права, посредством ряда предложений и конструктивных и мирных инициатив Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистане Эмомали Рахмон приобрел большой авторитет и влияние. Часть 3 статьи 7 Конституции Республики Таджикистан гласит, что государство обеспечивает суверенитет, независимость и территориальную целостность Таджикистана. Запрещаются пропаганда и сепаратистские действия, подрывающие единство государства.

***Султонзода Тоджиддин Саиджамол*** **-** соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: t.sultonzoda1991@bk.ru, Тел.: (992) 980-01-00-00.

## MEANING, ESSENCE AND CONTENT OF STATE OWNERSHIP AS A CONSTITUTIONAL PRINCIPLE

***Keywords:*** concept; essence; sovereignty; law; constitution; state; form; citizens; issue; Republic of Tajikistan; development; guarantee; protection; role.

***Annotation:*** The study of this topic is of great theoretical and practical importance, because many issues related to sovereignty and ensuring territorial integrity are considered the duty of the state. During the 32 years of sovereignty, the Republic of Tajikistan not only formed and strengthened the foundations of its national statehood, but also in the international arena as a an independent subject of international law, through several proposals and constructive and peaceful initiatives of the Founder of national peace and unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, gained great prestige and influence. Part 3 of Article 7 of the Constitution of the Republic of Tajikistan states that the state ensures the sovereignty, independence and territorial integrity of Tajikistan. Propaganda and separatist actions that undermine the unity of the state are prohibited.

***Sultonzoda Tojiddin Saidjamol*** **-** applicant at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: t.sultonzoda1991@bk.ru, Tel.: (992) 980-01-00-00.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе. “Ганҷ-нашриёт”.2018.-436с.
3. Ализода З. Нақши ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ дар таъмини сулҳу субот ва рушди ҷомеа ва давлат. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон Маҷаллаи илмӣ-амалӣ № 3 (07) 2017. С. 57-60.

4. Амиров М.Г. Соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Россия ҳамчун принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мавзуи диссертатсия ва автореферат аз рӯи 12.00.02, номзади илмщои ҳуқуқшиносӣ Амиров Магомед Газимагомедович. Москва 2004 г. 21с.

5. Баден Ж. Шаш китоб дар бораи давлат 1576 // Антологияи афкори сиесии ҷаҳонӣ: В 5 т. Т. 2 М. 1999 689 – 695с.

6. Вишняков В.Г. Оид ба масъалаи мафҳумҳои “худуд”, “яъне тамомияти арзӣ”, “худмуайянкунии халқҳо” дар Конститутсияи Федератсияи Россия // Ҳокимияти намояндагӣ: мониторинг, таҳлил, иттилоот, 1997. – №1(18).

7. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 389с.

8. Ҳуқуқи конститутсионӣ. Фарҳанги энсиклопедӣ // зери таҳ. Червонюка В.И. – М.: Адабиёти ҳуқуқӣ, 2002. – 394с.

9. Ориу М. Асосҳои ҳуқуқи омммавӣ - М. 1929 – 572с.

10. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. -Душанбе: Шарқи озод. 2009. -.417с.

11. Умнова И.А. Асосҳои конститутсионии федерализми муосири Россия: дастури таълимӣ ва амалӣ – М.: Дело, 1998. – с.107-108.

12. Фарҳангӣ истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе: Эр-граф, 2004. 600с.

13. Холиқзода А.Ғ. Истиқлолияти давлатӣ ва мушкилиҳои истиқлолияти фикрӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. №2(02).2016. С.14-25.

14. Шмитт К. Теологияи сиёсӣ. Чор боб дар бораи доктринаи соҳибихтиёрӣ. М.: - Канон – Пресс – Ц. 2000. 336с.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://mmk.tj (дата обращения: 13.10.2022). - 32 с.

2. Эмомали Рахмон. Горизонты независимости. – Душанбе. «Гяндж-нашрёт». 2018. – 436 с.

3. Ализода З. Роль общественного согласия и национального единства в обеспечении мира, стабильности и развития общества и государства. Политология и права человека Научно-практический журнал №3 (07) 2017. С. 57-60.

4. Амиров М.Г. Суверенитет и территориальная целостность России как конституционно-правовые принципытема диссертации и автореферата по 12.00.02, кандидат юридических наук Амиров, Магомед Газимагомедович. Масква 2004 г.21с.

5. Баден Ж. Шесть книг о государстве 1576 // Антология мировой политической мысли: В 5 т. Т. 2 М. 1999 689 – 695с.

6. Вишняков В.Г. К Вопросу о понятиях «территория», «территориальная целостность», «самоопределение народов» в Конституции Российской Федерации // Представительная власть: мониторинг, анализ, информация, 1997. – №1(18).

7. Имомов А.И. Конституционное право Республики Таджикистан. / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 389с.

8. Конституционное право. Энциклопедический словарь // под ред. Червонюка В.И. – М.: Юридическая литература, 2002. – 394с.

9. Ориу М. Основы публичного права - М. 1929 – 572с.

10. Научно-популярное толкование Конституции Республики Таджикистан. [Матн]. - Душанбе: Шарки озод. 2009. -.417с.

11. Умнова И.А. Конституционные основы современного российского федерализма: учебно-практическое пособие – М.: Дело, 1998. – с.107-108.

12. Толковый словарь юридических терминов. Душанбе: Эр-граф, 2004. 600с.

13. Холикзода А.Г. Государственная независимость и проблемы интеллектуальной независимости. Политология и права человека Научно-практический журнал. №2(02).2016. С.14-25.

14. Шмитт К. Политическая теология. Четыре главы к учению о суверенитете. М.: - Канон – Пресс – Ц. 2000. 336с.

**List of literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994, as amended on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. [Electronic resource]. Access source: URL: http://mmk.tj (access date: 10/13/2022). - 32 p.

2. Emomali Rahmon. Horizons of independence. - Dushanbe. “Ganja will be found.” 2018. – 436 p.

3. Alizoda Z. The role of public harmony and national unity in ensuring peace, stability and development of society and the state. Political science and human rights Scientific and practical journal No. 3 (07) 2017. pp. 57-60.

4. Amirov M.G. Sovereignty and territorial integrity of Russia as constitutional and legal principles topic of the dissertation and abstract for 12.00.02, candidate of legal sciences Amirov, Magomed Gazimagomedovich. Maskva 2004. – 21p.

5. Baden J. Six books about the state of 1576 // Anthology of world political thought: In 5 volumes. T. 2 M. 1999 689 – 695 pp.

6. Vishnyakov V.G. On the Question of the concepts of “territory”, “territorial integrity”, “self-determination of peoples” in the Constitution of the Russian Federation // Representative power: monitoring, analysis, information, 1997. – No. 1 (18).

7. Imomov A.I. Constitutional law of the Republic of Tajikistan. / A.I. Imomov. – Dushanbe: Oli Somon, 1997. – 389 p.

8. Constitutional law. Encyclopedic Dictionary // ed. Chervonyuk V.I. – M.: Legal literature, 2002. – 394 p.

9. Oriu M. Fundamentals of public law - M. 1929 – 572 p.

10. Popular scientific interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. [Matn]. - Dushanbe: Sharki ozod. 2009. -.417p.

11. Umnova I.A. Constitutional foundations of modern Russian federalism: educational and practical manual - M.: Delo, 1998. - pp. 107-108.

12. Explanatory dictionary of legal terms. Dushanbe: Er-graf, 2004. 600 p.

13. Kholikzoda A.G. State independence and problems of intellectual independence. Political science and human rights Scientific and practical journal. No. 2(02).2016. P.14-25.

14. Schmitt K. Political theology. Four chapters on the doctrine of sovereignty. M.: - Kanon - Press - Ts. 2000. 336 p.



УДК: 342.7

**Бобоев Фируз Абдунасимович,**
*начальник отдела правовой информации и систематизации Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: mr.boboev.firuz@mail.ru*
*Тел.: (+992) 988-94-33-95.*

# НОРМАТИВНО-ПРАВОВАЯ ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРАВОСОЗНАНИЯ ГРАЖДАН В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** Конституция; правосознания; гражданин; законодательства; права человека; информация; ценность; политика.

***Аннотация:*** В данной статье рассматривается формирование конституционного правосознания путем нормативно-правовых актов. Конституция Республики Таджикистан как фундаментальный источник формирование правосознание граждан и наряду с ним, другие нормативно-правовые акты, которые вытекают из Конституции и играют важнейшую роль и можно сказать что являются фактором повышение правосознания. Также, проанализированы научные и практические подходы формирование конституционного правосознания в Республики Таджикистан.

Рассматривая ценностно-идеологическое воздействие Конституции Республики Таджикистан 1994 года на сознание людей, необходимо отметить, что оно коренным образом отличается от идеологического воздействия всех ранее действовавших таджикских конституций. На наш взгляд, следует согласиться с мнением, что основной целью принятия Конституции и одновременно условием ее реальности, является достижение в государстве общественного согласия на основе определенных принципов и ценностей.

Конституция занимает особое место в системе нормативных правовых актов. Особенности текущего момента, существенные изменения в праве и правосознании, происходящие в Республики Таджикистан, новый конституционный строй, становление конституционализма как науки в новом концептуальном видении, делают данное исследование насущной потребностью нашего времени [1, с.3].

Конституция как нормативный акт оказывает воздействие на поведение человека, участвует в формировании его мировоззрения, убеждений, жизненных принципов и установок, чувств и эмоций. Конституция провозглашает и защищает основные права и свободы личности, гарантирует политическую, экономическую свободу для реализации потенциала личности, оказывает воздействие на многие стороны жизни граждан и государства, формирует конституционное правосознание, отношение к государству и праву [5, с.14].

Однако демократическое общество плюралистично по своей природе, так как в нем сосуществуют различные или даже несовместимые, конфликтующие идеи, ценности, доктрины политического, экономического, религиозного и иного характера, представляющие интересы различных социальных групп. Поэтому основная задача Конституции в процессе формирования конституционного правосознания граждан состоит не в отражении идеологии какой-либо партии или класса, социальной или иной общности, а в закреплении определенных всеобъемлющих общедемократических мировоззренческих ценностей, оказывающих влияние на сознание и поведение людей, и в конечном счете, способствующих формированию у них демократического мировоззрения, политической

и конституционной культуры, социально-правовой активности.

Базовой ценностью таджикского общества, основополагающим принцип функционирования государственной власти должны являться права и свобод, человека. Идея общечеловеческих ценностей, выработанная опытом многих поколений людей, была воспринята Конституцией РТ. Эта идея нашла свое воплощение в ст.5, которая закрепила человека, его права и свободы в качестве высшей ценности; в ст. 6, закрепившей принцип народного суверенитета; в ст. 14, характеризующей основные права и свободы человека в качестве неотчуждаемых и принадлежащих каждому от рождения и во многих других статьях Конституции РТ, закрепивших демократические институты [2].

Однако без правосознания осознание закрепленных в Конституции положений невозможно. Переживания, реакции, эмоциональные составы, убеждения и прочие элементы психики, создающие мотивы поведения, выступают прямым регулятором поступков людей. Бесчисленные официальные правоположения, узаконенные разными способами, обречены бездействовать, если человек не мотивирован следовать им [6, с. 17].

При рассмотрении структуры конституционного правосознания, а точнее, его идеологического компонента, отмечалась важность наличия у человека знаний конституционно-правовых норм, среди которых ведущая роль принадлежит нормам Основного Закона. По уровню и качеству этих знаний можно судить о степени правовой информированности граждан в сфере конституционно-правового регулирования общественных отношений. Уровень правовой информированности граждан в этой области играет важную роль в процессе формирования у них конституционного правосознания. С другой стороны, сама правовая информированность является результатом информационного воздействия конституционного законодательства на сознание людей. А как справедливо отмечает Ю.В. Кудрявцев, «информационное воздействие права предшествует его непосредственному воплощению (или не воплощению) в реальное поведение» [3]. Необходимо отметить, что в отличие от текущего законодательства информационное воздействие Конституции РТ отличается наибольшей результативностью. Это связано с имеющимися у Конституции определенными особенностями, юридическими свойствами, характеризующими ее в качестве основы действующей правовой системы (высшая юридическая сила, прямое действие, повышенная стабильность и другие). К тому же, именно Конституция закрепляет наиболее важные, основополагающие начала общественной и государственной жизни. Эти свойства, характеристики Конституции обуславливают стабильность, устойчивость, фундаментальный характер содержащейся в ней информации, и, соответственно, существенно увеличивают возможности ее аккумуляции, использования, передачи, повышая эффективность ее восприятия и усвоения.

Массовое сознание людей не должно мириться с произволом, коррупцией, таким состоянием правовой системы и общественной морали, которую именуют понятием «беспредел». Основами формирования здорового нравственного и правового сознания граждан является социальный мир, гражданское согласие, повышение благосостояния народа, расширение материальных гарантий прав человека. Одной из важнейших составных частей всей работы по искоренению произвола, нигилизма, социальной апатии являются активные меры по правовому воспитанию граждан.

Воспитание правосознания находится в органической связи с началами нравственности, демократического сознания всех граждан, связано с процессом повышения культуры общества, человека, обретения им достоинства, свободы и справедливости. В духовной жизни нашего общества за последние годы возросло неприятие идей социально-утопического сознания. Однако актуальными являются вопросы соотношения законности и свободы личности, прав человека и его гражданской ответственности, развития демократии. Очевидно, что демократия, законность, права человека несовместимы с анархией,

вседозволенностью, произволом. Свобода человека в ее нравственных и правовых формах означает такой вариант поведения лица, в которых реализация его здоровых, разумных и благородных интересов сочеталось бы с уважением интересов других людей, общества, государства.

Естественно, что воспитание правосознания начинается с усвоения нравственных ценностей, норм в семье, школе, в духовном общении. В наблюдениях над жизнью, размышлениях о нормально протекающих событиях, бытовых и социальных конфликтах, связанных с нормами права, юридическими оценками, утверждаются правовые представления, взгляды, развиваются чувства молодых граждан. В правовом воспитании большая роль принадлежит художественной литературе, средствам массовой информации. Воспитание в духе права, законности не ограничивается правовым просвещением, формированием позитивного отношения к закону, праву, а находит свое завершение в правовой активности личности, в ее правовой культуре. Правовая культура личности выражается в овладении ею, основами юридических знаний, в уважении к закону, праву, в сознательном соблюдении норм права, в понимании социальной, юридической ответственности, в непримиримости к правонарушениям, в борьбе с ними. Знание гражданами своих прав, свобод, а также обязанностей перед государством и обществом является составной частью правовой культуры.

Развитие правового сознания гражданина, общества способствует преодолению отсталых взглядов, отклоняющегося поведения людей, предотвращению случаев произвола и насилия над личностью. Внесение научно-обоснованных, взвешенных правовых представлений, взглядов в сознание граждан, борьба с преступностью являются предпосылками укрепления законности и правопорядка, без чего невозможно построить гражданское общество и правовое государство.

Информационное воздействие Конституции на сознание людей не только способствует формированию у них определенной суммы знаний конституционных предписаний, но и ориентирует их в сложной системе правовых явлений, закладывает основы для понимания принципов таджикской правовой системы в целом, конкретных правовых предписаний текущего законодательства и неуклонного их выполнения. Восприятие и усвоение правовой информации, содержащейся в Конституции, перевод ее в состояние внутренних убеждений повышают уровень правовой компетентности личности, стимулируют ее социально-правовую активность, что, конечно же, положительно сказывается на эффективности конституционного регулирования общественных отношений и, в конечном счете, на укреплении в Таджикистане конституционного строя.

Рассматриваемая правовая информация находит свою реализацию, выражающуюся в ее восприятии людьми, через различные каналы. Граждане получают знания, сведения конституционного характера из многих источников, среди которых определяющая роль принадлежит средствам массовой информации. К сожалению, ознакомление с содержательной стороной конституционных предписаний осуществляется гражданами не в результате самостоятельного, непосредственного изучения Конституции, а в результате общения в коллективе, под воздействием разъяснения содержания конституционных предписаний должностными лицами, зачастую неверно их интерпретирующими. А это уже восприятие не информации, содержащейся в конституционных нормах, а осведомительной, справочной информации о конституционных положениях. Последняя же зачастую приводит к формированию у человека ложных представлений о конституционно-правовых явлениях. Отсюда важность всестороннего изучения гражданами непосредственно положений Основного Закона. Полученные в результате знания характеризуют не только уровень конституционного правосознания, но и в целом состояние правовой культуры таджикских граждан.

Восприятие человеком ценностно-идеологических установлений, закрепленных в Конституции РТ, информации, содержащейся в

ее положениях, далеко не всегда приводит к формированию, необходимых для правомерного поведения в рамках конституционно-правовых отношений, конституционных идей, представлений, воззрений, идеологических установок. В литературе справедливо отмечается, что широту идеологического и информационного воздействия правовых норм обеспечивает их нормативность и общеобязательный характер, и именно нормативная природа права позволяет не только довести до сведения граждан, но и сделать всеобщими идеологические положения, установки, нашедшие в нем отражение. Поэтому, на наш взгляд, и в процессе формирования конституционного правосознания граждан необходимо сочетание ценностно-идеологического и информационного воздействия Конституции РТ на сознание человека с ее нормативным воздействием.

Нормативное воздействие Конституции РТ на сознание человека, на наш взгляд, заключается в, создающем наиболее благоприятные социальные условия для его правового развития, конституционном урегулировании общественных отношений. Это достигается путем нормативного закрепления политических, экономических и правовых основ формирования и совершенствования конституционного правосознания личности.

Политические основы формирования конституционного правосознания граждан сформулированы в статьях Конституции РТ. Однако определяющим конституционным положением в этом плане является признание единственным источником власти и носителем суверенитета народа, осуществляющего свою власть как непосредственно (через референдум и свободные выборы), так и через органы государственной власти и местного самоуправления (ст. 6 Конституции РТ). Данные положения лежат в основе всей политической системы Таджикистана и проходят сквозной идеей через все конституционные нормы ее характеризующие. Так, непосредственное осуществление власти народа, выражающееся в проведении свободных выборов, является исходным принципом организации в Республике Таджикистан всей системы органов государственной власти и местного самоуправления. Основная направленность конституционных положений, характеризующих политическую основу формирования конституционного правосознания, состоит в обеспечении демократического характера таджикского государства, предоставлении таджикам широких возможностей приобщения к политико-правовой сфере жизнедеятельности общества в качестве активных творческих субъектов. Рассматриваемые конституционные положения преследуют цель формирования у граждан политико-правовой активности, навыков грамотного осуществления своих политических прав и свобод, убежденности в необходимости и значимости своего участия в управлении делами государства, отношения к себе и к другим гражданам как к основным субъектам политических и конституционно-правовых отношений.

Важным положением, характеризующим политическую основу формирования конституционного правосознания граждан, и, конечно же, раскрывающим сущность ценностно-идеологического, мировоззренческого воздействия Конституции на их сознание, является ст. 8 Конституции РТ, закрепившая в качестве одной из основ конституционного строя принцип идеологического и политического плюрализма. Этот принцип вытекает из свободы человека выражать свои взгляды, участвовать в политической деятельности и предполагает право отдельного человека или социальной группы свободно разрабатывать, исповедовать и пропагандировать идеи, теории, концепции об экономическом, социальном, политическом устройстве человеческого общества, предлагать практические рекомендации властям и обществу, публично защищать свои взгляды и воззрения и т.д. Принцип идеологического и политического плюрализма, предполагающий формальное равенство идеологий и их организационных форм является необходимым условием конкуренции политизированных структур гражданского общества.

Немаловажную роль в процессе формирования конституционного

правосознания граждан играет ст.1 Конституции РТ, характеризующая Таджикистан как социальное государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека. Основные направления социальной политики государства определены в Конституции РТ.

Политические основы формирования конституционного правосознания необходимо рассматривать в тесной взаимосвязи с экономическими, поскольку политика, социальное развитие и экономика тесно взаимосвязаны и взаимозависимы. Политическая свобода немыслима без экономической организации общества, основанной на свободе участников экономических отношений.

Экономические основы формирования конституционного правосознания нашли свое воплощение в статье 12, 26 Конституции РТ. Однако поскольку исходным моментом конституционного регулирования экономической сферы общественных отношений является собственность, именно ей в Конституции уделено особое внимание. Закрепление множественности форм собственности и их равной защиты (ч. 1, ст.12), возможности нахождения земли и других природных ресурсов в государственной, формах собственности (ст.13), закрепление права использования своих способностей и имущества для предпринимательской и иной, не запрещенной законом экономической деятельности (ч. 2 ст. 12), привело к коренному перелому в правосознании таджикского общества в отношении людей к частной собственности. Это обусловлено тем, что Конституция РТ 1994 года заложила основу для формирования новых рыночных отношений, смешанной экономики, создала необходимые предпосылки для использования в Таджикистане лучших достижений человечества в хозяйственной сфере (рынка, частной собственности, свободного предпринимательства и др.), в отличие от предыдущих конституций, закреплявших административно-командную экономику, основанную на государственном планировании и распределении [2].

Преобразования экономических отношений привели к существенным изменениям во всех сферах жизнедеятельности казахстанского общества, к формированию в сознании большинства граждан новых представлений, воззрений, соответствующих идеалам свободы и гражданского общества. В структуре последнего институт собственности, и в целом экономические отношения, занимает определяющее место. Гражданское общество, рассматриваемое в экономическом аспекте, представляет собой общество цивилизованных рыночных отношений, переход к которым позволит объединить в его рамках свободу и предпринимательство, экономику и демократию [4].

Нормативное воздействие Конституции РТ на сознание человека осуществляется не только путем закрепления политической и экономической систем общества и регулирования соответствующих общественных отношений, но и путем закрепления правовой основы формирования конституционного правосознания личности. Конституционные предписания содержат требования к поведению человека, устанавливают порядок и принципы отношений между личностью, обществом и государством, оказывая при этом воспитательное воздействие на сознание людей. Данный аспект действия Конституции, в первую очередь, выражается в определении целей, принципов и программы правомерного поведения, установлении конкретных прав, свобод и обязанностей человека. Наиболее важными положениями в этом плане являются ст.5 Конституции РТ, закрепившая обязанность государства признавать, соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина, закрепившая, что на территории РТ каждый ее гражданин обладает всеми правами и свободами и несет равные обязанности, предусмотренные Конституцией; ч. 3 ст. 14, ограничивающая осуществление прав и свобод человека и гражданина недопустимостью нарушения прав и свобод других лиц; ч.1 ст.17, закрепившая равенство всех перед законом и судом [2]. Значительную роль в формировании

конституционного правосознания граждан играет тот факт, что в действующей Конституции РТ 1994 года, в отличие от всех предыдущих, огромное внимание уделено закреплению не только политических и социально-экономических, но и личных прав и свобод личности. И, на наш взгляд, важно не то, какой порядковый номер в Конституции имеет глава, посвященная правам и свободам человека, а то, чтобы в конституционном сознании граждан и, в первую очередь, государственных служащих, должностных лиц, политических лидеров, укоренились идеи приоритета прав и свобод человека, верховенства Конституции и права в целом, взаимной ответственности человека и власти и др. Только в этом случае можно говорить о формировании в Таджикистане правового государства и становлении гражданского общества.

Конституционные нормы, устанавливающие конкретные права, свободы и обязанности человека и гражданина, определяют стратегию и тактику, социальную значимость правомерного поведения, способствуют формированию позитивной правовой ориентации личности. На формирование конституционного правосознания личности оказывают влияние не только правоустановительные, но и гарантирующие конституционные нормы.

Значительное влияние на процесс становления и совершенствования конституционного правосознания граждан оказывают конституционные положения, характеризующие организацию и осуществление власти в РТ. К ним, в первую очередь, относятся ст.9, закрепившая принцип разделения властей и др.

Однако наибольшее влияние на сознание и поведение человека призвана оказывать ч.1 ст. 42 Конституции РТ, содержащая требование соблюдать Конституцию и законы, предъявляемое к гражданам и их объединениям. Предъявление подобного требования есть ни что иное, как закрепление принципа законности. Нас же, в рамках настоящего исследования, в большей степени интересует проблема конституционной законности, являющейся высшим звеном законности в целом. Если законность в целом требует соблюдения всех законов, то конституционная законность - только Основного Закона, предполагая его высшую юридическую силу. Однако хотелось бы отметить, что в Конституции не указано, что соблюдать нормы основного закона должны не только граждане, но и все государственные органы власти, органы местного самоуправления.

Таким образом, не останавливаясь подробно на проблеме понятия конституционной законности, отметим, что, на наш взгляд, она представляет собой строгое, неуклонное соблюдение и исполнение Конституции всеми органами государственной власти, органами местного самоуправления, должностными лицами, гражданами и их объединениями.

Связь конституционной законности и конституционного правосознания довольно сложна, так как, с одной стороны, неукоснительное соблюдение предписаний Конституции зависит от уровня развития последнего, с другой - конституционная законность целенаправленно воздействует на правосознание и поведение личности. Конституционное закрепление принципа законности является условием формирования у человека идеи конституционной законности и соответствующего правового чувства. На основе вышеизложенного можно сделать вывод, что нормативное воздействие Конституции РТ на сознание и поведение личности можно рассматривать только как единство, закрепленных ею политических, экономических и правовых основ формирования конституционного правосознания граждан.

**Рецензент: д.ю.н., профессор Диноршо А.М.**

## АСОСҲОИ МЕЪЕРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** Конститутсия; шуури ҳуқуқӣ; шаҳрванд; қонунгузорӣ; ҳуқуқи инсон; иттилоот; арзиш; сиёсат.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур ташаккули шуури ҳуқуқии конститутсионӣ тавассути санадҳои меъерии ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи бунёдии ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар баробари он, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз Конститутсия сарчашма мегиранд, нақши муҳим доранд ва метавон гуфт, ки омили баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамчунин, равишҳои илмӣ ва амалии ташаккули шуури ҳуқуқии конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуданд.

***Бобоев Фируз Абдунасимович*** – сардори шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. E-mail: mr.boboev.firuz@mail.ru, Тел.: (+992) 988-94-33-95.

## REGULATORY AND LEGAL BASIS FOR THE FORMATION OF CONSTITUTIONAL LAW-MAKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** Constitution; legal awareness; citizen; legislation; human rights; information; value; politics.

***Annotation:*** This article discusses the formation of constitutional legal awareness through normative legal acts. The Constitution of the Republic of Tajikistan as a fundamental source of the formation of the legal consciousness of citizens and along with it, other normative legal acts that follow from the Constitution and play an important role and can be said to be a factor in raising legal awareness. Also, scientific and practical approaches to the formation of constitutional legal awareness in the Republic of Tajikistan are analyzed.

***Boboev Firuz Abdunasimovich*** - head of the department of legal information and systematization of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: mr.boboev.firuz@mail.ru, Tel.: (+992) 988-94-33-95.

**Список литературы:**

1. Хакимов Ш.К. Конституционное развитие Таджикистана: ретроспектива и перспектива – Душанбе, «Ирфон», 2007 – С. 412.
2. Конституция Республики Таджикистан 1994 г. С изм. и. доп. 1999, 2003, 2016 г.
3. Кудрявцев В.Н. Закон, поступок, Ответственность. - Москва, 1986.
4. Баймаханов М.Т., Аюпова З.К., Ибраева А.С. и др. Становление правового государства и конституционный процесс в Республике Казахстан. - Алматы: КазГЮА, 2001.
5. Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова, №5, 2006, С. 218.
6. Арановский К.В. Конституционная традиция в российской среде. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004, С. 658.

**Руйхати адабиёт:**

1. Ҳакимов Ш.К. Рушди Конститутсионии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо. Душанбе, Ирфон,2007 Саҳ. 412.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 бо тағйиру иловаҳо 1999, 2003, 2016 сол.
3. Кудрявцев В.Н. Қонун, амал, масъулият. Москва, соли 1986.
4. Баймаханов М.Т., Аюпова З.К., Ибраева А.С. ва ғайра. Ташаккули давлати ҳуқуқӣ ва раванди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон. Алмаато: КазГЮА, 2001.

5. Рӯзномаи КГУ бо номи Н.А. Некрасова, No 5, 2006, Саҳ.218.
6. Арановский К.В. Анъанаи конститутсионӣ дар муҳити Росия. Маркази ҳуқуқии Матбуот, 2004, Саҳ.658.

**List of literature:**

1. Khakimov S.K. Constitutional development of Tajikistan: retrospective and perspective – Dushanbe, “Irfon”, 2007 – p. 412.
2. Constitution of the Republic of Tajikistan 1994 With the changes and additions 1999, 2003, 2016.
3. Kudryavtsev V.N. Law, act, Responsibility. - Moscow, 1986.
4. Baymakhanov M.T., Ayupova Z.K., Ibraeva A.S., etc. The formation of the rule of law and the constitutional process in the Republic of Kazakhstan. - Almaty: KazGUA, 2001.
5. Bulletin of the N.A. Nekrasov KSU, No. 5, 2006, p. 218.
6. Aranovsky K.V. Constitutional tradition in the Russian environment. – St. Petersburg: Law Center Press, 2004, p. 658.



**УДК: 342.7**
**Эргашева Шарофат Икромовна**,
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail:* sharofatergasheva97@mail.com
*Тел.:(+992) 927-01-44-02.*

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** таъминоти иҷтимоӣ; сатҳи шоистаи зиндагӣ; сиёсати иҷтимоӣ; кумаки иҷтимоӣ; шароити арзандаи зиндагӣ; нафақа; давлати иҷтимоӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақола роҳу воситаи таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ барои аҳолӣ таҳлил карда шудааст. Заминаҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ карда шудааст. Дурнамои таъминоти аҳолӣ бо кумакпулӣ ва нафақа пешниҳод карда шудаанд. Омили асосии баланд бардоштани сатҳи таъминоти ичтимоии аҳолӣ ин баланд бардоштани иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ таъмини дастрасии мардум ба кумаки ичтимоӣ мебошанд. Барои ба давлати иҷтимоӣ баҳои мусбӣ додани қишри эҳтиёҷманди аҳолӣ чораҳои ҳавасмандкунӣ дар соҳаи тамини нафақа ва кумакпулиҳо мавҷуд бошанд. Механизми махсуси таъминоти иқтимоии аҳолӣ ҷорӣ карда шаванд.

Дар дилхоҳ ҷамъият ашхосе ҳастанд, ки бинобар сабаби беморӣ ё пиронсолӣ қудрати таъминоти иҷтимоии худро надоранд, дар давоми зиндагӣ ба кумаки иҷтимоии давлат ниёз пайдо мекунанд ва ё барои беҳтар намудани шароити зиндагии худ кӯшиш мекунанд. Дар ҳамин ҳолатҳо вазифаи давлати иҷтимоӣ пеш меояд.

Давлат дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ барои инсон ва шаҳрванд таъминоти иҷтимоиро кафолат медиҳад. Зери мафҳуми ҳолатҳои душвори зиндагӣ ҳолате, дар назар дошта мешавад, ки фаъолияти мӯътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки ӯ мустақилона аз он баромада наметавонад. Ба мисоли ҳолатҳои душвори зиндагӣ қонунгузорӣ [2] ҳолатҳои зеринро пешбинӣ кардааст: маъюбӣ; пиронсолӣ; беморӣ; оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории касбӣ; аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ; набудани ҷойи муайяни истиқомат; вобастагии бардавоми рӯҳӣ, оқибати зӯроварӣ ва ё ҳолатҳое, ки ҳаётро зери хатар мегузоранд; ҳолати дигари душвори зиндагӣ.

Давлат ва ҷамъият ашхоси дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордоштаро бе нигоҳубин гузошта наметавонанд. Маҳз барои ҳамин низоми давлатии таъмини онҳо бо манфиатҳои моддӣ аз ҳисоби давлат ва ҷамъият ташкил карда мешавад [12]. Ин низом дар маҷмӯъ бо ибораи "таъминоти иҷтимоӣ" ифода карда мешаванд.

Дар инкишофи назария ва амалияи сатҳ ва сифати таъминоти иҷтимоӣ олимони зиёди давлатҳои хориҷа саҳми худро гузоштаанд. Аз ҷумла олимон Шайхатдинов В.Ш., Истомина Е.А., Дианова И.В., Муравченко В.С Андреев, В.С. Добромыслов К.В., Мачульская Е.Е дар мавзӯи таъминоти иҷтимоӣ бевосита тадқиқоти илмӣ кардаанд. Олимони ватанӣ Сангинов Д.Ш., Шонасрдинов Н., Насирова У.Н., Раҳматов Б.К. бо масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ тадқиқотҳои илмӣ бурдаанд.

Оид ба мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ ақидаҳо хеле зиёданд. Масалан, В.С.Андреев таъминоти иҷтимоиро ҳамчун "маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ ҷиҳати таъминоти шаҳрвандон ҳангоми пиронсолӣ, корношоям шудан, ёрӣ ба модар ва кӯдак, хизматрасонии тиббӣ ҳамчун воситаи асосии сиҳатгардонӣ ва барқароркунии қобилияти меҳнатӣ" маънидод намудааст [11].

Таъминоти иҷтимоӣ на танҳо падохтҳои пулиро дар назар дорад, балки дигар шаклҳоро

низ дарбар мегирад, масалан, ба хонаи кӯдакон, хонаҳои пиронсолон, интернатҳо ҷойгир намудан, хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаҳо низ мафҳуми таъминоти иҷтимоиро пурра мегардонанд. Ҳамаи шаклҳои таъминоти иҷтимоӣ дар як низом муттаҳид карда шудаанд, ки онро низоми таъминоти иҷтимоӣ мегӯянд.

Низоми ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ - ин маҷмӯи институт ва меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки мувофиқи хусусиятҳои хоси муносибатҳои танзимшавандаи бахши таъминоти иҷтимоӣ дар пайдарҳамии муайян ҷойгир шудаанд [13].

Ҳамин тариқ, зери истилоҳи «таъминоти иҷтимоӣ» бевосита ҳамагуна таваккали бо сабабҳои аз инсон вобастанабуда гум кардани воситаи рӯзгузаронӣ фаҳмида мешавад. Лекин кафолати таъминоти иҷтимоӣ ҳанӯз маънои таъмин будан ба кумакҳои иҷтимоиро надорад. Мо бояд мафҳуми таъминоти иҷтимоиро аз мафҳуми таъмин будан ба кумакҳои иҷтимоӣ фарқ карда тавонем. Таъминоти иҷтимоӣ ин фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва худфаъолияти ҷамъиятӣ мебошад, ки барои расонидани кумакҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст. Таъмин будан аз ҷиҳати иҷтимоӣ бошад, ин натиҷаи фаъолияти ҳамин мақомотҳо мебошад.

Дар замони муосир мо ягон давлати дунёро, ки аҳолиашро аз ҷиҳати иҷтимоӣ пурра таъмин намудааст, пайдо карда наметавонем. Албатта ин ҳолат сабабҳои худро дорад. Пеш аз ҳама омилҳои демографӣ. Яке аз омилҳои демографӣ ин дар тамоми дунё кам шудани миқдори таваллуд мебошад. Ин омил ба таври табиӣ кам шудани миқдори қувваи корӣ ва зиёд шудани миқдори шахсони ба таъминоти иҷтимоӣ ниёзманд оварда мерасонад.

Омили дуюм, ки ба таъминоти иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонад, сатҳи иқтисодии давлат мебошад. Ҳар як давлати иҷтимоӣ бо дар назардошти ҳолати иқтисодиаш таъминоти иҷтимоиро дастрас мекунад.

Замони муосир тақозо мекунад, ки мақсади асосии давлати иҷтимоӣ ин таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои инсон ва шаҳрванд бошад. Вобаста ба ин ҳамаи давлатҳои дунё таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба аҳолӣ дастрас намудани кумакҳои иҷтимоиро вазифаи аввалиндараҷаи худ меҳисобанд. Масалан, дар соли 2021 46,9%-и аҳолӣ дар ҳақиқат бо кумаки иҷтимоӣ дастрасӣ доштанд. Боқимонда 53,1%-аҳолии рӯи замин, ки 4,1млрд нафарро ташкил медиҳанд аз ҳамаи намудҳои кумаки иҷтимоӣ маҳрум мондаанд, ки дар ҷадвал нишон дода шудаанд.

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Аҳолие, ки аққалан бо як намуди кумаки иҷтимоӣ таъмин мебошанд | 46,9% |
| 2 | Кӯдакон | 26,4% |
| 3 | Модароне, ки кӯдаки навзод доранд | 44,9% |
| 4 | Шахсони дараҷаи маъюбиашон вазнин | 33,5% |
| 5 | Шахсони дар истеҳсолот ҷабрдида | 35, 4% |
| 6 | Бекорон | 18,6% |
| 7 | Пиронсолон | 77,5% |
| 8 | Шахсони осебпазир | 28,9% |

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҷиҳати муҳими давлати иҷтимоӣ - парастории инсонро инъикос мекунад. Ба ҳар як инсон дер ё зуд кумаки давлатӣ ё ҷамъиятӣ зарур мегардад, ки ба ӯ дар намуди таминоти иҷтимоӣ расонида мешавад. Дар Куръон зарурати кумаки иҷтимоӣ ба факирону ятимон, ахамияти закот аз сарватмандон барои таъмини бенавоён ва дигар самтхои бехдошти хаёти иҷтимоӣ таъкид мешаванд, ки бурҳони аз нигоҳи динӣ ва дунявӣ дастгирӣ шудани ақидаи расонидани кумаки иҷтимоӣ мебошад.

Дар асоси Созишнома «Дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 8-уми декабри соли 1991 [10], Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои иттифоқӣ ба сифати давлати соҳибистиқлол эътироф гардида, бевосита дар банди дуюмаш дар бораи ба шаҳрвандон ҳуқуқи баробар додан кафолат дода шудааст. Аз ҳамин меъёр сарчашма гирифта ҳуқуқи иҷтимоиро низ ҳамаи давлатҳои аъзои

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои шаҳрвандонашон кафолат додаанд. Бо баробари дар Конститутсияи худ мустаҳкам намудани меъёр дар бораи таъминоти иҷтимоӣ принсипи баробариро низ кафолат додаанд.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 39 [1] мустаҳкам кардааст: "Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад." Ҳангоми ба чунин ҳолатҳо гирифтор шудан шахс мустаъқилона худро таъмин карда наметавонад. Ҳамчунин боз ҳолатҳое мавҷуд мебошанд, ки онҳоро Конститутсия ба қонунҳои ҷорӣ ҳавола кардааст. Таъминоти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон асосан дар таъминоти нафақа ва кумакпулиҳо аён мешаванд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар меъёри мазкур аз ҷониби давлат кафолат дода шудани таъминоти иҷтимоӣ зикр карда шавад.

Дар асоси таҳлили қонунгузории Тоҷикистон мо тавонистем, ки низоми танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоиро ба ду институти калон тасниф кунем. Якум ин қонунгузории нафақавӣ ва дуюм ин кумакпулиҳои иҷтимоӣ, ки дар навбати худ ҳар яки онҳоро боз ба зергурӯҳҳои:

А)қонунҳо; Б)барномаю стратегияҳо; В)санадҳои зериқонунӣ (махсусан қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва амру фармонҳои президент) тақсим кардан мумкин аст.

Қонунгузории нафақавии Тоҷикистон аз Конститтсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон(минбаъд Конститутсия) сарчашма мегирад. Гарчанде оиди ҳуқуқи гирифтани нафақа дар Конститутсия бевосита муқаррарот оварда нашудааст, лекин моддаи 39 Конститутсия ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро танзим намудааст. Инчунин дар моддаи 35 ибораи "Ҳар кас ба ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад" истифода шудааст, ки то андозае ҳуқуқ ба таъмини нафақаро низ дар бар мегирад. Лекин дар Конститутсия оиди ҳуқуқ барои гирифтани нафақа бевосита меъёр оварда нашудааст. Бояд гуфт ки дар конститутсияи бисёри давлатҳо меъёр оиди нафақа мустаҳкам карда нашудааст(Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Руссия, Ҷумҳурии Исломии Эрон), дар баъзе давлатҳо бошад, ҳатто давлат барои таъминоти иҷтимоӣ ба худ уҳдадорӣ нагирифтааст(Ҷумҳурии Федералии Олмон,). Дар баъзеи дигар давлатҳо бошад дар бораи таъминоти иҷтимоӣ ба таври васеъ гуфта шуда, аз ҷумла дар бораи нафақа ва синну соли он низ меъёр мустаҳкам карда шудааст(Конститутсияи Озарбайҷон). Дар танзими ҳуқуқии таъмини нафақа ва кумакҳои иҷтимоӣ мавқеи санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, хеле назаррас мебошад.

Ба ҳолати 1 майи соли 2022 теъдоди умумии нафақагирон дар кишвар 756 298 нафарро ташкил намуда, андозаи миёнаи нафақаҳои меҳнатӣ 394,02 сомонӣ, нафақаҳои суғуртавӣ – 302,26 сомонӣ, нафақаҳои иҷтимоӣ 201,52 сомонӣ ва дар маҷмӯъ, андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ ба 320,34 сомонӣ баробар мебошад.

Дар Тоҷикистон қонун фарорасии синни нафақаро барои мардон 63 - солагӣ ва барои занон 58 - солагӣ муқаррар намудааст, ки онро бо собиқаи корӣ (аммо бинобар сабаби шароитҳои махсуси меҳнат ва як қатор дигар асосҳо нафақа метавонад аз синни барвақттар низ таъин гардад) алоқаманд намудааст. Ба мардон ва занони ба синну соли нафақарасида (синни 63-солагӣ барои мардон ва синни 58-солагӣ барои занон), ки собиқаи меҳнатӣ (суғуртавӣ) ба даст наовардаанд ё собиқаи кориашон (суғуртавӣ) барои таъини нафақаҳои меҳнатӣ (суғуртавӣ) кофӣ намебошад, давлат ба онҳо кафолати таъини нафақаи иҷтимоиро пешбинӣ намудааст.

Қонунгузории нафақавӣ ду намуди асосии нафақаро ҷудо мекунад: меҳнатӣ (бо мавҷудияти собиқаи кории муайян алоқаманд аст); иҷтимоӣ (ба пиронсолон ва ғайриқобили меҳнатбудагон ҳангоми набудани ҳуқуқ ба нафақаи меҳнатӣ таъин карда мешавад).

Бояд гуфт, ки субъекти нафақагиранда якбора ҳарду намуди нафақаро гирифта наметавонад. Ба шахсоне, ки дар як вақт ҳуқуқи гирифтани нафақаҳои гуногунро доранд, мувофиқи интихобашон як нафақа таъин карда мешавад. Нафақаи меҳнатиро дар баъзе мавридҳо [7] нафақаи суғуртавӣ низ мегӯянд.

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ гуфта низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад [4]. Бо ибораи дигар, нафақаи меҳнатиро шаҳрванд ҳангоми фаъолияти меҳнатиаш аз ҳисоби маоши соҳибшудааш ҷамъ мекунад. Аз ҳисоби маоши корманд фоизи муайяни музди маош суғурта карда мешавад. Ҳангоми фаро расидани синну соли нафақа бошад давлат нафақаи меҳнатии шаҳрвандро кафолат медиҳад. Албатта ҳангоми таъини нафқаи меҳнатӣ боз якчанд омилҳо ба монанди макон, шароит, вазъияти фаъолияти меҳнатӣ низ ба инобат гирифта мешаванд (масалан кормандоне, ки тамоми рӯзи корӣ дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои шароиташон басо зарарноку вазнин - истеҳсолот, корҳо, касбу вазифаҳо кор мекунанд, пеш аз муҳлат ба гирифтани нафақа ҳуқуқ пайдо мекунанд).

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи (қарордод) меҳнатӣ кор мекунанд, (минбаъд-кормандон) ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад [13]. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, ба нафақаи меҳнатӣ ҳуқуқ доранд.

Намуди дигари нафақа ин нафақаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми шахсоне, ки қобилияти меҳнат надоранд, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоияшон бо шартҳои муайянкардаи ҳамин Қонун ба гирифтани нафақаи иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд.

Нафақаҳои иҷтимоӣ ба шахсоне, ки кор намекунанд (ғайр аз маъюбон аз кӯдакӣ, зеро онҳо қобилияти кор ва фаъолият намудан надоранд), маъюбони гурӯҳҳои I ва II инчунин маъюбони гурӯҳи III, кӯдакон - дар сурати маҳрум шудан аз саробон, кӯдакони маъюби то 18-сола дар сурати надоштани ҳуқуқи нафақаи меҳнатӣ таъин карда ва дода мешаванд. Нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол низ пардохт шуданаш мумкин аст. Мардҳо аз синни 65 - солагӣ ва занҳо аз синни 60 - солагӣ ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоиро пайдо мекунанд.

Кумакҳои унвонии иҷтимоӣ - ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат расонидани кумакҳои пулӣ ё моддиро дар бар мегирад.

Мақсади расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ иборат аст аз:

- мусоидат намудан ба коҳиш додани вазъияти душвори зиндагӣ ва дастгирии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат, ки даромади ҳадди ақаллашон аз меъёри эҳтиёҷот пасттар мебошад;
- муҳайё намудани шароите, ки ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат имконияти баланд бардоштани сатҳи зиндагиашонро фароҳам меорад;
- таҳкими дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ;
- истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ [3].

Тибқи маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ тақрибан 460 000 нафар дар ин ё он шакл кумакпулии молиявӣ мегиранд (масалан кумакпулиҳо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ). Сатҳи афзоиши кумакҳои иҷтимоии унвонӣ ва дастрасӣ ба онҳо умуман дар ҳолати пайдоиш қарор дорад, ки аҳолиро нобаробар фаро гирифтааст. Сатҳи аз ҳама пасти таъминоти чунин хизматрасониҳо дар ноҳияҳои кӯҳистон ба назар мерасад [5].

Дар мамлакат ҳоло ҳам самтҳои мазкур: муайян намудани талабот, хизматрасониҳои расонидани иттилоот ба аҳолӣ, хизматрасониҳои дастгирии оила ва механизмҳои мувофиқи роҳнамоии иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтааст. Дар баъзе

ноҳияҳои дурдаст аҳолӣ ҳатто аз мавҷудият ва дастрасии кумакҳои иҷтимоӣ хабардор нестанд.

Дар асоси талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» [4] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2014, №630 "Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кумакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кумакпулиҳои оилавӣ" [8] қабул гардидааст, ки қоидаҳо ва шартҳои пардохти кумакпулиҳо барои корношоямии муваққатӣ, барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ва кумакпулиҳои оилавиро ба шахсони суғурташуда муайян менамояд.

Агар музди меҳнат барои иҷрои коре, ки корманд ба он гузаронида шудааст, аз музди меҳнат барои кори пештара камтар бошад, кумакпулӣ барои ҳамаи давраи гузариш дар асоси варақаи корношоямӣ, вале на зиёда аз ду моҳ дода мешавад. Музди меҳнат бояд боадолатона дода шавад. Музди беадолатонаи меҳнатӣ вайронкнии дағалонаи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мебошад. Кумакпулӣ аз рӯи қоидаҳои умумӣ ҳисоб шуда, ба андозае пардохт карда мешавад, ки дар якҷоягӣ бо маош барои корҳои иҷрошуда аз музди меҳнати кори пештара зиёд набошад.

Дар ин маврид, ба корманде, ки бо сабаби бемории касбӣ ба кори дигар гузаронида шудааст, кумакпулӣ дар сурате дода мешавад, ки тибқи қонунгузорӣ ӯ ба пардохти фарқияти музди меҳнати пештара ва аз нав муайянгардида аз ҷониби корхона ҳуқуқ надошта бошад. Агар аз ҷониби маъмурият кори дигар дар муҳлати дар варақаи корношоямӣ дарҷгардида пешниҳод нагардад, барои рӯзҳои бо ин сабаб гузашта кумакпулӣ дар асосҳои умумӣ дода мешавад.

Ба маъюбоне, ки кор мекунанд, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ, ба истиснои ҳолатҳои осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, барои давраи на зиёда аз ду моҳи пайдарпай ва на зиёда аз се моҳ дар давоми соли тақвимӣ дода мешавад.

Агар корношоямии муваққатии маъюбе, ки кор мекунад бар асари осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ рӯй дода бошад, кумакпулӣ то барқарор шудани саломатӣ ё то муқаррар намудани маъюбӣ дар натиҳаи осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ дода мешавад. Маъюбонро асосан шахсони имкониятašон маҳдуд ном мебаранд, зеро онҳо имконият надоранд, ки бо қувваи худ худро таъмин кунанд

Мафҳуми «ашхоси имкониятҳояшон маҳдуд» одамони дорои иллатҳои устувори ҷисмонӣ, рӯҳӣ, зеҳнӣ ё сенсориеро фаро мегирад, ки вақти дучорой бо монеаҳои гуногун ин иллатҳо ба онҳо бахри иштироки комил ва пурсамарашон дар ҳаёти ҷомеа баробар бо дигарон халал мерасонанд [7].

Кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ дар ҳолатҳои зерин дода намешавад :

- дар мавриди рӯй додани корношоямӣ бо сабаби беморӣ ё осеб бардоштан дар натиҷаи мастӣ, нашъамандӣ ё истеъмоли моводи психотропӣ;
- ба кормандоне, ки корношоямии онҳо дар натиҷаи бардоштани осеб ҳангоми ҳуқуқвайронкунӣ рӯй дода бошад;
- барои давраи табобати маҷбурӣ бо қарори суд (ба истисноi беморони рӯҳӣ);
- дар мавриди дар ҳабси пешакӣ будан ё дар давраи гузаронидани ташхиси судии тиббӣ ва судию психиатрӣ.

Бо назардошти шароитҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ додани кумакпулӣ ба бекорон аҳамияти фавқуллода дорад. Одам дар он маврид бекор ҳисобида мешавад, ки вай аз ҷои кор маҳрум гашта, бо мақсади дарёфти кори мувофиқ дар мақомоти давлатии шугли аҳолӣ дар қайд истода бошад.

Қонунгузорӣ ду навъи кумакпулии оилавиро муқаррар кардааст: кумакпулии яквақта ҳангоми таваллуд шудани кӯдак ва кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак то якунимсола шудани вай.

Кумакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» [4] барои тамоми давраи рухсатӣ, ки ба зан ба сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд дода мешавад, сарфи назар аз он ки чанд рӯзи рухсатӣ ба давраи пеш ва пас аз таваллуд рост омадааст, пардохт карда мешавад.

Кумакпулиҳо барои корношоямии муваққатӣ ва барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои

ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд» [9] ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таъминоти иҷтимоӣ эътироф мекунад ва ба зиммаи давлат ухдадории ташкили чунин шароит, ки ба амалигардонии бемонеаи ин ҳуқуқҳо заруранд, гузошта шудааст. Номгӯи асосҳои ҳуқуқӣ, ки мавҷудияти онҳо талаботи инсонро ба таъминоти иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад, дар моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Ба чунин сабабу ҳолатҳо, ба таври мисол, пиронсолӣ, беморӣ ё маъюбӣ, маҳрум шудан аз сарпараст, тарбияи фарзандон, серфарзандӣ, аз ҷумла, гум кардани қобилияти кор дохил шуда метавонанд. Ҳар яке аз ин ҳолатҳо, ба таври дигар таваккали иҷтимоӣ номида мешаванд.

Хусусиятҳои давлати иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоиро таҳлил карда истода ба хулосае омадем, ки дурнамои пурра таъмин кардани қишри камбизоати аҳолӣ ба таъминоти иҷтимоӣ ин баланд шудани ҳолати иқтисодии давлат, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ҷорӣ намудани механизми ягонаи таъминоти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба масъалаҳои баррасигардида чунин пешниҳодҳо дорем:

1. Низоми нафақаи меҳнатӣ , аз ҳисоби музди маоши шаҳрванд ба воситаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҷамъ мешавад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳар моҳ аз ҳисоби буҷети давлат миқдори муайян(масалан баробари 1-3%-и маоши корманд) ба ҳаққи суғуртаи шаҳрвандон зам карда шавад. Ин пешниҳод бо он асоснок карда мешавад, ки нафақаи меҳнатии шаҳрвандон талаботи онҳоро пурра қонеъ карда наметавонад.

2. Барои дертар ба нафақа баромадани шаҳрвандон чораҳои ҳавасмандкунӣ кор карда баромада шаванд. Масалан, дар ИМА агар шаҳрванд аз 70 - солагӣ ба нафақа барояд, ба нафақаи ӯ 25%-и маоши ҳадди аққал иловапулӣ зам карда мешавад. Ё ин ки додани унвонҳои фахрӣ барои дертар ба нафақа баромадан.

3. Ҷиҳати ба ноҳияҳои дурдаст ва деҳаҳо дастрас намудани кумакпулиҳои унвонӣ низ ба категорияи чунин шаҳрвандон ба рақами шахсии онҳо хабарҳо оиди ҳуқуқи онҳо ба кумакпулии иҷтимоии якдафъаина фиристонида шуда онҳо бо кортҳои пластикӣ таъмин карда шаванд. Ин ҳолат барои кам шудани ҳолати коррупсионӣ мусоидат мекунад. Инчунин ба соҳибони ҳақиқии худ дастрас шудани кумакҳои унвонии иҷтимоиро таъмин мекунад.

4. Ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ баромадани корманд механизми таъминоти иҷтимоӣ барои барқарор намудани қобилияти кории ӯ ҷорӣ карда шавад.

5. Ба таври дахлдор бояд хизматрасонии таълимӣ ва тиббии ройгон ба қишри камбизоати аҳолӣ таъмин карда шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Диноршо А.М.**

## КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПОВЫШЕНИЯ СТЕПЕНЬ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИЩЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** социальное обеспечение; достойный уровень жизни; социальная политика; социальная помощь; достойные условия жизни; пенсия; социальное государство.

***Аннотация:*** В статье проанализированы основные пути и средства обеспечения достойного уровня жизни населения. Обсуждены конституционно-правовые основы прав на социальное обеспечение. Представлены перспективы обеспечения населения пособиями и пенсиями. Основным фактором повышения уровня социальной защищенности населения является улучшение экономики, создание новых рабочих мест и обеспечение доступа людей к социальной помощи. Для того чтобы, дать положительную оценку социальному состоянию малообеспеченной части населения, должны быть приняты меры стимулирования в сфере пенсионного обеспечения и пособий. Должен быть внедрен специальный механизм социальной защиты населения.

***Эргашева Шарофат Икромовна*** - ассистент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. E-mail: sharofathergasheva97@mail.com, Тел.: (+992) 927-01-44-02.

**CONSTITUTIONAL AND LEGAL BASIS FOR INCREASING THE DEGREE OF SOCIAL PROTECTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Keywords:*** social security; decent standard of living; social policy; social assistance; decent living conditions; pension; social state.

***Annotation:*** The article analyzes the main ways and means of ensuring a decent standard of living for the population. The constitutional and legal foundations of the rights to social security were discussed. The prospects for providing the population with benefits and pensions are presented. The main factor in increasing the level of social security of the population is improving the economy, creating new jobs and ensuring people's access to social assistance. In order to give a positive assessment of the social condition of the low-income part of the population, incentive measures must be taken in the field of pensions and benefits. A special mechanism for social protection of the population must be introduced.

***Ergasheva Sharofat Ikromovna -*** assistant of the department of constitutional law, faculty of law, Tajik state university of law, business and politics. E-mail: sharofathergasheva97@mail.com, Тел.: (+992) 927-01-44-02.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо тағйироту иловаҳо аз 22 майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2017. – 123 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ" Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.48, аз 18.03.2015 с., № 1199. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28.12.2013с. №1059 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021. // Комплекси табъу нашри «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.02.2018.
6. Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси имконият ҳояшон маҳдуд[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022 №577// Дар бораи Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҳикистон "Дар бораи Тартиб ва шартҳои пардохти кумакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кумакпулиҳои оилавӣ" аз 14 октябри соли 2014, №630. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази

иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҳикистон аз 1 июни соли 2007, №313 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманданд». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2023).

10. Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ш. Минск, 8 декабри соли 1991) [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ.: https://cis.minsk.by/page/176 (санаи муроҷиат.: 13.03.2023).

11. Андреев В.С. Қонуни таъминоти сотсиалӣ дар СССР. Китоби дарсӣ. Москва, 1984, с. 12.

12. Добромыслов К.В., Мачульская Е. Е., Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ. Дастури таълимӣ. Таҷрибаомӯзӣ. Нашри дуюм. бозсозӣ ва иловашуда. 400 с.

13. Сангинов Д.Ш., Шонасриддинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Эр-граф. 2010. 390 с.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан. С изменениями и дополнениями от 22 мая 2016 г. – Душанбе: Гандж, 2017. – 123 с.

2. Закон Республики Таджикистан «О социальных услугах» [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адля». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

3. Закон Республики Таджикистан «О титульной социальной помощи» Вести Верховного Собрания Республики Таджикистан, с. 1996, № 3, статья 48, от 18.03.2015, № 1199. [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

4. Закон Республики Таджикистан о государственном социальном страховании Новости Верховного Собрания Республики Таджикистан от 28.12.2013. #1059 [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адля». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

5. Послание Основателя национального мира и единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, Председателя Правительства Республики Таджикистан Верховному Собранию Республики Таджикистан от 26 января 2021 года. // Издательский комплекс «Свободный Восток» Исполнительного Аппарата Президента Республики Таджикистан от 22.02.2018г.

6. Конвенция о правах инвалидов [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адля». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

7. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 ноября 2022 года № 577// «О Стратегии развития социальной защиты населения Республики Таджикистан на период до 2040 года» [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

8. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О порядке и условиях выплаты пособий по временной нетрудоспособности, беременности и родам и семейных пособий» от 14 октября 2014 года №630. [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

9. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 июня 2007 года № 313 «Об утверждении Правил расчета средней заработной платы для оплаты отпусков, пособий по безработице, пособий по временной нетрудоспособности и других случаев, связанных с выплатой средней зарплаты». [Электронный ресурс]. Источник доступа: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 05.09.2023).

10. Соглашение о создании Содружества Независимых Государств (Минск, 8 декабря 1991 г.) [Электронный ресурс] / Источник доступа.: https://cis.minsk.by/page/176 (дата обращения: 13.03.2023).

11. Андреев В.С. Социальные права в СССР. Учебник. Москва, 1984, с. 12.

12. Добромыслов К.В., Мачульская Е.Е., Право социального обеспечения. Учебное пособие. Практикум. 2-е изд. перерб. и доп. 400 с.

13. Сангинов Д.Ш., Шонасриддинов Н. Право на социальное обеспечение Республики Таджикистан. Душанбе: Эр-граф. 2010. 390 с.

**List of literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan. With changes and additions from May 22, 2016. - Dushanbe: Ganj, 2017. - 123 p.

2. Law of the Republic of Tajikistan “on social services” [Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

3. Law of the Republic of Tajikistan “On Titled Social Assistance” News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 1996, No. 3, Article 48, dated 18.03.2015, No. 1199. [Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

4. Law of the Republic of Tajikistan on state social insurance News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, dated 28.12.2013. #1059 [Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

5. Message of the Founder of National Peace and Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Chairman of the Government of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated January 26, 2021. // “Free East” publishing complex of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan dated 22.02.2018.

6. Convention on the Rights of Persons with Disabilities[Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

7. Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated November 29, 2022 No. 577// On the Strategy for the Development of Social Protection of the Population of the Republic of Tajikistan for the period up to 2040 [Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

8. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan “On the Procedure and conditions for the payment of benefits during temporary disability, pregnancy and childbirth and family benefits” dated October 14, 2014, No. 630. [Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

9. Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 1, 2007, No. 313 “On approval of the Rules for calculating the average salary for the payment of vacations, unemployment benefits, temporary disability benefits and other cases related to the payment of the average salary”.

[Electronic resource]. Source of access: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (date of application: 05.09.2023).

10. Agreement on the establishment of the Commonwealth of Independent States (Minsk, December 8, 1991) [Electronic resource] / Source of access.: https://cis.minsk.by/page/176 (access date: 13.03.2023).

11. Andreev V.S. Social security rights in the USSR. Textbook. Moscow, 1984, p.

12. Dobromyslov K.V., Machulskaya E.E., Pravo social security. A tutorial. Practicum. 2- e izd. pererb. and additional. 400 s.

13. Sanginov D.Sh., Shonasriddinov N. The right to social security of the Republic of Tajikistan. Dushanbe: Er-graf. 2010. 390 p

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО
## 12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW



**УДК: 347.4 (575.3)**
**Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: m.subhon-85@mail.ru*
*Тел.: (+992) 934-44-55-53.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ЭНЕРГИЯ

***Калидвожаҳо:*** энергия; нерӯи барқ; энергетика; қонунгузории маданӣ; шартномаи таъмини нерӯи барқ; муштарӣ; мизоҷ.

***Аннотатсия:*** Мақолаи мазкур ба баъзе масъалаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия бахшида шудааст. Муаллиф нерӯи барқ ва таъминоти онро яке аз масъалаи ҳаётан муҳими соҳаи энергетикаи кишвар арзёбӣ намуда, вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии рушди қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини нерӯи барқ таҳлилҳои мушаххас анҷом додааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба моддаи 595 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намудани таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Энергия (нерӯи барқ) ва таъминоти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаи ҳаётан муҳими соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо ба он вобастагии калон доранд. Ҳаёти ҳарӯзаи одамонро бидуни истифодаи нерӯи барқ муътадил тасаввур намудан ғайриимкон аст» [7, с. 274].

Энергетикаи барқӣ ҳамчун як бахши иқтисодиёт, ки муносибатҳои иқтисодии дар раванди истеҳсоли нерӯи барқ ва интиқоли он, идоракунии оперативӣ - диспетчерӣ дар энергетикаи барқӣ, фурӯш ва истифодаи нерӯи барқ бо истифода аз объектҳои истеҳсолӣ ва дигар объектҳои молу мулкии ба вуҷуд меомадаро дар бар мегирад, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ ба тағйироти назаррас дучор шудааст, ки онҳо дар навбати худ боиси тағйироти танзими ҳуқуқии он гаштанд [8, с. 234-235].

Дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзуи энергетика, ба даст овардани Истиқлолияти энергетикӣ, энергияи сабз, нерӯи барқ ва сарфакорона истифода намудани он ва муҳим арзёбӣ кардани соҳаи мазкур, ки рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ аз он вобастааст, суханронӣ мегардад [9, с. 376].

Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 қайд гардид, ки ҳоло 98 фоизи барқ

дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд. Инчунин таъкид гардид, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи нерӯи барқ, яъне сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд [1].

Тавре, ки Ш.М. Исмоилов қайд мекунад, «дар доираи қонунгузории миллӣ, муносибатҳои ҳуқуқии бахши энергетика тавассути маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи гуногуни ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, ки асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ, молиявӣ, граждании-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, замин ва дигар муносибатҳо дар бахши энергетикаро муайян мекунанд, аҳамият медиҳанд» [3, с. 3].

Қобили зикр аст, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини нерӯи барқ дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад, бинобар ин, ба мақсади муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар ин соҳа ба вуҷуд меомада, аз ҷумла муносибатҳо оид ба шартномаи таъмини барқ, таҳлили ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи барқиро зарур ва муҳим медонем.

То барпо шудани ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон энергетикаи нерӯи барқ умуман вуҷуд надошт [11, с. 12]. Бинобар ин, дар бораи ҳеҷ гуна танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи таъминкунӣ бо нерӯи барқ сухан намерафт. Нерӯгоҳи аввалини барқӣ дар ҷумҳурӣ соли 1926 дар шаҳри Душанбе бо иқтидори 78 кВт сохта шуда буд. Дар анҷумани якуми Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (июни соли 1930), вобастагии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ бар асоси энергетикӣ таъкид шуда буд. Бинобар ин, қадами аввалин ва ҷиддӣ дар рушди энергетикаи барқӣ дар ҶШС Тоҷикистон сохтмони НБО-и Варзоб-1 буд [8, с. 234-235].

Ба зумраи аввалини санадҳои ҳуқуқии даврони Шӯравӣ оид ба таъмини нерӯи барқ «Низомнома дар бораи муносибатҳои байни нерӯгоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ»-ро дохил намудан мумкин аст, ки бо Қарори ШКХ ИҶШС 27 декабри соли 1929 тасдиқ шуда буд. Ин Низомнома зарурати бастани шартномаҳо оид ба таъмин бо нерӯи барқро пешбинӣ намуда буд [11, с. 12].

Дар қарори дигари Шӯрои комиссарони халқи Иттиҳоди Шӯравӣ аз 13 январи соли 1931 низ диққати махсус ба он дода шуд, ки «ташкилоте, ки неруи барқро мефурӯшад, бояд бо ҳар як истеъмолкунандаи он созишнома бандад». Ба таври хаттӣ бастани шартномаро, инчунин «Низомнома дар бораи муносибатҳои нерӯгоҳҳои барқӣ ва системаҳои энергетикӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ ва гармӣ» [12, с. 460], «Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ» [6], ки онҳоро Вазорати энергетикаи Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1951 тасдиқ намуда буд, тақозо менамуданд.

Бо вуҷуди ин, шартномаи таъмини барқ на дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои иттифоқии соли 1961 ва на дар КГ ҶШС Тоҷикистон соли 1964 инъикоси қонунии худро наёфта буд. Сабаби чунин ҳолат дар он буд, ки Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, ки дар он замон амал мекарданд, танзими нисбатан самараноки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши таъмини барқро таъмин менамуданд.

Бо дигаргун шудани шароит дар соҳаи таъминкунӣ бо неруи барқ дар нимаи солҳои 60-уми асри XX, зарурат ба таҷдид ва навсозии Қоидаҳои истифодаи неруи барқ ба миён омад. Аз ин рӯ, бо Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС, №726 аз 29 июли соли 1967 ба вазорату идораҳои дахлдор оид ба таҳияи Қоидаҳои истифодаи неруи барқ ва гармӣ супориш дода шуд. Ба мақсади иҷрои ин супориш, Вазорати энергетика ва электрификатсияи ИҶШС бо Фармони №316 аз 6 декабри соли 1981, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқро тасдиқ намуд.

Дар Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ ба сифати замима якчанд намуди шартномаҳои намунавии аз лиҳози ҳаҷм калон ҷой дода шуда буданд, ки дар онҳо номгӯйи истилоҳҳои асосии дар Қоидаҳои мазкур мавриди

истифода қарордодашуда сабт шуда буд. Аз лиҳози ҳаҷм ва мазмуну муҳтаво, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ бо шартномаҳои намунавии ба он замимашуда, санади меъёрии ҳуқуқие ба шумор мерафтанд, ки дар ҷодаи танзими ҳуқуқии таъмини нерӯи барқ ва истифодаи он нақши муҳимро иҷро намуда, дар ҳаҷми пурра то соли 1998 мавриди истифода қарор доштанд.

Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, аз 6 марти соли 1998 амал мекунанд. Дар Қоидаҳои истифодаи неруи барқ масъалаҳои гуногунранг ва гуногунсамт танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқро метавон ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқие тавсиф намуд, ки: якум, он аз маҷмуи меъёрҳои ташкилӣ-техникӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст; дуюм, меъёрҳои техникии он заминаи техникии бастани шартномаҳо байни муштарӣ ва ташкилоти таъминкунанда бо нерӯи барқро дар бар мегиранд; сеюм, Қоидаҳо доираи субъектҳоеро, ки ба сифати истифодабарандаи неруи барқ баромад мекунанд, муайян мекунад; чорум, он ҳуқуқу уҳдадориҳои муштариён ва ташкилотҳои таъминкунанда бо нерӯи барқро ҷиҳати иҷрои меъёрҳои техникӣ ва ҳуқуқии дахлдор ва ҷавобгарии ҳуқуқиро барои иҷро накардани онҳо муқаррар мекунад.

Рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар садаи нав зарурати такмили ҷанбаҳои гуногуни қонунгузориро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз дар қонунгузорӣ бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки таҷдиди назарро мехоҳанд. Барои ин лозим аст, ки чараёни рушди қонунгузорӣ дар маҷмӯъ ва ба таври комплексӣ арзёбӣ гардад. Қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими қонунгузорӣ ба шумор рафта, барои рушди шахсият ва иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Дар маҷмӯъ такмил додани қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ба якчанд омилҳо вобаста аст, аз ҷумла: раванди босуръати рушди муносибатҳои гражданӣ (маданӣ) дар кишвар ва ҷаҳонишавии он, қабули қонунҳои алоҳида вобаста ба муносибатҳои гражданӣ (маданӣ), бартараф намудани мухолифати дохилии қонунҳои амалкунанда ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки татбиқи онҳоро дар амал душвор мегардонанд, аз ҷиҳати истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ва ғ. [5, с. 144].

Аз замони эълон намудани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар соли 1991, баҳри танзими бахши энергетикаи кишвар заминаи васеи қонунгузорӣ омода шудааст. Дар чаҳорчӯби қонунгузории миллӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи энергетика тавассути маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи гуногуни ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Дар маҷмӯъ, қонунгузории энергетикӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба энергетика ба танзим медароранд, балки чунин категорияҳои муҳими ҳуқуқӣ, аз қабили «энергетика», «захираҳои энергетикӣ», «маҳсулоти энергетикӣ», «сарфаи энергия», «консессия»-ро муайян мекунад [3, с. 3-4].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 сол пеш қабул шуда буд, ки дар он вақт мамлакат қадамҳои аввалини ташкили муносибатҳои бозориро гузошта буд, зимнан таҳрири якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити душвори барқарор намудани иқтисодиёти дар ҷанг харобгардидаи Тоҷикистон ва ислоҳоти бозории дигаргунсозанда сурат гирифт [4, с. 56].

Қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав дар такмили қонунгузорӣ оид ба таъмин намудан бо нерӯи барқ буд. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999 ба таъмини барқ 11 модда (моддаҳои 569 – 579) бахшида шуда буд [10, с. 80-85].

Айни ҳол санаи 24 декабри соли 2022 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) ба таъмини энергия 11 модда (моддаҳои 595 – 605) бахшида шудааст.

Дар Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосӣ, афзалиятҳо ва

вазифаҳои соҳаи қонунгузории маданӣ муайян карда шуда, аз ҷумла муқаррарот оид ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани моликияти зеҳнӣ ва дигар моликиятҳо, муносибатҳои корпоративӣ, ухдадориҳои шартномавӣ ва дигар ухдадориҳо баён гардидаанд [4, с. 57].

Таҳлили матн ва мазмуни моддаҳои мазкур имкон медиҳад, ки ба якчанд норасоиҳои дар ин моддаҳо ҷойдошта таваҷҷуҳ намоем.

Якум, ба истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент» ҳамчун калимаҳои муродиф. Тарҷумаи русии калимаи «мизоҷ» калимаи «клиент» аст, на калимаи «абонент». Тарҷумаи тоҷикии калимаи «абонент» бошад, калимаи «муштарӣ» аст. Аз ин рӯ, якҷоя истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент»-ро номуносиб меҳисобем. Ба фикри мо, дуруст ва муносиб мебуд, агар дар моддаҳои зикршуда танҳо як калима – калимаи муштарӣ истифода мешуд. Ҳолати мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз **1 июли соли 2023** мавриди амал қарор дода шудааст ба инобат гирифта нашудааст.

Дуюм, дар моддаҳои 569, 571 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ», дар моддаҳои 570, 572, 574, 576, 578 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «ташкилоти таъмини барқ» истифода шуда буд, дар ҳоле ки чӣ аз лиҳози мазмун ва чӣ аз лиҳози таҳририӣ истифодаи ибораи «ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда» дуруст мебошад. Ҳолати зикршуда дар қисми 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба шартномаи таъмини энергия бахшида шудааст як ибора яъне ташкилоти таъминкунандаи энергия муқаррар шудааст, аммо банди 2 моддаи 599 Кодекси мазкур сарфи назар шуда ташкилоти таъминкунандаи барқ муқаррар гардидааст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар банди 2 моддаи 599 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ» ибораи «ташкилоти таъминкунандаи энергия»-ро ба мақсад мувофиқ медонем.

Аз оғози соли 2000 то кунун Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамари қонунэҷодкунии баҳри танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо неруи барқ нигаронида шударо анҷом дода истодааст. Дар ин давра қонунҳои зерин қабул шудаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000 [2], ки масъалаҳоро оид ба мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетика, идоракунии корхонаҳои энергетикӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия ва муносибатҳои монандро танзим менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013 масъалаҳоро оид ба танзим ва идоракунии давлатӣ дар самти сарфаҷӯйии энергия, стандартизатсия, сертификатсия ва метрология дар соҳаи сарфаҷӯйии энергия, механизмҳои иқтисодӣ ва молиявии он, омӯзиш, тайёр кардани кадрҳо ва таъминоти иттилоотии фаъолияти самти сарфаҷӯии энергия дар бар мегирад.

Тайи солҳои 1996 – 2003, илова ба қонунҳои дар боло зикргардида, як силсила Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика қабул карда шуданд, аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2000, №484 «Дар бораи Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон »; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 1996, №465 «Дар бораи назорати энергетикӣ дар ҶТ»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 1998, №417 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи аввалини ислоҳот дар бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2000, №422 «Дар бораи таъсиси Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2004, №1736 «Дар бораи таъсиси институти энергетикии Тоҷикистон» ва ғайра [3, с. 4; 13, с. 49-50]. Қисми зиёди ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри ҳалли масъалаҳои ташкили идоракунии энергетика,

инчунин масъалаҳои танзими нархҳо ва расмиёти ҳисоббаробаркунӣ равона шудаанд.

Чунонки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ҳадафмандона асос барои ислоҳоти минбаъдаи соҳаи энергетикаи барқи Тоҷикистонро ташкил доданд. Ҳамин тариқ, дар айни замон, барои дар соҳаи энергетикаи барқ фаъолона ташкил намудани доманаи васеи меъёрӣ идома дорад.

Хулоса, дар асоси таҳлилҳои болозикр чунин пешниҳодҳоро дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия (барқ) мувофиқи мақсад меҳисобем:

1. Бо дарназардошти аҳамияти нерӯгоҳҳои хурди обии барқӣ, нерӯгоҳҳои хурди барқӣ-бодӣ, панелҳои офтобӣ дар таъмини амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо бо иштироки онҳоро зарур медонем.

2. Ба моддаи 595 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ)-ро ба мақсад мувофиқ медонем: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ уҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад уҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд».

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Исмаилов Ш.М.**

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ГРАЖДАНСКОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ДОГОВОРЕ ЭНЕРГОСНАБЖЕНИЯ

***Ключевые слова:*** энергия; электроэнергия; энергетика; гражданское законодательство; договор электроснабжения; абонент; клиент.

***Аннотация:*** Данная статья посвящена некоторым вопросам Гражданского Кодекса Республики Таджикистан о договоре энергоснабжения. В частности автор утверждает, что электроэнергия и ее снабжение являются одними из важнейших вопросов в энергетическом секторе страны, и на этой основе им был проведен конкретный правовой анализ развития гражданского законодательства Республики Таджикистан регулирующее договор электроснабжения. Автор предлагает, что целесообразно включить в текст статьи 595 Гражданского Кодекса Республики Таджикистан определение субабонентского договора.

***Мирзоев Субхонали Ахтамджонович*** - кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, факультет менеджмента и экономического права, Таджикский государственный финансово-экономический университет. E-mail: m.subhon-85@mail.ru, Тел.: (+992) 934-44-55-53.

## SOME ISSUES OF THE CIVIL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON THE ENERGY SUPPLY AGREEMENT

***Keywords:*** energy; electric power; energetics; civil law; power supply contract; subscriber; client.

***Annotation:*** This article is devoted to some issues of the Civil Code of the Republic of Tajikistan on energy supply contracts. In particular, the author argues that electricity and its supply are

one of the most important issues in the country's energy sector, and on this basis he conducted a specific legal analysis of the development of civil legislation of the Republic of Tajikistan governing the electricity supply contract. The author suggests that it is advisable to include in the text of Article 595 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan a definition of a sub-subscription agreement.

***Mirzoev Subhonali Akhtamjonovich*** - candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Faculty of Management and Economic Law, Tajik State Financial and Economic University. E-mail: m.subhon-85@mail.ru, Tel.: (+992) 934-44-55-53.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 [Захираи электронӣ]. Манбаи дасрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 23.07.2023).

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2000. – № 11.

3. Исмаилов Ш.М. Қонунгузории энергетикаи Тоҷикистон ва самтҳои асосии такмили он // Ҳуқуқи энергетикӣ. – 2009. – № 2. – С. 3-4.

4. Исмаилов Ш.М. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи танзими муносибатҳои нави хусусӣ // "Қонунгузорӣ" №2 (50), 2023 апрел –июн. – Душанбе, 2023. – С. 55-57.

5. Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // "Қонунгузорӣ". – №2 (14), 2014. // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2014. – С. 144. [Манбаи электронӣ] – URL: http://mmk.tj/Government–programs/concept /rushd (санаи муроҷиат: 03.12.2019).

6. Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, Госэнергоиздат. – М., 1951.

7. Мирзоев С.А., Шарипов С.С. Нерӯи барқ ҳамчун ашё дар ҳуқуқи гражданӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – 3(37). – С. 274.

8. Мирзоев С.А. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии шартномаи таъмини нерӯи барқ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/4. Қ. 1. – Душанбе, 2017. – С. 234–235.

9. Мирзоев С.А., Эраҷи М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини нерӯи барқ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – 4/2(44)/2022. – Душанбе, 2022. – С. 376.

10. Мирзоев С.А., Эраҷи М. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия (нерӯи барқ) // "Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ": маводҳои конфронси байналмилалӣ (25-26 апрели 2023). – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С. 80-85.

11. Низомнома дар бораи муносибатҳои байни нерӯгоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ // СЗ СССР. – 1930. – № 2. – С. 12.

12. Низомнома дар бораи муносибатҳои нерӯгоҳҳои барқӣ ва системаҳои энергетикӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ ва гармӣ // СЗ СССР . – 1934. – № 64. – С. 460.

13. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: "ЭР–граф", 2013. – С. 49-50.

**Список литературы:**

1. Послание Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» от 23 декабря 2022 года [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.president.tj/node /29823 (дата обращения: 23.07.2023).

2. Новости Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2000. - № 11.
3. Исмаилов Ш.М. Энергетическое законодательство Таджикистана и его совершенствование // Энергетическое право. - 2009. - № 2. - С. 3-4.
4. Исмаилов Ш.М. Гражданский кодекс Республики Таджикистан – основа регулирования новых частных отношений // «Законодательство» № 2 (50), апрель-июнь 2023 г. – Душанбе, 2023. – С. 55-57.
5. Концепция развития гражданского законодательства Республики Таджикистан // Законодательство. – № 2 (14), 2014. // Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан – Душанбе, 2014. – С. 144. [Электронный источник] – URL: http://mmk.tj/Government–programs/concept/rushd (дата обращения: 12.03.2019).
6. Правила использования электроэнергии, Госэнергоиздат. - М., 1951.
7. Мирзоев С.А., Шарипов С.С. Электричество как объект гражданского права // Вестник Государственного университета коммерции Таджикистана. - 2021. - 3(37). - С. 274.
8. Мирзоев С.А. Нормативно-правовая основа договора энергоснабжения // Вестник Таджикскиц национальный университет. Серия социально-экономических и социальных наук. – 2017. – № 2/4. К. 1. – Душанбе, 2017. – С. 234–235.
9. Мирзоев С.А., Эраджи М. Некоторые правовые вопросы гражданского законодательства Республики Таджикистан, связанные с договором поставки электроэнергии // Вестник Государственного университета коммерции Таджикистана. – 2022. – 2(44) 4/2022. – Душанбе, 2022. – С. 376.
10. Мирзоев С.А., Эраджи М. Некоторые вопросы развития гражданского (гражданского) законодательства Республики Таджикистан, связанные с договором энергоснабжения // «Право и экономика: актуальные вопросы экономического права и информационной безопасности»: материалы международной конференции (25-26 апреля) , 2023). – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С. 80-85.
11. Регулирование отношений электростанций, инфраструктур и распределительных сетей с потребителями электроэнергии // СЗ СССР. - 1930. - № 2. - С. 12.
12. Положение об отношениях электростанций и энергетических систем с потребителями электрической и тепловой энергии // СЗ СССР. - 1934. - № 64. - С. 460.
13. Сангинов Д.Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан (текст лекции): учебное пособие / Под общей ред. Д.И.Х., проф. Гаюров Ш.К. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – С. 49-50.

**List of literature:**

1. Message from the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon “On the main directions of the domestic and foreign policy of the Republic” dated December 23, 2022 [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.president.tj/node/29823 (access date: 07/23/2023).
2. News of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. - 2000. - No. 11.
3. Ismailov Sh.M. Energy legislation of Tajikistan and its improvement // Energy Law. - 2009. - No. 2. - P. 3-4.
4. Ismailov Sh.M. Civil Code of the Republic of Tajikistan - the basis for regulating new private relations // “Legislation” No. 2 (50), April-June 2023 - Dushanbe, 2023. - pp. 55-57.
5. Concept of development of civil legislation of the Republic of Tajikistan // Legislation. – No. 2 (14), 2014. // National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan – Dushanbe, 2014. – P.144. [Electronic source] – URL: http://mmk.tj/Government–programs/concept/rushd (date of access: 03/12/2019).
6. Rules for the use of electricity, Gosenergoizdat. - M., 1951.
7. Mirzoev S.A., Sharipov S.S. Electricity as an object of civil law // Bulletin of the State

University of Commerce of Tajikistan. - 2021. - 3(37). - P. 274.

8. Mirzoev S.A. Regulatory and legal basis of the energy supply agreement // Bulletin of the Tajik National University. Socio-Economic and Social Sciences Series. – 2017. – No. 2/4. K. 1. – Dushanbe, 2017. – pp. 234–235.

9. Mirzoev S.A., Eraji M. Some legal issues of civil legislation of the Republic of Tajikistan related to the electricity supply agreement // Bulletin of the State University of Commerce of Tajikistan. – 2022. – 2(44) 4/2022. – Dushanbe, 2022. – P. 376.

10. Mirzoev S.A., Eraji M. Some issues of the development of civil (civil) legislation of the Republic of Tajikistan related to the energy supply agreement // “Law and Economics: Current Issues of Economic Law and Information Security”: materials of the international conference (April 25-26 ), 2023). – Dushanbe: “DDTT”, 2023. – pp. 80-85.

11. Regulation of relations between power plants, infrastructures and distribution networks with electricity consumers // SZ USSR. - 1930. - No. 2. - P. 12.

12. Regulations on the relationship of power plants and energy systems with consumers of electrical and thermal energy // SZ USSR. - 1934. - No. 64. - P. 460.

13. Sanginov D.Sh. Energy Law of the Republic of Tajikistan (lecture text): textbook / Under the general editorship. D.I.H., prof. Gayurov Sh.K. – Dushanbe: “ER-graph”, 2013. – pp. 49-50.



**УДК: 347.2**
**Абдураҳимов Сиёвуш Қудратуллоевич,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».*
*E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru*
*Тел.: (+992) 93-767-82-92.*

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ОИД БА ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** шахсони ҳуқуқӣ; ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ташаккулёбӣ ва инкишоф; қонунгузории маданӣ; марҳилаҳо ва давраҳо; асосҳои қонунгузории граждании Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ; Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон; танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; санадҳои ҳуқуқии қабулгардида.

***Аннотатсия:*** Муаллиф дар мақолаи мазкур дар бораи баъзе масъалаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз замони ғалабаи инқилоби октябрии соли 1917 то ба ҳол, ки зиёда аз сад солро фарогир аст, дар мисоли Тоҷикистон мухтасар изҳори ақида намудааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар Тоҷикистон ба ду марҳилаи калон, ки марҳилаи аввалин ба замони фаъолияти ИҶШС аз соли 1917 то соли 1991 ва марҳилаи дуюмин бошад, ба замони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 то ҳол ҷудо намудааст. Муаллиф марҳилаи аввалро ба чор давра аз ҷумла, солҳои 1917 - 1922, 1922 - 1929, 1929 - 1963 ва 1963 – 1991, марҳилаи дуюмро низ чун давраи аввал ба чор давра аз ҷумла солҳои 1991 - 1994, 1994 -1999, 1999 - 2022 ва соли 2022 то ҳол ҷудо намуда, дар ин замина хусусиятҳои хоси давраҳои номбурдаро то қадри имкон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Ба ақидаи муаллиф, пойдевори ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар замони фаъолияти ИҶШС гузошта шуд. Марҳилаи муҳим дар ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки маҳз дар ин марҳила нақш ва мақоми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҷомеа боз ҳам намоён ва равшантар гардиданд. Дар охир аз ҷониби муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот хулосаҳои дахлдор низ пешниҳод гардидааст, ки онҳо мазмуни асосии таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ гурӯҳи калони шахсони ҳуқуқиро дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ташкил дода, онҳо дар амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат тавассути иҷрои вазифаҳои (корҳои) гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ ва дар ин замина қонеъ намудани талаботи гуногуни моддӣ ва маънавии ҷомеа нақши намоён ва нотакрор доранд. Онҳо низ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар баробари ташкилотҳои тиҷоратӣ барои ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои дар назди худ қарордошта ҳуқуқи дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ иштирок намудан доранд. Таҳқиқ ва омӯзиши дилхоҳ падидаи ҷамъиятиро, хусусан падидаи ҳуқуқиро дар ҳолати мавҷуд будани қонунгузории он аз масъалаи таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории он оғоз намудан қобили қабул ва мувофиқи мақсад аст. Чунки, маҳз таҳқиқ ва омӯзиши таърихи гузашта ва ҳозираи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ

оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пеш аз ҳама, дар ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳисси худшиносии миллӣ, огоҳӣ пайдо намудан аз марҳилаҳо ва давраҳои сипаригардидаи таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ, инчунин натиҷаи заҳмату талошҳои зиёиёни гузашта ва ҳозираи кишварамон дар роҳи қонунэҷодкунии маданӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, идома додани кору пайкори онҳо дар роҳи қонунэҷодкунии маданӣ ва ғайраҳо мусоидат менамоянд. Бояд қайд кард, ки падидаи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ паҳлуҳои гуногун дорад, ки яке аз паҳлуҳои он ташаккулёбӣ ва инкишоф аст, паҳлуи дигари он мушкилот ва дурнамои рушди он аст, ки мо дар оянда аз рӯи имкон ба таҳқиқи он рӯ хоҳем овард.

Падидаи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» ҳамчун ташкилотҳои ба сифати мақсади асосии фаъолияти худ ба даст овардани фоидаро надошта, ҳанӯз аз ҷониби олимони сивилисти то ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор гирифта буд[6, с.4]. Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) бошад, бинобар сабабҳои гуногун аз ҷумла, ба таври дилхоҳ таъсис нагардидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, дар сатҳи қонунгузорӣ ташаккул ва инкишоф наёфтани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ва дигар омилҳо, ки ҳамаи онҳо ба барқарорсозии низоми нави ҳокимияти давлатӣ, паси сар намудани ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва бартарафсозии оқибатҳои он вобастагии асосӣ доранд, ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиши дахлдор қарор дода нашудааст.

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) бошад, ки аллакай давраи давлатдории ҳокимияти шӯравиро паси сар намуда буд, падидаи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таври умумӣ аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи мадании кишварамон аз ҷумла И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.К. Ғаюров, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Ш.Т. Тағойназаров, О.У. Усмонов, ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуд. Ба таври махсус бошад, маҳз мавзӯи мавриди назари мо, ба истиснои ҷанбаҳои таълимии он[1] то ҳол мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмии алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур тасмим гирифта шуд, ки то қадри имкон оид ба таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ аз замони барқароршавии ҳокимияти ИҶШС то ҳол мухтасар изҳори ақида намоем. Дар маҷмӯъ, таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар доираи мавзӯи таҳқиқи мо зиёда аз сад солро, аниқтараш аз соли 1917 то соли 2022 - ро фарогир аст.

Агар дар маҷмӯъ назар намоем, ба андешаи мо таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Тоҷикистон ба ду марҳилаи калон, ки марҳилаи аввалин ба замони фаъолияти ИҶШС аз соли 1917 то соли 1991 ва марҳилаи дуюмин бошад, ба замони соҳибистиқлол гардидани ҶТ аз соли 1991 то ҳол ҷудо мешавад. Ин марҳилаҳои калони таърихӣ ҳар яке дар навбати хеш аз якчанд давраҳои муайяни таърихӣ иборатанд, ки ҳоло онҳо дар мақолаи мазкур ба таври мухтасар таҳқиқ хоҳад гардид. Бояд қайд кард, ки то ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 дар сарзамини мо низоми ҳуқуқи одатӣ ва мусулмонӣ расман амал дошт, ки тамоми муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар асоси меъёрҳои он танзим карда мешуданд. Танҳо пас аз ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 ва оғози барқароршавии ҳокимияти Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Руссия (минбаъд - ҶШФСР) баъдан ИҶШС дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурии мо шӯроҳои маҳаллӣ санадҳои ҳуқуқии дахлдорро оид ба танзими муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи маданӣ қабул намуданд[24, с.43]. Чунки инқилоби моҳи октябри соли 1917 ба низоми ҳуқуқи пешина

хотима гузошта, заминаи инкишофи низоми нави ҳуқуқии Руссияро фароҳам овард[25, с.427].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, давраи нахустини ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917[26, с.46] ва барқароршавии ҳокимияти ИҶШС дар шимоли Тоҷикистон оғоз гардида[24, с.43], муҳлати анҷоми он то 31 октябри соли 1922 ба замони қабули нахустин санади кодификатсионӣ, Кодекси граждании ҶШФСР рост меояд. Пас аз қабули Кодекси граждании ҶШФСР (31 октябри соли 1922) дар таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶШФСР, ки миллати мо ҳоло ҳарчанд дар сарзамини он давлати миллии худро надошт, саҳифаи нав оғоз гардид. Кодекси мазкур нахустин маротиба дар моддаи 13 мафҳуми расмии шахси ҳуқуқиро пешбинӣ намуда, дар моддаи 15 бошад, оид ба тартиби таъсиси муассисаҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ муқаррарот дарҷ намуд[3]. Маҳз дар заминаи қабули кодекси граждании мазкур аз як тараф барои таҳия ва татбиқи санадҳои ҳуқуқии марбут ба танзими муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи маданӣ заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам гардида бошад, аз тарафи дигар кодекси мазкур барои таҳия ва татбиқи кодекси граждании дигар кишварҳои дар ҳайати ҶШФСР ва баъдтар ИҶШС қарордошта низ асоси ҳуқуқии муносиб гардид.

Чунки маҳз дар асоси кодекси мазкур Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (минбаъд - ҶШСУ) қонунгузории граждании худро қабул намуд, ки дар ҳудуди кишвари мо дар як вақт дар баробари дигар санадҳо, инчунин кодекси граждании ҶШСӮ низ амал намуд. Соли 1924 кишвари мо дар ҳайати ҶШСӮ ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд - ҶМШСТ) таъсис дода шуд ва он то соли 1929 амал кард. Соли 1929 бошад, кишвари мо дар ҳайати ИҶШС ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд – ҶШСТ) таъсис дода шуд. Ҳамин тавр, ба назари мо, солҳои 1924 то соли 1929, ки кишвари мо дар ҳайати ҶШСӮ ҳамчун ҶМШСТ амал кард, давраи дуюми таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории мадании кишвари моро оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил медиҳад. Чунки дар ин давра, дар ҳудуди ҶМШСТ асосан тамоми санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии ҶШСӮ қабулгардида, амал намуданд.

Давраи сеюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар кишвари мо ба андешаи инҷониб ба солҳои 1929 – 1963 рост меояд. Ногуфта намонад, ки пас аз таъсиси ҶШСТ низ бинобар мавҷуд набудани санади кодификатсионии мадании алоҳида дар ҳудуди ҶШСТ қонунҳои дар ҶШСӮ қабулгардида хусусан Кодекси граждании он бо шарти ба қонунҳои дар кишвари мо қабулгардида мухолифат надоштани онҳо амал намуданд. Маҳз дар ин давра, дар ҳудуди кишвари мо то соли 1963 ҳамчун Ҷумҳурии мустақили ИҶШС санадҳои ҳуқуқии гуногун аз ҷумла доир ба танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки онҳо барои таҳия ва қабули Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963) заминаи муҳим ва муносиб гардиданд. Маҳз, дар ин давра, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвари мо, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дигаргуниҳои куллии баамаломада дар баробар тараққиёти дигар соҳаҳо ва бахшҳои ҳаёти ҷомеа, инчунин ба оғози давраи нави ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ боис гардиданд.

8 декабри соли 1961 Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо дар таҳрири нав қабул гардид, ки он соли 1963 мавриди амал қарор гирифт. Қабули кодекси мазкур ба давраи чоруми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ оғоз бахшид. Кодекси мазкур дар моддаи 11 мафҳуми расмии шахси ҳуқуқиро муқаррар карда, ҳамзамон номгӯи ташкилотҳоеро, ки онҳо

шахси ҳуқуқӣ мебошанд, муайян кард[7, с.236-269]. Вобаста ба ин, кишварҳои дар ҳайати ИҶШС қарордошта низ, аз ҷумла ҶШСТ низ уҳдадор гардид, ки кодекси граждании алоҳидаи худро бо назардошти Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1961) қабул намояд. Ҳамин тавр, 28 декабри соли 1963 нахустин маротиба дар таърихи ҶШСТ Кодекси граждании ҶШСТ қабул гардид, ки он аз 1 январи соли 1965 мавриди амал қарор гирифт[8, с.256]. Бояд қайд кард, ки Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963), ки мувофиқи Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1961) қабул гардида буд, доир ба шахсони ҳуқуқӣ ҳаждаҳ моддаро дар зербоби дуюми боби дуюми худ ҷудо намуд, ки доир ба танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дастоварди калон буд. Дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1961) ва Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963) низ ибораи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» муқаррар нагардида буд[7]. Бинобар ин, дар ҳуқуқи мадании ИҶШС низ ибораи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» ба чашм намерасид[22, с.29]. Лекин, чунин ҳолат мазмуни онро надошт, ки Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1961) ва Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963) дар матни худ оид ба тартиби фаъолияти шаклҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ комилан муқаррарот пешбинӣ накарда буданд.

Баръакс, дар моддаи 11 Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1961) худ оид ба намудҳои (шаклҳои) алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ташкилотҳои кооперативӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳо ва дар моддаи 24 Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963) низ оид ба намудҳои шахсони ҳуқуқии номбурда, ки ҳоло онҳо шаклҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, муқаррарот пешбинӣ гардида буданд. Ҳамин тавр, аз соли 1961 аниқтараш аз замони қабули Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо, ки соли 1963 мавриди амал қарор гирифт, то соли 1991 дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ИҶШС дигаргуниҳои куллӣ рух дод. Хусусан, замони бозсозӣ, ки ба солҳои 1980 – уми асри XX рост меояд, дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ИҶШС дигаргуниҳои нав ва тозаро ба миён овард, ки инъикоси ҳамаҷонибаи онҳо дар қонунгузории мадании замон шарти муҳим дониста шуд. Аз ин рӯ, 31 майи соли 1991 Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо қабул гардид, ки он ба давраи чоруми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (солҳои 1963 - 1991) хотима бахшид.

9 сентябри соли 1991 қабл аз мавриди амал қарор гирифтани Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (1 январи соли 1992) бинобар вазъияти сиёсии баамаломада зарурат пеш омад, ки ҶТ Истиқлолияти давлатии хешро расман эълон намояд. 8 декабри соли 1991 бошад, роҳбарони аввали Федератсияи Руссия, Ҷумҳуриҳои Белоруссия ва Украина Созишнома «Оиди таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» - ро ба имзо расониданд[14, с.108]. Дар асоси ин 25 декабри соли 1991 бошад, Шӯрои Олии ҶТ бо қарори махсуси хеш Созишномаи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба тасвиб расонид, ки ба ҳайати он ҶТ низ дохил гардид. Дар қарори мазкур таъкид гардид, ки минбаъд дар ҳудуди ҶТ то қабули қонунҳои ҶТ қонунҳои дахлдори собиқ ИҶШС аз ҷумла Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1991) қабулгардида бо шарти ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда мухолифат надоштанашон амал менамоянд [16, с.106; 17, с.136; 27, с.48]. Дигар қонуни соҳаи ҳуқуқи мадании замони шӯравӣ Кодекси граждании ҶШСТ (соли 1963) буд, ки он ҳам дар баробари Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1991) дар ҳудуди ҶТ мутаносибан то 1 январи соли 2000 [9, с.201], то 1 июли соли 2000 [10, с.237] ва то 1 марти соли 2005[11, с.5] аниқтараш то замони мавриди амал қарор гирифтани Кодекси граждании ҶТ (қисмҳои якум, дуюм ва сеюм) амал намуд.

Бояд махсус таъкид кард, ки қабули Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1991) дар ташаккул ва

инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нақши ниҳоят муҳимро иҷро кард. Чунки маҳз, нахустин маротиба дар моддаи 18 шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо карда шуда, дар ин замина, ибораи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» нахустин маротиба дар таърихи қонунгузории мадании ИҶШС ба қонуни кодификатсионии маданӣ роҳ пайдо кард [15]. Маҳз дар заминаи ҷудо намудани шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар афкори ҷомеа, хусусан зиёиён фикру зикри ибораи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла гузаронидани таҳқиқотҳои гуногуни илмӣ, гузаронидани чорабиниҳои гуногуни илмӣ ва машғулиятҳои таълимӣ ва ғайраҳо ба амал оварда шуд, ки он дар натиҷа ба ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Барои маълумот, ногуфта намонад, ки дар таҳқиқ ва омӯзиши марҳилаи аввали таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ, дар ҶШСТ, саҳми шодравон академик, Усмонов О.У. дар мисоли ҳимояи рисолаи илмии докторӣ[23] ниҳоят бузург аст[18, с.59]. Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши марҳилаи аввали ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба замони собиқ ИҶШС (солҳои 1917 - 1991) рост меояд, онро ба чор давраи зерин ҷудо намудан қобили қабул ва мувофиқи мақсад аст:

1. Давраи аввали ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба замони ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 то қабули Кодекси граждании ҶШФСР (31 октябри соли 1922) рост меояд;

2. Давраи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз замони қабули Кодекси граждании ҶШФСР 31 октябри соли 1922 то замони ташкили ҶШСТ соли 1929 рост меояд;

3. Давраи сеюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз замони ташкили ҶШСТ соли 1929 оғоз гардида, то қабули нахустин Кодекси граждании ҶШСТ соли 1963 рост меояд.

4. Давраи чоруми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз замони қабули Кодекси граждании ҶШСТ соли 1963 то барҳамхӯрии ИҶШС соли 1991 рост меояд.

Чунонки, дар боло қайд гардид, марҳилаи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ ба замони соҳибистиқлол гардидани он аз соли 1991 то ҳол рост меояд, ки ин марҳила низ дар навбати худ чун марҳилаи аввали таърихӣ аз якчанд давраҳои муайян иборат буда, хусусиятҳои ба худ хоси ташаккулёбӣ ва инкишофёбӣ дорад. Ҳамин тавр, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар назди ҶТ ҳалли як зумра вазифаҳоро ба миён гузошт, ки яке аз чунин вазифаҳои ниҳоят муҳим танзими ҳуқуқии муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ аз ҷумла, танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо назардошти замони нав буд. Лекин, дар чунин шароит на танҳо қонунгузории мадании танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, балки қонунгузории танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ низ ба таври дилхоҳ дар кишвари тозаистиқлоли мо ҳоло мавҷуд набуд. Аз ин рӯ, зарурат ба миён омад, ки на танҳо нисбати фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, балки нисбати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа қонунгузории муосири танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шавад. Чунонки М.З. Раҳимов қайд менамояд: «Аз ин рӯ, дар назди давлати нави соҳибистиқлол дар қатори ҳалли таъхирнопазири мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин вазифаи коркард ва истифодаи механизми нави ҳуқуқӣ ва амалигардонии он қарор дошт»[19, с.613]. Муҳимтар аз ҳама, вазифаи қабули Конститутсияи ҶТ дар шароити соҳибистиқлолӣ ба миён омада буд. Чунки дар ҶТ Конститутсияи ҶШСТ соли 1978 бо тағйироту иловаҳо амал дошт. Вале, бухрони сиёсии дар солҳои аввали 90-уми асри

гузашта, ки дар ҶТ ба амал омад, барои таҳия ва қабули Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории ҷавобгӯи талаботи замони соҳибистиқлолӣ имконият надод.

Ниҳоят 6 ноябри соли 1994 пас аз каму беш ба эътидол омадани вазъияти сиёсӣ дар ҶТ Конститутсия бо назардошти замони соҳибистиқлолӣ нахустин маротиба бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки он дар инкишофи низоми қонунгузории тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи кишварамон, аз ҷумла қонунгузории маданӣ, ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро танзим менамоянд, саҳифаи нав ва дурахшонро оғоз бахшид. Чунонки, М. З. Раҳимзода қайд менамояд: «Қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 танзим ва такмили муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба миён оварда, марҳилаи навро дар таҳия, такмил ва қабули қонунҳо оғоз намуд»[20, с.23]. Бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ давраи аввали ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузориии маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба солҳои 1991 - 1994 рост меояд, ба поён расида, давраи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ 1994 - 1999 оғоз гардид.

Бояд дар назар дошт, ки пас аз қабули Конститутсияи ҶТ масъалаи муҳимтарин ва асоситарин дар соҳаи таҳия ва қабули қонунҳо пеш аз ҳама, ҳарчи зудтар таҳия ва қабули қонунҳои кодификатсионӣ, хусусан қонуни кодификатсионии танзимкунандаи соҳаи ҳуқуқи маданӣ буд. Бо назардошти дарки ин ҳолат 9 июни соли 1995, №АП-56 гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи як қатор кодексҳо, аз ҷумла кодекси граждании ҶТ (қисми якум) ва 17 марти соли 1998, №АП-589 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи қисмҳои дуюм ва сеюми Кодекси граждании ҶТ низ таъсис дода шуданд[17, с.139]. Пас аз қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 то қабули Кодекси граждании ҶТ қисмҳои якум ва дуюм соли 1999 бо мақсади танзими муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ қонунҳои гуногун қабул гардиданд, ки онҳо ҳар яке дар соҳаҳо ва самтҳои хеш самараи хуб доданд. Вале, бинобар набудани санади кодификатсионии замони муосир қонунҳои қабулгардида, ба инкишофи дилхоҳи муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ мусоидат карда натавонистанд. Чунки дар фазои ҳуқуқии мамлакат маҳз тавассути Кодекси граждании ҶТ танзим намудани муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ, аз қабили баробарҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳолати ҳуқуқии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, муносибатҳои вобаста ба ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи уҳдадорӣ, фаъолияти шартномавӣ ва намудҳои алоҳидаи онҳо, инчунин моликияти зеҳнӣ, мерос ва ғайраҳо ҳанӯз ҳам амалӣ нагардида буданд.

30 июни соли 1999 Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) (минбаъд - КГ ҶТ (қисми якум) дар таҳрири нав қабул гардид, ки он аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор гирифт. КГ ҶТ дар танзими муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи мадании ҶТ, хусусан танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нақши ниҳоят муҳим ва арзанда гузошт. Хусусан, КГ ҶТ боби 4-уми худро доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ҷудо намуда, номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро дар моддаи 50 муқаррар кард. Танзими муфассали ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бошад, дар зербоби 5-уми боби 4 амалӣ карда шуд.

11 декабри соли 1999 бошад, Кодекси граждании ҶТ (қисми дуюм) (минбаъд – КГ ҶТ (қисми дуюм) дар таҳрири нав қабул гардид, ки он аз 1 июли соли 2000 мавриди амал қарор гирифт. Санади мазкур дар танзими муносибатҳои муҳимми марбут ба уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавии маданӣ саҳми калон гузошт. Маҳз, пас аз қабули КГ ҶТ (қисми дуюм) муносибатҳои номбурда ба низоми муайян ворид гардиданд.

1 марти соли 2005 бошад, Кодекси граждании ҶТ (қисми сеюм) (минбаъд - КГ ҶТ (қисми сеюм) дар таҳрири нав қабул гардид. Ҳамин тавр, бо қабули қисмҳои якум, дуюм ва сеюми КГ ҶТ давраи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки онро давраи кодифакатсионии қонунгузории маданӣ

номидан мумкин аст, ба поён расида, ба оғози давраи чоруми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ солҳои 2005 - 2022 оғоз бахшида шуд.

24 декабри соли 2022 бошад, дар заминаи Кодекси граждании ҶТ (қисмҳои якум, дуюм ва сеюм) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) бо назардошти таҷрибаи зиёда аз сисолаи ҳосилкардаи замони соҳибистиқлолии кишварамон қабул гардид, ки он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд [12, с.36]. Қабули КМ ҶТ боиси ба охир расидани давраи сеюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва оғоз бахшидан ба давраи чоруми қонунгузории мазкур гардид. Бояд қайд кард, ки ҷараёни таҳия ва қабули КМ ҶТ ҳанӯз аз соли 2013 оғоз гардида буд. Соли 2013 Президенти ҶТ дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ оид ба зарурати масъалаи дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси граждании ҶТ изҳори ақида намуда буданд [13, с.136]. Ҳоло бошад, дар назди давлат ва ҷомеа хусусан, мақомоти қонунгузор вазифаи ба талаботи КМ ҶТ мутобиқ сохтани қонунгузории маданӣ ба миён омад. Ҳамин тавр, марҳилаи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратиро, ки ба андешаи инҷониб фарогири замони соҳибистиқлолии ҶТ (солҳои 1991 – то ҳол) аст, дар заминаи сарчашмаҳои илмии ватанӣ[16, с.49-50] ба чор давраи зерин ҷудо намудан қобили қабул ва мувофиқи мақсад аст:

1. Давраи нахустини ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ аз соли 1991 оғоз гардида, то замони қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли ҶТ соли 1994 рост меояд. Дар ин давра пеш аз ҳама ҷустуҷӯи роҳу усулҳои танзими ҳуқуқи мадании самарабахш ва ҷавобгӯи талаботи давлат ва ҷомеаи муосир муайян карда шуд. Чунин давраро давраи барқароршавии қонунгузории маданӣ ҳисобидан мумкин аст;

2. Давраи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ пас аз қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 оғоз гардида, то қабули КГ ҶТ (қисми сеюм) соли 2005 идома ёфт. Дар ин давра Конститутсия (соли 1994) қабул гардида, дар асоси он КГ ҶТ (қисмҳои якум, дуюм ва сеюм) дар таҳрири нав бо назардошти асосҳои низоми сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат қабул гардид, ки онҳо барои таҳия ва қабули дигар қонунҳо заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам оварданд. Чунин давраро давраи кодификатсиякунонии қонунгузории маданӣ номидан мумкин аст.

3. Давраи сеюми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ аз соли 2006 оғоз гардида, то соли 2022 идома ёфт. Дар ин давра ҷараёни такмили КГ ҶТ қабули қонунҳои алоҳида ва мутобиқгардонии қонунгузории маданӣ дар заминаи санадҳои расмии барномавӣ консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ ҷараён гирифт.

4. Давраи чоруми ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пас аз дар заминаи Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав қабул гардидани КМ ҶТ (соли 2022) оғоз гардид, ки он дар назди давлат ва ҷомеа хусусан, мақомоти қонунгузор вазифаи ба талаботи КМ ҶТ мутобиқ сохтани қонунгузории маданиро ба миён овард[2, с.158].

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба чунин хулоса омад:

1. Ҳарчанд, падидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқии ба сифати мақсади асосии фаъолияти худ ба даст овардани фоидаро надошта то соли 1991 дар қонунгузории мадании ИҶШС мавҷуд набуд ҳам, вале дар замони фаъолияти худ ИҶШС нисбати фаъолияти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳанӯз аз замони барқароршавии ҳокимияти ҶШФСР баъдтар ИҶШС санадҳои ҳуқуқии дахлдор қабул намуд, ки санадҳои ҳуқуқии қабулгардида дар замони худ ҳамчун заминаи

ҳуқуқӣ барои қабули санадҳои кодификатсионии маданӣ мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, пойдевори ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ асосан дар замони фаъолияти ИҶШС гузошта шуд. Нахустин маротиба шахсони ҳуқуқӣ дар қонунгузории мадании ИҶШС пеш аз ҳама, дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (соли 1991) ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо карда шуд. Маҳз, дар замони мавҷудияти ИҶШС се маротиба дар давраҳои муайян кодекси граждании солҳои 1922, 1961 ва 1991 қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки онҳо дар баробари ташаккулёбӣ ва инкишофи дигар падидаҳои ҳуқуқи маданӣ, инчунин ба ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мусоидат намуданд.

2. Дар замони соҳибистиқлолии ҶТ, дар заминаи дастовардҳои қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратии даврони ИҶШС қонунгузории замони нав низ ривоҷ ва равнақ дода шуда, боз ҳам ба натиҷаҳои хубтар ноил гардонида шуд. Дар замони истиқлолияти давлатӣ дар асоси Конститутсия (соли 1994) қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мунтазам такмил дода шуда, ду маротиба санади кодификатсионии маданӣ бо назардошти дастовардаҳои миллӣ ва байналмилалӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Санадҳои кодификатсионии қабулгардида ҳар яке дар замони худ фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода, дар асоси нишондодҳои ин санадҳои кодификатсионӣ нисбати масъалаҳои гуногуни ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ як зумра қонунҳои дахлдор низ қабул карда шуданд.

3. Таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ дар саду панҷсоли охир аз ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 ба ҳукумати Руссияи подшоҳӣ оғоз гардидааст, ки он ба назари мо, ба ду марҳилаи калони таърихӣ бо назардошти аз ҷониби ин марҳилаҳо фаро гирифтани давраҳои муайян ҷудо мешавад. Марҳилаи аввали ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ аз замони барқароршавии ҶШФСР баъдтар ИҶШС соли 1917 оғоз гардида, то замони барҳамхӯрии он соли 1991, марҳилаи дуюм бошад, аз замони истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани ҶТ соли 1991 оғоз гардида, то ба замони ҳозира рост меояд.

4. Марҳилаи аввали ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ, ки фарогири замони фаъолияти ИҶШС (солҳои 1917 – 1991) аст, дар навбати хеш ба чор давраи муайян ҷудо мешавад. Давраи аввали он аз замони ғалабаи инқилоби моҳи октябри соли 1917 то қабули Кодекси граждании ҶШФСР (31 октябри соли 1922), давраи дуюм аз замони қабули Кодекси граждании ҶШФСР соли 1922 оғоз гардида, то замони ташкили ҶШСТ соли 1929, давраи сеюм аз замони ташкили ҶШСТ соли 1929 оғоз гардида, то қабули Кодекси граждании ҶШСТ соли 1963 ва давраи чорум бошад, аз замони қабули нахустин Кодекси граждании ҶШСТ соли 1963 оғоз гардида, то барҳамхӯрии ИҶШС соли 1991 идома ёфт.

5. Марҳилаи дуюми ташаккулёбӣ ва инкишофии қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ, ки ба андешаи инҷониб фарогири замони соҳибистиқлолии ҶТ (солҳои 1991 – то ҳол) аст, дар навбати хеш чун марҳилаи аввали таърихӣ ба чор давраи муайян ҷудо мешавад. Давраи нахустини он аз замони истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани ҶТ соли 1991 оғоз гардида, то замони қабули Конститутсияи соҳибистиқлолии ҶТ соли 1994, давраи дуюм, пас аз қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 оғоз гардида, то қабули КГ ҶТ (қисми сеюм) соли 2005, давраи сеюм, аз соли 2006 оғоз гардида, то соли 2022, идома ёфт. Давраи чорум бошад, пас аз дар заминаи Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав қабул гардидани КМ ҶТ (соли 2022) оғоз гардида, идома дорад.

6. Марҳилаи муҳим дар ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ оид ба

ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҶТ асосан замони соҳибистиқлолии ҶТ ба ҳисоб меравад. Чунки маҳз, пас аз истиқлолияти давлатӣ ба даст овардан ҶТ дар Конститутсияи худ давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, инчунин иҷтимоӣ эълон гардида, дар ин замина Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав қабул гардид. Бо мақсади таҳкими принсипҳои бунёд ва рушди чунин давлат ва ҷомеа дар ҶТ як қатор қонунҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки онҳо нақш ва мақоми ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар ҷомеа боз ҳам намоён ва равшантар намуданд.

**Муқарриз: н.и.ҳ. Аминҷонов А.Х.**

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ГРАЖДАНСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О НЕКОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** юридические лица; некоммерческие организации; формирование и развитие; гражданское законодательство; фазы и циклы; основы гражданского законодательства Союза Советских Социалистических Республик; Конституция Республики Таджикистан; Гражданский кодекс Республики Таджикистан; регулирование гражданских прав деятельности некоммерческих организаций; принятые правовые акты.

***Аннотация:*** Автор в данной статье кратко высказывает свои взгляды о некоторых проблемах формирования и развития гражданского законодательства относительно некоммерческих организациях с периода победы Октябрьской революции 1917 года до настоящего времени, которые охватывает более 100 лет, на примере Таджикистана. В данной статье автор историю формирования и развития гражданского законодательства относительно некоммерческих организациях в Таджикистане делит на два больших этапа. Первый этап охватьвает время деятельности СССР (1917 – 1991) Второй этап приходится к периоду независимости Республики Таджикистан (1991 до настоящего времени). Автор первый этап делит на четыре периода 1917 - 1922, 1922 - 1929, 1929 - 1963 и 1963 - 1991 годы, а второй этап также на четыре периода 1991 - 1994, 1994 - 1999, 1999 - 2022 и 2022до настоящего времени. На этой основе он пе мере возможности подвергает анализу и изучению особенности вышеупомянутых периодов. На взгляд автора, фундаментом формирования и развития гражданского законодательства относительно некоммерческих организациях в Таджикистан в основном был заложен в период деятельности СССР. Второй этап формирования и развития гражданского законодательства относительно некоммерческих организациях в Республики Таджикистан это период независимости РТ. Именно на этом этапе ещё отчётливее стали роль и место некоммерческих организаций в обществе. В заключении автор предлагает соответствующие выводы по теме исследования, которые выражают остновное содержание данного исследования.

***Абдурахимов Сиёвуш Кудратуллоевич*** - заведующий кафедрой права и государственного управления ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава», кандидат юридических наук, доцент. E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru, Тел.: (+992) 93-767-82-92.

## ON SOME ISSUES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF CIVIL LEGISLATION ON NON-PROFIT ORGANIZATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** legal entities; non-commercial organizations; formation and development; cultural legislation; phases and cycles; fundamentals of civil legislation of the Union of Soviet Socialist

Republics; Constitution of the Republic of Tajikistan; Civil Code of the Republic of Tajikistan; regulation of cultural rights of activities of non-commercial organizations; adopted legal acts;

***Annotation**:* In this article, the author briefly examined the formation and development of civil legislation on non-profit organizations from the time of the victory of the October Revolution of 1917 to the present, covering more than a hundred years using the example of the Republic of Tajikistan. In this article, the author divides the history of the formation of the development of civil legislation on non-profit organizations in Tajikistan into two main stages, the first stage is the Soviet period from 1917 to 1991, and the second stage is the period of independence of the Republic of Tajikistan from 1991 to the present. The author divides the first period into four periods, including 1917-1922, 1922-1929, 1929-1963 and 1963-1991, and the second period, like the first period, into four periods, including 1991-1994, 1994-1999, 1999-2022 and 2022, and in this context he researched and studied the features of these periods. According to the author, the foundations for the formation and development of civil legislation on non-profit organizations in the Republic of Tajikistan were laid mainly in the Soviet period. An important stage in the formation and development of civil legislation on non-profit organizations in the Republic of Tajikistan is mainly considered to be the period of independence of the Republic of Tajikistan, and it was at this stage that the role and status of non-profit organizations was determined and commercial organizations in society became more visible and understandable. At the end, the author presents the relevant conclusions on the research topic, which form the main content of this study.

***Abdurahimov Siyovush Kudratulloevich*** - head of the department of law and public administration, SEI "Bokhtar State University named after Nosir Khusrav", candidate of law, associate professor. E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru, Tel.: (+992) 93-767-82-92.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ (воситаи таълимӣ) / Муҳаррири масъул д.и.ҳ., профессор, Арбоби хизматнишондодаи илм ва техникаи ҶТ, Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон Ш.М. Исмоилов – Душанбе: 2011. – 204 саҳ.

2. Абдураҳимов С.Қ. Дар бораи баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи 3 – юми байналмилалии илмию - амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ» 25-26 апрели соли 2023 Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф. Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А.Қудратов Душанбе «ДДТТ». 2023. – 155 – 160.

3. Кодекси граждании РСФСР. [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=10512 (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

4. Кодекси граждании РССТ. – Душанбе: «Ирфон» 1975. – 256. с.

5. Дозортсев В.А. Ҳолат ва мушкилоти такмили қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи Россия. – 1998. – №10 – 11. – С.40 – 55.

6. Костенко Н. В. Танзими шаҳрвандии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Федератсияи Россия: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Екатеринбург. 2004. – 24.с.

7. Конститутсия ва қонунҳои СССР. – Москва: 1983. – С. 236 - 269.

8. Кодекси граждании РССТ. – Душанбе: «Ирфон» 1985. – 270.с.

9. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: Қонуният. 2006 – 420 с.

10. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм). – Душанбе: Қонуният. 2006 – 480 с.

11. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм). – Душанбе: Қонуният. 2005 – 92 с.

12. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 // Садои Мардум 2 - январи соли 2023, №1-9 (4584 - 4592) С.1-36.

13. Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2014. – № 2 (14). – С. 133 – 151.

14. Мамут Л.С. Давлати демократии ҳуқуқӣ дар Россия: мушкилоти ташаккули // Маҷаллаи ҳуқуқи Россия – 2006. – №12. – С.108 – 117.

15. Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо (аз 31 майи соли 1991 № 2211-I тасд. Суди Олии ИҶШС) Нашри нав бо тағйирот. N 5352-1 от 09.07.1993 [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://ivo.garant.ru/#/document/3961640/paragraph/83258:0 (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

16. Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои марҳилаҳои рушди қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – 105 – 111.

17. Раҳимзода М.З. Дар бораи марҳалаҳои рушди қонунгузории гражданӣ ҳуқуқи хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 - 2019. Муҳаррири масъул: мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи. А.М. Баҳоваддинов, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуҷалилов А. – Душанбе: 2022. – С.136 – 149.

18. Раҷабов С.А. Клеандров М.И. Инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: «Дониш». – 1986. – 112.с.

19. Раҳимов М.З. Осори интихобшуда. // Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият.– Душанбе: «Бухоро» – 2014. – С.613 – 626.

20. Раҳимов М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо // Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20 – умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-29 августи соли 2011. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М. З. – Душанбе: «ЭР-граф» – 2011 – С. 18 – 32.

21. Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. [Матн] / Раҳимзода М.З. // Рушди қонунгузории хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои мизи мудаввар бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул – Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуҷалилов А. Душанбе: 2022. – С.49 - 50.

22. Шаклеина Е.В. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ: дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – Москва. 2006. – 229 с.

23. Усманов О.У. Таърихи ташаккул ва инкишофи конунгузории гражданин РСС Точикистон дар давраи сохтмони сотсиализм. автореф. дисс. ... докт. илм. ҳуқуқ. – Ташкент: 1975.

24. Усманов О.У. Масъалаи рушди кодексификатсияи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ – 1999. – №4. – С.42 – 64.

25. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: 2022. – 508с.

26. Ҳуқуқи гражданӣ. қисми 1. Китоби дарсӣ. Дар зери таҳрири узви вобастаи АУ ҶТ д.и.ҳ.профессор Усмонов О.У. – Душанбе: «Матбуот». 2001. – 400с. (муаллифи боби 2 Қонунгузории гражданӣ. Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои ҶТ, д.и.ҳ. профессор Маҳмудов М.А.)

27. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, «Эр-граф». 2013. – 320с.

**Список литературы:**

1. Правовые основы регулирования деятельности некоммерческих юридических лиц (учебное пособие) / Ответственный редактор д.ю.н., профессор, Заслуженный деятель науки и техники Республики Таджикистан, заведующий кафедрой экономического права Экономического института Таджикистан Ш.М. Исмаилов – Душанбе: 2011. – 204 с.

2. Абдурахимов С.К. О некторых вопросах формирования и развития гражданского законодательства о некоммерческих организациях в годы независимости Республики Таджикистан // III Международная научно-практическая конференция на тему «Право и экономика: актуальные вопросы коммерческого права и информационной безопасности» (25-26 апреля 2023 г.) / Под редакции доктора технических наук Х.Х. Назарзода, доктора экономтческих наук Ф. Р. Шаропова, доктора юридических наук Н.А.Қудратова – Душанбе «ДДТТ». 2023. – 155 – 160.

3. Гражданский кодекс РСФСР [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=10512 (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

4. Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: «Ирфон» 1975. – 256. с.

5. Дозорцев В. А. Состояние и проблемы совершенствования законодательства о некоммерческих организациях // Журнал российского права. – 1998. – №10 – 11. – С.40 – 55.

6. Костенко Н. В. Гражданско-правовое регулирование деятельности некоммерческих организаций в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург. 2004. – 24.с.

7. Конституция и законы Союза ССР. – Москва: 1983. – С. 236 - 269.

8. Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: «Ирфон» 1985. – 270.с.

9. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (первая часть). – Душанбе: Қонуният. 2006 – 420 с.

10. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (вторая часть). – Душанбе: Қонуният. 2006 – 480 с.

11. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (третий часть). – Душанбе: Қонуният. 2005 – 92 с.

12. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года // Садои Мардум 2 - января 2023года, №1-9 (4584 - 4592) С.1-36.

13. Концепция развития гражданского законодательства Республики Таджикистан // Законодательство. - 2014. - № 2 (14). - С. 133-151.

14. Мамут Л.С. Демократическое правовое государство в России: проблемы становления // Журнал российского права – 2006. – №12. – С.108 – 117.

15. Основы Гражданского Законодательства Союза ССР и республик (утв. ВС СССР 31 мая 1991 г. N 2211-I) Редакция с изменениями N 5352-1 от 09.07.1993 [Электронный ресурс] Доступный источник: http://ivo.garant.ru/#/document/3961640/paragraph/83258:0 (дата обращения: 15.07.2023).

16. Рахимзода М.З. По некоторым вопросам этапов развития современного законодательства Республики Таджикистан // Академический юридический журнал. – 2021. – №4 (40). – 105 – 111.

17. Рахимзода М.З. К вопросу об этапах развития гражданского и предпринимательского законодательства Республики Таджикистан в период независимости. // Совершенствование частноправовых основ законодательства Республики Таджикистан в 2015 – 2019.

Ответственный редактор: заведующий отделом частного права, Института философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, к.ю.н., доцент Абдуджалилов А. – Душанбе: 2022. – С.136 – 149.

18. Раджабов С.А. Клеандров М.И. Развитие юридической науки в Таджикистане. – Душанбе: «Дониш». – 1986. – 112.с.

19. Рахимов М.З. Избранные труды. // Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости. – Душанбе: «Бухоро» – 2014. – С.613 – 626.

20. Раҳимов М.З. Законодательство Республики Таджикистан в период независимости: развитие и проблемы // Материалы научно-практической конференции, посвященной 20-летию Государственной независимости Республики Таджикистан, г.Душанбе 26-29 августа 2011 год / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М. З. – Душанбе: «ЭР-граф» – 2011 – С. 18 – 32.

21. Рахимзода М.З. К вопросу о некоторых вопросах становления и развития гражданского законодательства в период независимости Таджикистана. // Развитие частного законодательства Республики Таджикистан в эпоху независимости. Сборник статей круглого стола, посвященный 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. Ответственный редактор – заведующий отделом частного права Института философии, политики и права имени А.М.Баховаддинова Национальной академии наук Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент Абдужалилов А. Душанбе: 2022. – С. 49 – 50.

22. Шаклеина Е.В. Гражданско-правовой статус некоммерческих организаций: дис. … канд. юрид. наук. – Москва. 2006. – 229 с.

23. Усманов О.У. История становления и развития гражданского законодательства Таджикской ССР в период строительства социализма. автореф. дисс. ... докт. юрид. наук. – Ташкент: 1975.

24. Усманов О.У. К проблеме развитии кодификации гражданского законодательства Республики Таджикистан // Государство и право – 1999. – №4. – С.42 – 64.

25. Холикзода А.Г., Шосаидзода Ш.Ш., Аминджонов А.Х., Сохибзода М.С. Право в истории таджикиского народа: монография. – Душанбе: 2022. – 508с. (на тадж.языке).

26. Гражданское право. Первая часть. Учебник. Под редакции член корреспондент академии наук РТ, д.ю.н., профессор Усмонов О.У. – Душанбе: «Матбуот». 2001. – 400 стр. (автор главы 2 Гражданское законодательство. д.ю.н., профессор Махмудов М.А.) (на тадж.языке).

27. Гражданское право Республики Таджикистан. Учебник. Первая часть. / Ответственные редакторы д.ю.н.профессор Гаюров Ш.К., и к.ю.н.доцент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, «Эр-граф». 2013. – 320 стр. (на тадж.языке).

**List of literature:**

1. Legal basis for regulating the activities of legal non-profit entities (textbook) / Editor-in-chief, Doctor of Law, Professor, Honored Worker of Science and Technology of the Republic of Tajikistan, Head of the Department of Economic Law, Institute of Economics of Tajikistan Sh.M. Ismoilov – Dushanbe: 2011. – 204 p.

2. Abdurakhimov S.K. On some issues of the formation and development of civil law on non-profit organizations during the period of independence of the Republic of Tajikistan // 3rd International Scientific and Theoretical Conference on the topic “Law and Economics: Current Problems of Economic Law and Information Security” April 25-26, 2023, edited by Doctor Of Technical sciences Kh.Kh. Nazarzoda, Doctor of Economics F.R. Sharopov, Doctor of Law N.A. Kudratov Dushanbe “DDTT”. 2023. – 155 – 160.

3. Civil Code RSFSR. [Electronic resource] Available source: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=10512 (date of reference: 07/15/2023).
4. Civil Code of the Tajik SSR. – Dushanbe: “Irfon” 1975. – 256. p.
5. Dozortsev V. A. State and problems of improving legislation on non-profit organizations // Journal of Russian Law. – 1998. – No. 10 – 11. – P.40 – 55.
6. Kostenko N. V. Civil regulation of the activities of non-profit organizations in the Russian Federation: abstract. dis. ...cand. legal science. - Ekaterinburg. 2004. – 24.s.
7. The Constitution and laws of the USSR. – Moscow: 1983. – P. 236 - 269.
8. Civil Code of the Tajik SSR. – Dushanbe: “Irfon” 1985. – 270.p.
9. Civil Code of the Republic of Tajikistan (first part). – Dushanbe: Legality. 2006 – 420 p.
10. Civil Code of the Republic of Tajikistan (second part). – Dushanbe: Legality. 2006 – 480 p.
11. Civil Code of the Republic of Tajikistan (third part). – Dushanbe: Legality.. 2005 – 92 p.
12. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022 // Sadoi Mardum January 2, 2023, No. 1-9 (4584 - 4592) P.1-36.
13. Concept of development of civil legislation of the Republic of Tajikistan // Qonunguzori. – 2014. – No. 2 (14). – P. 133 – 151.
14. Mamut L.S. Democratic state of law in Russia: problems of formation // Journal of Russian Law - 2006. - No. 12. – P.108 – 117.
15. Fundamentals of the Civil Legislation of the USSR and republics (approved by the Supreme Court of the USSR on May 31, 1991 N 2211-I) Revision with amendments N 5352-1 dated 07/09/1993 [Zahirai elektroni] Manbai dastrasi: http://ivo.garant. ru/#/document/3961640/paragraph/83258:0 (sanai murohiat: 07.15.2023).
16. Rakhimzoda M.Z. On some issues of the stages of development of modern legislation of the Republic of Tajikistan // Academic Legal Journal. – 2021. – No. 4 (40). – 105 – 111.
17. Rakhimzoda M.Z. On the issue of the stages of development of civil and entrepreneurial legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence. // Improving the private legal foundations of the legislation of the Republic of Tajikistan in 2015 - 2019. Responsible editor: Head of the Department of Private Law, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A.M. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of legal sciences, associate professor Abdujalilov A. – Dushanbe: 2022. – P.136 – 149.
18. Radzhabov S.A. Cleandrov M.I. Development of legal science in Tajikistan. – – Dushanbe: “Donish”. – 1986. – 112.p.
19. Rakhimov M.Z. Selected works. // Development of legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence. – Dushanbe: “Bukhoro” – 2014. – P.613 – 626.
20. Rakhimov M.Z. Legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence: development and problems // Development of legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence. Materials of the scientific and practical conference dedicated to the 20th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan, August 26-29, 2011. / edited by Doctor of Law, Professor Rakhimov M.Z. - Dushanbe: “ER-graph” – 2011 – P. 18 – 32.
21. Rahimzoda M.Z. On some issues of the formation and development of civil legislation during the period of independence of Tajikistan. [Text / Rahimzoda M.Z. // Development of private legislation of the Republic of Tajikistan during the period of independence. Collection of articles from a round table dedicated to the 30th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan. Responsible editor – Head of the Department of Private Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor Abdujalilov A. Dushanbe: 2022. – P.49 - 50.

22. Shakleina E.V. Civil legal status of non-profit organizations: dis. ...cand. legal science - Moscow. 2006. – 229 p.

23. Usmanov O.U. The history of the formation and development of civil legislation of the Tajik SSR during the construction of socialism. abstract diss. ... doc. legal science. – Tashkent: 1975.

24. Usmanov O.U. On the problem of development of codification of civil legislation of the Republic of Tajikistan // State and Law - 1999. - No. 4. – P.42 – 64.

25. Kholikzoda A.G., Shosaidzoda Sh.Sh., Aminjonov A.Kh., Sohibzoda M.S. Law in the history of the Tajik people: monograph. – Dushanbe: 2022. – 508 p.

26. Civil law. part 1. Textbook. Edited by Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor O.U. Usmonov. – Dushanbe: "Matbuot". 2001. – 400 p. (author of the 2nd chapter of Civil Legislation. Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor M.A. Makhmudov)

27. Civil law of the Republic of Tajikistan. Textbook. Part one / Responsible editors: Doctor of Law, Professor Gayurov Sh.K. and Candidate of Legal Sciences, Associate Professor Sulaimonov F.S. – Dushanbe, "Er-Count". 2013. – 320 p.



**УДК: 347.23**

**Ахмедова Мунира Ҳасановна,**
*муаллимаи калони кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: ahmedovamunira@inbox.ru*
*Тел.: (+992) 927-74-11-45.*

## ГАНҶИНА ҲАМЧУН АСОСИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

***Калидвожаҳо:*** қонунгузории маданӣ; ҳуқуқи моликият; ҳуқуқҳои ашёӣ; ашёи бесоҳиб; ганҷина; ашёи қиматбаҳо; чизу чора; объектҳои ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи римӣ; молу мулки манқул; асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои ганҷина бо дарнзардошти муқаррароти қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистони муайян карда шудааст. Инчунин, вазъи ҳуқуқии муайян кардани ганҷина ҳамчун асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар заминаи қонунгузории кишвар, қонунгузории кишварҳои ИДМ, адабиётҳои таърихӣ ва андешаву назарияҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ таҳлил карда шудааст.

Падидаи ҳуқуқҳои ашёӣ яке аз низомҳои асосии ҳуқуқи мадании муосир мебошад, зеро он васеъ будани салоҳиятҳои иштирокчиёни муомилоти маданиро вобаста ба молу мулки гуногун дар бар мегирад. Дар солҳои охир ин падидаи ҳуқуқи ашёӣ якчанд маротиба ба тағйиру иловаҳо дучор гардид.

Намуди махсуси ашёи бесоҳиб ганҷина - пул ё дигар ашёи қиматбаҳо аст, ки дар замин гӯр шудаанд ё бо роҳи дигар пинҳон карда шудаанд, ки соҳиби онҳо маълум нест ё тибқи қонун ҳуқуқи онҳоро аз даст додааст. Тибқи қонунгузории амалкунандаи маданӣ яке аз роҳҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ин пайдо кардани ганҷина мебошад. Мафҳуми ганҷина дар асоси қ. 1, м. 304 Кодекси мадании ҶТ муқаррар шудааст, ки тибқи он “ганҷина пул ё чизу чораи қиматноке мебошад, ки дар замин гӯр ё дар шакли дигар пинҳон карда шудаанд”. Маврид ба зикр аст, ки дар меъёри мазкур истилоҳи “чизу чора” истифода карда шудааст, ки муродифи истилоҳи “ашё” мебошад.

Дар Кодекси мадании ҶТ танҳо дар моддаи мазкур чунин истилоҳ истифода гардидааст. Дар ҳуқуқи маданӣ ашё объекти ҳуқуқҳои маданӣ эътироф карда мешавад (м. 136 Кодекси мадании ҶТ). Аломати асосии ашё моддияти он ба шумор меравад ва дар робита ба он аст, ки ду мафҳуми муқобили ашё дар илми ҳуқуқи маданӣ пайдо шуданд [1, с. 34]:

1) васеъ (ҳам ашёи моддӣ ва ҳам неъматҳои ғайримоддӣ ҳамчун ашё эътироф карда мешаванд);

2) маҳдуд (танҳо предметҳои моддӣ ҳамчун ашё эътироф карда мешаванд).

Равиши аввал (васеъ) ба ҳуқуқи римӣ рост меояд, ки дар он истилоҳи «res» (ашё) ду маъно дошт, ки он ҳам объектҳои моддӣ ва ҳам муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои молумулкиро ифода мекард. Е.А. Суханов чунин мешуморад, ки ашё – объекти моддӣ, физикӣ мебошад, ки шакли иқтисодии молро дорад. Аз ин лиҳоз, ашё натиҷаи меҳнат мебошад (бояд бошад), ки дар асоси ин арзиши моддӣ (иқтисодӣ)-и муайянро касб менамояд [2, с. 189].

Ганҷина ба асоси қонунии ба даст овардани ҳуқуқи моликият дохил мешавад, яъне бо ин асос ба даст овардани ҳуқуқи моликият маънои қонунӣ будани ҳуқуқи

моликиятро дорад. Бо асосҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият яке аз хусусиятҳои асосии ҳуқуқи моликият ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, М.М. Соҳибзода ва Б.С. Шерзода қайд менамоянд, ки “бо дарназардоштани уҳдадории тамоми субъектон оид ба худдорӣ намудан аз вайрон намудани ҳуқуқҳои ашёӣ, ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки оид ба ҳуқуқҳои ашёӣ ба ин ё он молу мулк иттилоот гирад. Иттилоот оид ба молу мулки ғайриманқул аз Феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он гирифта мешавад. Маълумот оид ба молу мулки манқул мумкин аст аз мавҷудияти факти соҳибӣ намудани ашё аз тарафи субъекти мушаххас гирифта шавад. Хусусияти дар қонунгузрӣ муайян шудани ҳуқуқҳои ашёӣ дар баъзан мавридҳо дар амалия сарфи назар карда мешавад. Масалан, таҳлили таҷрибаи дар асоси шартномаи сохтмони ҳиссагӣ ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо таҷриба «вобаста» кардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ вуҷуд дорад” [3, с. 161].

Мафҳуми ганҷина ҳанӯз ба ҳуқуқшиносони қадимаи римӣ маълум буд, ки бо ганҷина – thesaurus ҳама арзишеро мефаҳмиданд, ки дар ҷое пинҳон карда шуда буд, то он лаҳзае, ки пас аз ёфтан соҳиби онро пайдо кардан ғайриимкон аст. Агар чунин ганҷина дар замини касе пайдо шуда бошад, пас аз асри II мелодӣ нисфи ганҷинаро шахси онро ёфта ва нисфи дигарро соҳиби замин мегирифт. Дар байни онҳо моликияти умумӣ ба вуҷуд меомад [4, с. 39].

Дар ҳамон вақт муайян карда мешуд, ки ин бозёфт дар ҷойи муқаддас ё оромгоҳ ба шахси ашёро ёфта пурра тааллуқ дорад. Баъдтар муқаррар гардида буд, ки нисфи он ба фоидаи хазина рӯёнида мешавад. Агар шахси ашёро ёфта ганҷинаро бе иҷозати соҳиби замин ҷустуҷӯй мекард, пас соҳиби замин ҳама ашёи ёфташударо мегирифт. Барои ҷустуҷӯй бо роҳи ҷодугарӣ, шахси ашёро ёфта аз ҳама ҳуқуқҳо маҳрум карда мешуд ва он чизе, ки ёфта мешуд, ба фоидаи хазина баргардонда мешуд.

Ганиҷа дар сарчашмаҳои ҳуқуқии хусусии римӣ ҳамчун “як роҳи қадимии нигоҳ доштани пул, ки дигар фаромӯш шудааст, муайян мегардад, бинобар ин онҳо соҳиб надоранд”.

Ҳуқуқшиносони қадимаи Рим, ки асосгузорони системаи ҷаҳонии дониши тамаддунӣ мебошанд, бо ганҷина (thesaurus) “ҳамаи ашёи арзишмандеро, ки дар замин гӯр карда шудаанд, ба девор гузошта шудаанд ё ба таври дигар пинҳон карда шудаанд, эътироф карданд, ки соҳиби онҳо аллакай бо давомнокии вақти гузашта номаълум аст”. Илова бар ин, дар ин марҳила ганҷина афзоиши молу мулки ғайриманқулро ташкил медод, ки дар натиҷа соҳиби қитъаи замин нисфи ганҷинаро пайравӣ мекард.

Аз ин рӯ, дар ҳолатҳое, ки ганҷина дар замини ёфтшуда ё дар қитъаи замини ба касе тааллуқдошта пайдо мешуд, он ба моликияти ёфтшуда мегузашт. Ҳангоми пайдо кардани ганҷ дар қитъаи замини бегона, он бояд дар ҳиссаи баробар байни соҳиби амвол ва ёфтшуда тақсим карда шавад. Ниҳоят, вақте ки ҷустуҷӯҳо бе иҷозати соҳиби замин ё бо супориши бевоситаи ӯ сурат мегирифтанд, ганҷина пурра ба моликияти дорандаи қитъаи замин мегузашт. Ин қоидаҳои бунёдии ҳуқуқи хусусии римӣ то имрӯз дар қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ мавриди истифода қарор дорад.

Дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар назарияи ҳуқуқи маданӣ нишонаҳои ганҷина ҳамчун объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад. Масалан, Е.В. Васьковский се аломати ганҷинаро ҷудо кардааст: 1) он бояд пинҳон шуда бошад; 2) дар замин пинҳон шуда бошад; 3) бояд ашёи қиматнок бошад [5, с.188]. Аломатҳои зикршуда дар моддаи 304 Кодекси мадании ҶТ ба назар мерасад.

Яке аз хусусиятҳои бандубасткунандаи ганҷина аз дигар асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият, аз ҷумла бозёфт дар он мебошад, ки предмети он на ҳама гуна ашё, балки ашёи қиматбаҳо аст. Мафҳуми баъзе намудҳои ашёи қиматбаҳо дар қонунгузорӣ муқаррар гардидааст. Масалан, м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва

сангҳои қиматбаҳо” аз 12 майи соли 2001, №21 [6] пешбинӣ менамояд, ки “металлҳои қиматбаҳо - тилло, нуқра, платина ва металлҳои гурӯҳи платина (палладий, ирридий, родий, рутений ва осмий). Рӯйхати мазкурро танҳо бо қонун тағйир додан мумкин аст. Металлҳои қиматбаҳо метавонад дар ҳар шаклу ҳолат, аз ҷумла дар шакли худрӯй, холис ва тоза кардашуда ва ҳамчунин дар шакли ашёи хом, хӯла, нимтайёр, маҳсулоти саноатӣ, пайвасти химиявӣ, маснуоти заргарӣ, маснуоти дигар, танга, шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот бошад”.

Фарқияти ганҷина аз бозёфт дар он аст, ки ганҷина метавонад танҳо пул ё ашёи қиматбаҳо бошад, дар ҳоле ки бозёфт ҳама гуна молу мулк шуда метавонад. Дуюм, ҳангоми пайдо кардани молу мулк аз моликияти соҳибмулк, ки маълум аст ё метавонад бар хилофи иродаи ӯ муқаррар карда шавад, хориҷ карда мешавад. Ганҷина бошад, нияти шахси номаълум-моликро дар назар дорад, ки молу мулки арзишмандро махсус пинҳон кардааст. Сеюм, ба ганҷина дохил кардани молу мулк онро дар замин гӯр кардан ё бо роҳи дигар пинҳон карданро дар назар дорад. Аз ин рӯ, мавҷудияти пул ё ашёи қиматбаҳо дар сатҳи замин маънои бандубаасти онҳоро ҳамчун бозёфт хоҳад дошт [7, с. 30-31].

Г.Ф. Шершеневич дар бораи ганҷина қайд намудааст, ки “ганҷина дар муддати хеле дур пинҳон карда шудааст, бинобар ин шахсоне, ки метавонанд ба онҳо тааллуқ доштани ашёҳоро исбот кунанд, вуҷуд надоранд” [8, с. 192].

Дар аввалин Кодекси мадании ИҶШС, ки соли 1922 қабул шудааст, дар бораи ганҷина зикр нашудааст, танҳо меъёри умумии ашёи бесоҳиб (ашёе, ки соҳиби он маълум нест) мавҷуд буд, ки чунин ашё ба моликияти давлат бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни махсус мегузашт (моддаи 68).

Баръакси қонунгузории қаблан амалкунанда (моддаи 148 КГ РСФСР соли 1964), ки ганҷинаро моликияти давлат эътироф намуда буд, Кодекси мадании ҶТ ду хусусияти асосии оқибатҳои ҳуқуқии пайдо кардани ганҷинаро ҷудо мекунад. Якум, ошкор кардани ганҷ дар қитъаи замини бе розигии соҳиби қитъаи замин боиси додани ганҷина (ё мукофотпулӣ) ба соҳиби қитъа ё дигар молу мулк мегардад. Ба таври дигар, пайдо кардани ганҷина дар қитъаи замини моликияти давлатӣ ё маҳаллӣ (ки аксар вақт рӯх медиҳад), дар шароити набудани розигии мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ боиси додани хазина ба моликияти давлатӣ ё маҳаллӣ, новобаста аз арзиши он мегардад. Оқибатҳои шабеҳ дар пайдо ганҷина дар қитъаи замине, ки ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ, истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ё иҷора дода шудааст, ба амал меоянд.

Қонунгузорӣ ба масъалаи мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ (худидоракунии маҳаллӣ), ки бояд ба шаҳрванд барои ҷустуҷӯи ганҷина дар қитъаи замини моликияти давлатӣ қарордошта розигӣ диҳад, ҷавоб намедиҳад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ бояд дар кадом шакл чунин розигиро баён кунанд? Дар ин росто, бояд бо ақидаи А .П. Анисимов розӣ шуд, ки шакли хаттӣ мусоид аст [9, с. 75].

Бояд қайд кард, ки предмети ганҷина танҳо пул ё ашёи қиматбаҳо ба ҳисоб меравад. Г.Ф. Шершеневич қайд менамояд, ки ганҷина бояд пеш аз ҳама ганҷ бошад, яъне чизе, ки арзиши хеле назаррас дорад. Дар курганаҳо будани тири устухонӣ ё асбобҳои сангӣ, бо тамоми таваҷҷуҳи илмии онҳо, наметавонад кашфи ганҷ ҳисобида шавад [8, с. 194].

Дар тафсири қонунгузории он давра, олим ба он диққат додааст, ки қонун чизеро, ки дар замин пинҳон карда шудааст, ганҷина мешуморад, аммо зарурати нигоҳ доштани маънои аслии калимаҳо вуҷуд надорад, талаб карда мешавад, ки ашё бояд пинҳон карда шуда бошад. Инчунин эҳтимол карда мешавад, ки ганҷина дар муддати хеле дур пинҳон карда шудааст, бинобар ин шахсоне, ки метавонанд ба онҳо тааллуқ доштани ашёҳоро исбот кунанд, боқӣ намондаанд. Инчунин бояд тахмин кард (аз рӯйи қонунгузории муосир), ки ашёҳои қиматбаҳо бояд пинҳон карда шаванд. Дар акси ҳол, пайдо кардани металлҳои қиматбаҳо бозёфт

аст ва хариди он бо моддаҳои дахлдори Кодекси маданӣ танзим карда мешавад.

Таърифи ганҷина дар қонунгузории Италия ҷолиб аст. Ганҷина ашёи арзишмандест, ки ҳеҷ кас наметавонад ҳуқуқҳои худро исбот кунад, гӯр карда ё пинҳон шудааст [10, с. 243]. Аз ин рӯ, дар ин ҳолат қонунгузори Италия чунин мешуморад, ки агар шахс пайдо шавад, қодир аст далелҳои дахлдори мансубияти ашёи арзишмандро, новобаста аз вақт, пешниҳод кунад, пас ашёи арзишманди пинҳоншуда ганҷина ҳисобида намешавад.

Дар таҷрибаи мамлакатҳои аъзои ИДМ масъалаи ганҷина ҳамчун асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият пешбинӣ гардидааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 28 декабри соли 1999, №779-IQ қайд шудааст, ки ганҷина, яъне пулҳои дар замин гӯршуда ё бо роҳи дигар пинҳоншуда ё дигар ашёҳои арзишманд, ки соҳиби онҳо наметавонад муқаррар карда шавад (қисми 1 моддаи 187).

Мафҳуми ганҷина дар Кодекси мадании Арманистон аз 28 июли соли 1998, №ЗР-239 ганҷина, яъне пул ё ашёи қиматбаҳо, ки дар замин ё дар ашёи дигар гӯр шудаанд ё бо роҳи дигар пинҳон карда шудаанд, ки соҳиби онҳо наметавонад муқаррар карда шавад ё тибқи қонун ҳуқуқи моликиятро аз даст додааст (банди 1 моддаи 186).

Тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Беларус аз 07 декабри соли 1998, № 218-З ганҷина, яъне пул ё ашёи қиматбаҳо, ки дар замин гӯр шудаанд ё ба таври дигар пинҳон карда шудаанд, ки соҳиби онҳо муқаррар карда намешавад ё дар асоси санади қонунгузорӣ ҳуқуқи онҳоро аз даст додааст (банди 1 моддаи 234).

Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон аз 27 декабри соли 1994, №268-XIII муқаррар намудааст, ки ганҷина, яъне пулҳои дар замин гӯршуда ё бо роҳи дигар пинҳоншуда ё дигар ашёҳои арзишманд, ки соҳиби онҳо наметавонад муқаррар карда шавад ё бо қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон ҳуқуқ ба онҳоро аз даст додааст (банди 1 моддаи 247).

Уложенияи мадании Олмон дар моддаи 984 муқаррар мекунад, ки агар ашёе, ки муддати тӯлонӣ пинҳон монда бошад, ки пайдо кардани соҳиби он (ганҷина) ғайриимкон аст, кушода шавад ва шахсе, ки онро ёфтааст, дар натиҷа ба он соҳиб шавад, пас ҳуқуқи моликият ба ин ашё ба даст оварда мешавад. Дар як нисфи он шахсе, ки онро кашф кардааст ва дар нимаи дигар соҳиби он чизе, ки дар он хазина пинҳон карда шудааст, ҳуқуқ дорад.

Кодекси мадании Фаронса дар моддаи 716 ганҷинаро чунин муайян мекунад: “Ҳар чизи пинҳонӣ ё пӯшида, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи моликияти худро ба он исбот карда наметавонад ва ба таври тасодуфӣ кушода аст, ганҷина номида мешавад”. Кодекси мадании Испания ганҷинаро мустақиман муайян намекунад, аммо дар моддаи 614-и он пешбинӣ гардидааст, ки “шахсе, ки тасодуфан ганҷинаи пинҳоншударо дар ашёи бегона пайдо мекунад, тибқи моддаи 351 Кодекси мазкур ба он ҳуқуқ дорад”.

Агар ганҷина дорои ашёи марбут ба ёдгориҳои таърихӣ ё фарҳангӣ бошад, он бояд ба моликияти давлатӣ дода шавад ва соҳиби қитъа ва шахсе, ки ганҷинаро ёфтааст, 50% арзиши ганҷинаро дар ҳиссаи баробар мегирад, агар дар созишномаи байни онҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ин қоида дар сурати пайдо шудани ганҷина аз ҷониби шахсе, ки вазифаи хизматии ӯ гузарондани кофтуков ва ҷустуҷӯи ганҷинаҳо (масалан, дар ҷараёни кофтукови археологӣ) мебошад, истифода намегардад. Аз ин рӯ, қисми 5 моддаи 304 Кодекси маданӣ муайян менамояд, ки қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба шахсоне, ки дар доираи уҳдадориҳои меҳнатӣ ва хизматӣ барои дарёфти ганҷина ҳафриёт ё ҷустуҷӯ мегузаронанд, татбиқ намешаванд.

Агар ашёҳои ёфтшуда арзиши илмӣ надошта бошанд, пас онҳо бояд байни соҳиби қитъаи замин ва шахсе, ки ганҷинаро пайдо кардааст, дар ҳиссаи баробар ё мувофиқи созишнома тақсим карда шаванд. Аммо Кодекси мадании ҶТ масъалаи он, ки шаҳрванде, ки ганҷро пайдо кардааст, бояд ба кадом маҳакро ҷиҳати ганҷина эътироф кардан ё накардан ба роҳбарӣ гирад, кушода боқӣ мемонад. Ба “ашёи қиматбаҳо” дохил кардани

маҳсулоту металлҳои қиматбаҳо шубҳае ба миён намеорад, аммо дар сурати пайдо шудани ашёи беназири мис, санг, чӯб ва ғайра дар байни ашёҳои ба ганҷина дохилшуда, ки арзиши таърихӣ-фарҳангӣ ё илмӣ доранд, дар асл, эҳтимоли шиносоии шаҳрванд бо асосҳои назариявии мероси таърихӣ-фарҳангӣ пешбинӣ карда мешавад, ки ин ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди ин, ашёҳое, ки ба ганҷина дохил мебошанд, бояд ба маҷмӯи муайяни аломатҳо ҷавобгӯй бошанд. Ганҷина, пеш аз ҳама, пул ё ашёи қиматбаҳо аст. Хусусияти нисбии категорияи "арзиш" аз истифодаи он дар ин ҳолат шаҳодат медиҳад. Гарчанде ки, албатта сухан дар бораи арзиши моддӣ меравад, зеро ашёҳои дигар, аз ҷумла ашёҳое, ки арзиши илмӣ ва фарҳангиро доранд, ганҷина намебошанд. Маҳз арзиши моддӣ бояд ҳамчун маҳак ҳангоми ҷудо кардани ашёҳои қадимии дар натиҷаи кофтукови археологӣ ва ганҷинаҳо пайдошуда ба инобат гирифта шавад. Ба назар мерасад, ки истисно дар ин ҳолат ашёҳое мебошанд, ки арзиши фарҳангӣ ва моддиро дар худ якҷоя мекунанд, ба монанди осори аз маводи қиматбаҳо сохташуда. Ҳангоми пайдо кардани ашёҳои категорияи пораҳои гил, папирусҳои қадимӣ ва ғайра, онҳо ганҷина маҳсуб намеёбанд, зеро ин ашёҳоро, чун қоида, касе махсус пинҳон накардааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар сурати баҳс дар бораи ба категорияи "ашёи қиматбаҳо" дохил кардани ашёи дар таркиби ганҷина пайдошуда ва андозаи мукофот, ин масъаларо суд метавонад дар асоси натиҷаҳои экспертизаи илмӣ ҳал намояд.

Баъзе муҳаққиқон (аз ҷумла С.В. Овсейко, Г. Ф. Шершеневич, Л. В. Шенникова) аломатҳои ганҷинаро таҳлил карда, нишон медиҳанд, ки ба ганҷина чизҳое дохил карда мешаванд, ки давраҳои муайян пинҳон карда шудаанд. Дар ин ҳолат, ҳудуди дақиқи вақт аз лаҳзаи пинҳон кардани ганҷина то лаҳзаи ошкор кардани он муқаррар карда намешавад.

Масалан, Г.Ф. Шершеневич, аломати пинҳон будани ганҷинаро чунин муайян кардааст, ки ганҷина дар муддати хеле дур пинҳон карда мешавад, бинобар ин шахсоне, ки метавонанд ба онҳо тааллуқ доштани ашёҳоро исбот кунанд, нигоҳ дошта нашудаанд [8, с. 175].

Хусусияти дигари ганҷина ин пинҳон будани он мебошад. Дар ин бора И.А. Богун дуруст қайд менамояд, ки "пинҳонкуниро дутарафа фаҳмидан мумкин аст: пинҳон кардан ҳамчун амали мақсадноки касе, ки ганҷинаро пинҳон кардааст (яъне шахсе, ки соҳиби ашёҳои ба ганҷина дохилшуда буд, ин ашёҳоро қасдан ва мақсаднок пинҳон кардааст) ё ҳамчун хосияти берунии ашёи пинҳоншуда (новобаста аз усул ва мақсаднокии пинҳон) яъне ганҷина (дақиқтараш ашёҳое, ки ба ганҷина дохил мешаванд, зеро ганҷина ин бештар, вазъи ҳуқуқии ин ашёҳо мебошад) метавонад дар натиҷа масалан, ягон падидаи табиии табиӣ (фурӯпошии замин, ба байни баргҳо ва замин ва ғайра) пинҳон шаванд" [11, с. 21].

Шарти "пинҳон будан"-и ашё дар ганҷина низ далели хусусияти ашё мебошанд. Барои асоси баррасишавандаи ба даст овардани ҳуқуқи моликият мавҷудияти далелҳои махсус шартҳо хос аст, ки вазъи ҳуқуқии иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқиро тавсиф мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи моликият аз рӯйи асосҳои баррасишаванда танҳо дар сурате ба вуҷуд омада метавонад, ки агар доираи вазифаҳои меҳнатӣ ё хизматии шахсе, ки ганҷинаро ошкор кардааст, гузарондани кофтуковҳо ва ҷустуҷӯҳои ба кашфи ганҷина равонашударо дар бар нагирад.

Маҳз хусусиятҳои далелҳое, ки реҷаи ҳуқуқии ашё ва муносибати ҳуқуқиро тавсиф мекунанд, аломатҳои фарққунанда мебошанд, ки имкон медиҳад реҷаи ҳуқуқии ганҷина ва бозёфт фарқ карда шавад. Фарқиятҳои пурра инҳо мебошанд: ганҷина – пул ё ашёи қиматбаҳо, бозёфт – ҳар ашёи манқул; бозёфт ин нисбат ба ашёе паҳн мегардад, ки молик гум кардааст, ганиҷина бошад, ашёе аст, ки молик пинҳон кардааст (пинҳон шудааст); ашёи ёфташуда дар бозёфт одатан молик дорад, ганҷинаро ашёҳое ташкил медиҳанд, ки молик надоранд ё муқаррар намудани ҳуқуқ нисбат ба онҳо ғайриимкон аст. Дар ин замина, моддаи 770 Кодекси мадании Фаронса

муайян менамояд, ки ганҷина ашёе эътироф мешавад, ки ба он ягон шахс наметавонад ҳуқуқашро тасдиқ намояд.

Ҳамин тариқ, барои пайдоиши ҳуқуқи моликият ба ганҷина мавҷудияти як қатор фактҳо, ки муносибати ҳуқуқиро тавсиф мекунанд, зарур аст. Ба онҳо факти аз даст додани ҳуқуқи соҳиби ганҷина бо сабаби қонун ё "муқаррар накардани" он, инчунин далели мавҷудияти ҳуқуқ ба молу мулк (қисми замин, бино ва ғайра), ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст, дохил мешавад. Дар ин ҳолат бояд ба нодурустии истифодаи қонунгузор аз мафҳуми "мансубият"-и молу мулк диққат дод, зеро маълум нест, ки ин молу мулк бояд дар кадом асоси қонунӣ дар ихтиёри соҳиби ҳуқуқ бошад. Саволе ба миён меояд, ки мансубият муродифи мафҳуми соҳибӣ аст? Чунин ба назар мерасад, ки чунин нест, зеро истифодаи ин калима ба таври возеҳ мавҷудияти асос (титул)-ро дар назар дорад. Тибқи қисми 1 моддаи 225 Кодекси мадании ҶТ соҳибӣ ҳукмфармоии воқеии шахс нисбат ба объекти соҳибишаванда (моддаи 257 ҳамин Кодекс) мебошад, ки то мавҷуд будани дастрасии озоди соҳиб ба ин объект нигоҳ дошта мешавад.

Ба далелҳо инчунин бояд фактҳое дохил карда шаванд, ки речаи ҳуқуқии ашёро тавсиф мекунанд, масалан, ба ёдгориҳои таърихӣ ё фарҳангӣ дохил кардани он, зеро ин ҳолат шарти зарурии пайдоиши ҳуқуқи моликияти давлатӣ мебошад. Ба шартҳои харид, ки дар речаи ҳуқуқии ашё ифода меёбанд, факти ба пул ё ашёи арзишманд нисбат додани ашё дохил мешавад. Пул моли махсусест, ки эквиваленти умумӣ аст. Танҳо воситаҳои пардохтии дар муомилот буда, аз ҷумла асъори хориҷӣ (нишонаҳои пулӣ дар шакли банкнотҳо, чиптаҳои хазинадорӣ, тангаҳои дар муомилотбуда ва воситаи қонунии пардохти нақдӣ дар ҳудуди давлати дахлдори хориҷӣ ва ғайра) метавонанд пул ҳисобида шаванд.

Ба ашёҳои арзишманд ашёҳое дохил мешаванд, ки арзиши назаррас доранд (категорияи баҳодиҳӣ). Ва ин маънои арзиш аз нуқтаи назари иқтисодиро дорад (металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, заргарӣ ва дигар маҳсулоти онҳо ва ғайра) [12].

Масъалаи ҷолиб ин аст, ки оё ашёи ғайриманқул метавонад ҳамчун ганҷина эътироф карда шавад. Чунин ба назар мерасад, ки аз хулоса баровардан мумкин аст, ки ганҷина метавонад танҳо ашёи ҳаракаткунандаро ташкил диҳад. Хулоса метавонад ба ду ҳолат асоснок карда шавад. Якум, барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқули бесоҳиб тартиби дигари пайдоиши ҳуқуқ қонунгузорӣ шудааст. Дуюм, "барои асосноккунии ин хулоса то андозае истифодаи ибораи "ашёҳои арзишманд" муҳим аст, ки барои тавсифи ашёи ғайриманқул хос нест" [13].

Факти ҳуқуқии бевосита ҳуқуқпайдокунанда ин пайдо кардани ганҷина мебошад. Хусусияти ин ҳолат дар он аст, ки ин факт метавонад асоси пайдоиши ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ бошад. Ҳамин тавр, тибқи қоидаҳои умумии Кодекси маданӣ, ганҷина ба моликияти шахсе, ки молу мулки пинҳоншудаи ганҷинаро дорад ва шахсе, ки ганҷинаро дар ҳиссаи баробар пайдо кардааст, ворид мешавад, агар дар созишномаи байни онҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад. Дар Кодекси маданӣ нишон дода шудааст, ки "шахсе, ки ганҷинаро пайдо кардааст". Аммо чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат асоси пайдоиши ҳуқуқи моликият метавонад амалҳои мутақобилаи яктарафаи якчанд субъектҳо бошад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи ҳуқуқӣ равона карда шудаанд. Ин хулоса ба мафҳуми "шахсе, ки молу мулк ба ӯ тааллуқ дорад" низ дахл дорад, зеро чунин объектҳо метавонанд дар моликияти умумии якҷоя ё ҳиссагӣ бошанд. Илова бар ин, ба таркиби воқеии барои пайдоиши ҳуқуқи моликият дар вазъияти мавриди назар зарурӣ созишномаи байни шахсони зикршуда низ дохил карда мешавад.

Дар қонунгузорӣ лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқи моликият ба ганҷина муайян карда нашудааст. Чунин ба назар мерасад, ки дар чунин лаҳза далелҳои гуногун вобаста аст ва аз лаҳзаи ҷамъшавии дигар далелҳои ҳуқуқии ба фактҳои ҳуқуқӣ дохилшуда вобаста аст. Ҳамин тавр, дар сурати ҷустуҷӯйи ганҷина бо розигии молик ва инчунин дар сурати мавҷуд будани созишнома байни молик ва шахсе, ки

ганҷинаро пайдо кардааст, лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқи моликият метавонад бо лаҳзаи пайдо кардани ганҷина муайян карда шавад. Аммо ҳолатҳое низ имконпазир аст, ки ҷустуҷӯйи ганҷина бе розигии молик анҷом дода мешавад.

Дар мавриди чунин ҳолат қонун қоидаи зеринро муқаррар кардааст: ҳангоми пайдо кардани ганҷина аз ҷониби шахсе, ки бе розигии соҳиби қитъаи замин ё дигар молу мулки пинҳоншуда кофтуков ё ҷустуҷӯи арзишҳоро анҷом додааст, ганҷина бояд ба соҳиби қитъаи замин ё соҳиби бино, иншоот ва ғайра дода шавад. Қисми 4 моддаи 304 Кодекси мадани муайян кардааст, ки шахсе, ки бе розигии молик ё соҳиби дигари қонунии қитъаи замин ё дигар молу мулке, ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст, ҳафриёт ё ҷустуҷӯро гузарондааст, ҳуқуқ ба подош надорад. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат, лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқи моликият бояд бо лаҳзаи интиқоли ашё муайян карда шавад. Ин қоида бояд ба ҳолатҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ганҷина аз ҷониби давлат низ татбиқ карда шавад. Мувофиқи қисми 3 моддаи 304 Кодекси мадании ҶТ шахсе, ки ганҷинаи ба ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ алоқамандро ёфтааст, ҳуқуқ дорад то пардохти подош ин молу мулкро нигоҳ дорад.

Кодекси маданӣ номгӯйи пурраи усулҳои пинҳон кардани ганҷинаро муқаррар намекунад, танҳо дар бораи пинҳон кардани ганҷина дар замин ҳамчун яке аз имконпазир зикр мекунад. Аммо ашёҳоро на танҳо дар замин, балки дар сатҳи он низ пинҳон кардан мумкин аст, бе он ки дар он баста шаванд: масалан, дар ғорҳо, дарёҳо, раххои сангҳо, дар қаъри кӯл ё дарё. Дар баробари қитъаи замин, пул ё ашёи қиматбаҳо метавонанд дар сохтмонҳо (манораи обкашӣ, ҳавз, қубури магистралӣ), инчунин дар дигар объектҳои ғайриманқул: дар корхона, дар дохили ҳавопаймо ё киштии баҳрӣ пайдо карда шаванд.

Маҳаки дигари ба ганҷина дохил кардани ашёи пайдокарда ба таври объективӣ ғайриимкон будани муқаррар кардани молик мебошад. Дар ин ҳолат, аз матни моддаи 304 Кодекси маданӣ барнамоеяд, ки чунин амалҳо ба доираи вазифаҳои кӣ дохил мешаванд, гарчанде ки худи истилоҳи "муқаррар кардан" имкон медиҳад, ки тартиби расмии ин тартиб тахмин карда шавад.

Вобаста ба хоҳиши пайдо кардани ганҷина ва ҷустуҷӯйӣ кардани он дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Литва меъёри махсус вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, қисми 1 моддаи 953 Кодекси мазкур муқаррар кардааст, ки ҷустуҷӯи ганҷина дар замини бегона манъ аст. Касе, ки ин қоидаро вайрон мекунад, аз ганҷинае, ки пайдо кардааст, чизе намегирад. Дар айни замон, қисми 2 ин меъёр пешбинӣ мекунад, ки шахсе, ки ганҷинаро тасодуфан дар замини бегона пайдо шудааст, нисфи онро мегирад ва нисфи дигараш ба соҳиби замин тааллуқ дорад.

Кодекси мадании ҶТ дар хусуси анҷом додани корҳои ҷӯстуҷӯйи дар қитъаи замини бегона ягон меъёри махсусро пешбинӣ накардааст. Аммо тибқи қоидаи умумӣ ба қитъаи замини шахс бе розигии вай даромада, онро истифода кардан ғайриимкон аст. Чунин розигии соҳиби қитъаи замин шарт нест ба таври хаттӣ ифода шуда бошад, он метавонад дар шакли иҷро кардани баъзе амалҳое, ки чунин розигиро ифода менамоянд, анҷом дода шавад. Масалан, барои коркарди замин, ё кандани ягон чоҳ ҷалб намудани шахс.

Дар баъзе давлатҳо (масалан Беларусия, Украина) барои дуздии ганҷина ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Тибқи моддаи 193 Кодекси ҷиноятии Украина, масъулият дар сурати аз ҷониби шахс додани молу мулки бегонае, ки дар ӯ пайдо шудааст ё тасодуфан пайдо шудааст, ки арзиши махсуси таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё фарҳангӣ дорад, инчунин ганҷина ба миён меояд. Баръакси дуздӣ, дар сурати гирифтани ганҷина гунаҳкор барои гирифтани ашё аз молик ё дигар соҳиби қонунӣ амал намекунад. Дар ин ҳолат, молу мулк аллакай дар ҳолати беназорат қарор дорад.

Ба ақидаи мо, ганҷина наметавонад ашёҳои марбут ба ёдгориҳои таърихӣ ё фарҳангиро дар бар гирад, тавре ки дар кодексҳои мадании ҳамаи давлатҳои иштирокчии ИДМ қайд шудааст. Ҳамаи

ёдгориҳо (объектҳои мероси фарҳангӣ) аллакай ба қайд гирифта шудаанд ва ба феҳристҳои давлатӣ дохил карда шудаанд. Он чизе, ки қонунгузор дар меъёри дахлдори ҳуқуқии маданӣ дар назар дорад, дурусттар аст, ки ҳамчун объектҳои моддӣ, ки дорои арзишҳои фарққунандаи маънавӣ, бадеӣ ва (ё) ҳуҷҷатӣ мебошанд ва ба яке аз маҳакҳои интихоби онҳо барои додани мақоми объекти мероси фарҳангӣ (ёдгории таърихӣ ва фарҳангӣ; ёдгорӣ; арзиши таърихӣ-фарҳангӣ) мувофиқат мекунанд.

Дар сурати дар таркиби ганҷина пайдо шудани онҳо бояд ба моликияти давлатӣ ворид шаванд. Дар ин ҳолат, ба соҳиби қитъаи замин ё дигар молу мулке, ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст ва ба шахсе, ки ганҷинаро пайдо кардааст, ҳуқуқи гирифтани мукофот дар ҳаҷми арзиши ганҷинаро додан мақсаднок аст. Қисми 3 моддаи 304 Кодекси мадании ҶТ низ ҳуқуқ ба гирифтани подошро барои пайдо кардани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ кафолат додааст.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

## КЛАД КАК ОСНОВАНИЕ ПРИОБРЕТЕНИЯ ПРАВ СОБСТВЕННОСТИ

***Ключевые слова:*** гражданское законодательство; имущественные права; материальные права; невостребованное имущество; сокровище ценности; вещи и меры; объекты гражданскых прав; римское право; движимое имущество; основы приобретения прав собственности.

***Аннотация:*** В данной статье определены понятие и характеристики клада с учетом положений культурного законодательства Республики Таджикистан. Также анализируется правовой статус определения клада как основания приобретения права собственности в контексте законодательства страны, законодательства стран СНГ, исторической литературы и научных мнений и теорий отечественных и зарубежных ученых.

***Ахмедова Мунира Хасановна*** - старший преподаватель кафедры методики преподавания истории и права факультета истории и права Худжандского государственного университета имени академика Бобожана Гафурова, соискатель кафедры теории государства и права юридического факультета Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: ahmedovamunira@inbox.ru, Тел.: (+992) 927-74-11-45.

## TREASURE AS A BASIS FOR ACQUISITION OF OWNERSHIP RIGHTS

***Keywords:*** civil law; property rights; material rights; unclaimed property; treasure of value; things and measures; objects of civil rights; Roman law; movable property; basics of acquiring property rights.

***Annotation:*** This article defines the concept and characteristics of a treasure, taking into account the provisions of the cultural legislation of the Republic of Tajikistan. The legal status of the definition of treasure as a basis for acquiring property rights in the context of the country's legislation, the legislation of the CIS countries, historical literature and scientific opinions and theories of domestic and foreign scientists is also analyzed.

***Akhmedova Munira Khasanovna*** - a senior lecturer at the Department of Methods of Teaching History and Law, Faculty of History and Law, Khujand State University named after Academician Bobozhan Gafurov, applicant for the Department of Theory of State and Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: ahmedovamunira@inbox.ru, Tel.: (+992) 927-74-11-45.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Аверченко Н.Н. Мафҳум ва хусусиятҳои ашё ҳамчун объекти ҳуқуқи шаҳрвандӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи Русия. – 2004. – №5. – С. 34-38.

2. Ҳуқуқи гражданӣ / Зери таҳ. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – СПб., 1996. – Ч. 1. – 480 с.

3. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Ш.К. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – 448 с.

4. Ҳуқуқи хусусии римӣ: китоби дарсӣ барои бакалавр ва магистрҳо / И.Б. Новицкий [ва дигарон] / тахрири И.Б. Новицкий; муҳаррири масъул И.С. Перетерский. – Москва: Нашриёти Юрайт, 2019. – 540 с.

5. Васьковский Е.В. Китоби дарсии ҳуқуқи гражданӣ. Ҷилди. II. Ҳуқуқи моликият. – СПб., 1896. – 418 с.

6. Қонуни ҶТ “Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо” аз 12 майи соли 2001, №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №4, мод.194; с.2006, №4, мод.199; с.2007, №7, мод.673; с.2008, №12, s.2, мод.999; с.2009, №9-10, мод.545; с.2011, №6, мод. 454.

7. Иоффе О.С. Ҳуқуқи граждании Шӯравӣ. – М., 1967. – 585 с.

8. Шершеневич Г.Ф. Китоби дарсии ҳуқуқи граждании Росия (нашри соли 1907) / Г.Ф.Шершеневич; муаллиф. муқаддима Э.А. Суханов. – М.: Фирма «СПАРК», 1995. – 475 с.

9. Анисимов А.П. Ганҷ ҳамчун асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият // Ҷаҳони ҳуқуқӣ. – 2004. – №12. – С. 74-78.

10. Институтхои асосии ҳуқуқи граждании давлатҳои хориҷӣ. Таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ. / Роҳ. д.и.ҳ. В.В. Залесский. – М., 2000. – 543 с.

11. Богун И.А. Дар масъалаи тафовут байни мафҳумҳои «ганҷ» ва «бозёфт» // Паёми нави ҳуқуқӣ. – 2022. – №1(34). – С. 18-24.

12. Тафсири модда ба модда ба Кодекси граждании Федератсияи Россия, қисми якум. / зери таҳ. П.В. Крашенинникова. 2011 // Манбаи дастрасӣ: СПС «Консультант Плюс».

13. Тафсири Кодекси граждании Федератсияи Россия. Қисми якум: тафсири илмӣ - амалӣ (модда ба модда)/ зери таҳ. А.П. Сергеева). – 2010 // Манбаи дастрасӣ: СПС «Консультант Плюс».

**Список литературы:**

1. Аверченко Н.Н. Понятие и признаки вещи как объекта гражданских прав // Журн. рос. Права. – 2004. – №5. – С. 34-38.

2. Гражданское право / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – СПб., 1996. – Ч. 1. – 480 с.

3. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Ш.К. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – 448 с.

4. Римское частное право: учебник для бакалавров и магистров / И.Б. Новицкий [и др.] / под редакцией И.Б. Новицкого; ответственный редактор И.С. Перетерский. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 540 с.

5. Васьковский Е.В. Учебник гражданского права. Вып. II. Вещное право. – СПб., 1896. – 418 с.

6. Закон РТ «О драгоценных металлах и драгоценных камнях» от 12 мая 2001 года, №21 // новости Маджлиси Оли Республики Таджикистан, С. 2001, №4, ст.194; С.2006, №4, ст.199; С.2007, №7, ст.673; С.2008, №12, стр.2, ст.999; С.2009, №9-10, ст.545; С.2011, №6, ст. 454.

7. Иоффе О.С. Советское гражданское право. – М., 1967. – 585 с.

8. Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.) / Г. Ф. Шершеневич; авт. предисл. Е.А. Суханов. – М.: Фирма «СПАРК», 1995. – 475 с.

9. Анисимов А.П. Клад как основание приобретения права собственности // Юрид. мир. – 2004. – №12. – С. 74-78.

10. Основные институты гражданского права зарубежных стран. Сравнительно-правовое исследование. / Рук-ль- д.ю.н. В.В. Залесский. – М., 2000. – 543 с.

11. Богун И.А. К вопросу о разграничении понятий «клад» и «находка» // Новый юридический вестник. – 2022. – №1(34). – С. 18-24.

12. Постатейный комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части первой / под ред. П.В. Крашенинникова. 2011 // Манбаи дастрасӣ: СПС «КонсультантПлюс».

13. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая: учебно-практический комментарий (постатейный) / под ред. А. П. Сергеева). – 2010 // Манбаи дастрасӣ: СПС «КонсультантПлюс».

**List of literature:**

1. Averchenko N.N. The concept and characteristics of a thing as an object of civil rights // Journal. grew up Rights. – 2004. – No. 5. – pp. 34-38.

2. Civil law / Ed. A.P. Sergeeva, Yu.K. Tolstoy. – St. Petersburg, 1996. – Part 1. – 480 p.

3. Soibzoda M.M., Sherzoda B.S. The new institutes of the civil law of Republic of Tajikistan: monograph: first edition // Edited by Ghayurzoda Sh.K. Doctor of Law, Professor. - Dushanbe: "Mehroj-graf", 2023. - 448 p.

4. Roman private law: a textbook for bachelors and masters / I.B. Novitsky [and others] / edited by I.B. Novitsky; executive editor I.S. Peretersky. – Moscow: Yurayt Publishing House, 2019. – 540 p.

5. Vaskovsky E.V. Textbook of civil law. Vol. II. Property right. – St. Petersburg, 1896. – 418 p.

6. Law of the Republic of Tajikistan "On Precious Metals and Precious Stones" dated May 12, 2001, No. 21 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2001, No. 4, Article 194; p. 2006, No. 4, Article 199; p. 2007, No. 7, Article 673; p. 2008, No. 12, p. 2, art. 999; p. 2009, No. 9-10, Article 545; p. 2011, No. 6, art. 454.Ioffe O.S. Soviet civil law. – M., 1967. – 585 p.

7. Shershenevich G.F. Textbook of Russian civil law (according to the 1907 edition) / G. F. Shershenevich; auto preface E.A. Sukhanov. – M.: Firm “SPARK”, 1995. – 475 p.

8. Anisimov A.P. Treasure as a basis for acquiring property rights // Legal. world. – 2004. – No. 12. – pp. 74-78.

9. Basic institutions of civil law of foreign countries. Comparative legal research. / Head - Doctor of Legal Sciences V.V. Zalessky. – M., 2000. – 543 p.

10. Bogun I.A. On the issue of distinguishing the concepts of “treasure” and “find” // New Legal Bulletin. – 2022. – No. 1(34). – P. 18-24.

11. Article-by-article commentary to the Civil Code of the Russian Federation, part one / ed. P.V. Krasheninnikova. 2011 // Manbai dastras: ATP “ConsultantPlus”.

12. Commentary on the Civil Code of the Russian Federation. Part one: educational and practical commentary (item by article) / ed. A. P. Sergeeva). – 2010 // Manbai dastras: ATP “ConsultantPlus”.



**УДК: 347.1**

**Дустова Наргис Сайрухмадовна,**
*аспирант 2-го года обучения кафедры гражданского права юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: dustovanargis76@gmail.com*
*Тел.: (+922) 886-60-18-60.*

# К ВОПРОСУ О ПРАВОВОЙ ПРИРОДЕ КОММЕРЧЕСКОЙ ТАЙНЫ

***Ключевые слова:*** коммерческая тайна; конфиденциальная информация; гражданское законодательство; предпринимательская деятельность; гражданский оборот; конкурентное преимущество.

***Аннотация:*** В статье проведен анализ с целью определения правовой природы коммерческой тайны с точки зрения современной научной доктрины и законодательства. Раскрыты законодательные подходы к пониманию информации как самостоятельного гражданско-правового объекта. Выявлены надлежащие меры по защите конфиденциальности коммерческой тайны в современных условиях. Автором проводится анализ того, что именно может считаться коммерческой тайной, и какие критерии используются для этого в рамках законодательства.

Коммерческая тайна, с точки зрения ее правовой природы, представляет собой уникальный юридический институт, в основе которого лежит концепция конфиденциальной информации, придаваемой экономической ценности. Рассматриваемое понятие находится в центре внимания правовой доктрины и законодательства многих стран. В основе правовой природы коммерческой тайны лежит признание экономической ценности информации, которая является субъективным активом для предприятия. Такая информация обычно не является общедоступной и предоставляет своему обладателю конкурентное преимущество. Законодательство о коммерческой тайне присваивает обладателям определенные права на контроль за использованием и раскрытием такой информации третьими сторонами. Данные права могут включать в себя возможность предъявления судебных исков, требований о конфиденциальности, а также установление мер по защите информации.

Следует также подчеркнуть, что природа коммерческой тайны, помимо прочего, обращает внимание на баланс интересов между необходимостью обеспечить конфиденциальность в коммерческой деятельности и, с другой стороны, обеспечить открытость и конкуренцию. Это создает сложную динамику в правовой области, где необходимо найти компромисс между защитой частной информации и поддержанием конкурентной среды.

Важным аспектом является также вопрос определения, что именно может считаться коммерческой тайной, и какие критерии используются для этого в рамках конкретного законодательства. В свете роста цифровизации и легкости передачи информации сегодня, вопросы о правовой природе коммерческой тайны также касаются аспектов кибербезопасности и мер предотвращения кражи информации в виртуальном пространстве.

Следует отметить, что информация, согласно статье 163 ГК РТ может быть самостоятельным объектом гражданских прав. В сфере гражданско-правового регулирования может находиться лишь та информация, в отношении которой определен ограничительный режим доступа. В экономической деятельности коммерческая тайна наиболее ценный вид конфиденциальной информации [1].

В этой связи Л.В. Тихомирова и М.Ю. Тихомиров определяют коммерческую тайну как «охраняемое законом право предприятия на засекречивание (ограниченный доступ) производственных, технологических, торговых, финансовых и других хозяйственных операций и документации по ним» [8, с.414]. Приведенный авторский тезис представляется нам достаточно интересным, так как в нем делается упор на право самого предприятия ограничивать доступ к определенной информации, что отражает понимание коммерческой тайны не только как объекта, но и как субъективного права, предоставляющего предприятию возможность активно управлять доступом к своей конфиденциальной информации. Подобное понимание коммерческой тайны подчеркивает особенность самого процесса защиты, который предприятие может осуществлять через установление мер по секретности и контролю за раскрытием информации. В контексте современного мира, где информация становится все более ценной и уязвимой, этот акцент на активное управление конфиденциальностью представляется особенно актуальным.

Соловьев Э.Я. под категорией «коммерческая тайна» понимает «преднамеренно скрываемую по коммерческим соображениям экономические интересы и сведения о различных сторонах и сферах деятельности фирмы, охрана которых обусловлена интересами конкуренции и возможными угрозами экономической безопасности фирмы» [6, с.5]. Мы согласны с подобной авторской трактовкой рассматриваемой категории, так как коммерческая тайна, действительно, представляет собой нечто большее, чем просто технологические инновации или торговые секреты. Концепция коммерческой тайны охватывает широкий спектр экономических интересов и сведений, преднамеренно скрываемых фирмой с целью обеспечения конкурентных преимуществ и защиты от возможных угроз экономической безопасности. Важным аспектом в этой концепции является то, что делается упор на преднамеренное скрывание информации по коммерческим соображениям, что, в свою очередь, подчеркивает активный и стратегический характер управления коммерческой тайной, где фирма не просто обладает определенной информацией, но также активно участвует в ее защите и контроле.

Соловьев Э.Я. также отмечает, что охрана коммерческой тайны в данном контексте обусловлена интересами конкуренции. Суть коммерческой тайны связана не только с индивидуальным интересом фирмы, но и с обеспечением здоровой конкуренции в предпринимательской среде. В таком контексте, коммерческая тайна выступает важным инструментом, позволяющим предприятию эффективно соперничать на том рынке, где он осуществляет свою предпринимательскую деятельность.

А.В. Адамов в своей статье идет еще дальше и не только дает определение коммерческой тайне, но и выделяет ряд признаков: «коммерческая тайна – это научно-техническая (в том числе о результатах творческой деятельности), коммерческая, организационная или иная используемая в предпринимательской деятельности информация: 1) которая обладает действительной или потенциальной ценностью в силу неизвестности ее третьим лицам; 2) к которой нет свободного доступа на законном основании; 3) обладатель которой принимает надлежащие правовые, организационные, технические и иные меры по защите ее конфиденциальности» [3,с.21]. Анализ идеи А.В. Адамова о природе коммерческой тайне позволяет нам сделать вывод о том, что информация признается коммерческой тайной, если она обладает действительной или потенциальной ценностью в силу неизвестности для третьих лиц. Нужно подчеркнуть, что ключевым фактором является уникальность и конфиденциальность информации, которая придает ей экономическую ценность, основанную на ограниченном доступе.

Дополнительный признак заключается в том, что к информации, считающейся коммерческой тайной, нет свободного доступа на законном основании. В данном случае предполагается, что для того, чтобы информация квалифицировалась как коммерческая тайна, ее доступность должна быть ограничена законом, и третьи лица не могут свободно получить ее легальным образом. А.В. Адамовым дополнительно выделяется значимость принятия обладателем коммерческой тайны надлежащих мер по защите ее конфиденциальности. Подобные меры включают в себя организационные, технические, и правовые меры. Такой акцент подчеркивает активную роль предприятия в обеспечении конфиденциальности информации и готовность применять разнообразные инструменты для предотвращения утечек.

По мнению Е.Н. Трубецкого: «коммерческая тайна – это право предприятий, организаций не разглашать, не сообщать, сохранять в тайне сведения об их производственной, торговой, финансовой, научно-технической деятельности, обусловленное опасностью нанесения ущерба предприятию» [7,с.22]. Мы поддерживаем данную мысль Е.Н. Трубецкого, так как коммерческая тайна представляет собой не просто информацию, но и является своеобразным правом предприятий и организаций. Суть этого права заключается в запрете разглашения, передачи и в обязанности сохранять в тайне сведения об различных сферах деятельности предприятия, таких как производственная, торговая, финансовая, научно-техническая. Ключевым моментом в данной концепции исследователя является опасность нанесения ущерба предприятию, так как несанкционированное раскрытие коммерческой тайны может привести к серьезным последствиям для предприятия, таким как потеря конкурентных преимуществ, финансовые убытки, и даже угроза его общей устойчивости.

Подобный подход подразумевает, что коммерческая тайна рассматривается не только как средство защиты конфиденциальности, но и как важный элемент обеспечения безопасности и успешности предприятия в условиях рыночной конкуренции. В данном контексте важно понимать, что защита коммерческой тайны предприятия становится частью стратегии выживания отдельных субъектов предпринимательской деятельности.

Н.А. Потапов пишет, что коммерческая тайна – это совокупность различных мер, обеспечивающих конфиденциальность соответствующей информации [5, с.43]. В данном контексте будет не лишним подвергнуть научному осмыслению категорию «информация» с точки зрения отечественного законодательства.

В статье 3 Закона Республики Таджикистан «О коммерческой тайне» от 18 июня 2008 года коммерческая тайна определяется как конфиденциальность информации, позволяющая ее обладателю при существующих или возможных обстоятельствах увеличить доходы, избежать неоправданных расходов, сохранить положение на рынке товаров, труда, услуг или получить иную коммерческую выгоду [2].

При определении объекта коммерческой тайны необходимо исходить из того, что информация в гражданском обороте представляет коммерческий интерес и имеет специфические свойства, позволяющие ее отличить от других видов информации.

По мнению Лягушкина В.П.: «Всю информацию, которая обращается в коммерческом обороте, можно разделить на общедоступную (открытую) и ограниченную в обращении (закрытую)» [4]. В данном случае автор выделяет важную дихотомию в контексте коммерческой информации, утверждая, что всю информацию, используемую в коммерческом обороте, можно разделить на две категории: открытую и закрытую. Общедоступная информация предполагает, что эта информация широко доступна и открыта для общественности и она может включать в себя общедоступные факты, данные, и другую информацию, к которой любой желающий может получить свободный доступ. Данная категория информации,

вероятно, не подпадает под регулирование коммерческой тайны, так как она уже в сфере общего доступа.

С другой стороны, ограниченная в обращении информация, или закрытая, предполагает, что у нее ограничен доступ, и она не является общедоступной. Необходимо отметить, что это могут быть торговые секреты, конфиденциальные данные о продукции или технологии, которые предприятие стремится удерживать от публичного восприятия для обеспечения конкурентного преимущества.

Проведя анализ актуальной научной доктрины в данной области, нужно отметить, что институт коммерческой тайны олицетворяет собой комплекс правовых отношений, основанных на принципах конфиденциальности и охраны экономически значимой информации. В его основе лежит система нормативных актов, в том числе законодательства, национальных и международных соглашений, предназначенных для установления, защиты и регулирования конфиденциальности технологических, торговых и организационных секретов предприятий.

Правовая природа данного института отражает его функциональное предназначение - обеспечение справедливого баланса между необходимостью защиты конфиденциальной информации и обеспечением свободы предпринимательства. Указанная система правовых норм стремится предотвратить неправомерное завладение и использование коммерческой тайной , содействуя таким образом поддержанию конкурентоспособности предприятия на рынке.

**Рецензент: д.ю.н., доцент Имомова Н.М.**

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ СИРРИ ТИҶОРАТӢ

***Калидвожаҳо:*** сирри тиҷоратӣ; маълумоти махфӣ; қонунгузории маданӣ; фаъолияти соҳибкорӣ; гардиши граждании; бартарии рақобат.

***Аннотатсия:*** Дар мақола мафҳуми моҳияти ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ аз нуқтаи назари таълимот ва қонунгузории муосири илмӣ таҳлил шудааст. Равишҳои қонунгузорӣ барои дарки иттилоот ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи граждании ошкор карда шудаанд. Барои ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар шароити муосир чораҳои дахлдор муайян карда шуданд. Муаллиф таҳлил кардааст, ки маҳз чӣ сирри тиҷоратӣ ҳисобида мешавад ва барои ин дар чаҳорчӯби қонун кадом меъёрҳо истифода мешаванд.

***Дустова Наргис Сайруҳмадовна*** - аспиранти соли 2-юми таҳсили кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон. E-mail: dustovanargis76@gmail.com, Тел.: (+922) 886-60-18-60.

## ON THE QUESTION OF THE LEGAL NATURE OF TRADE SECRETS

***Keywords:*** trade secret, confidential information, civil legislation, business activity, civil turnover, competitive advantage.

***Annotation:*** The article analyzes the definition of the legal nature of a trade secret from the point of view of modern scientific doctrine and legislation. Legislative approaches to understanding information as an independent civil legal object are revealed. The appropriate measures to protect the confidentiality of trade secrets in modern conditions have been identified. The author analyzes what exactly can be considered a trade secret, and what criteria are used for this within the framework of the law.

***Dustova Nargis Sairukhmadovna*** - applicant of the department of civil law Russian-Tajik (Slavonic) University. E-mail: dustovanargis76@gmail.com, Tel.: (+922) 886-60-18-60.

**Список литературы:**

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 01 июля 2023 года / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ncz.tj/system/files/Legislation /1918_ru.pdf (Дата обращения: 01.09.2023г.)
2. Закон Республики Таджикистан «О коммерческой тайне» от 18 июня 2018 года // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ncz.tj/system/files /Legislation/403_ru.doc (Дата обращения: 01.09.2023г.)
3. Адамов А.В. К вопросу о коммерческой тайне // Вестник Московского университета МВД России. - 2007. - № 4. - С. 21-28.
4. Лагушкин В.П., Мельникова Е.И. Коммерческая тайна как правовая категория // Налоги, 2008, № 32. / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://wiselawyer.ru/poleznoe /30461-kommercheskaya-tajna-pravovaya-kategoriya (Дата обращения:01.09.2023г.)
5. Потапов Н.А. Соотношение ноу-хау с коммерческой тайной / Н.А. Потапов // Юрист. – 2010. - № 6. – С. 40-43.
6. Соловьев Э.Я. Коммерческая тайна и ее защита. – М.: Издательство «Ось-89», 2001. – 128 с.
7. Трубецкой Е.Н. Энциклопедия права. СПб.: Юрид. ин-т., 1998. - 183 с.
8. Юридическая энциклопедия / Тихомиров М.Ю., Тихомирова Л.В.; Под ред.: Тихомиров М.Ю. - М.: Юринформцентр, 1997. - 525 с.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2023 / [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://ncz.tj/system/files/Legislation /1918_ru.Pdf (Санаи муроҷиат: 01.09.2023)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри тиҷоратӣ” аз 18 июни соли 2018 // [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://ncz.tj/system/files / Legislation / 403_ru.Doc (Санаи муроҷиат: 01.09.2023).
3. Адамов А.В. Оид ба масъалаи сирри тиҷоратӣ // Паёми Донишгоҳи Москваи Вазорати корҳои дохилии Россия. - 2007. - № 4. Саҳ. 21-28.
4. Лагушкин в.П., Мелникова Е. И. Сирри тиҷоратӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ // Андозҳо, 2008, №32. / [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/_30461-kommercheskaya-tajna-pravo vaya-kategoriya (Санаи муроҷиат: 01.09.2023)
5. Потапов Н.А. Таносуби ноу-хау бо сирри тиҷоратӣ / Н.А. Потапов / Ҳуқуқшинос. – 2010. - № 6. - Саҳ. 40-43.
6. Соловев Э. Я. Сирри тиҷоратӣ ва ҳифзи он. - М.: Нашриёти Ось-89, 2001. - 128 саҳ.
7. Трубетской Е.Н. Энсиклопедияи ҳуқуқ. Ҷт.: Институти ҳуқуқшиносӣ, 1998. - 183 саҳ.
8. Энсиклопедияи ҳуқуқӣ / Тихомиров М.Ю., Тихомирова Л.В.; зери таҳрири: Тихомиров М.Ю. - М.: Юринформцентр, 1997. - 525 саҳ.

**List of literature:**

1. The Civil Code of the Republic of Tajikistan dated July 01, 2023 / [Electronic resource]. – Access mode: https://ncz.tj/system/files/Legislation /1918_ru.pdf (Date of address: 01.09.2023).
2. The Law of the Republic of Tajikistan "On Trade Secrets" of June 18, 2018 // [Electronic resource]. - Access mode: https://ncz.tj/system/files /Legislation/403_ru.doc (Date of address: 01.09.2023).
3. Adamov A.V. On the issue of trade secrets // Bulletin of the Moscow University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2007. - № 4. - P. 21-28.
4. Lagushkin V.P., Melnikova E.I. Commercial secret as a legal category // Taxes, 2008, №32. / [Electronic resource]. – Access mode: https://wiselawyer.ru/poleznoe/30461-kommercheskaya-tajna-pravovayakategoriya (Date of application:01.09.2023).

5. Potapov N.A. Correlation of know-how with commercial secret / N.A. Potapov // Lawyer. – 2010. - № 6. – P. 40-43.

6. Soloviev E.Ya. Commercial secret and its protection. – Moscow: Publishing house “Axis-89”, 2001. – 128 p.

7. Trubetskoy E.N. Encyclopedia of Law. St. Petersburg: Yurid. in-t., 1998. - 183 p.

8. Legal Encyclopedia / Tikhomirov M.Yu., Tikhomirova L.V.; Edited by: Tikhomirov M.Yu. - M.: Yurinformcenter, 1997. - 525 p.



**УДК: 347.1**
**Сафарбекзода Беҳрӯз Сафарбек,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: behruz-85@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-75-85-85.*

# МАФҲУМ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ҶУБРОНИ ЗАРАР ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

***Калидвожаҳо:*** зарар; танзими ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; ҳуқуқи маданӣ; қонунгузории маданӣ; ҷуброни зарар; мафҳум; рӯёнидани зарар; зарари моддӣ; зарари маънавӣ.

***Анотатсия:*** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти зарар, хусусияҳои рӯёнидани он, мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар мақола, ҳолатҳои баҳсноки рӯёнидани зарари маънавӣ ва зарари аз ҷиноят ба даст омада, мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллиф андешаҳои худро илман асоснок ва пешниҳодҳои худро манзур намудааст.

Инчунин, дар мақола таҷрибаи судӣ оид ба механизми рӯёнидани зарар ба таври васеъ оварда шуда, ҳолатҳое, ки меъёрҳои алоҳидаи мушахасро талаб мекунад пешниҳод манзур карда шудааст.

Зери мафҳуми “зарар”- фоида ё хароҷоти аздастрафта дониста мешавад, ки ҷабрдида масраф намудааст, инчунин, бинобар амал ё бе амалии тарафи дигар аз даст додааст, ё фоидаи воқеии шахс, ки дар натиҷаи вайрон нагардидани ҳуқуқҳояш метавонист ба даст оварад [1].

Ҷуброни зарар яке аз тарзҳои паҳнгаштаи ҳифзи ҳуқуқҳо ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон қисми ҷудонопазири сиёсати давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки баҳри барпо кардани он Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамояд. Ҷумҳурии Точикистон чун иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ уҳдадор аст, ки ҳуқуқи ҳамаи шахсони дар ҳудуди қаламрави он сукунат доштаро қатъи назар аз нажод, рангу пӯст, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молу мулкӣ, таваллуд ё ҳолати дигар эҳтиром ва таъмин кунад; ба ҳар шахс воситаи пурсамари ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳоро таъмин намояд; таъмини ҳақи ҳифзи ҳуқуқ барои ҳар шахс, ки ба он эҳтиёҷ дорад тавассути ҳокимияти салоҳиятдори судӣ, иҷроия ё қонунбарор ё тавассути дигар мақомоти салоҳиятдоре, ки дар низоми ҳуқуқии давлат пешбинӣ шудааст, сурат гирад ва он бояд имконияти ҳимояи судиро инкишоф диҳад; вақте, ки воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда мешаванд, аз тарафи мақомоти салоҳиятдор истифода гардидани онҳоро таъмин намояд.

Ин принсипҳои умумӣ эътирофгашта асоси моддаи 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мувофиқи он: ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад; ба ҷабрдида ҳифзи судӣ кафолат дода мешавад; ҷуброни расонидани зарар тавассути сохторҳои марбутаи давлатӣ кафолат дода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳолатҳои зикргардида оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии шахс ба таври мушаххас дар дигар моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар раванди амалигардонии ҳокимияти давлатӣ, инчунин, дар қонунҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва граждании муқаррар шудаанд.

Давлат ҳуқуқи ҷабрдидаро ба адолати судӣ ва ҷуброни зарар таъмин намуда, механизмҳои заруриро баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои он муқаррар намудааст.

Давлат ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ, қадру қимат ва озодии он, тибқи тартиби муқаррарнамудаи

қонун пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба ҳама гуна сӯиқасдеро, ки ба инсон зарар ва азоби рӯҳӣ мерасонад, кафолат медиҳад. Ба ҷабрдида ҳуқуқ дода шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои хеш тадбирҳо андешад.

Мувофиқи талаботи моддаи 5, 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси он, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он арзиши олӣ дошта, аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд, асос меёбад. Доираи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гуногунҷабҳа буда, бевосита амалӣ мешаванд. Он маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳоро, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ сабт шудааст, дар бар мегирад.

Дар радифи ин, ҷуброни зарар низ ҳуқуқи ҷудонопазири ҷабрдида ба ҳисоб меравад.

Мувофиқан ба ин дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва рӯёнидани зарари ба ҷабрдида расонидашударо ба таври мушаххас муқаррар намудааст[3].

Ҳамзамон, дар ин баробар, зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, тибқи тартибе, ки меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ шудааст, ҷуброн карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло зарарро ба ду намуди алоҳида ҷудо намудан мумкин аст: 1. зарари воқеӣ 2. Фоидаи аз даст рафта[4].

Дар навбати худ зарари воқеиро ба се қисмати дигар ҷудо намудан мумкин аст[4].

А) аз даст додан ё осеб дидани молу мулк.

Б) хараҷоте ки шахс нисбат ба зарари ба ӯ расонида шуда масраф намудааст.

В) хараҷоте, ки шахс барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардидаи худ сарф менамояд.

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки механизми рӯёнидани зарар хусусиятҳои нозуки худро дошта, аз субъектҳои татбиққунанда маҳорати касбиро талаб менамояд. Масалан, шаҳрванд Б., бо аризаи даъвогӣ ба суд, муроҷиат намудааст, ки дар натиҷаи лату кӯби шавҳараш нисбати ӯ дар натиҷа ҷабрдида зарари ҷисмонӣ бардошта, дар маҷмӯъ ба ӯ барои табобат фаро гирифтанаш, 5000 ҳазор сомонӣ хароҷот гардидааст, ки инро ташхисҳои тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод гардида тасдиқ менамояд. Тибқи меъёрҳои қонунгузории маданӣ, суд агар дар шартнома тартиби дигар пешниҳод нагардида бошад, маблағи пурраи зарари ба тараф расонида шударо мерӯёнад[2].

Дар мисоли овардашуда, зарар ва маблағи он, бо ҳуҷҷатҳои мақомоти дахлдор муайян гардидааст, суд бо назардошти гунаҳкории ҷавобгар масъалаи рӯёнидани онро баррасӣ менамояд. Лекин даъвогар, дар аризаи худ ҳамоно таъкид намудааст, ки фоидае, (яъне, давоми 10 рӯз фаъолияти меҳнатӣ карда натавонистан, аз фурӯши маҳсулот, даромаде, ки ӯ ба даст меовард) ки бинобар ҳаракатҳои ҷавобгар ба вуқуъ омад, рӯёнида шавад. Аллакай масъалаи мазкур дар доираи қонунгузории амалкунанда, таҳлили илмиро талаб менамояд, ки дар ин замина суд масъалаи фоидаи аз дастрафтаро якҷоя бо аризаи рӯёнидани зарар дар якҷоягӣ ҳаллу фасл намояд.

Масъалаи мазкур хеле нозук буда, аз суд нуқтасанҷиро талаб менамояд, ки воқеан даъвогар то кадом андоза дар ин ҳолат зиён дидааст.

Қонунугузор муайян менамояд, ки ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ зиёни ҷабрдида дар мавриди аз даст додани музди меҳнат ва дигар даромадҳо, ки дар пурра ё қисман гум кардан, ё паст шудани қобилияти меҳнатӣ ва инчунин, хароҷотҳое, ки бинобар расонидани зарар ба саломатӣ ба вуҷуд омадааст (барои табобат, хӯроки (ғизои) иловагӣ, харидани доруворӣ, протез кардан, нигоҳубини табобати санитарию курортӣ, ба даст даровардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба дигар касб ва ғайра) ва ба он ҷабрдида дар натиҷаи расидани зарар эҳтиёҷ дорад, рӯёнида мешавад.

Бо назардошти намудҳои номбаргардидаи зарар, зиёни ба ҷабрдида расонидашударо боз дар навбати худ ба ду намуди дигар ҷудо намудан мумкин аст:

- зарари моддӣ;

- зарари маънавӣ.

Ҷиҳати рӯёнидани зарари моддӣ ба таври мушаххас дар қонунгузории маданӣ меъёрҳо оварда шудааст, вале зарари маънавӣ меъёрҳои ҳаволакунанда дошта, ба ҳолати кор ва хулосаи суд ҳавола менамояд.

Зарари маънавӣ (азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ), ки дар натиҷаи вайрон кардани неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун расонида шудааст, ҷуброн карда мешавад, инчунин, неъматҳои моддӣ, ки ҳаҷми онро суд бо дарназардошти дараҷаи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда, ҳолатҳои мушаххас, ҳамчунин, дараҷаи зарари ҷисмонӣ ва маънавӣ, бо хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида муайян менамояд[4].

Масалан, даъвогар бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намуда, аз суд хоҳиш намудааст, ки бинобар он, ки шавҳараш бо ӯ дар як утоқ зиндагӣ намекунад ва ҳамеша дар ҳузури ӯ бо телефон бо занҳои бегона муошират менамояд, ки дар натиҷа ба асабҳои ӯ таъсири манфӣ расонида, ӯ саломатии худро аз даст додааст, ки онро ҳуҷҷатҳои муоинаи тиббӣ тасдиқ менамоянд, аз ҷавобгар 20000 сомонӣ ба фоидаи ӯ зарари моддиву маънавӣ рӯёнида шавад. Суд ҳолатҳои корро баррасӣ намуда, асосҳои корро бо назардошти беморшавӣ ва таъсири рӯҳии ба даъвогар расонида шударо санҷида, ҳолатҳои далелҳоро исбот намудани тарафҳоро муайян намуда, дар натиҷа бинобар беасос буданаш даъвои тарафро рад намудааст. Аз ин рӯ, зарари маънавии аз ҷиноят расонидашуда, зарари маънавии дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳо расонидашуда, мушаххасоти илмӣ ва амалиро талаб менамояд[2].

Ҳолатҳои махсусеро қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он ҷавобгарӣ сарфи назар аз гуноҳ муқаррар шудааст. Бо чунин тартиб зиёни маънавӣ дар сурате ҷуброн мегардад, ки он ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон дар натиҷаи сарчашмаи хатари зиёд, дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда, ғайриқонунӣ татбиқ кардани ҳабс, ҷазои ғайриқонунии маъмурӣ дар намуди ҳабс ё худ корҳои ислоҳӣ, ҳангоми расонидани зарар бо роҳи паҳн кардани маълумоте, ки шаъну шараф ва эътибори кориро паст мезанад ва дигар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун.

Ҳолатҳои дар боло зикргардида аз он далолат медиҳанд, ки дар айни замон давлат тамоми механизмҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққуниеро, ки баҳри таъмини ҳуқуқҳои поймолгардидаи ҷабрдида ва барқарор кардани ҳолати моддӣ заруранд, муҳайё намудааст.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

## ОПРЕДЕЛЕНИЕ И МЕХАНИЗМЫ ВОЗМЕЩЕНИЯ ВРЕДА В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ: ВОПРОСЫ ТЕОРЕТИКИ И ПРАКТИКИ

***Ключевые слова:*** ущерб; правовое регулирование; законодательство; гражданское право; гражданское законодательство; возмещение вреда; понятие; развитие ущерба; материальный ущерб; моральный вред.

***Аннотация:*** В данной статье понятие и сущность повреждения, особенности его развития являются предметом научного исследования. Вместе с тем, в статье были проанализированы спорные случаи морального вреда и ущерба, причиненного преступлением, а автор научно обосновал свое мнение и высказал свои предложения.

Также в статье подробно представлен судебный опыт по механизму причинения вреда и призвана представить случаи, требующие конкретных критериев.

***Сафарбекзода Бехруз Сафарбек*** - соискатель кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: behruz-85@mail.ru, Тел.: (+992) 907-75-85-85.

## DEFINITION AND MECHANISMS OF DAMAGE COMPENSATION IN CIVIL LAW: THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES

***Keywords:*** damage; legal regulation; legislation; civil law; civil legislation; compensation for harm; concept; development of damage; material damage; moral harm.

***Annotation:*** In this article, the concept and essence of damage, the features of its development are the subject of scientific research. At the same time, the article analyzed controversial cases of moral harm and damage caused by crime, and the author scientifically substantiated his opinion and made his suggestions.

The article also presents in detail judicial experience on the mechanism of harm and is intended to present cases that require specific criteria.

***Safarbekzoda Behruz Safarbek*** - competitor of the Department of Civil Law of the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: behruz-85@mail.ru, Tel.: (+992) 907-75-85-85.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ҳуқуқи гражданӣ дар замони муосир / Алексеев С.С. - М.: Юрайт, 1999. - 40 с.
2. Бойгонии суди шаҳри Душанбе. 2017-2018.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 11.11.2023).
4. Малашко А. П. Таснифи зарар дар ҳуқуқи гражданӣ / А. П. Малашко / / Механизми фаъолияти иқтисоди миллӣ ва мушкилоти рушди иқтисодӣ. Натиҷаҳои НИР БГЭУ 2000: маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ, Минск, 5-6 феврал 2001 с. Дар 3 қ. Қ. 3; [таҳр.: Н. Е. Заяц ва ғ.]. - Минск: БГЭУ, 2001. - С. 367-369.

**Список литературы**:

1. Гражданское право в современную эпоху / Алексеев С.С. - М.: Юрайт, 1999. - 40 с.
2. Душанбинский судебный архив. 2017-2018.
3. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года №1918. // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (дата обращения: 11.11.2023)
4. Малашко А. П. Классификация убытков в гражданском праве / А. П. Малашко // Механизм функционирования национальной экономики и проблемы экономического роста. Итоги НИР БГЭУ 2000 г.: материалы научно-практической конференции, Минск, 5-6 февраля 2001 г. В 3 ч. Ч. 3; [редкол.: Н. Е. Заяц и др.]. - Минск: БГЭУ, 2001. - С. 367-369.

**List of literature:**

1. Civil law in the modern era / Alekseev S.S. - M.: Yurayt, 1999. - 40 p.
2. Dushanbe judicial archive. 2017-2018.
3. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022 No. 1918. // Electronic resource: Adlia: Centralized Bank Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (accessed 11.11.2023)
4. Malashko, A. P. Classification of losses in civil law / A. P. Malashko // Mechanism of functioning of the national economy and problems of economic growth. Results of the BSEU research work in 2000: materials of the scientific-practical conference, Minsk, February 5-6, 2001. At 3 p.m. Part 3; [editor: N. E. Zayats and others]. - Minsk: BSEU, 2001. - P. 367-369.

## 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
## 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО
## 12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW



**УДК: 346.6**
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru*
*Тел.: (+992) 985-11-66-99.*



**Раҷабзода Хайём Раҷаб,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: hayomrajabzoda@gmail.com*
*Тел.: (+992) 900-47-20-22.*

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** мақомоти андоз; асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ; фармон; қонунгузорӣ; андозбандӣ; муносибатҳои андозӣ; ҳуқуқи миллӣ; мақомоти идоракунии давлатӣ; марҳила.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои таърихию назариявии он таҳлил гардидааст. Дар доираи таҳлили масъалаи мазкур диққати асосӣ ба давраи мустақилии сиёсии Тоҷикистон дода шуда, марҳилаҳои рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз маҳз дар доираи ин марҳилаи рушди кишвар муайян гардиданд. Дар умум, дар мақолаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз таҳқиқ ва баррасӣ гардида, андешаҳои илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда пешниҳод шудаанд.

Тавре маълум аст, тамоми паҳлуҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз чун дигар мақомоти идоракунии давлатӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор маҳдуд мегарданд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ механизми муҳимтарини ба расмиятдарории мақомоти андоз ва танзимкунандаи фаъолияти он ба ҳисоб меравад. Танзими ҳуқуқии андозӣ, ки тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ таъмин мегарданд, имкон медиҳад, ки вазифаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат вобаста ба он, ки чи қадаре ба сиёсати давлатӣ ба алоқамандии манфиатҳои оммавӣ (ҷамъиятӣ) ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ асос меёбанд, таъмин гарданд [8, с.4]. Дар робита бо ин шароити иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъиятӣ тақозо менамояд, қонунгузории андози кишвар такмил дода шавад, ки тасдиқи ин дар ҳуҷҷатҳои барномавии амалкунандаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) инъикос гардидаанд [1].

Тавре дар боло зикр гардид асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз, ки асосан санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маркази асосӣ қарор доранд, аз аввали касби мустақилии сиёсии ҶТ ба таври хос ташаккул ёфтааст. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи таркибии он буд, вазъ дар тамоми соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ тағйир ёфта, соҳаи андоз ҳамчун сарчашмаи таъминкунандаи буҷети

давлатӣ бо тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар тафовут аз кишварҳои дигари пасошӯравӣ, Тоҷикистон вазифаи ташаккул ва устувории қонунгузории андоз ҳамчун таъминкунандаи талаботи давлатӣ дар вазъи мураккаби ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки бо ноустувории сиёсӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ҳалли худро ёфтанд. Дар давраҳои аввали касби мустақилии сиёсии Тоҷикистон бо назардошти вазъи сиёсӣ-иқтисодӣ қонунгузории андоз дар такя бо меъёрҳои собиқ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ таҳия гардиданд [7, с.86].

Таҳлили сарчашмаҳои илмии кишвар шаҳодат медиҳад, ки дар онҳо асосҳои қонунгузорӣ ва ё меъёрии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз ба таври мушаххас муайян нагардидааст. Танҳо дар сарчашмаи илмии алоҳида [7] раванди ташаккул ва инкишофи низоми андози миллии Тоҷикистон муайян гардидаанд, ки мантиқан ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ташкил ва фаъолияти мақомоти андозро низ фаро мегирад. Муҳаққиқи ватанӣ С.П. Ҳаитов дар монографияи илмии худ ду давраи ташаккул ва инкишофи низоми андози миллии ватаниро нишон додааст. Давраи якум, солҳои 1992-1999-ро фаро мегирад, ки дар ин марҳила асосан низоми андозӣ ва қонунгузории андози давраи шуравӣ амал намуда, заминаҳои рушди қонунгузории андози миллӣ, ташаккули мақомоти андози миллӣ ва дигар масъалаҳо дар соҳаи андоз устувор ва ҳал гардиданд.

Дуюм давраи ташккул ва инкишофи низоми андоз дар Тоҷикистон бо кодификатсияи қонунгузории андоз ва аз 1 январи соли 1999 мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андози ҶТ алоқаманд аст [7, с.92-93]. Махсусияти давраи мазкур дар он ифода меёбад, ки қонунгузории кодификатсионии андоз – Кодекси андози ҶТ муносибатҳоро дар соҳаи андоз дар шакли хос бо назардошти рушди иқтисоди бозорӣ ва тарҳи нав танзим намуд. Тавре муаллиф иброз медорад, ҶТ аз ҷумлаи аввалин кишварҳои пасошӯравӣ мебошад, ки қонунгузории андози худро кодификатсия намуда, унсурҳои андозситонӣ, муносибатҳои андозӣ-буҷетиро миёни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ муқаррар кард, ки дар ин замина алоқамандии муносибатҳои андозиро бо дигар соҳаи қонунгузорӣ, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии эътирофнамудаи Тоҷикистон муайян гардиданд [7, с.93].

Дар воқеъ, давраҳои аз ҷониби муҳаққиқи зикршуда қобили қабул буда, барои ташаккул ва рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози ҶТ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад. Ҳамзамон, мо ташккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андозро бо назардошти рушди санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мақомоти андози кишвар ба марҳилаҳои зерин ҷудо менамоем:

1. Марҳилаи якум то соли 1992 мебошад. Дар марҳилаи аввали ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози ҶТ асосан санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба мақомоти андози давраи шӯравӣ амал мекарданд. Махсусан, қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 1990, №36, ки дар асоси он Инспексияи давлатии андози Вазорати молияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис гардид, нақши муҳимро дар ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози кишвар иҷро мекунад, ки то таъсиси мақомоти нави андоз дар соли 1992 амал намуд.

2. Марҳилаи дуюм аз соли 1992 то соли 1996 фаро мегирад. Дар марҳилаи мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз бо назардошти рушди давлати миллии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Мушаххасан бошад, марҳилаи дуюм бо ба тасвиб расидани фармони Президенти ҶТ «Дар бораи таъсиси Саридораи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 январи соли 1992, №ФП-16 оғоз мегардад. Бо фармони мазкур аввалин бор мақомоти андоз дар давраи мустақилии сиёсии кишвар таъсис меёбад. Баъдан, бо фармони дигари Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 1992, №ФП-46 мақомоти мазкур ба Саридораи давлатии андози ҶТ тағйир дода мешавад. Вижагии таъсиси мақомоти андоз дар ин марҳила дар он инъикос меёбад, ки он ҳамчун мақомоти мустақил дар низоми мақомоти

идоракунии давлатӣ ташкил гардида, аз ҳайати Вазорати молияи кишвар берун баоварда мешавад ва ваколати ба таври мустақил амал намуданро ба худ касб менамояд. Ҳамзамон, мақоми мазкур бевосита ба Президенти ҶТ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буд.

Дар марҳилаи мазкур раванди такмили қонунгузории андоз бо назардошти шароитҳои хоси иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ва талаботи иқтисоди бозорӣ сурат гирифт, ки бо қабули санади нави қонунгузории андоз ва такмили қонунҳои қабулгардида тасдиқ мегарданд [7, 98]. Дар ташаккул ва амалисозии низоми нави андозии ҶТ нақши Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти андози ҶТ» аз 14 марти соли 1992, №590 [7, с.60], ки дар он вазъи ҳуқуқӣ, мақом, вазифа ва функсияҳои мақомоти андоз муайян гардида буд, баланд арзёбӣ мегардад. Махсусан, мақомоти андоз тибқи қонуни мазкур дар сиёсати давлатии андози кишвар иштирок намуда, риояи Конститутсия ва дигар қонунгузориро таъмин карда, ваколатҳои дахлдорро дар соҳаи андози кишвар амалӣ менамояд. Ҳамзамон, низоми мақомоти андози кишвар муайян гардида, тибқи он мақоми марказӣ ва маҳаллии он муқаррар карда шуда буд [6, с.10-21].

Хусусияти марҳилаи дуюми ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози ҶТ дар он ифода мегардад, ки дар ин марҳила мақомоти андози кишвар таҷдиди сохтор намуда, вазъи ҳуқуқии он вусъат ёфт. Чунончи, тибқи фармони Президенти ҶТ аз 4 майи соли 1995, №221 [3] дар заминаи Саридораи давлатии андози ҶТ Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ таъсис ёфта, дар назди Ҳукумати ҶТ ҳисоботдиҳанда буд. Дар баробари ин, фармони дигари Президенти ҶТ «Дар бораи политсияи андоз» аз 4 майи соли 1995, №222 [4] қабул гардид, ки дар сохтори Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ воҳиди махсуси ҳарбикунонидашуда – политсияи андоз таъсис гардид, ки функсияи ҳуқуқмуҳофизавиро дар соҳаи андоз амалӣ менамуд.

3. Марҳилаи сеюми рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз аз соли 1996 то соли 1998 мебошад. Дар ин марҳила ҳолати ҳуқуқии мақомоти андоз дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ мустаҳкам гардид. Бобати баланд бардоштани мақом ва вазъи ҳуқуқии мақомоти андози ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти андози ҶТ» аз 1 феврали соли 1996, №235 дар таҳрири нав қабул мегардад. Хусусияти фарқкунандаи Қонуни мазкур дар он ифода меёбад, ки амалисозии функсияи ҳуқуқмуҳофизавӣ дар соҳаи андоз аз ҷониби воҳиди махсуси мақомоти андоз – политсияи андоз таъмин карда мешуд. Яъне, воҳиди мазкур ҳимояи ҳуқуқҳои мақомоти андоз, пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз бо мақсади баландбардории самаранокии андозситонӣ ва воридгардии андозҳо ба буҷети давлатиро таъмин менамуд [7, с.107]. Дар баробари ин, дар дигар қонунгузории кишвар бо мақсади ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани шахсони содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят дар соҳаи андоз тағйироти дахлдор ба миён омад.

4. Марҳилаи чорум аз солҳои 1998 шуруъ мегардад, ки солҳои минбандаро фаро мегирад. Хусусияти марҳилаи мазкур дар таҳия ва мавриди амал қарор додани санади кодификатсионӣ дар соҳаи андоз – Кодекси андози ҶТ ифод мегардад. Бо қабули Кодекси андози ҶТ аз 12 ноябри соли 1998, №664 [2] тағйиротҳои ҷиддӣ дар соҳаи андоз ва вазъи ҳуқуқии мақомоти андоз ба миён омад, ки санади асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ташкил ва фаъолияти мақомоти андози кишвар маҳсуб мегардид.

Кодекси андози ҶТ минбаъ се маротибаи дигар дар таҳрири нав (2004, 2012 ва 2021) таҳия гардида, муносибатҳои андозӣ ва вазъи ҳуқуқии мақомоти андоз такмил ва мустаҳкам гардид.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло ва вижагиҳои миллӣ ва рушди ҶТ дар маҳилаи муосир ташаккул ва рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз бо маҳакҳо ва омилҳои зерин алоқаманд аст:

- таҷрибаи амали қонунгузории андози давлати шӯравӣ;
- касби Истиқлоли давлатии ҶТ ҳамчун омили калидӣ;
- гузариш ба низоми нави ҳуқуқи миллӣ;

- интихоби тарҳи нави ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти идоракунии давлатӣ (ислоҳоти идораи давлатӣ);
- иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва инъикоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда дар қонунгузории миллӣ;
- интихоби низоми иқтисоди бозорӣ;
- гузариш ба низоми нави андозбандӣ.

Дар шароити муосир асосҳои меъёрии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва муҳимтарин барои мақомоти мазкур буда, тадбири калидии расман ва қонунан ташкил гардидан ва фаъолияти он маҳсуб меёбад. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андози ҶТ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки ба назари мо инҳоянд:

1. Асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи асосии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз мебошад, ки ба роҳбарӣ гирифтани онҳо мақомоти мазкур ташкил гардида, фаъолияти худро ба роҳ мемонанд;

2. Асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ воситаи муҳимтарини муайян намудаи вазъи ҳуқуқии мақомоти андоз дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ мебошад. Дар заминаи муқаррароти меъёрӣ вазъи ҳуқуқӣ, аз ҷумла ваколатҳо, функсияҳо ва дигар масъаҳои марбут ба мақомоти андоз муайян гардида, мақом ва ҷойи он дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, махсусан мақомоти ҳокимияти иҷроия пешбинӣ мегардад.

3. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз дар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ инъикос гардида, дар шаклҳои муайян (қонунҳо, қарорҳо ва ғ.) таҳия мегарданд.

4. Асосҳои меъёрии ҳуқуқи ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз бо назардошти он, ки шакли ба худ хос доранд, дорои низоми муайян буда, бо тартиби хос ҷойгиранд.

5. Дар заминаи онҳо кафолати амалигардонии ваколатҳои мақомоти андоз таъмин мегарданд. Дар заминаи асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти андоз ваколатҳои барои он пешбинигардидаро ҷиҳати таъмини амалисозии функсияҳо, вазифаҳо ва мақсадҳои барои он муқарраргардида амалӣ мегардонад.

6. Асосҳои меъёрии ҳуқуқи ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз заминаи муҳимтарини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои мақомоти андоз дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ мебошанд. Бо назардошти он, ки мақомоти андоз аз номи давлат баромад намуда, манфиатҳои давлатиро ҳимоя менамояд, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳама гуна таъсирррасонии ғайриқонунӣ ба фаъолияти мақомоти мазкурро манъ намуда, дар ҳолатҳои ба вуқуъ омадани онҳо манфиатҳои мақомоти андозро мавриди ҳифз қарор медиҳад.

7. Аз ҷониби субъектҳои ваколатдори ҳуқуқэҷодкунӣ таҳия ва қабул мегарданд. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз на аз ҷониби шахсони гуногун, балки аз ҷониби субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунӣ, ки қонунгузории ҶТ (Маҷлиси Олии ҶТ, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ ва ғ.) муайян намудааст, ташаккул меёбанд.

8. Асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз пайваста дар ҳолати рушд мебошад. Яъне, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёбии ҳолати ҳуқуқии мақомоти мазкур ва дигар асосҳо такмил гардида, ба сиёсати пешакардаи давлат ва қонунгузории дахлдор мутобиқ гардонида мешаванд.

Дар маҷмӯъ, асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти андоз гуфта, муқаррароти меъёрӣ ва нишондодҳои ҳуқуқиро меноманд, ки дар санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ инъикос гардида, аз ҷониби субъектҳои ваколатдори ҳуқуқэҷодкунӣ дар шаклҳои муайян бо мақсади танзими ташкил ва фаъолияти мақомоти андози ҶТ таҳия гардида, мавриди амал қарор мегиранд.

## ИСТОРИКО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ПРАВОВОЙ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НАЛОГОВОГО ОРГАНА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** налоговые органы; нормативные правовые основы; указ; законодательство; налогообложение; налоговые отношение; национальное право; органы государственного управления; этап.

***Аннотация:*** В данной статье анализируются нормативно-правовые основы организации и деятельности налоговых органов Республики Таджикистан и ее историко-теоретические аспекты. В рамках анализа данного вопроса основное внимание было уделено периоду политической независимости Таджикистана, и именно в рамках этого этапа были определены этапы развития нормативно-правовых основ организаций и деятельности налоговых органов страны. В целом в данной статье исследуются нормативные правовые документы, регулирующие организацию и деятельность налоговых органов, а также представлены научные мнения, связанные с рассматриваемым вопросом.

***Соибов Зайниддин Махмадшарифович*** – кандидат юридических наук, доцент кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru, Тел.: (+992) 985-11-66-99.

***Раджабзода Хайём Раҷаб*** – соискатель кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: hayomrajabzoda@gmail.com, Тел.: (+992) 900-47-20-22.

## HISTORICAL AND THEORETICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF THE LEGAL FRAMEWORK OF THE ORGANIZATION AND ACTIVITY OF THE TAX AUTHORITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** tax authorities; regulatory legal framework; decree; legislation; taxation; tax relations; national law; government bodies; stage.

***Annotation:*** This article analyzes the legal framework for the organization and activities of the tax authorities of the Republic of Tajikistan and its historical and theoretical aspects. As part of the analysis of this issue, the main attention was paid to the period of political independence of Tajikistan, and it was within the framework of this stage that the stages of development of the regulatory framework of organizations and activities of the country's tax authorities were determined. In general, this article examines the regulatory legal documents governing the organization and activities of tax authorities, and also presents scientific opinions related to the issue under consideration.

***Soibov Zayniddin Mahmadsharifovich*** – candidate legal sciences, Associate Professor department of Constitutional Law, Faculty of law Tajik National University. E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru, Tel.: (+992) 985-11-66-99.

***Rajabzoda Khayom Rajab*** – an applicant at the department of Constitutional Law, Faculty of law Tajik National University. E-mail: hayomrajabzoda@gmail.com, Tel.: (+992) 900-47-20-22.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ гардидааст. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». (санаи мурочиат: 12.07.2023 с.);

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 1998, №664. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». (санаи мурочиат: 14.07.2023 с.);

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 майи соли 1995, №221. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». (санаи муроҷиат: 15.07.2023 с.);

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсияи андоз» аз 4 майи соли 1995, №222. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия». (санаи муроҷиат: 15.07.2023 с.);

5. Ведомостҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992 с., №4;

6. Санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба андоз ва андозбандӣ. Китоби мизи роҳбар. – зери таҳр. А.О. Орипова. – Душанбе, 1994. – С. 10-21;

7. Хаитов С.П. Таърих ташаккул ва рушди қонунгузории андоз Дар Тоҷикистон (нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XXI.).– Душанбе: «Ирфон», 2012. – 224 с.

8. Шветс А.В. Таъмини меъёрию ҳуқуқии манфиатҳои қонунии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии андоз: Автореф. дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – Саратов, 2013. – 24 с.

**Список литературы:**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2023 года. Утверждено постановлением Маджлиси намояндагон Маджилиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. Централизованный банк правовой банк информации. Электронная форма «Адлия». (дата обращения: 12.07.2023 г.);

2. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 12 ноября 1998 года, №664. Централизованный банк правовой банк информации. Электронная форма «Адлия». (дата обращения: 14.07.2023 г.);

3. Указ Президента Республики Таджикистан «Об образовании Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан» от 4 мая 1995 года, №221. Централизованный банк правовой банк информации. Электронная форма «Адлия». (дата обращения: 15.07.2023 г.);

4. Указ Президента Республики Таджикистан «О налоговой полиции» от 4 мая 1995 года, №222. Централизованный банк правовой банк информации. Электронная форма «Адлия». (дата обращения: 15.07.2023 г.);

5. Ведемости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1992 г., №4;

6. Законодательные и нормативные акты по налогам и налогооблажению. Настольнвая книга руководителя. – Под общей ред. А.О. Орипова. – Душанбе, 1994. – С. 10-21;

7. Хаитов С.П. История становление и развитие налогового законодательство в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXIвв.). – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 224 с.;

8. Швец А.В. Нормативно-правовое обеспечение законных интересов субъектов налоговых правоотношений: Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2013. – 24 с.

**List of literature:**

1. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2023. Approved by the resolution of the Majlisi Namoyandagon Majilisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 1, 2016, No. 636. Centralized bank legal information bank. Electronic form "Adlia". (date of access: 07/12/2023);

2. Tax Code of the Republic of Tajikistan dated November 12, 1998, No. 664. Centralized bank legal information bank. Electronic form "Adlia". (access date: 07/14/2023);

3. Decree of the President of the Republic of Tajikistan “On the formation of the Tax Committee under the Government of the Republic of Tajikistan” dated May 4, 1995, No. 221. Centralized bank legal information bank. Electronic form "Adlia". (date of access: 07/15/2023);

4. Decree of the President of the Republic of Tajikistan “On the tax police” dated May 4, 1995, No. 222. Centralized bank legal information bank. Electronic form "Adlia". (date of access: 07/15/2023);

5. Vedmost of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, 1992, No. 4;
6. Legislative and regulatory acts on taxes and taxation. Leader's handbook. – Under the general editorship. A.O. Oripova. – Dushanbe, 1994. – P. 10-21;
7. Khaitov S.P. History of the formation and development of tax legislation in Tajikistan (second half of the 19th – beginning of the 21st centuries). – Dushanbe: “Irfon”, 2012. – 224 p.;
8. Shvets A.V. Regulatory and legal support of the legitimate interests of subjects of tax legal relations: Author's abstract. dis. .cand. legal Sci. – Saratov, 2013. – 24 p.



**УДК: 349**

**Шарифзода Тахмина,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: t.sharifzoda@list.ru*
*Тел.: (+992) 935-44-77-22.*

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ-НАЗАРИЯВИИ ПРИНСИПҲОИ АНДОЗБАНДӢ

***Калидвожаҳо:*** принсипҳои андозбандӣ; андозҳо; таърихи андозбандӣ; принсипҳои иқтисодӣ; манбаъҳои андоз.

***Аннотатсия:*** Дар мақола қайд карда мешавад, ки принсипҳои ҳуқуқи андоз пайваста дар доираи назари муҳаққиқон қарор доранд. Омӯзиши ин принсипҳо муроҷиатро ба таърихи андозбандӣ ва назарияи илми ҳуқуқи молия талаб мекунад. Таҳлили мухтасари таърихӣ-назариявии аксиомаҳои ҳуқуқи андоз - принсипҳои классикии андозбандӣ гузаронида шуд. Муаллиф дар асоси таҳлили гузаронидашуда қайд мекунад, ки аз ҷониби олимон дар давоми асрҳои гузашта барои кор карда баромадани асосҳои назариявие, ки асоси низоми андози муосирро ташкил медиҳанд, корҳои назаррасе анҷом дода шудаанд.

Дар замонҳои қадим андозҳо хеле инкишоф наёфта буданд: ҳукмронони давлатҳо ба дигар манбаъҳои даромад афзалият медоданд. И.И. Янжул ду сабаби асосии инро қайд кардааст:

- заъфи ҳокимияти ҳукуматӣ;
- рушди сусти хоҷагии пулӣ.

Андозҳо одатан аз ғуломон ва шаҳрвандони ғайрикомилҳуқуқи давлат ҷамъ карда мешуданд. Нисбати шаҳрвандони комилҳуқуқ андоз ҳамчун чораи фавқулодда баррасӣ карда мешуд, ворид намудани он бошад қариб нангин ҳисобида мешуд [12]. Андозбандӣ дар дунёи қадим ба принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ асос намеёфт. Андозҳо хусусияти худсарона ва тасодуфӣ доштанд.

Чи тавре ки И.И. Тарасов қайд мекунад: «...давлати қадим метавонист он чиро, ки мехост, ба он ҷое, ки мехост ва ба қадре, ки мехост, бигирад ва дар он ҷое, ки амалан андозаро нигоҳ медошт, ин танҳо ба хотири ба мақсад мувофиқ будан ё аз он сабаб, ки худи онҳо аз ҷорӣ намудани андоз азоб мекашиданд, ба амал меомад» [11].

Дар даромадҳои давлатии давлатҳои қадим сарчашмаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бартарӣ доштанд.

Дар асрҳои миёна андозбандӣ кам инкишоф ёфтааст. Тасодуфӣ ва номуайянии андозҳо ба онҳо имкон намедод, ки дар даромади буҷет нисбат ба доменҳо ва соҳаҳои давлатӣ ба қуллаи кофӣ бирасанд. Нобаробарӣ дар тақсимоти бори (уҳдадории) андоз, тақсимоти аҳолӣ ба табақаҳои андозбандишаванда ва андозбандинашаванда барои давлатҳои партимониалии асримиёнагӣ хос мебошад [12].

Андешаҳо оид ба андозҳо, ки ба асосҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ ё ҷамъиятӣ асос ёфтаанд, танҳо дар охири асрҳои миёна ба инкишоф ёфтан оғоз менамоянд: андозҳо таъиноти муайян мегирифтагӣ шуда, хусусияти муваққатиашон (тасодуфиашон)-ро нигоҳ медоштанд.

Дар замони нав андозҳо торафт ба хусусияти доимӣ гирифтан шурӯъ намуданд. Афзоиши пуршиддати эҳтиёҷоти давлат бо кам шудани манбаъҳои хусусӣ-ҳуқуқии даромадҳои давлатӣ ҳамроҳ шуд. Натиҷаи ҳаёти иқтисодии Ғарб рушди фавқулодда васеи низомҳои манбаи даромади иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ё маҷбурӣ - андозҳо ва боҷҳо гашт [12].

Масъалаи принсипҳои андозбандӣ дар асри XVIII вобаста ба он ба миён омад, ки олимон бори аввал ба нақши молия дар ҳаёти

давлат ҳам аз нуқтаи назари манфиатҳои давлат ва ҳам аз нуқтаи назари манфиатҳои шаҳрвандон назар карданд. Дар ин давра асари А. Смит «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои дороии халқҳо» (1776) пайдо мешавад, ки дар он чор қоидаҳои ситонидани андозҳо тавсия шудаанд, ки онҳо принсипҳои асосии андозбандиро муайян кардаанд. Асоси ин принсипҳоро пеш аз ҳама манфиати андозсупоранда ташкил медоданд.

Гуфтан лозим аст, ки дар бораи принсипҳои андозбандӣ ҳанӯз физиократҳо андеша меронданд. А. Смит аввалин олим набуд, ки масъалаи баробариро дар андозбандӣ, таърифи дақиқи андоз, муносибии ситонидани он ва эҳтимолан хароҷоти камро ҳангоми ситонидани андоз ба миён гузошт. Чанд сол пеш аз ӯ ин талаботро аллакай пешгузаштагони ӯ - Мирабо (1776), Юсти (1766), Веле (1771) тавсия карда буданд [5].

Проблемаи андозбандиро баррасӣ намуда истода, Мирабо фикр мекард, ки он бояд ба се талабот ҷавобгӯ бошад:

- андозҳо бояд ба манбаъҳои даромад афтанд;
- онҳо бояд ба даромад мутаносиб бошанд;
- хароҷот оид ба ситонидани онҳо бояд кам бошад [13].

Бо вуҷуди ин, қабул карда шудааст, ки маҳз аз ҷониби А. Смит бори аввал принсипҳои асосии андозбандӣ аниқ ва равшан тавсия карда шудаанд, ки баъдтар «хартияи бузурги озодии пардохткунанда» ва «эъломияи ҳуқуқҳои пардохткунанда» номида шудаанд [5].

А. Смит чор қоидаҳои асосии зеринро тавсия намуд, ки боиси оғози рушди сиёсати нави андоз гардид.

1. Тобеъони давлат бояд аз рӯи имконият, мувофиқан ба қобилият ва қувваи худ дар таъмини ҳукумат, яъне мувофиқан ба даромаде, ки аз ҳифз ва ҳимояи давлат истифода мебаранд, иштирок намоянд.

2. Андозе, ки ҳар як шахси алоҳида ӯҳдадор аст супорад, бояд на худсарона, балки дақиқ муайян карда шавад. Муҳлати пардохт, тарзи пардохт, маблағи пардохт - ҳамаи ин бояд барои пардохткунанда ва барои ҳар як шахси дигар равшан ва муайян бошад.

3. Ҳар як андоз бояд дар он вақт ё бо он тарзе ситонида шавад, ки барои супорандаи он бояд барои пардохти он муносиб бошад.

4. Ҳар як андоз бояд чунон фикр карда ва тарҳрезӣ карда шавад, ки вай аз кисаи мардум эҳтимол камтар зиёда аз оне, ки вай ба хазинаи давлат меорад, гирад ва нигоҳ дорад [9].

Принсипи аввалин дар низоми А. Смит таҷассуми адолатро дар сиёсати андозҳо ифода менамояд. Аҳамияти ин принсипро баҳо додан душвор аст: вай тамоми низоми принсипҳои андозбандиро фаро гирифта, ба он таъсири бевосита мерасонад.

Муддатҳои дароз принсипи мазкур бо андозбандии баробар алоқаманд буд, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи фитрӣ одилонатарин буда, дар давраи коркарди таълимоти А.Смит хукмфармо буд.

Масалан, олими рус Н.И. Тургенев, аз ақидаҳои А. Смит илҳом гирифта, ба чунин хулоса омадааст, ки «...андозҳо бояд дар байни ҳамаи шаҳрвандон ба андозаи баробар тақсим карда шаванд; хайрияҳои ҳар кадоме ба манфиати умум бояд ба қувваи вай, яъне ба даромадаш мувофиқ бошад. Ҳамаи шаҳрвандон аз неъматҳои ҷомеа баҳра мебаранд, аз ин рӯ ҳама бояд барои нигоҳ доштани он саҳм гузорад» [10].

Аммо аллакай дар соли 1887 А.А. Исаев ғояи андозбандии прогрессивиро ҳимоя карда, қайд кардааст, ки "эродҳои саросема дар бораи фоиданокии андозбандии калони прогрессивии дороёнро мо ҳанӯз дар А. Смит вомехӯрем" [11].

Дар ҳақиқат таносуби андозбандӣ ба шароитҳои иҷтимоӣ-иктисодие, ки дар замони А. Смит вуҷуд дошт, мувофиқ буд. Зимнан, аз нуқтаи назари амалӣ, аз тарафи Смит ба баъзе гузашткуниҳо аз андозбандии мутаносиб роҳ дода мешуд. Ба ин С.И. Иловайский низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст [3].

Муқаррароти дуюми А. Смит номи «принсипи аниқии андозбандӣ»-ро гирифт. Аз рӯи хулосаи Н.И. Тургенев: «...ноаниқӣ дар пардохти андозҳо дар асрҳои миёна ба дараҷаи олӣ расида, ҳамеша бо мавҷудияти ғуломӣ ҷудонашаванда буд ва ба андозаи калон якҷоя

бо он аз байн рафт» [10]. Принсипи мазкурро таҳлил намуда, А.А. Исаев ба хулоса меояд, ки «... низоми андоз бояд то ҳадди имкон бо соддагиаш фарқ кунад». Ӯ ҳамчунин ба он ишора менамояд, ки забони санадҳои ҳуқуқие, ки андозҳоро муқаррар менамоянд ва татбиқи онҳоро шарҳ медиҳанд, «...бояд дуруст, фаҳмо бошад, то боиси нофаҳмиҳо нашавад» [11].

Ба андешаи С.Г. Пепеляев, А. Смит ба принсипи муайяниро на аз нуқтаи назари кафолати воридоти буҷетӣ, балки аз мавқеи таъмини истиқлолият, мустақилияти пардохткунанда баҳо додааст. Дар ҳақиқат, дар мавриди муайянии андоз, аз ҷониби Смит чунин қайд карда шудааст: «Дар он ҷое, ки ин нест, ҳар як шахсе, ки ба ин андоз андозбандӣ карда мешавад, ба дараҷаи калон ё кам дар ихтиёри ҷамъкунандаи андозҳо қарор мегирад, ки метавонад андозро барои ҳар як пардохткунандае, ки ба ӯ маъқул нест, вазнин кунад ё бо таҳдиди чунин вазнинкунӣ барои худ ҳадя ё ришва тамаъҷӯӣ мекунад» [9].

Қоидаи сеюм ба техникаи андозбандӣ дахл дорад ва принсипи муносибии андозбандӣ номида мешавад. Нисбати ҷамъоварии андозҳо дар вақти муносибтарин Н.И. Тургенев қайд карда буд: «Беэътиноӣ кардан ба ин қоида ба ҳукумат ҳеҷ фоидае намеорад, барои халқ бошад метавонад хеле ҳалокатовар бошад» [10]. Ин принсип ҳам барои давлат ва ҳам барои андозсупоранда як хел аҳамияти калон дорад. А.А. Исаев дар бораи муноосибии ситонидани андозҳо сухан ронда, ба хулоса омадааст, ки «...назорат аз болои пардохткунандагон набояд чораҳоеро дар бар гирад, ки фоиданок будани онҳо шубҳанок буда, танҳо барои бори гарони шаҳрвандон хизмат мекунанд». Ҳамчунин аз принсипи мазкур ӯ зарурати дароз намудани мӯҳлати пардохти андозро барои андозсупорандагони нодор хулоса кард [11].

Ба андешаи мо, нуқтаи назари баён намудаи А.А. Исаев нисбати муносибии ҷамъоварии андозҳо мубрамияти худро дар вақти ҳозира низ нигоҳ медорад.

Принсипи чорум – принсипи сарфакорӣ (самаранокӣ) ба хароҷоти ситонидани андозҳо дахл дошта, бо сарфи камтарин ба натиҷаи баландтарин даъват мекунад. Аҳамияти онро аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Таърихи андозбандӣ нишон медиҳад, ки баъзан хароҷоти ситонидани андозҳо на танҳо ба даромади ситонидашуда баробар шуда, ҳатто аз он зиёд шуда метавонистанд [10].

Тадқиқотчӣ А.А. Исаев имкони ноил шудани сарфакориро ҳангоми соддагардонии эҳтимолии низом (низоми мақомоти андоз дар назар дошта мешавад), инчунин дар рафъи расмиятчигии зиёдатӣ дар низоми санадҳои идоракунии молия медид [11].

С.И. Иловайский дар бораи низоми принсипҳои Вилгелм Рошер қайд менамояд, ки принсипҳои андози А. Смитро содда карда, принсипҳои сеюм ва чорумро дар як принсип муттаҳид намудааст. Дар натиҷаи дигаргунсозии Рошер ҳамаи принсипҳои андозбандӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд:

1) андозҳо одилона бошанд;

2) ҳангоми ташкили онҳо тартиб риоя карда шавад;

3) сиёсати андоз сарфакорона бошад [3].

Қоидаҳои А. Смитро олими немис А. Вагнер пурра кардааст. А. Вагнер 9 принсипи сиёсати андозро пешниҳод карда, онҳоро ба 4 гурӯҳ тақсим намудааст.

Ин принсипҳо дар баёни А.А. Никитский дар чунин шакл ба назар мерасанд [6].

Гурӯҳи якум – «оғози молиявӣ»: кифоягии андозбандӣ ва тағйирпазирии он.

Гурӯҳи дуюм «оғози хоҷагии халқӣ»: интихоби манбаи андозбандӣ, яъне ҳалли масъала - оё манбаи андозбандӣ бояд танҳо даромади шахси алоҳида ё сармояи ӯ, даромади халқӣ ё амволи халқӣ бошад, оё дар ин ҷо нуқтаи назари хоҷагиҳои халқӣ ва хусусиро фарқ кардан лозим аст (ва чӣ тавр).

Гурӯҳи сеюм - «оғози адолат»: умумият ва якхелагӣ.

Гурӯҳи чорум – «оғози идоракунии андозӣ»: муайянии андозбандӣ, муносибӣ барои пардохткунанда дар пардохти андоз, масъалаи эҳтимолан кам кардани хароҷоти ситонидани андозҳо.

Бо фарқият аз таснифи А. Смит, дар низоми А. Вагнер ҷойи якумро принсипҳои кифоягӣ ва тағйирпазирии (ёзандагии) андозбандӣ ишғол мекунад, яъне дар навбати аввал бояд манфиатҳои давлат ба назар

гирифта шавад. Дар таҳти кифоягии андозҳо бо ёрии онҳо интиқол намудани маблағҳо барои пӯшонидани хароҷоти давлат фаҳмида мешавад. Тағйирпазирии (ёзандагии) андозҳо маънои хосияти онҳоро дорад, ки боиси афзоиши андозҳо ба андозаи зиёд шудани хароҷоти давлат мегардад, яъне «низоми андоз бояд дар худ чунин андозҳои тағйирпазирро низ дар бар гирад, ки дар ҳолати зарурӣ зиёд кардани он осон бошад». Ба гуфти А. Вагнер, агар андозбандӣ тағйирпазирии зарурӣ надошта бошад, он гоҳ эҳтиёҷоти молиявии давлатро танҳо бо бастани қарз қонеъ кардан мумкин аст, зеро дар ин ҳолат якбора афзояндаи касри музмин натиҷаи ногузир мебошад [6].

Ба андешаи В.Г. Яротский, талаботи якум бештар бо андозҳои мустақим, дуюм - бо андозҳои ғайримустақим қонеъ карда мешавад. Андозҳои мустақим мушаххастаранд, вале камтар тағйирпазиранд. Андозҳои ғайримустақим бо вусъати истеъмол, яъне бо баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халқ зиёд мешаванд. Талаботи тағйирпазириро ҳамчунин боҷҳо қонеъ мегардонанд, ки воридшавии онҳо ба андозаи афзоиши муомилоти гражданӣ зиёд мешавад [13].

А. Вагнер дар асарҳои худ ба низоми принсипҳои андозбандӣ ба истилоҳ «хоҷагии халқӣ» - принсипҳои иқтисодиро дохил кардааст.

Бори аввал ба таҳияи масъалаи табиати иқтисодии андоз мактаби классикӣ дар шахсияти А. Смит ва Д. Рикардо машгул шуд. Аз назарияи бесамарагии хизматрасониҳои давлатӣ дур шуда, А. Смит робитаи андозро бо ҳар як категорияи алоҳидаи даромад – ба рента, даромад ва меҳнат муқаррар намуд. Намояндагони мактаби классикӣ ба тарафдории дур шудани андоз аз сармоя баромад карда, чунин мешумориданд, ки андозбандии сармоя боиси кам шудани даромадҳо мегардад.

А. Вагнер се намуди асосии манбаи андозҳоро пешниҳод кард:

а) даромад (онро ба даромад ба маънои объективӣ ва даромад ба маънои субъективӣ тақсим кардааст);

б) сармоя;

в) истеъмол.

Ҳамин тавр, А. Вагнер (ба монанди дигар намояндагони мактаби иҷтимоию сиёсӣ) андозбандии сармояро бо мақсди хеле баробартар тақсим намудани молумулк дар давлат иҷозат дод. Ба андешаи С.И. Иловайский, чунин талабот набояд ба сиёсати андоз дохил карда шавад, ки таъиноти асосии он – таъмин намудани хазина бо маблағҳои барои вай зарур бо гаронии камтари халқ мебошад [3].

Вобаста ба принсипи адолат, А. Вагнер умумият ва якхелагии андозҳоро талаботҳои асосӣ ҳисоб мекард. Чунин талабҳоро А. Смит низ - бо назардошти ҳатмии қобилияти воқеии пардохти андоз «мувофиқи қобилият ва қувваи худ» баён карда буд.

Дар мавриди принсипҳои идоракунии андозҳо бошад, А. Вагнер (ба монанди А. Смит) се талаботро ба миён меорад:

- муайянӣ;
- муносибӣ;
- арзонии ситониш.

Ба андешаи И.Х. Озеров, А. Вагнер чор омили ба инкишофи низомҳои андоз таъсиркунандаро пешниҳод кардааст:

1) ташкили хоҷагии халқ ва саноат;
2) сохти сиёсӣ;
3) гурӯҳҳои хоҷагидорӣ;
4) гурӯҳҳои иҷтимоӣ (махсусан муносибати байни «моликон» ва «ғайримоликон», инчунин ташкили мудофиаи ҳарбӣ).

А. Вагнер ҳамчун ҷонибдори ҷаҳонбинии иҷтимоӣ-сиёсӣ дар илми молия, дар андоз олоти ислоҳоти иҷтимоиро мебинад [7].

Чи тавре ки аллакай қайд карда шуд, дар низоми А. Смит дар madди аввал манфиати андозсупоранда, дар низоми А.Вагнер бошад – манфиати давлат меистад. А. Смит ба тарафдории кам кардани дахолати давлат ба иқтисодиёт баромад мекард: низоми вай ба ғояҳои либералии озодии шахс ва дахлнопазирии моликият асос ёфтааст. Низоми А. Вагнер аллакай натиҷаи гузариши таърихӣ ба ғояи баланд бардоштани нақши давлат дар иқтисодиёт мебошад. Аз ин рӯ, он

ба истилоҳ «назарияи ниёзҳои коллективӣ» асос ёфтааст. Принсипҳои андозбандӣ низомеро муаррифӣ мекардагӣ шуданд, ки манфиатҳои ҳам андозсупорандагон ва ҳам давлатро – бо афзалияти охирин ба назар мегирифтанд [8].

Принсипҳои зикршудаи андозбандӣ барои замони худ хусусияти соф назариявӣ доштанд. М.Н. Капустин вобаста ба ин қайд карда буд: «Танҳо дар асри XIX ба таври ниҳоӣ оғози баробарии андозҳо, уҳдадории умумии пардохти онҳо муқаррар гардид; фарқи байни синфҳои андозбандишаванда ва андозбандинашаванда тамоман аз байн рафт. Андозҳо шарти зарурии ҳар касе, ки аз неъматҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баҳрабар аст, бе фарқи хориҷиён аз тобеъон эътироф шуданд; онҳо аз хизмати шахсӣ ба давлат, ки ҳуқуқи сиёсиро ифода мекунад, ҷудо шуданд» [4].

Тавре В.М. Пушкарева қайд мекунад, ҷорӣ намудани принсипҳои андозбандӣ дар амалияи молиявӣ пас аз зиёда аз сад соли баъд аз ташаккули ниҳоии илми молиявӣ ҳамчун соҳаи мустақили донишҳо ба амал омад [8].

Принсипҳои дар назарияи иқтисодӣ ва молиявӣ кор кардашуда талаботи адолати андозбандӣ, самаранокии низоми андоз ва соддагии онро ба миён гузоштаанд.

Дар давраи шӯравӣ принсипҳои ҳуқуқи андоз алоҳида омӯхта намешуданд. Ҳизби коммунистӣ мақсад дошт, ки дар ҷаҳон аввалин давлати бе андозро барпо намояд. Низоми воқеии андоз танҳо нисбат ба андозҳои аҳолӣ ва ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ вуҷуд дошт. Корхонаҳои хоҷагии сотсиалистӣ ба маънои ҳуқуқӣ-иқтисодии худ андозбандӣ карда намешуданд, фақат аз фоида ва муомилот ба молик - давлат маблағҳои муайян мегузаронданд.

Мутахассисони соҳаи ҳуқуқи молиявӣ қайд мекунанд, ки то солҳои 90-ум масъалаи принсипҳои ҳуқуқи молиявӣ ё умуман ба миён гузошта нашуда буд ва ё истисноан хусусияти идеологӣ дошт [1]. Аз ҷониби олимони давраи шӯравӣ принсипҳои фаъолияти молиявии давлат (Е.А. Ровинский), принсипҳои сохти низоми ҳуқуқи молиявии шӯравӣ (Р.О. Халфина) таҳқиқ шуданд. Принсипҳои соҳавии ҳуқуқи молиявиро баррасӣ намуда, онҳо принсипҳои умумиҳуқуқиро мувофиқи предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи молиявӣ мушаххас намуданд.

Инак, дар давоми асрҳои гузашта олимон барои кор карда баромадани асосҳои назариявие, ки асоси низоми андози муосирро ташкил медиҳанд, корҳои назаррасеро анҷом додаанд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Ализода З.**

## ИСТОРИКО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ ПРИНЦИПОВ НАЛОГООБЛАЖЕНИЯ

***Ключевые слова:*** принципы налогообложения; налоги; история налогообложения; экономические принципы; источники налога.

***Аннотация:*** В статье отмечается, что принципы налогового права постоянно находятся в поле зрения исследователей. Изучение этих принципов требует обращения к истории налогообложения и теории финансово-правовой науки. Проведен краткий историко-теоретический анализ аксиом налогового права - классических принципов налогообложения. На основании проведенного краткого анализа автором отмечается, что учеными за прошедшие века была проделана значительная работа, чтобы выработать теоретические основы, положенные в основу современной налоговой системы.

***Шарифзода Тахмина*** - кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: t.sharifzoda@list.ru, Тел.: (+992) 935-44-77-22.

## HISTORICAL AND THEORETICAL ASPECT OF THE PRINCIPLES OF TAXATION

***Keywords:*** principles of taxation; taxes; history of taxation; economic principles; tax sources.

***Annotation:*** The article notes that the principles of tax law are constantly in the field of view of researchers. The study of these principles requires an appeal to the history of taxation and the theory of financial and legal science. A brief historical and theoretical analysis of the axioms of tax law - the classical principles of taxation - is carried out. Based on a brief analysis, the author notes that scientists over the past centuries have done significant work to develop the theoretical foundations that form the basis of the modern tax system.

***Sharifzoda Takhmina*** - candidate of legal sciences, senior lecturer at the department of economic, financial and anti-corruption law of the Tajik State Financial and Economic University. E-mail: t.sharifzoda@list.ru, Tel.: (+992) 935-44-77-22.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи молиявии Федератсияи Россия / ред. А.Н. Козирина. М. 2009. https://www.studmed.ru/aktualnye-problemy-teorii-i-praktiki-finansovogo-prava-rossiyskoy-federacii-pod-red-an-kozyrina_e75bcb1363c.html (санаи муродиат - 09/22/ ).
2. Белский К.С. Ҳуқуқи молиявӣ. Ҳуқуқшинос М., 1995. https://search.rsl.ru/ru/record /01001705376 (санаи мурочиат - 22.09.2022).
3. Иловайский С.И. Китоби дарсии ҳуқуқи молиявӣ. Одесса. 1904. http://www.allpravo.ru /library/ doc4396p/instrum4397/ (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
4. Капустин М.Н. Хониш дар бораи иқтисоди сиёсӣ ва молия. Ярославл. 1879. http://www.bibliard.ru/vcd-1626-1-1624/goodsinfo.html (санаи муроҷиат - 22.09.2022).
5. Кулишер И.М. Эссеҳо дар бораи илми молиявӣ. Петроград. 1919. https://www.prlib.ru /item/1087372 (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
6. Никитский А. Асосҳои илми молия ва сиёсати аноз. 1909. http://elib.fa.ru/oldbook /Nikitskij.pdf/info (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
7. Озеров И.Х. Асосҳои илми молиявӣ: таълимоти даромади оддӣ. М. 1905. https://dspace. spbu.ru /handle/11701/17917 (санаи муроҷиат - 23.09.2022).
8. Пушкарева В.М. Таърихи афкори молиявӣ ва сиёсати андоз. М. 2005. https://altairbook.com/books/170889282-istoriya-finansovoy-mysli-i-politiki-nalogov.html (санаи муроҷиат - 23.09.2022).
9. Смит А. Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои сарвати халқҳо. М. 1935. https://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Econom/smit/smit_1.pdf (санаи муроҷиат - 24.09.2022).
10. Дар пайдоиши ҳуқуқи молиявӣ. М. 1998. https://altairbook.com/books/5054101-u-istokov-finansovogo-prava.html (санаи муроҷиат - 24.09.2022).
11. Молия ва андоз: иншо дар бораи назария ва сиёсат. М. 2004. https://pravo.studio /finansov-osnovyi/finansyi-nalogi-ocherki-teorii-politiki-statut.html (санаи муроҷиат - 28.09.2022).
12. Янжул И.И. Принсипҳои асосии илми молиявӣ: Доктринаи даромадҳои давлат. М. 2002. http://www.consultant.ru/edu/student/download_books/book/yanzhul_ii_osnovnye_nachala_finansovoj_nauki/ (санаи муроҷиат - 28.09.2022).
13. Яроцкий В.Г. Ҳуқуқи молиявӣ: лексияҳо дар Академияи ҳуқуқшиносии ҳарбӣ. Санкт-Петербург. 1898. https://dspace.spbu.ru/handle/11701/18925 (санаи муроҷиат - 30.09.2022).

**Список литературы:**

1. Актуальные проблемы теории и практики финансового права Российской Федерации / под ред. А.Н. Козырина. М. 2009. https://www.studmed.ru/aktualnye-problemy-teorii-i-praktiki-finansovogo-prava-rossiyskoy-federacii-pod-red-an-kozyrina_e75bcb1363c.html (санаи муроҷиат -

21.09.2022).
2. Бельский К.С. Финансовое право. М. Юрист, 1995. https://search.rsl.ru/ru/record/01001705376 (санаи муроҷиат - 22.09.2022).
3. Иловайский С.И. Учебник финансового права. Одесса. 1904. http://www.allpravo.ru/library/doc4396p/instrum4397/ (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
4. Капустин М.Н. Чтения о политической экономии и финансах. Ярославль. 1879. http://www.bibliard.ru/vcd-1626-1-1624/goodsinfo.html (санаи муроҷиат - 22.09.2022).
5. Кулишер И.М. Очерки финансовой науки. Петроград. 1919. https://www.prlib.ru/item/1087372 (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
6. Никитский А.А. Основы финансовой науки и политики. М. 1909. http://elib.fa.ru/oldbook/Nikitskij.pdf/info (санаи муроҷиат - 21.09.2022).
7. Озеров И.Х. Основы финансовой науки: учение об обыкновенных доходах. М. 1905. https://dspace.spbu.ru/handle/11701/17917 (санаи муроҷиат - 23.09.2022).
8. Пушкарева В.М. История финансовой мысли и политики налогов. М. 2005. https://altairbook.com/books/170889282-istoriya-finansovoy-mysli-i-politiki-nalogov.html (санаи муроҷиат - 23.09.2022).
9. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М. 1935. https://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Econom/smit/smit_1.pdf (санаи муроҷиат - 24.09.2022).
10. У истоков финансового права. М. 1998. https://altairbook.com/books/5054101-u-istokov-finansovogo-prava.html (санаи муроҷиат - 24.09.2022).
11. Финансы и налоги: очерки теории и политики. М. 2004. https://pravo.studio/finansov-osnovyi/finansyi-nalogi-ocherki-teorii-politiki-statut.html (санаи муроҷиат - 28.09.2022).
12. Янжул И.И. Основные начала финансовой науки: Учение о государственных доходах. М. 2002. http://www.consultant.ru/edu/student/download_books/book/yanzhul_ii_osnovnye_nachala_finansovoj_nauki/ (санаи муроҷиат - 28.09.2022).
13. Яроцкий В.Г. Финансовое право: лекции, читанные в Военно-Юридической Академии. Санкт-Петербург. 1898. https://dspace.spbu.ru/handle/11701/18925 (санаи муроҷиат - 30.09.2022).

**List of literature:**

1. Current problems of the theory and practice of financial law of the Russian Federation / ed. A.N. Kozyrina. M. 2009. https://www.studmed.ru/aktualnye-problemy-teorii-i-praktiki-finansovogo-prava-rossiyskoy-federacii-pod-red-an-kozyrina_e75bcb1363c.html (sanai murojiat - 09/21/2022).
2. Belsky K.S. Financial right. M. Lawyer, 1995. https://search.rsl.ru/ru/record/01001705376 (sanai murohiat - 09/22/2022).
3. Ilovaisky S.I. Textbook of financial law. Odessa. 1904. http://www.allpravo.ru/library/doc4396p /instrum4397/ (sanai murojiat - 09/21/2022).
4. Kapustin M.N. Readings on political economy and finance. Yaroslavl. 1879. http://www.bibliard.ru/vcd-1626-1-1624/goodsinfo.html (sanai murojiat - 09/22/2022).
5. Kulisher I.M. Essays on financial science. Petrograd. 1919. https://www.prlib.ru/item/1087372 (sanai murojiat - 09/21/2022).
6. Nikitsky A.A. Fundamentals of financial science and policy.M. 1909. http://elib.fa.ru/oldbook/ Nikitskij.pdf/info (sanai murojiat - 09/21/2022).
7. Ozerov I.Kh. Fundamentals of financial science: the doctrine of ordinary income. M. 1905. https://dspace.spbu.ru/handle/11701/17917 (sanai murojiat - 09/23/2022).
8. Pushkareva V.M. History of financial thought and tax policy. M. 2005. https://altairbook.com/books/170889282-istoriya-finansovoy-mysli-i-politiki-nalogov.html (sanai murojiat - 09/23/2022).
9. Smith A. Research on the nature and causes of the wealth of nations. M. 1935. https://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Econom/smit/smit_1.pdf (sanai murojiat - 09/24/2022).



**УДК: 349**

**Ҳакимов Ифтихор Бахтиёриддинович,**
*муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: iftikhor_1984@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-97-15-15.*

# ТАРТИБИ АМАЛКУНАНДАИ БАНАҚШАГИРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ

***Калидвожаҳо:*** иқтисодиёт; банақшагирӣ; маориф; маблағгузорӣ; меъёрҳои молиявӣ; соҳаи иҷтимоӣ; қонунгузорӣ; моликият.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба банақшагирӣ ва маблағгузорӣ дар соҳаи маориф таҳлил анҷом дода шудааст. Зимни таҳқиқот таҳлили сохторӣ ва миқдории хароҷот ба муассисаҳои пешниҳоднамоии хизматрасонии давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ гузаронида шуда, дар натиҷа тафовути зиёди хароҷоти буҷетҳои муассисаҳои бахши иҷтимоӣ ошкор гардид, ки аз рӯйи ҳамаи моддаҳои асосии хароҷот, аз қабили: фонди музди меҳнати коркунони асосӣ, фонди музди меҳнати кормандони маъмурӣ-идоракунӣ, хароҷоти коммуналӣ, дигар хароҷоти ҷории ба як гирандаи хизмати давлатӣ ҳисобкардашуда дида мешаванд. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои илмӣ кӯшиш намудааст, то мавзуи мазкурро аз нигоҳи иқтисодӣ таҳлил намояд.

Сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои фаъолияти самаранокии давлати муосири демократӣ мебошад, зеро шароити такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ бевосита ба ҳолати маориф, тандурустӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, фарҳанг ва варзиш, ба ҳамон накши воқеии онҳо дар сохтори иқтисодии хоҷагӣ, ки тавассути сиёсати иҷтимоию иқтисодии роҳандозигашта ва шаклу усулҳои маблағгузории он ба амал меояд.

Мушкилии дигар дар он аст, ки ҳанӯз чунин низоми банақшагирӣ ва маблағгузории хароҷоти иҷтимоиеро, ки барои самаранок истифода бурдани захираҳои маҳдуди молиявии давлат мусоидат кунад, ба вуҷуд овардан муяссар нашудааст [1, с. 112-125].

Давлат сиёсати иҷтимоиро роҳандозӣ намуда, кафолатҳои иҷтимоӣ, стандартҳо, буҷетҳои истеъмолӣ ва дигар ҳадгузорҳои иҷтимоии андозаи ниҳоиро истифода мебарад. Кафолатҳои иҷтимоӣ дар асоси қонунгузорӣ, ки уҳдадориҳо ва масъулияти давлатро дар назди шаҳрвандон ва шаҳрвандонро дар назди давлат муайян мекунад, таъмин карда мешаванд.

Хароҷоти буҷет барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ аз рӯйи муқарраротҳои амалкунанда ҳифз карда мешавад. Стандартҳои иҷтимоӣ воситаи таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи кафолатҳои иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо зимни муайянкунии меъёрҳои молиявӣ заруранд. Стандартҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ ҳадди ақалли харҷи зиндагӣ, меъёрҳои таъминкунии манзил, меъёрҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, шароиту ҳифзи меҳнат, шуғли аҳолӣ, меъёрҳои ҳолати муҳити зистро дар бар мегиранд.

Усулҳои маблағгузории бахши иҷтимоӣ бояд ба болобарии самаранокии иқтисодиёт мусоидат кунанд [2, с. 144].

Бинобар ин дар баъзе мавридҳо, аз қабили гуногунии объектҳои соҳа, самти тиҷоратию ғайритиҷоратӣ, шаклҳои гуногуни моликият ба захираҳои молиявӣ (давлатӣ, хусусӣ, шахсӣ), усулҳову воситаҳои гуногуни молиявӣ, мураттабии замонӣ, таъсири навовариҳои молиявӣ ба маблағгузории бахши иҷтимоӣ мураккабии махсус хос аст.

Соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки

маблағгузорӣ буда, зиёда аз 26%-и хароҷоти буҷет ба рушди он равона карда шудааст.

Зимни таҳқиқот таҳлили сохторӣ ва миқдории хароҷот ба муассисаҳои пешниҳоднамудаи хизматрасонии давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.) гузаронида шуда, дар натиҷа тафовути зиёди хароҷоти буҷетҳои муассисаҳои бахши иҷтимоӣ ошкор гардид, ки аз рӯйи ҳамаи моддаҳои асосии хароҷот, аз қабили: фонди музди меҳнати коркунони асосӣ, фонди музди меҳнати кормандони маъмурӣ-идоракунӣ, хароҷоти коммуналӣ, дигар хароҷоти ҷории ба як гирандаи хизмати давлатӣ ҳисобкардашуда дида мешаванд.

***Аннотатсия:*** Дар мақола масоили хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба ин мақсад мақолаи мазкур дар асоси Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Оид ба ҳуқуқи маъюбон», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, тамоюли маъюбшавӣ ва роҳҳои пешгирии он» аз 2 июли соли 2005 № 221, «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» аз 28 октябри соли 2016, № 455, «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» аз 27 феврали соли 2020, №116 ва ғайра таҳия шудааст.

Инчунин, дар мақола таклифу пешниҳод доир ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» манзур шудааст.

Дар тӯли ҳаёт ҳар як инсон ба ҳолатҳое рӯ ба рӯ мегардад, ки бевосита боиси аз даст додани музди меҳнати (даромади) ӯ мегарданд, аз ҷумла беморӣ, пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон, бекорӣ ва ғайра. Ин ҳолатҳо бевосита ба шароити объективии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд буда, аз иродаи инсони алоҳида вобастагӣ надоранд. Аммо онҳо бевосита ба ваъзи муътадили иҷтимоии ҷамъият бетаъсир намемонанд. Аз ин рӯ, давлат масъулияти муайянро бинобар сар задани ин ҳолатҳо ба зиммаи худ гирифта, низоми дахлдори таъминоти иҷтимоиро фароҳам меоварад.

Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсоне, ки дар ҳолатҳои гуногун маъюб гаштаанд дар асоси принсипҳои риояи ҳуқуқи инсон, манъ будани табъиз нисбати маъюбон, таъмини дастрасӣ ба инфрасохтор, тавонбахшӣ, баробарии ҳуқуқи маъюбон ва ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои маъюбон махсуб меёбад.

Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад, ки дар моддаи 39 омадааст “Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.” [1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» соли 2010 қабул шуда, танҳо ҷабҳаҳои ҳуқуқҳои маъюбонро ба танзим медорад, ҳамчунин дар самти мазкур Стратегия, барнома ва нақшаҳои миллӣ қабул

шудаанд. Аз ҷумла, Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2025 қабул шудааст. Аз 27 феврали соли 2021 Барномаи давлатии "Муҳити дастрас"; бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №604 Қоидаҳои бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №302 "Дар бораи тартиб ва андозаҳои пардохти ҷубронпулиҳои иловагии унвонӣ барои хизматрасонии нақлиёт ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании соли 1941-1945" қабул гардидаанд) [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар ин самт санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқҳои маъюбонро эътироф намудааст ва дар чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбон арҷгузорӣ намуда, тадбирҳои мушаххас меандешад.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати инсондӯстона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати милли, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 марти соли 2018 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон ба имзо расонида шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон барои давраи то соли 2024 қабул гардида, амалӣ шуда истодааст[3].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шудаанд, ки аз меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти танзими муносибатҳои меҳнатии маъюбон, аз ҷумла, амалӣ намудани меҳнати маъюбон, шарту шароитҳои меҳнатии кормандони маъюб ва умуман асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян менамоянд.

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №675) «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои маъюбоне, ки кор мекунанд, аз ҷониби корфармоёни онҳо мутобиқ ба барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон шароити зарурии меҳнат фароҳам оварда мешавад. Имтиёзҳои иловагии маъюбон вобаста ба давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатиҳои иловагӣ, инчунин дигар кафолатҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Муқаррароти моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №675) «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳуқуқҳои маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ бахшида шуда, меъёрҳои он хусусияти ҳаволакунанда доранд, яъне амалӣ намудани ҳифзи меҳнати онҳоро ба силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳавола мекунад.

Вобаста ба ин чи тавре зикр гардид, дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои меҳнатии маъюбон қабл аз ҳама мавқеи асосиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ), ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

Фасли III КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон номгузорӣ гардида, бобҳои 15 – 28-ро, ки аз моддаҳои 207 – 288 иборатанд, дарбар гирифта, боби 24 он ба хусусияти танзими меҳнати маъюбон бахшида шудааст.

Дар боби 24 КМ ҶТ сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати маъюбон меравад, ки аз меъёрҳои зерин иборат мебошанд, аз ҷумла, амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбон ба меҳнат (моддаи 258), шароити меҳнати кормандони маъюб (моддаи 259), давомнокии вақти кӯтоҳи кории маъюбон (моддаи 260), маҳдудияти истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда барои кормандони маъюб (моддаи 261), маҳдудияти кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматӣ (моддаи 262) ва пешниҳоди

рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба корманди маъюб (моддаи 263) [4].

Дар қисми 1 моддаи 258 КМ ҶТ сухан дар хусуси амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбон ба меҳнат меравад.

Бокортаъминкунии маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардии барои маъюбони гурӯҳи 1, 2, 3 таҳияшуда ва чун қоида, аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он кормандон қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст додаанд, ба амал бароварда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани шароит барои дар ин ташкилот давом додани кор, мусоидат намудан ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ба зиммаи мақомоти дахлдори шуғли аҳолӣ гузошта мешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 26 Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2010, №675) «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маъюбон тавассути баргузор намудани чорабиниҳои махсус, ки дараҷаи рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат баланд мебардоранд, кафолати шуғли меҳнатӣ пешбинӣ шудааст. Якум, дар ташкилотҳои новобаста аз шакли моликиятдорию идоракунӣ ва ташкилию ҳуқуқиашон барои ба кор қабул намудани маъюбон квотаҳо ҷудо карда мешаванд ва инчунин, ҳадди ақали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ муқаррар карда мешаванд. Дуюм, ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон. Сеюм, фароҳам овардани шароити меҳнати мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон. Бояд тазаккур дод, ки баҳри бокортаъминкунии самараноки маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ташхиси тиббию иҷтимоӣ мураттабшуда, иҷроишаш ҳатмист, барои онҳо рӯзи нопурраи кори шашсоата ё ҳафтаи кори сисоата, бидуни кам кардани музди меҳнат, муқаррар карда мешавад. Чорум, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон. Баҳри дар амал татбиқ намудани талаботи Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон имкон фароҳам меорад, ки масъалаҳои вобаста ба дастрасии бемамонияти маъюбон ба фаъолияти соҳибкорӣ то андозае тавассути фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд, ҳалли худро ёбанд, зеро онҳо узви комилҳуқуқи ҷомеа буда, таҳти ҳимоя ва дастгирии давлат қарор доранд. Панҷум, ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон. Мутобиқи банди 9 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 №181 «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» дар ҳолати истифода нашудани ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ касбомӯзонӣ ва бозомӯзонии ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз рӯи ихтисос ва касбҳои зарурӣ гузаронида шуда, онҳоро тибқи квотаи муқарраршуда ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мефиристанд.

Инчунин, ба мақсади таъмини шуғлмандии маъюбон, барои тамоми ташкилотҳои шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар, квота дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии кормандони ташкилот пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад.

Бо дарназардошти ниёзмандии маъюбон ва хусусиятҳои маҳал, баҳри истифодаи меҳнати маъюбон, ташкилотҳои (сехҳо ва қитъаҳои) махсус сохта мешаванд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки қонунгузор кафолату имтиёз ва афзалиятҳоро маҳдуд накарда, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои локалии (дохилии) ташкилот, ҳавола медиҳад. Масалан, дар созишномаю шартномаҳои коллективӣ ва фардии меҳнатӣ барои маъюбони коркунанда дигар имтиёзу афзалиятҳо низ пешбинӣ шуданашон мумкин аст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 258 КМ ҶТ даст кашидан аз бастани шартномаи меҳнатӣ, гузаронидан ба кори дигар ва тағйир додани шароити меҳнат бо сабаби маъюбӣ, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки хусусиятҳои истисноиро доро мебошанд, мумкин нест. Вобаста ба ин якчанд

омилҳоеро номбар намудан лозим меояд, ки хусусиятҳои истисноӣ дошта, тибқи хулосаи тиббӣ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба маъюб монеагӣ мекунанд, масалан:

-омилҳои физикӣ (садои шиддатнок, ларзиш, ҳарорати ҳаво, намнокӣ, рутубати ҳаво, шуоҳои электромагнитӣ, таасуроти барқӣ ва ғайра);

-омилҳои кимиёвӣ (гардолудшавӣ дар минтақаҳое, ки боду ҳавои заҳрнок доранд ва ғайра);

-омилҳои биологӣ (микроорганизмҳои касалиовар ва маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо);

-омилҳои ҷисмонӣ (озори ҷисми корманд ҳангоми бардоштан, кашонидан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчонидани бори вазнин, кор дар ҳолати ноқулай қарор доштани корманд ва гаштугарди тӯлонӣ);

- озори асабӣ-равонӣ (эҳсосотӣ, зеҳнӣ, кори якзайли дилгиркунанда, кор дар басти шабона, давомнокии тӯлонии рӯзи корӣ).

Мутобиқи қисми 1 моддаи 259 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи шароити меҳнати кормандони маъюб меравад, шароити меъёрбандӣ, пардохт ва ҳифзи меҳнат, реҷаи корӣ, тартиби якҷоя кардани касбҳо (мансабҳо), шароитҳои техникӣ, санитарӣ, гигиенӣ, истеҳсолӣ-маишӣ, инчунин дигар шароитҳо бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ наметавонанд ҳолати кормандони маъюбро бад намоянд ё ҳуқуқи онҳоро дар муқоиса бо дигар кормандон маҳдуд намоянд.

Қисми 2 моддаи 259 КМ ҶТ манъи истифодаи меҳнати маъюбонро дар корҳои вазнин, кор бо шароитҳои зарарнок ва хавфноки меҳнат пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 259 КМ ҶТ ба маъюбоне, ки кор мекунанд метавонад кафолатҳои иловагӣ, ки КМ ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома, шартномаҳои коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ ва санадҳои корфармо муқаррар намудаанд, дода шаванд.

Қисми 4 моддаи 259 КМ ҶТ ҳатмӣ бадани хулосаи тиббӣ дар бораи реҷаи нопурраи вақти корӣ, кам кардани ҳаҷми кор ва дигар шароити меҳнати маъюбонро барои иҷрои корфармо пешбинӣ менамояд.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақозо менамоянд, ки зимни муайян намудани реҷаи кор ва реҷаи дамгирӣ, тарафҳо набояд аз ҳадди меъёри вақти кории муқаррарнамудаи қонун гузаранд.

Мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 260 КМ ҶТ ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II вақти кори давомнокияш кӯтоҳ пешбинӣ шудааст, ки он аз 36 соат дар як ҳафта зиёд буда наметавонад. Музди меҳнати маъюбони гурӯҳҳои I ва II баробар дар сатҳи музди меҳнати расман муқарраршуда кафолат дода мешавад.

Вақте, ки дар давоми он маъюбони гурӯҳҳои I ва II тибқи қоидаҳои тартиботи дохилӣ, реҷаи корӣ ва ё шартҳои шартномаи меҳнатӣ уҳдадориҳои меҳнатии худро бояд иҷро намоянд, дар як басти корӣ (кори ҳаррӯза) набояд аз 6 соат зиёд бошад.

Моддаи 261 КМ ҶТ маҳдудияти истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда барои кормандони маъюбро пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 261 КМ ҶТ барои кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда роҳ дода намешавад.

Баҳисобгирии ҷамъулҷамъии вақти корӣ дар ҳолатҳое ҷорӣ карда мешавад, ки агар риоя намудани давомнокии барои гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон муқарраршудаи рӯз ё ҳафтаи корӣ, ғайриимкон бошад. Чи тавре дар боло зикр гардид, моддаи 260 КМ ҶТ давомнокии мушаххаси рӯз ва ҳафтаи кории маъюбони гурӯҳҳои I ва II-ро муайян намудааст.

Тибқи қисми 2 моддаи 261 КМ ҶТ бошад, ба кормандони маъюби гурӯҳи III ҷамъи вақти кории баҳисобгирифташуда муқаррар карда намешавад, агар чунин реҷа бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда шуда бошад.

Аз матни қисми 2 моддаи 261 КМ ҶТ чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки қонун ҷорӣ намудани реҷаи баҳисобгирии ҷамъулҷамъи вақти кориро нисбати кормандони маъюби гурӯҳи III комилан истисно намекунад.

Агар чунин реҷаи вақти кори кормандони маъюби гурӯҳи III бо нишондодҳои тиббӣ манъ нашуда бошад, дар он сурат нисбати чунин маъюбони коркунанда татбиқ намудани

баҳисобгирии ҷамъулҷамъи вақти корӣ имкон дорад.

Қисми 1 моддаи 262 КМ ҶТ маҳдудияти кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматиро пешбинӣ намудааст, ҳатмӣ мебошад.

Инчунин, қисми 2 моддаи 262 КМ ҶТ танҳо дар сурати ҷой доштани ду ҳолат ба кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ ҷалб намудани кормандони маъюб ва ба сафари хизматӣ фиристодани онҳоро имконпазир медонад. Якум, дар сурати ҷой доштани розигии хаттии чунин кормандон ва дуюм, мавҷуд набудани нишондодҳои тиббӣ дар хусуси манъ будани иҷрои чунин корҳо барои кормандони маъюб ва ба сафари хизматӣ фиристонидани онҳо.

Барои маъюбони корманди гурӯҳи 1 ва 2, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 42 рӯзи тақвимӣ ва барои маъюбони гурӯҳи 3 бошад, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 35 рӯзи тақвимӣ муқаррар шудааст.

Давомнокии рухсатии беподоши маъюбони корманди гурӯҳи 1 ва 2 то ду моҳи тақвимӣ ва маъюбони корманди гурӯҳи 3, як моҳи тақвимиро ташкил медиҳад.

Инчунин қонунгузор пешбинӣ менамояд маъюбони маҳкумшудаи гурӯҳи 1 ва 2 ба корҳои ҳатмӣ ҷалб карда намешаванд.

Мутобиқи моддаи 48[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамояд. Корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз шаст то дусаду чил соат муқаррар карда мешаванд ва на зиёда аз чор соат дар як рӯз адо карда мешаванд. Таъини корҳои ҳатмӣ барои маъюбони гурӯҳҳои I ва II манъ аст[5].

Дар қисми 1 моддаи 339 КМ ҶТ сухан дар хусуси бокортаъминкунии маъюбон меравад ва яке аз чораҳои иловагии ҳифзи меҳнати маъюбон маҳсуб мееёбад. Бокортаъминкунии кормандони маъюбшуда мутобиқи барномаи офияти фардии барои маъюбони гурӯҳи 1, 2, 3 таҳияшуда ва чун қоида, аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он корманд қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст додааст, амалӣ мегардад. Дар сурати мавҷуд набудани шароит барои давом додани кор дар ин ташкилот, мусоидат намудан ҷиҳати бокортаъминкунии маъюбон ба зиммаи мақомоти дахлдори шуғли аҳолӣ гузошта мешавад. Чи тавре дар таҳлили қисми 1 моддаи 258 КМ ҶТ зикр гардид, ба мақсади таъмини шуғлмандии маъюбон, барои тамоми ташкилотҳои шумораи кормандонашон на камтар аз 20 нафар, квота дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии кормандони ташкилот пешбинӣ шудааст Барои аз тарафи корфармо дар доираи квотаи муқарраршуда ба кор қабул накардани маъюбони гурӯҳҳои дуюм ва сеюм, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (моддаи 108 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [6].

Баҳри бокортаъминкунии самараноки маъюбон мутобиқи барномаи офияти фардӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ташхиси тиббию иҷтимоӣ мураттабшуда, иҷроиши он ҳатмист, барои онҳо рӯзи нопурраи кори шашсоата ё ҳафтаи кори сисоата, бидуни кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

Барои маъюбони коркунандаи гурӯҳи 1 ва 2 рухсатии меҳнатии давомнокиаш 42 рӯзи тақвимӣ ва барои маъюбони гурӯҳи 3 бошад, рухсатии меҳнатии давомнокиаш 35 рӯзи тақвимӣ, муқаррар шудааст.

Давомнокии рухсатии беподоши маъюбони коркунандаи гурӯҳи 1 ва 2 то ду моҳи тақвимӣ ва маъюбони коркунандаи гурӯҳи 3, як моҳи тақвимиро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти эҳтиёҷоти маъюбон ва хусусиятҳои маҳал, баҳри истифодаи меҳнати маъюбон, ташкилотҳои (сеххо ва қитъаҳои) махсус сохта мешаванд (қисми 1 моддаи 36 Қонуни мазкур).

Ба кори шабонаю изофа, инчунин кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид ҷалб намудани маъюбон бидуни розигии онҳо, мумкин нест.

Дар шартномаҳои коллективӣ ва фардии меҳнатӣ барои маъюбони коркунанда дигар имтиёзу афзалиятҳо пешбинӣ шуданашон мумкин аст.

Ҳалқаи навбатӣ дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонуние ташкил медиҳанд, ки баҳри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси маъюбон пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1августи соли 2003 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», ки сухан дар бораи кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ меравад, давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд [7].

Мутобиқи моддаи 19 Қонун, ки сухан дар бораи мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ меравад, корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғл дар асосҳои зерин мусоидат мекунанд, аз ҷумла, риоя намудани квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ. Бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷбуда ё захира намудани намудҳои алоҳидаи ҷойҳои корӣ барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд.

Танзими муносибатҳои меҳнатии маъюбон на танҳо тавассути қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зерқонунӣ сурат мегирад.

Санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ аз зумраи санадҳои зерқонунӣ мебошанд.

Ба сифати намунаи санади зерқонунӣ, Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2010, №109 Оид ба ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”, Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2016, №255, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016, №478 «Оиди мавриди амал қарор додани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро овардан мумкин аст.

Тибқи моддаи 70 Конститутсияи ҶТ ба Президенти ҶТ ҳуқуқи дар доираи салоҳият баровардани фармон дода шудааст.

Дар баробари фармонҳои худ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое мебарорад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, манбаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат маҳсуб меёбанд, масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2020, №1580 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендия», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 «Оид ба давомияти рухсатиҳои асосӣ ва иловагии меҳнатӣ» [8]. ва ғайра.

Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи санадҳои зерқонунӣ буда, бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷорӣ ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта бошанд.

Тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлӯҳои гуногуни меҳнати кормандони маъюб ҳаллу фасл мешаванд, чунончи мутобиқи боби сеюми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004, №170 Дар бораи «Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони бекор» [9], ки сухан дар бораи бақайдгирии шаҳрвандони корҷӯй бо мақсади ҷустуҷӯи кори мувофиқро пешбинӣ намудааст. Барои бақайдгирӣ бо мақсади ҷӯстуҷӯи кори мувофиқ шаҳрвандони корҷӯй ба

мақомоти хадамоти шуғли аҳолии ҷойи истиқомат маълумот дар бораи музди меҳнати миёнаи ду моҳи охир дар ҷойи кори охирин, ки тибқи тартиби муқарраргардида дода шудааст, шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият, дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассусро пешниҳод менамоянд.

Шахсони бори аввал корҷӯяндае, ки касб ё ихтисос надоранд, шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар бораи маълумотро пешниҳод менамоянд.

Маъюбон бошад, илова ба ҳуҷҷатҳои зикршуда тавсияи меҳнатӣ, хулосаи хусусияти тавсиявидошта ва шароити меҳнатро пешниҳод менамоянд, ё барномаи инфиродии барқарорсозии ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 №181 «Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ», меъёрҳои он аз муқаррароти умумӣ, шарту қоидаҳои муайян намудани квота, гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд ва ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармоён дар таъмини гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба ҷои кор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда иборат мебошад.

Ба ҳамин монанд Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, тамоюли маъюбшавӣ ва роҳҳои пешгирии он» аз 2 июли соли 2005 № 221, «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» аз 28 октябри соли 2016, № 455, «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» аз 27 феврали соли 2020, №116 ва ғайра.

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста, нақши муайянро санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебозанд, ки одатан дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ оиди муқаррар намудани квота пешниҳод манзур менамоянд ва якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

Дар радифи манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон, тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, баромад менамоянд [10].

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон яке аз санадҳои байналмилалии меҳварии СММ маҳсуб ёфта, он бо Қатъномаи Маҷмаи умумии Ассамблеяи генералии СММ аз 10 декабри соли 1948 дар Париж қабул шудааст.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш ва моддаи 24 Эъломия бошад, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба истироҳат ва фароғат эълон доштааст.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 аз зумраи санадҳои байналмилалии умдае мебошанд, ки ҳамчун манбаъҳои муҳими танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд.

Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд [11].

Инчунин, ба сифати манбаъи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Оид ба ҳуқуқи маъюбон», ки аз ҷониби Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид 13 декабри соли 2006 қабул гардида,

моҳи майи соли 2008 мавриди амал қарор дода шудааст, баромад менамояд.

Конвенсияи СММ «Оид ба ҳуқуқи маъюбон» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 марти соли 2018 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ба имзо расида, [12] ҷиҳати ба тасвибрасонӣ ва амалӣ гардондани он Нақшаи миллии амалҳо роҳандозӣ шудааст ва Тоҷикистонро вазифадор менамояд, ки ҷиҳати мусоидат намудан ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам боло бурдани обрӯву эътибор ва саҳми арзандаи кишварро дар арсаи байналмилалӣ гузорад.

Конвенсияи мазкур бо пуррагӣ аз ҷонибдорӣ, ҳимоя ва таъмин намудани татбиқи комил ва баробари ҳамаи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ аз ҷониби тамоми маъюбон, ки ба онҳо шахсони дорои нуқсони ҷисмонӣ, рӯҳӣ, зеҳнӣ ё ҳиссӣ дохил мешаванд, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо монеаҳои мухталиф иштироки босамари онҳо дар баробари шахсони дигар дар ҳаёти ҷамъиятӣ халалдор мегардад ва инчунин тарафдорӣ кардани эҳтироми қадру қимати ба онҳо хос иборат аст.

Дар моддаи 27 Конвенсияи СММ «Оид ба ҳуқуқи маъюбон» сухан дар бораи меҳнат ва шуғли маъюбон меравад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 27 давлатҳои аъзо дар қатори дигарон ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат эътироф менамояд; он ҳуқуқи пайдо кардани имконияти бо роҳи меҳнат ба даст овардани маблағ барои ҳаётро дар бар мегирад, ки маъюб онро озодона интихоб мекунад ё озодона бо он розӣ шудааст, дар сурате, ки бозори меҳнат ва муҳити истеҳсолӣ барои маъюбон кушода, фарогир ва дастрас бошад. Давлатҳои аъзо татбиқи ҳуқуқ ба меҳнатро, аз ҷумла, барои шахсоне, ки дар рафти фаъолияти меҳнатӣ маъюб мешаванд, таъмин ва ҷонибдорӣ мекунанд, аз ҷумла тибқи муқаррароти қонунгузорӣ тадбирҳои лозимиро меандешанд, ки ба самтҳои зерин нигаронида шудаанд:

a) манъ кардани табъиз бо нишонаҳои маъюбӣ нисбат ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба тамоми намудҳои шуғл, аз ҷумла шарти қабул ба кор, киро кардан ва шуғл, нигоҳ доштани кор, пешравӣ дар ҷойи кор ва шароитҳои бехавф ва солими кор;

b) дар қатори дигарон ҳифз кардани ҳуқуқҳои маъюбон дар шароити одилона ва мусоиди меҳнат, аз ҷумла имкониятҳои баробар ва ҳавасмандгардонии баробар ба меҳнати баробарарзиш, шароити бехавф ва солими меҳнат, аз ҷумла ҳифозат аз даъво ва қонеъ гардондани шикоят;

c) дар қатори дигарон таъмин намудани он, ки маъюбон ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иттифоқҳои касабаи худро татбиқ карда тавонанд;

d) ба маъюбон додани имконияти дастрасии самарабахш ба барномаҳои умумии дорои тамоюлотии техникӣ ва касбӣ, хадамоти шуғл, маълумоти касбию давомдор;

e) дар бозори меҳнат васеъ намудани имкониятҳо барои шуғли маъюбон ва пешравии онҳо дар ҷойи хизмат, инчунин кумак расондан дар ҷустуҷӯ, дарёфт, нигоҳ доштан ва аз нав сар кардани кор;

f) васеъ намудани имкониятҳо барои фаъолияти фардии меҳнатии соҳибкорӣ, рушди кооперативҳо ва ташкили кори хусусӣ;

g) киро кардани маъюбон барои бахши давлатӣ;

h) ҳавасманд гардондани кирои маъюбон барои бахшҳои хусусӣ бо ёрии стратегия ва тадбирҳои лозимие, ки метавонанд барномаҳои амалиёти мусбат ва тадбирҳои дигарро дарбар гиранд;

i) ба маъюбон таъмин намудани мутобиқсозии оқилонаи ҷойи кор;

j) ҷонибдорӣ кардани маъюбон бобати азхудкунии таҷрибаи корӣ дар шароити бозори меҳнат;

k) ҷонибдорӣ кардани барномаҳои тавонбахшии касбию тахассусӣ, нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ ва ба кор баргардондани маъюбон.

Қисми 2 моддаи 27 давлатҳои аъзоро вазифадор менамояд, ки маъюбон дар ғуломӣ ё вазъи иҷборӣ нигоҳ дошта нашаванд ва дар қатори дигарон аз меҳнати маҷбурию ҳатмӣ муҳофизат карда шаванд.

Чи тавре зикр гардид, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста мавқеъ ва нақши Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои Созмони

байналмилалии меҳнат бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои СБМ - ро эътироф намудааст, аз ҷумлаи онҳо ба сифати манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатии маъюбон Конвенсияи №159 «Оид ба барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон» маҳсуб меёбад. Конвенсияи №159 "Дар бораи барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон" 20 июни соли 1983 дар Конфронси генералии Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки аз ҷониби ҳайати роҳбарикунандаи Дафтари Байналмилалии Меҳнат дар Женева қабул шудааст.

Конвенсияи мазкур сиёсати иҷтимоии давлатҳоро барои кафолат додани маъюбон бо баробарии комил, кори мувофиқ равона намуда, мусоидат ба ҳамгироии иҷтимоии ӯро ташвиқ мекунад. Давлати узв мутобиқи шароит ва имкониятҳои миллӣ, сиёсати барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбонро амалӣ менамояд ва чораҳои дахлдорро нисбати ҳамаи категорияҳои маъюбон татбиқ менамояд.

Сархати сеюми моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" аз 29 декабри соли 2010, №675, ки сухан дар бораи принсипҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон меравад, пешбинӣ намудааст «-сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси принсипи дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ амалӣ карда мешавад». Хусусан, банди f) принсипи дастрасиро пешбинӣ намудааст [13].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як шахс ҳуқуқ ва имконияти дастрас намудани намудҳои алоҳидаи таъминоти иҷтимоиро ҳангоми рух додани ҳолатҳои объективӣ-иҷтимоӣ новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон кафолат медиҳад (моддаи 39).

Дастрасӣ ба ҳама гуна хизматрасониҳо аз рӯи вазъи маъюбӣ унсури муҳими таъсиррасонӣ барои амалӣ кардани ҳуқуқи шахсони маъюб мебошад.

Сархати сеюми моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" аз 29 декабри соли 2010, №675, ки сухан дар бораи принсипҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон меравад, пешбинӣ намудааст: «-сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси принсипи дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ амалӣ карда мешавад».

Пешниҳод мегардад, ки сархати дуюми моддаи 4 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат меравад, калимаи «–дастрасӣ;» илова карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари таҳлили дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вобаста ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон зикр кардан зарур аст, ки дар ин санадҳо низ баъзан норасоиҳо мавҷуд аст, хусусан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339, дар моддаи 2, ки ба принсипҳо бахшида шудааст, принсипи "дастрасӣ" пешбинӣ нашудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339, ба талаботи банди f) моддаи 3 Конвенсия, ба моддаи 2, ки сухан дар бораи принсипҳои Қонуни мазкур меравад, принсипи дастрасиро яъне бо тартиби сархати панҷум калимаи «–дастрасӣ;» илова карда шавад.

## ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВЫЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ ИНВАЛИДОВ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** социальная защита населения; права инвалидов; работники инвалиды; социальная защита инвалидов; трудовые отношения инвалидов; трудоустройство инвалидов; обеспечение занятости инвалидов.

***Аннотация:*** В статье исследуются вопросы особенности правового регулирования трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан и в международном актах. С этой целью данная статья базируется на Конвенции ООН «О правах инвалидов», Трудовой кодекс Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «О социальной защите инвалидов». Постановления Правительства Республики Таджикистан «О социальной защищённости инвалидов, тенденция инвалидности и пути её снижения» от 2 июля 2005 года № 221, «О Национальной программе реабилитации инвалидов на 2017 - 2020 годы» от 28 октября 2016 года, № 455, «О Национальном плане действии по подготовке Республики Таджикистан для ратификации и реализации Конвенции о правах инвалидов» от 27 февраля 2020 года, № 116 и другие акты, предусмотренные статьей.

В статье также содержатся предложения по Трудовому кодексу Республики Таджикистан и Закон Республики Таджикистан «Об обращениях физических и юридических лиц».

***Бобокалон Гоиб Мерган*** - заведующий отделом законодательства по труду, миграции и социальным вопросам Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, к.ю.н., доцент кафедры предпринимательского и торгового права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: bgoib@mail.ru, Тел.: (+992) 907-94-87-73.

## FEATURES LEGAL REGULATION OF LABOR RELATIONS OF DISABLED PEOPLE IN THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** social protection of the population; rights of disabled people; disabled workers; social protection of disabled people; labor relations of disabled people; employment of disabled people; provision of employment for disabled people.

***Annotation:*** The article examines the features of the legal regulation of labor relations of disabled people in the legislation of the Republic of Tajikistan and in international acts. To this end, this article is based on the UN Convention «On the Rights of Persons with Disabilities», the Labor Code of the Republic of Tajikistan, the Law of the Republic of Tajikistan «On the Social Protection of Persons with Disabilities», Decrees of the Government of the Republic of Tajikistan «On the social protection of people with disabilities, the trend of disability and ways to reduce it» dated July 2, 2005 No. 221, «On the National Program for the Rehabilitation of the Disabled for 2017-2020» dated October 28, 2016, No. 455, «On the National Plan action to prepare the Republic of Tajikistan for the ratification and implementation of the Convention on the Rights of Persons with Disabilities» of February 27, 2020, No. 116 and other acts provided for in the article.

The article also contains proposals on the Labor Code of the Republic of Tajikistan and the Law of the Republic of Tajikistan «On Appeals of Individuals and Legal Entities».

***Bobokalon Goib Mergan*** - head of the legislative department on labor, migration and social affairs of the National Center or Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, associate professor of the department of business and trade law of the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: bgoib@mail.ru, Tel.: (+992) 907-94-87-73.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бобокалонов Ғ.М. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар муносибатҳои меҳнатӣ. Давлатшиносӣ ва Ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ -амалӣ. №3 (11) 2018. ISSN 2414 9217. –Душанбе, 2018. – С. 65-70.

2. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

3. Бобокалонов Ғ.М. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ. /Маҷалаи илмӣ–таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонунгузорӣ» №3 (39). –Душанбе: 2020 июл– сентябр. – С.58–67.

4. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда. –Душанбе: 2022. – 509-512. – 876 с.

5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Хазинаи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 10.04.2023).

6. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Махзани электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 10.04.2023).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1августи соли 2003 «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [Махзани электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 10.04.2023).

8. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Махзани электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/taxonomy/term/5/66 (санаи муроҷиат 10.04.2023).

9. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – С.4, 19,20.

11. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948; Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966. [Маводи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат 30.05.2022). - 6 с.

12. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон, ки бо қатъномаи 61/106 Ассамблеяи Генералӣ аз 13 декабри соли 2006 қабул шудааст. Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон www.ohchr.org. http://ombudsmanspb.ru/files/files/OON_02_site.pdf.

13. Бобокалонов Ғ.М. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии маъюбон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ. /Маҷалаи илмӣ–таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонунгузорӣ» №3 (39). – Душанбе: 2020 июл– сентябр. – С.58–67.

**Список литературы:**

1. Бобокалонов Г.М. Роль Конституции Республики Таджикистан в обеспечении законности, защите прав и свобод человека и гражданина в трудовых отношениях. Политология и права человека. Научно-практический журнал. № 3 (11) 2018. ISSN 2414 9217. – Понедельник, 2018. – С. 65-70.

2. Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2020. -1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

3. Бобокалонов Г.М. Правовое регулирование трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан и международном праве. / Научно-аналитический журнал Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан «Законодательство» №3 (39). Душанбе: июль-сентябрь 2020 г. - С. 58-67.

4. Шонасридинов Н., Бобокалонов Г. М., Махмадуллозода Н.Р. Толкование Трудового Кодекса Республики Таджикистан. Издание четвертое исправленное и дополненное. - Душанбе: 2022. - 509-512. - 876 с.
5. Уголовный кодекс Республики Таджикистан. [Электронное казначейство]. Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения 10.04.2023).
6. Кодекс административных правонарушений Республики Таджикистан. Кодекс административных правонарушений Республики Таджикистан. [Электронное казначейство]. Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения 10.04.2023).
7. Закон Республики Таджикистан от 1 августа 2003 года «О содействии занятости населения» [Электронная база данных]. Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения 10.04.2023).
8. Распоряжения Президента Республики Таджикистан. [Электронная база данных]. Источник доступа: http://president.tj/taxonomy/term/5/66 (дата обращения 10.04.2023).
9. Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2020. -1 электрон. опт. диск (CD-ROM).
10. Конституция Республики Таджикистан была принята на всенародном референдуме 6 ноября 1994 года. 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г. в него путем всенародного референдума вносились изменения и дополнения. – Душанбе: «Издательство «Ганц», 2016. – С.4, 19,20.
11. Общая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г.; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах от 16 декабря 1966 г. [Электронный материал]. Национальный законодательный центр при Президенте Республики Таджикистан. Источник доступа: http://www.mmk.tj (дата обращения 30.05.2022). - 6 с.
12. Конвенция ООН о правах инвалидов, принятая резолюцией 61/106 Генеральной Ассамблеи 13 декабря 2006 года. Управление Верховного комиссара ООН по правам человека www.ohchr.org. http://ombudsmanspb.ru/files/files/OON_02_site.pdf.
13. Бобокалонов Г.М. Правовое регулирование трудовых отношений инвалидов в законодательстве Республики Таджикистан и международном праве. / Научно-аналитический журнал Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан «Законодательство» №3 (39). Душанбе: июль-сентябрь 2020 г. - С. 58-67.

**List of literature:**

1. Bobokalonov G.M. The role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in ensuring legality, protection of human and citizen rights and freedoms in labor relations. Political Science and Human Rights. Scientific-practical magazine. No. 3 (11) 2018. ISSN 2414 9217. – Monday, 2018. – S. 65-70.
2. Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2020. -1 electron. opt. disk (CD-ROM).
3. Bobokalonov G.M. Legal regulation of labor relations of disabled people in the legislation of the Republic of Tajikistan and international law. / Scientific-analytical magazine of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan "Legislation" No. 3 (39). Monday: July-September 2020. - P. 58-67.
4. Shonasridinov N., Bobokalonov G. M., Mahmadullozoda N.R. Interpretation of the Labor Code of the Republic of Tajikistan. Fourth Edition Corrected and Added. - Monday: 2022. - 509-512. - 876 p.

5. Criminal Code of the Republic of Tajikistan. [Electronic treasury]. National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan Access source: http://www.mmk.tj. (date of application 10.04.2023).

6. Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan. [Electronic treasury]. National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan Access source: http://www.mmk.tj. (date of application 10.04.2023).

7. Law of the Republic of Tajikistan dated August 1, 2003 "On promotion of public employment" [Electronic database]. National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan Access source: http://www.mmk.tj. (date of application 10.04.2023).

8. Orders of the President of the Republic of Tajikistan. [Electronic database]. Source of access: http://president.tj/taxonomy/term/5/66 (date of access 10.04.2023).

9. Central database of legal information of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2020. -1 electron. opt. disk (CD-ROM).

10. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in a national referendum on November 6, 1994. On September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016, changes and additions were made to it by means of a national referendum. - Dushanbe: "Ganz Publishing House", 2016. - P.4, 19,20.

11. General declaration of human rights of December 10, 1948; International Covenant on Economic, Social and Cultural Rights of December 16, 1966. [Electronic material]. National legislative center under the President of the Republic of Tajikistan. Access source: http://www.mmk.tj (access date 30.05.2022). - 6 s.

12. UN Convention on the rights of disabled people, adopted by resolution 61/106 of the General Assembly on December 13, 2006. Office of the UN High Commissioner for Human Rights www.ohchr.org. http://ombudsmanspb.ru/files/files/OON_02_site.pdf.

13. Bobokalonov G.M. Legal regulation of labor relations of disabled people in the legislation of the Republic of Tajikistan and international law. / Scientific-analytical magazine of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan "Legislation" No. 3 (39). Monday: July-September 2020. - P. 58-67.



УДК: 349.2

**Аминова Фарида Махмадаминовна,**
*доктор юридических наук, доцент, заведующая кафедрой международного права и сравнительного правоведения юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail:farida.aminova.2016@mail.ru,*
*Тел.: (+992) 227-39-86.*

# К ВОПРОСУ О СФЕРЕ ВЛИЯНИЯ И СФЕРЕ ДЕЙСТВИЯ ТРУДОВОГО ПРАВА

***Ключевые слова***: предмет трудового права; трудовой договор; работник; работодатель; наёмный труд; метод; коллективный договор; профсоюз; трудовой спор.

***Аннотация***: Автор статьи определяет трудовое право, как позитивное, включающее в себя правовые нормы, объединённые в одну общую систему, состоящую из трудовых прав и гарантий реализации трудовых прав.

В статье автор аргументирует необходимость разграничения таких понятий как сфера действия трудового права и сфера влияния трудового права. Автор приходит к выводу о том, что сфера действия трудового права распространяется на весь круг отношений, входящий в предмет трудового права. К данным отношениям автор считает возможным отнести чисто трудовые отношения [возникающие между субъектами трудового права в результате заключения трудового договора], а также отношения, тесно связанные с трудовыми. Автор обосновывает позицию, что сфера влияния трудового права охватывает отношения, которые, не подпадая под сферу действия трудового права, тем не менее в некоторой степени дублируют их.

Труд в жизни каждого человека имеет большое значение. При помощи труда человек обеспечивает процессы своей жизнедеятельности. В литературе справедливо отмечается: «Значение труда не исчерпывается его ролью в общественном производстве. В процессе труда создаются и духовные ценности. С ростом общественного богатства потребности людей усложняются, создаются культурные ценности, растет уровень образования населения. Таким образом, труд выполняет функцию одного из факторов общественного прогресса и творца общества. В конечном счете именно благодаря разделению труда формируются социальные слои общества и основы их взаимодействия» [8].

Трудовое право направлено на урегулирование деятельности в сфере наёмного труда. Понимание трудового права разнится в зависимости от рассмотрения его в качестве науки, отрасли и учебной дисциплины.

Понимание трудового права как науки шире, чем его понимание как отрасли. Так, наука трудового права является учением о системе знаний о трудовом праве, определённые идеи, взгляды об общественных отношениях, которые регулируются нормами отрасли трудового права. Наука призвана к разработке определённых терминов и категорий, необходимых для изложения норм трудового права. В связи с этим, можно признать, что «всякая правотворческая деятельность государства должна опираться, прежде всего, на науку» [1].

Говоря об отличии науки от отрасли следует отметить, что в юридической литературе, высказывается мнение, согласно которому «..важнейшими признаками отрасли права выступают следующие: 1) отрасль - это наиболее крупное объединение норм права; 2) основой выделения отрасли является наличие достаточно большой обособленной группы общественных отношений, требующих правового регулирования; 3) указанные общественные отношения тесно связаны между собой по одному или нескольким признакам; 4)

отрасль права характеризуется наличием специфичных именно для нее методов воздействия на общественные отношения; 5) отрасль права является сложным образованием, могущим включать в себя меньшие объединения правовых норм – подотрасли, институты и субинституты» [7].

Следовательно, для выделения самостоятельной сферы правового регулирования необходимо, во-первых, наличие реально обособленной сферы общественных отношений, во-вторых, как правило, наличие особенностей в правовом регулировании данной сферы. Вполне очевидно, что указанные требования к выделению отрасли соответствуют таким важным критериям систематизации права, как предмет и метод правового регулирования [7].

Предмет правового регулирования является одним из основных понятий, характеризующих ту или иную отрасль права. С понимания предмета начинается освоение любой отрасли права, а также формирование научных знаний о ней.

Предметом правового регулирования принято считать определенную группу однородных по своей природе общественных отношений, которые выступают как основополагающий критерий выделения той или иной отрасли как самостоятельной, отличной от других отраслей права. Именно поэтому очень важно выделить как систему трудового права в целом, так и предмет отрасли, определить те общественные отношения, которые подлежат регулированию со стороны трудового права. Как отмечается в юридической литературе: « …отраслевой метод позволяет раскрыть и понять особенности той или иной отрасли права, а также провести разграничение между смежными отраслями» [2].

Шаҳрвандони аз дигар воҳидҳои маъмурию ҳудудии кишвар буда, дар маҳалле, ки барои гирифтани қитъаи замин ҷиҳати ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ муроҷиат намудааст ва дар он истиқомати доимӣ надоранд, барои онҳо қитъаи замин ҷудо карда намешавад, онҳо дар маҳалле, ки дар он муқимӣ зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқи гирифтани қитъаи замин барои ташкил ва пешбурди чунин хоҷагиро доранд.

Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ дар маҳал ба шаҳрвандоне, ки дар ин маҳал доимӣ зиндагӣ намекунанд қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда мешавад, агар дар ҳамин маҳал захираҳои озоди замин барои ба шаҳрвандон додани қитъаи замини наздиҳавлигӣ мавҷуд бошад ва тамоми аҳолии эҳтиёҷманди ҳамин маҳал ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин гардида бошанд. Агар дар як маврид аҳолии ҳамин маҳал (воҳиди маъмурию ҳудудӣ) ва дигар воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ муроҷиат намоянд, шаҳрванде, ки дар ҳамин маҳал доимӣ зиндагӣ менамояд ба гирифтани қитъаи замин ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

Шаҳрвандоне, ки дар деҳот муқимӣ зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд ба мақомоти дахлдор ҷиҳати аз фонди ягонаи замини давлатӣ барои ҷудо намудани қитъаи замин доир ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ муроҷиат намоянд. Қитъаи замин барои ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҳисоби заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷудо карда мешавад. Барои ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба ҷамоатҳо ва ҷамоатҳо ба раиси ноҳия (шаҳр) муроҷиат менамоянд. Раиси ноҳия (шаҳр) тибқи салоҳияташ барои ҷудо намудани замин қарор қабул менамояд. Шаҳрвандони сокини шаҳр ва шаҳракҳо дар заминаи қитъаи замине, ки барои истифодаи меросии якумра ё бемуҳлат тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гирифтаанд, ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсиро доранд.

Қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замини иловагии хоҷагии ёрирасони шахсӣ иборат мебошад. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ, одатан дар шафати манзили истиқоматӣ ва ҳамчунин имкон дорад дуртар аз он воқеъ бошад. Қитъаи

замини иловагӣ ба шаҳрванд аз ҳисоби заминҳои фонди ягонаи давлатӣ ҷудо карда мешавад. Дар қитъаи замини иловагӣ сохтани биноҳо, иморату иншоот ва шинонидани дарахтони бисёрсола манъ аст. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замини иловагӣ ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ мансуб дониста мешаванд [9, с. 206].

Бояд гуфт, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асоси тартибу шартҳои муайянкардаи қонунгузорӣ ва дар сурати мавҷуд будани захираи озоди замин ба ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ пайдо мекунанд. Меъёри мазкур шаҳодат бар он менамояд, ки шаҳрвандоне, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қитъаи заминро барои истифодаи бемуҳлат ё меросии якумра гирифтаанд, ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсиро доранд (яъне танҳо дар қитъаи замине, ки барои истифодаи меросии якумра ё бемуҳлат гирифташуда, чунин хоҷагиро ташкил намудан мумкин аст).

Аммо аз муқаррароти моддаи 11 Кодекси замини ҶТ муайян мегардад, ки истифодаи бемуҳлати қитъаи замин танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ дода мешавад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқи гирифтани қитъаи замин барои истифодаи меросии якумраро низ дар кишвар надоранд, чунки дар моддаи 12 Кодекси замини ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки ба истифодаи якумраи меросии замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад. Аз ин меъёр бармеояд, ки қитъаи замин барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ (дар намуди қитъаи замини наздиҳавлигӣ) танҳо ба шаҳрвандон дода мешавад.

Тартиби додани замин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро моддаи 25 Кодекси замини ҶТ танзим намудааст, ки дар асоси он қитъаи заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати (аниқтараш иҷора) то 50 сол додан мумкин аст. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва заминҳое, ки таҳти муҳофизати махсус мебошанд, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дода намешаванд.

Ҳангоми ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ гузаштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ бо ҳуқуқи бегона намудани он ин ҳуқуқ бояд дар давоми як соли баъди пайдо кардани ҳуқуқ ба қитъаи замин ба фоидаи шахси воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бегона карда шавад. Агар бо ягон сабаб бегона намудани ҳуқуқи истифодаи чунин қитъаи замин ба фоидаи шахси воқеӣ ё ҳуқуқии ҶТ ғайриимкон бошад, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба таври музднок, бо арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дода мешавад [10, с. 135].

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ низ вобаста ба ҳуқуқдории шаҳрвандон ҷиҳати ташкил ва пешбурди хоҷагиии ёрирасони шахсӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, моддаи 3 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, №112-ФЗ [11] ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ намуда, чунин ҳуқуқ ба шаҳрвандони лаёқатманд, ки ба онҳо қитъаи замин дода шудааст ё барои пешбурди хоҷагии ёрирасон қитъаи замин гирифтаанд, вогузор гардидааст.

Дар маҷмӯъ, ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳамчун унсури афзалиятнок дар самти расидан ба таъмини сатҳи зиндагии арзанда ва инкишофи озодона, яъне ба ташаккули сатҳи иҷтимоии шаҳрвандон бо роҳи истифодаи мақсаднок, самаранок ва оқилонаи қитъаҳои замин равона гардида, амалишавии он барои пешбурди истеҳсолоти фардии (оилавии) кишоварзӣ аз ҷониби шаҳрвандон барои қонеъ намудани талаботи шахсӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи шаҳрвандон ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ муайян намуд, ки дар самти таҳкими амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ташкили он, такмили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъол намудани нақш ва мавқеи шаҳрвандон дар истифодаи оқилона, самаранок

ва мақсадноки қитъаҳои замин бо ин назардошт, пешниҳодҳои зеринро манзур намоем:

– барои дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон нисбат ба ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ зарур шуморида мешавад, ки механизмҳои мукаммали таъсиррасонии тафаккурии созгор нисбат ба қисмати аҳолие, ки дар ҷодаи мазкур метавонанд шуғл варзанд, таҳия ва роҳандозӣ карда шавад;

– ҷиҳати танзими мукаммали муносибатҳо дар самти ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ зарур мебошад, ки қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳо вобаста ба хоҷагиҳои ёрирасонӣ шахсӣ ба ҳадафҳои рушди устувори кишвар мувофиқ гардонида шуда, такмили муқаррароти меъёрии самти болозикр дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии (консепсия, стратегия ва барнома) соҳавӣ пешбинӣ карда шаванд, то ин ки ҳадафҳои мақсадноки дар қонунгузорӣ муқарраршуда, амалӣ карда шаванд;

– бо мақсади беҳтар сохтани рафти истифодаи қитъаҳои замине, ки барои пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ гардидаанд, зарур шуморида мешавад, ки аз ҷониби мақомотҳои марбутаи давлатӣ чораҳои ҳавасмандгардонии гуногунсатҳи махсусияти моддӣ ва маънавидошта (фаҳмондадиҳии муқаррароти қонунгузории самти мазкур, усулҳои истифодаи босамари қитъаи замин, маърифатнокии муомилот бо қитъаи замин ва ғайра), роҳандозӣ карда шавад.

Дар баробари категорияҳои ҳуқуқҳо, ҳамчунин шаҳрвандон ҳангоми пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ як қатор уҳдадориҳо доранд. Қобили зикр аст, ки замин моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат дода, танҳо ба онҳо ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро медиҳад. Аз ин лиҳоз, онҳо бояд уҳдадориҳои худро нисбати истифодаи қитъаи замин дошта бошанд.

Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар баробари ҳуқуқ, ҳамчунин дорои уҳдадориҳои муайян мебошанд, ки ин уҳдадориҳо дар қонунгузорӣ зикр шудаанд. Аз ҷумла:

**1) истифодаи мақсаднок ва оқилонаи қитъаҳои замин, аз ҷумла кишти зироатҳои кишоварзӣ, гузаронидани корҳои барқарорсозӣ ва ободониро таъмин кунанд.** Дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин – қарори раиси ноҳия, шаҳр, вилоят ва Ҳукумати ҶТ, ҳамчунин Сертификати (шаҳодатномаи) ҳуқуқи истифодаи замин таъиноти мақсадноки замин зикр карда мешавад ва шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ уҳдадор мебошанд, ки қитъаи заминро аз рӯйи таъиноти мақсаднок истифода намоянд. Дар ҳолати аз тарафи шаҳрвандон тибқи таъиноти мақсаднок истифода набурдани қитъаи замин ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ё қисми он бо асоси ғайри таъиноти мақсаднок истифода бурдани қитъаи замин, ки дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин нишон дода шудааст (б. «г», м. 37 Кодекси замини ҶТ) дар асоси санади судӣ қатъ карда мешавад.

Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ уҳдадор мебошанд, ки қитъаи замини ба онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷудокардашударо самаранок, тибқи таъиноти худ, ҳамчунин оқилона истифода намоянд. Истифодаи самараноки замин гуфта, ин истифодаи қитъаи замин бо мақсади ба даст овардани натиҷаи фоидаовари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад. Самаранок истифода бурдани қитъаи замин ин маънои аз замин гирифтани фоидаи бисёрро надорад. Самаранок истифода бурдан ин пеш аз ҳама, пурра аз ҷиҳаи экологӣ истифода бурдани қитъаи замин бо истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони агрономӣ, таҷҳизоти истеҳсолии ҳифзи табиат мебошад [12, с. 119].

Яке аз нуктаи назари бештар паҳнгардида дар илми ҳуқуқи замин чунин аст, ки мувофиқи он истифодаи самараноки замин дар раванди истифодабариаш, инчунин ҳифзи онро дар бар мегирад. Аз ин ҳолатҳо бармеояд, ки ҳифзи замин ба истифодаи оқилона ва самараноки замин вобастагӣ дорад. Истифодаи оқилонаи замин аз ҷониби шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин истифодаи қитъаи замин

мебошад, ки дар натиҷаи он маҳсулнокии қабати ҳосилхезии хок паст намегардад.

**2) сари вақт андози истифодаи қитъаҳои замин, ҳаққи хизмати обрасонӣ, барқ, инчунин дигар пардохтҳои муқаррargardидаро ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, пардохт намоянд.** Мувофиқи м. 45 Конститутсияи ҶТ супоридани андоз ва дигар пардохтҳо, ки қонун муқаррар намудааст ҳатмист. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз субъектони пардохткунандаи андози истифодаи қитъаҳои замин, ҳаққи хизмати обрасонӣ, барқ ба ҳисоб меравад. Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ уҳдадор мебошанд, ки дар мухлатҳои муқарраргардида андозҳои пешбинишударо сари вақт пардохт намоянд. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз пардохт намудани андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ озод мебошад;

**3) қоидаҳои беҳдошти санитарию гигиенӣ ва байторӣ, талаботи агротехникию мелиоративӣ ва технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзиро риоя намоянд.** Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ усулҳоеро бояд истифода намоянд, ки пешгирии паҳншавии касалиҳо, ҳашароту зараррасонҳои растанӣ ва чорворо таъмин менамоянд. Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ уҳдадоранд, ки тарзу усулҳои илман асоснокгардидаи ҳосилхезии заминҳоро истифода намуда, пешгирии касалиҳо, паҳншавии ҳашароту зараррасонҳои растанӣ ва чорворо таъмин намоянд. Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ уҳдадор мебошанд, ки ҳангоми нигоҳдории ҳайвонот талаботи санитарию гигиенӣ ва талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 [13] пешбинишударо ҳангоми нигоҳдории ҳайвонот риоя намоянд;

**4) барои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок тадбирҳо андешанд.** Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ бояд барои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок мунтазам чорабиниҳои агрокимиёвӣ, агротехникӣ ва мелиоративиро амалӣ намоянд, то ки ҳосилхезгардии қитъаи замин таъмин карда шавад. Чорабиниҳои агротехникӣ ин маҷмӯи тарзу усулҳои илман асосноки коркарди хок, киштгардон ва дигар амалҳо бо мақсади барқарор кардани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад.

Чорабиниҳои агрокимиёвӣ бошад, ин маҷмӯи тарзу усулҳои илман асосноки истифодаи моддаҳои агрокимиёвӣ ва пестисидҳо оид ба барқарор кардани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати муносибати эҳтиёткорона ба онҳо бо мақсади ҳифзи муҳити зист мебошад;

**5) ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обу заминро таъмин намоянд.** Дар самти ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин чорабиниҳои мелиоративӣ нақши муҳим доранд. Чорабиниҳои мелиоративӣ ин тарҳрезӣ, сохтмон, истифода ва таҷдиди системаҳои мелиоративӣ ва иншоотҳои алоҳидаи гидротехникӣ, обшор кардани чарогоҳҳо, барпо намудани системаҳои дарахтзорҳои ҷангалӣ барои муҳофизати заминҳои таъиноти кишоварзӣ, гузаронидани корҳо оид ба киштбоб намудани замин, беҳтар гардонидани хусусияти кимиёвӣ ва физикии хок, таъмини илмӣ ва истеҳсолию техникии корҳои мазкур ба ҳисоб меравад;

**6) бо риояи тартиби муайяннамудаи беҳдоштиву санитарӣ ва бойторӣ забҳи ҳайвоноти кишоварзиро дар ҷойҳои махсуси барои ин мақсадҳо ҷудошуда таъмин намоянд.** Бояд гуфт, ки байторӣ (соҳаи байторӣ) – доираи донишҳои махсуси илмӣ ва фаъолияти амалие, ки ба ҳифзи ҳайвонот, омӯзиши беморӣ ва заҳролудшавии ҳайвонот, ташхис, табобати ҳайвоноти бемор ва барҳам задани манбаи бемории он, таъмини мутобиқати объектҳои таҳти назорати давлатии байторӣ қарордошта, ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ», инчунин ҳифзи аҳолӣ аз бемориҳои барои ҳайвонот ва инсон умумӣ равона карда шудааст. Аз ҷумла, мувофиқи м. 31 Қонуни мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – соҳибони ҳайвонот ва маҳсулоти ҳайвонот бо мақсади барҳамдиҳии манбаъҳои эпизоотии бемориҳои сироятии ҳайвонот уҳдадоранд:

– талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ», инчунин қарорҳо, дастурҳо ва хулосаҳои байторию санитарии нозирони давлатии байториро иҷро намоянд;

– чорабиниҳои муқарраршуда ва иловагии беҳдошти байторӣ, аз ҷумла корҳои сироятзудоӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсиониро амалӣ гардонанд;

– ҳайвоноти ба бемориҳои сироятӣ гирифторшударо нобуд созанд ва ё барои коркарди махсус ба корхонаҳо супоранд. Шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор барои гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпизоотии дар Қонуни мазкур пешбинишуда, ки барҳамдиҳии манбаъҳои эпизоотии бемориҳои сироятии ҳайвонотро таъмин менамоянд, уҳдадор мебошанд;

**7) ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти маҳалли ҷойгиршавӣ бо тартиб ва дар мухлатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ маълумоти дахлдорро оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳод намоянд.** Дар асоси қонунгузории замин яке аз уҳдадориҳои заминистифодабарандагон ин пешниҳоди маълумоти бо қонунгузорӣ муқарраргардида оид ба вазъи истифодаи заминҳо сари вақт ба мақомоти дахлдори давлатӣ мебошад. Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ бошад, ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти маҳалли ҷойгиршавӣ бо тартиб ва дар мухлатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ маълумоти дахлдорро оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дар хоҷагӣ бояд пешниҳод намоянд;

**8) дар қитъаҳои замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ ба бунёди бинову иншоот ва шинонидани дарахтони бисёрсола роҳ надиҳанд.** Қобили зикр аст, ки шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ доранд, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ, дигар иморату иншоотҳои барои пешбурди хоҷагӣ зарурро бунёд намоянд. Дар як навбат шаҳрвандон уҳдадор мебошанд, ки ҳангоми бунёди чунин сохтмонҳо талаботҳои шаҳрсозӣ ва меъморӣ, экологӣ, беҳдошти санитарию гигиенӣ, зиддисӯхторӣ, талаботи мақсадноки қитъаи заминро риоя намоянд ва атрофи ин сохтмонҳоро obод намоянд. Аммо, дар фарқият аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ шаҳрвандон уҳдадор мебошанд, ки дар қитъаҳои замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ ба бунёди бинову иншоот ва шинонидани дарахтони бисёрсола роҳ надиҳанд. Ин масъулият аз вазъи ҳуқуқии қитъаҳои замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ, ки ба гурӯҳи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дохил буда, ба шаҳрванд бо ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат дода мешавад ва қонунгузории замин пешбинӣ намудааст, бармеояд;

**9) иҷрои уҳдадориҳои дигари муқарраранамудаи қонунгузории ҶТ-ро таъмин намоянд.** Бояд гуфт, ки шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар баробари уҳдадориҳои дар боло зикршуда, ҳамчунин дигар уҳдадориҳоеро, ки аз қонунгузорӣ бармеоянд, иҷро менамоянд. Аз ҷумла, мувофиқи м. 21 Кодекси замини ҶТ заминистифодабарандагон (аз ҷумла, шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ) уҳдадоранд:

– заминро мувофиқи мақсад ва шартҳои муайяншуда истифода баранд;

– замини додашударо самаранок истифода баранд ва аз технологияи барои ҳифзи табиат пешбинишудаи истеҳсолот истифода намуда, ба бад шудани вазъи экологии маҳал дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ роҳ надиҳанд;

– барои ҳифзи замин маҷмӯи чорабиниҳоеро, ки дар м. 51, 52 КЗ ҶТ пешбинӣ шудаанд, амалӣ намоянд;

– сари вақт андоз ва иҷорапулии заминро супоранд;

– ҳуқуқи дигар заминистифодабарандагонро вайрон накунанд;

– маълумоти дар қонунгузорӣ муқарраргардида оид ба вазъи истифодаи заминро сари вақт ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намоянд.

**Дар асоси муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон»** аз 11 ноябри соли 2002, №149-З [14] шаҳрвандоне, ки пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро амалӣ менамоянд, уҳдадоранд:

– истифодаи қитъаҳои заминро мувофиқи таъинот ва шартҳои додани онҳо таъмин намояд;

– қитъаҳои замини ба онҳо додашударо самаранок истифода баранд, ҳосилхезии онҳоро баланд бардоранд, технологияе, ки риояи талаботи экологиро таъмин мекунанд, истифода баранд, ба вайроншавии муҳити зист роҳ надиҳанд;

– меъёрҳои зоогигиенӣ ва қоидаҳои байтории нигоҳдории ҳайвонот, низоми муқарраршудаи истифодаи қитъаҳои замин, талаботи меъёрҳои санитарӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои гигиениро ҳангоми истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин дигар талабот ва қоидаҳои марбут ба ҳоҷагии ёрирасони шахсиро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Белорус муқаррар кардааст, риоя намоянд.

Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ механизми муҳими пешбининамудаи қонунгузорӣ дар самти иҷрои самараноку оқилона ва ҳадафмандонаи муқарраироти қонунгузории соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.**

## ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ ГРАЖДАН ПРИ ВЕДЕНИИ ЛИЧНОГО ПОДСОБНОГО ХОЗЯЙСТВА

***Ключевые слова:*** земельное законодательство; сельскохозяйственное законодательство; личное подсобное хозяйство; право; обязательство; приусадебный земельный участок; дополнительный земельный участок личного подсобного хозяйства; земель сельскохозяйственного назначения; член семьи личного подсобное хозяйство.

***Аннотация:*** Отношения в сфере личного подсобного хозяйства связаны с развитием сельскохозяйственных и производственных отношений и призваны способствовать реализации одной из стратегических целей государства – обеспечению продовольственной безопасности. Такие отношения находятся в процессе формирования, они время от времени развиваются, и с этой точки зрения права различных субъектов при его реализации расширяются. В данной статье автор проанализировал вопросы прав и обязанностей граждан при ведении личного подсобного хозяйства с учетом научных теорий, системы отраслевого законодательства и сравнительного анализа этих вопросов с законодательством некоторых стран СНГ и представил обоснованные мнения.

***Одиназода Шохрух Хисрав*** - начальник отдела аграрного, природоресурсного и экологического законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru, Тел.: (+992) 931-10-04-40.

## RIGHTS AND OBLIGATIONS OF CITIZENS WHILE RUNNING A PERSONAL SUBSIDIARY FARMING

***Keywords:*** land legislation; agricultural legislation; personal subsidiary plot; right; obligation; personal plot of land; additional land plot for personal subsidiary plot; agricultural lands; family member personal subsidiary plot.

***Annotation:*** Relations in the field of private farming are connected with the development of agricultural and production relations and they are designed to contribute to the implementation of one of the strategic goals of the state - ensuring food security. Such relations are in the process of formation, they develop from time to time, and from this point of view, the rights of various subjects during its implementation expand. In this article, the author analyzed the issues of the rights and responsibilities of citizens when running personal subsidiary plots, taking into account scientific theories, the system of industry legislation and a comparative analysis of these issues with the legislation of some CIS countries and presented informed opinions.

***Odinazoda Shohrukh Khisrav*** - head of the department of agrarian, natural resources and environmental legislation of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru, Tel.: (+992) 931-10-04-40.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Соҳибов М.М., Одинаев Ш.Х. Мафҳум ва хусусиятҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Соҳибов, Ш.Х. Одинаев. – Душанбе: Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ «Қонунгузорӣ». – 2020. – №1 (37). – С. 80-89.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2023).

3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №23 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2023).

4. Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, 1918 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2023).

5. Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи хоҷагии деҳқонии шахсӣ» аз 15 майи соли 2003, №742-IV // Дар таҳр. Қонунҳои Украина аз 17.11.2005. – №3108–IV, аз 25.12. 2008. – №799–VI, 16.10.2012. – №5462–VI, 12.02.2015. – №191–VIII.

6. Одиназода Ш.Х. Баъзе аз масъалаҳои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маҷмӯаи IV- умин конференсияи илмӣ-назариявии бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 236-242.

7. Устюкова В.В. Вазъи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ёрирасони шахсӣ дар Федератсияи Россия: дис. ... доктор. илм. ҳуқуқ.– М., 2002. – 345 с.

8. Бакирова Р.Т. Танзими ҳуқуқии фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Оренбург, 2006. – 214 с.

9. Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш, Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Бухоро», 2013. – 416 с.

10. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 235 с.

11. Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, №112-ФЗ // Дар таҳр. Қонунҳои федералӣ аз 22.07.2008. – №141–ФЗ, аз 23.07.2008. – №160–ФЗ, аз 30.12.2008. – №302–ФЗ, аз 21.06.2011. – №147–ФЗ.

12. Раҳимзода М.З., Каримов А.Д., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 286 с.

13. Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2010. – №12, қ. 1. – Мод. 833; 2012. – №7. – Мод. 704; 2016. – №1364.

14. Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон» аз 11 ноябри соли 2002, №149-З // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.spinform.ru /show_doc.fwx?rgn=3129 (санаи муроҷиат: 28.12.2023).

**Список литературы:**

1. Сохибов М.М., Одинаев Ш.Х. Понятие и характеристика личного подсобного хозяйства по законодательству Республики Таджикистан / М.М. Сохибов, Ш.Х. Одинаев. – Душанбе:

Научно-аналитический журнал Национального центра законодательства при Президенте РТ «Конунгузори». – 2020. – № 1 (37). – С. 80-89.

2. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 19 июля 2022 года № 1891 // Национальный центр законодательства при Президенте РТ [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.11.2023).

3. Земельный кодекс Республики Таджикистан от 13 декабря 1996 года № 23 // Национальный центр законодательства при Президенте РТ [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.11.2023).

4. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года 1918 года // Национальный центр законодательства при Президенте РТ [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.11.2023).

5. Закон Республики Украина "О личном фермерском хозяйстве" от 15 мая 2003 г. № 742-IV // В редакции Законов Украины от 17.11.2005. - № 3108-IV от 25.12. 2008. – № 799-VI, 16.10.2012. – № 5462-ВИ, 12.02.2015. – № 191-VIII.

6. Одиназода Ш.Х. Некоторые вопросы осуществления права граждан на формирование личного подсобного хозяйстве в соответствии с законодательством Республики Таджикистан // Права человека и глобализация: IV научно-теоретическая конференция, посвященная дню прав человека // По общему мнению канд. юрид. наук. доцент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Издательство МВД Республики Таджикистан, 2022. – С. 236-242.

7. Устюкова В.В. Правовое положение крестьянского (фермерского) и личного подсобного хозяйства в Российской Федерации: дис. ... док-ра юрид. наук. – М., 2002. – 345 с.

8. Бакирова Р.Т. Правовое регулирование деятельности личных подсобных хозяйств: дис. ... канд. юрид. наук. – Оренбург, 2006. – 214 с.

9. Исмаилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш, Нодиров Ф.М., Гафуров А.Д. Сельскохозяйственное право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: Бухара», 2013. – 416 с.

10. Сохибов М.М. Проблемы гражданско- правого регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: дисс. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 235 с.

11. Закон Российской Федерации «О личном подсобном хозяйстве» от 7 июля 2003 г. № 112-ФЗ // В ред. Федеральные законы от 22.07.2008. - от 23.07.2008 № 141-ФЗ. - от 30.12.2008 № 160-ФЗ. - от 21.06.2011 № 302-ФЗ. - № 147-ФЗ.

12. Рахимзода М.З., Каримов А.Д., Фархудинов Дж.И. Толкование земельного кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 286 с.

13. Закон Республики Таджикистан «О ветеринарной медицине» от 29 декабря 2010 года №674 // Ахбори Маджили Оли Республики Таджикистан. – 2010. – № 12, с. 1. – Ст. 833; 2012. – №7. – Мод. 704; 2016. – № 1364.

14. Закон Республики Беларусь «О личных подсобных хозяйствах граждан» от 11 ноября 2002 г. № 149-З // [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://base.spinform.ru /show_doc.fwx?rgn=3129 (дата обращения: 28.12.2023).

**List of literature:**

1. Sokhibov M.M., Odinaev Sh.Kh. The concept and characteristics of personal subsidiary farming according to the legislation of the Republic of Tajikistan / M.M. Sokhibov, Sh.Kh. Odinaev. – Dushanbe: Scientific and analytical journal of the National Center Legislation under the President of the Republic of Tajikistan "Kon unguzori". – 2020. – No. 1 (37). – P. 80-89.

2. Law of the Republic of Tajikistan "On personal subsidiary farming" dated July 19, 2022 No. 1891 // National Center Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 11/26/2023).

3. Land Code of the Republic of Tajikistan dated December 13, 1996 No. 23 // National Center Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 11/26/2023).
4. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022, 1918 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 11/26/2023).
5. Law of the Republic of Ukraine "On Personal Farming" dated May 15, 2003 No. 742-IV // As amended by the Laws of Ukraine dated November 17, 2005. - No. 3108-IV dated December 25. 2008. – No. 799-VI, 10/16/2012. – No. 5462-VI, 02/12/2015. – No. 191-VIII.
6. Odinazoda Sh.H. Some issues of the implementation of the right of citizens to form personal subsidiary plots in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan // Human rights and globalization: IV scientific and theoretical conference dedicated to Human Rights Day // According to the general opinion of Ph.D. legal science. Associate Professor F.R. Sharifzoda. – Dushanbe: Publishing House of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, 2022. – P. 236-242.
7. Ustyukova V.V. Legal status of peasant (farmer) and personal subsidiary plots in the Russian Federation: dis. ... doctor of law. Sci. – M., 2002. – 345 p.
8. Bakirova R.T. Legal regulation of the activities of personal subsidiary plots: dis. ...cand. legal Sci. – Orenburg, 2006. – 214 p.
9. Ismailov Sh.M., Shonasridinov N.Sh., Nodirov F.M., Gafurov A.D. Agricultural law of the Republic of Tajikistan: textbook. – Dushanbe: Bukhara," 2013. – 416 p.
10. Sokhibov M.M. Problems of civil law regulation of the lease of agricultural land plots under the legislation of the Republic of Tajikistan: diss. ...cand. legal Sci. – Dushanbe, 2018. – 235 p.
11. Law of the Russian Federation "On personal subsidiary farming" dated July 7, 2003 No. 112-FZ // Ed. Federal laws of July 22, 2008. - dated July 23, 2008 No. 141-FZ. - dated December 30, 2008 No. 160-FZ. - dated June 21, 2011 No. 302-FZ. - No. 147-FZ.
12. Rakhimzoda M.Z., Karimov A.D., Farkhudinov J.I. Interpretation of the land code of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: "Andaleb-R", 2015. – 286 p.
13. Law of the Republic of Tajikistan "On Veterinary Medicine" dated December 29, 2010 No. 674 // Akhbori Majili Oli of the Republic of Tajikistan. – 2010. – No. 12, p. 1. – Art. 833; 2012. – No. 7. – Mod. 704; 2016. – No. 1364.
14. Law of the Republic of Belarus "On personal subsidiary plots of citizens" dated November 11, 2002 No. 149-Z // [Electronic resource]. Access source: http://base.spinform.ru/show_doc .fwx?rgn=3129 (access date: 12/28/2023).

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО
## 12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW

**УДК: 343.3**



**Абдурашитов Вагип Мнирович,**
*доктор юридических наук, профессор кафедры философии и теории права Волгоградского государственного университета.*
*E-mail: abdrashitov@volsu.ru*
*Тел.: +7 919 9877881.*



**Каххоров Давлатали Гаффорович,**
*старший преподаватель кафедры процессуального права и криминалистики Волгоградского государственного университета.*
*E-mail: kahhorov@volsu.ru*
*Тел.: +7 937 7200179.*



**Фантров Павел Петрович,**
*кандидат политических наук, старший преподаватель кафедры процессуального права и криминалистики Волгоградского государственного университета.*
*E-mail: pavelfantrov@volsu.ru*
*Тел.: +7 917 8476425.*



**Дехерт Андрей Андреевич,**
*Аспирант кафедры процессуального права и криминалистики Волгоградского государственного университета*
*E-mail: andrey.dehert@mail.ru*
*Тел.: +7 904 4192872.*

# ПЕРСПЕКТИВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В КОНТЕКСТЕ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТЕРРОРИЗМУ

***Ключевые слова:*** противодействие терроризму; правоохранительные органы; Республика Таджикистан; Российская Федерация; сотрудничество; кибербезопасность.

***Аннотация:*** В статье рассматривается сотрудничество Российской Федерации и Республики Таджикистан в контексте противодействия терроризму, что является актуальной задачей для обеспечения безопасности обоих государств. Также авторами исследуются следующие приоритетные направления сотрудничества между силовыми структурами России и Таджикистана по противодействию терроризму: обмен информацией; информационное и военно-техническое сотрудничество; профилактика экстремизма и противодействие радикализации населения; финансовое противодействие терроризму; общая координация антитеррористической деятельности в контексте глобальной активности правоохранительных органов; проведение международных

научно-практических мероприятий; развитие сотрудничества в области кибербезопасности; комплексное сотрудничество в области защиты государственных границ.

Российская Федерация и Республика Таджикистан проводят активную политику по борьбе с терроризмом, который представляет серьезную угрозу национальной и международной безопасности. В условиях усиления террористических угроз, включая инновационные форматы террористической деятельности преступных группировок, сотрудничество двух государств приобретает еще большую актуальность[10, с. 31-35]. В рамках сотрудничества важно продолжать обеспечение координации действий правоохранительных органов, как на национальном уровне, так и на международном уровне. Сотрудничество в области противодействия терроризму может намного улучшить результаты борьбы с этим деструктивным феноменом в Центрально-Азиатском регионе. В связи с этим, авторами были рассмотрены и охарактеризованы следующие приоритетные направления сотрудничества между силовыми структурами России и Таджикистана по противодействию терроризму: обмен информацией; военно-техническое сотрудничество; профилактика экстремизма и радикализации сознания граждан; финансовое противодействие терроризму; проведение международных научно-практических мероприятий; координация антитеррористической деятельности правоохранительных органов; развитие сотрудничества в области кибербезопасности; сотрудничество в области защиты государственных границ.

Обмен информацией между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в контексте противодействия терроризму, являясь одним из приоритетных направлений сотрудничества между государствами в этой сфере, основан на сотрудничестве между правоохранительными органами двух стран. В рамках рассматриваемого направления сотрудничества государств осуществляется обмен оперативной и аналитической информацией о возможных террористических угрозах, организациях и личностях, связанных с терроризмом [9, с. 308]. Кроме того, Россия и Таджикистан взаимодействуют на международном уровне в рамках различных организаций и инициатив по борьбе с терроризмом, таких как Организация Договора о коллективной безопасности, Шанхайская организация сотрудничества, Совет безопасности ООН.

Правовую основу, регламентирующий обмен информацией между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в контексте противодействия терроризму составляют целый ряд нормативно-правовых документов: Конвенция Шанхайской организации сотрудничества против терроризма; Договор государств-участников Содружества Независимых Государств о противодействии легализации (отмыванию) преступных доходов и финансированию терроризма; Международная конвенция о борьбе с актами ядерного терроризма; Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом; Международная конвенция о борьбе с финансированием терроризма; Договор о сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом; Соглашение о сотрудничестве в области выявления и перекрытия каналов проникновения на территории государств-членов Шанхайской организации сотрудничества лиц, причастных к террористической, сепаратистской и экстремистской деятельности; Международная конвенция о борьбе с бомбовым терроризмом; Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма; Международная конвенция о борьбе с захватом заложников.

В целях обмена информацией между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в области противодействия терроризму систематически проводятся встречи на уровне министерств двух государств. В частности, 5-6 июня 2023 г. в городе Гулистон Согдийской области Министр внутренних дел Республики Таджикистан Генерал-полковник

милиции Рахимзода Рамазон Хамро и Министр внутренних дел Российской Федерации Генерал полиции Колокольцев Владимир Александрович подписали новые соглашения о сотрудничестве.

***Российская Федерация и Республика Таджикистан противодействуют терроризму в рамках военно-технического сотрудничества.*** В частности, беспокойство государств вызывает наличие международных боевиков террористических организаций в северных провинциях Афганистана, что непосредственно связано с охраной южной государственной границы Таджикистана[5]. Российская армия и военные специалисты оказывают помощь Таджикистану в обеспечении безопасности на границе, а также в выявлении и ликвидации террористических угроз. В рамках военно-технического сотрудничества Россия передает Таджикистану современное вооружение, боевую технику, а также оказывает помощь в обучении и подготовке военных к боевым действиям. Регулярно на территории Таджикистана проводятся маневры Коллективных сил ОДКБ «Боевое братство» с участием различных видов войсковой группировки.

***Усиление профилактики экстремизма и радикализации молодежи***. В рамках этого направления сотрудничества Россией и Таджикистаном реализуются различные образовательные и просветительские программы, направленные на предотвращение религиозной и этнической дискриминации и насилия, пропаганды экстремистских и радикальных идей среди молодых людей. Кроме этого, государствами проводятся специальные тренинги и семинары для работников образования и молодежных организаций, направленные на обучение навыкам распознавания и предотвращения проявлений радикализации в молодежной среде.

***Финансовое противодействие терроризму.*** Одним из фундаментальных направлений сотрудничества между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан по противодействию терроризму, по мнению В.Г. Романовского, выступает «… разработка и реализация мер по выявлению и нейтрализации каналов финансирования и иной ресурсной поддержки террористической и экстремистской деятельности» [6, с. 160]. Финансовое противодействие терроризму включает в себя комплекс мер и инструментов, направленных на пресечение финансовых потоков в террористические организации и на предотвращение их финансовой поддержки. Как справедливо отмечают В.С. Бялт, А.Г. Удодов и Т.О. Чукаев, координация поэтому и иным вопросам с российской стороны возлагается на Административный департамент МВД России, а с таджикской – на Организационно-инспекторское управление МВД Республики Таджикистан [2, с. 24].

Эффективным инструментом противодействия терроризму стоит считать замораживание финансовых активов и банковских счетов, принадлежащих террористическим организациям и их спонсорам. Российская Федерация и Республика Таджикистан сотрудничают в этой сфере, обмениваясь информацией о счетах и активах, сотрудничая со своими международными партнерами и используя при этом механизмы международной финансовой системы.

***Проведение международных научно-практических мероприятий.*** Участие в международных научно-практических мероприятиях, по мнению ряда исследователей, также следует отнести к одному из приоритетных направлений сотрудничества между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в сфере противодействия терроризму[1, с. 444]. В рамках научно-практических мероприятий проводятся конференции, семинары, тренинги и учебные курсы, на которых эксперты и представители правоохранительных органов обмениваются знаниями и опытом в противодействии терроризму, рассматриваются практические аспекты борьбы с терроризмом, а также апробируют инновационные методы предотвращения террористических актов. Российская Федерация и Республика Таджикистан активно участвуют в проведении подобного рода мероприятий на международном уровне, в том числе через участие в работе Организации Договора о

коллективной безопасности (ОДКБ), Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) и других международных организаций и инициативах [7, с. 476].

***Кибербезопасность*** становится все более актуальным феноменом в динамично развивающемся мире. Особую актуальность приобретает деятельность силовых структур Российской Федерации и Республики Таджикистан в контексте противодействия кибертерроризму, поскольку данный вид преступности зачастую носит латентный характер. Террористические организации активно используют современные технологии для рекрутинга новых членов, координации своих действий и проведения кибератак. Россия и Таджикистан сотрудничают в области кибербезопасности, обмениваясь информацией о потенциальных угрозах, распространении вредоносных программ и методах защиты компьютерных сетей. Страны также разрабатывают и реализуют совместные стратегии по обеспечению безопасности в сфере киберпространства и предотвращению кибератак со стороны террористических организаций. В рамках сотрудничества в области кибербезопасности проводятся совместные учения и тренинги, на которых эксперты обмениваются опытом и учатся защищать свои сети от киберугроз.

Несмотря на то, что сотрудничество в области противодействия кибертерроризму является важным направлением интеграции деятельности правоохранительных органов России и Таджикистана, существуют определенные трудности, затрудняющие сотрудничество двух дружественных стран в данной сфере, которое в современных условиях можно назвать эффективным.

Одной из фундаментальных проблем в рассматриваемой нами сфере является отсутствие общей Стратегии противодействия киберугрозам на региональном уровне (в Центральной Азии). Каждая из стран ведет свою политику в этой области, что приводит и может привести к возникновению контроверз при координации действий правоохранительных органов Российской Федерации и Республики Таджикистан. Для решения возможной проблемы координации деятельности силовых структур Российской Федерации и Республики Таджикистан в контексте противодействия кибертерроризму требуется не только системное сотрудничество в данной сфере и обмен информацией, которые находятся на высоком уровне, но и модернизация правовой базы в рассматриваемой сфере.

К еще одной проблеме противодействия кибертерроризму следует отнести некоторый дефицит высококвалифицированных кадров. Для эффективной борьбы с киберугрозами требуется подготовка высококвалифицированных специалистов, которые смогут разрабатывать и апробировать инновационные методы и технологии защиты данных и информационных систем.

Следующей проблемой в рассматриваемой в сфере, по мнению исследователей, является необходимость адаптации к быстро меняющимся технологическим и организационным изменениям в области кибербезопасности [3, с. 597]. В этой связи целесообразно постоянно модернизировать методы и технологии защиты данных и информационных систем для эффективного противодействия киберугрозам.

Открытие совместных специальных операционных центров можно считать одним из приоритетных направлений сотрудничества между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в области противодействия терроризму. В данных специализированных центрах должны находиться сотрудники спецслужб, которые работают в единой операционной группе. В их полномочия входят обмен информацией, координация антитеррористических действий, проведение совместных операций по борьбе с террористическими угрозами.

В процессе создания совместных специальных операционных центров важную роль играет обмен опытом между специалистами разных стран. Представители сопредельных государств (Китай, Казахстан, Узбекистан, Кыргызстан, Туркменистан) имеют ценный профессиональный опыт и знания, поэтому их сотрудничество и обмен информацией являются неоценимым вкладом в

общую борьбу государств с терроризмом, тем самым укрепляя безопасность Центральной Азии.

***Координация антитеррористической деятельности правоохранительных органов.*** В контексте тематики исследования особенно актуальным представляется совместные операции силовых структур России и Таджикистана по разъяснению населению террористической опасности и обучению его самозащите. Оба государства являются стратегическими партнерами в области региональной безопасности. Это означает, прежде всего, что совместные операции России и Таджикистана должны охватывать большие территории и оказывать решающее влияние на общую обстановку в Центральной Азии.

Сотрудничество в области взаимодействия российских и таджикских средств массовой информации является важным направлением сотрудничества между государствами в контексте противодействия терроризму[4, с. 111]. Конструктивным средствам массовой информации, таких как телевидение, радио, пресса, интернет, должна быть отведена важная роль по противодействию терроризму в целях пропаганды и формирования негативного общественного мнения относительно данного деструктивного феномена.

Средства массовой информации, на наш взгляд, являются эффективным инструментом проведения информационной кампании против терроризма, поскольку разъяснения последствий террористических актов воздействуют на сознание молодых граждан, которые в силу отсутствия у них большого жизненного опыта разного рода манипуляторы могут легко втянуть молодежь в террористическую деятельность[8, с. 144]. Средства массовой информации также могут оказать содействие в подготовке общественности к противостоянию террористическим угрозам. Кроме этого, они могут быть использованы в качестве инструмента для информирования государственных органов и правоохранительных органов о возможных угрозах террористических актов, что позволит им принимать превентивные меры для предотвращения терактов[10, с. 32]. Средства массовой информации, реализуя технологию общественного контроля, способны помочь органам государственной власти контролировать, насколько эффективно ведется борьба с терроризмом силовыми структурами.

В результате реализации вышеуказанных перспективных направлений сотрудничества между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан в рамках противодействия терроризму может возникнуть комплекс следующих проблем:

Во-первых, различия в подходах и стратегиях. Россия и Таджикистан имеют различные подходы к борьбе с террористическими организациями, что может оказать затруднения при проведении совместных операций.

Во-вторых, дефицит ресурсов. Отсутствие необходимых ресурсов для противодействия террористической угрозе, таких как высококвалифицированные кадры, средства связи, техника, может оказать негативное влияние на результативность проведения совместных антитеррористических мероприятий.

Таким образом, Центральная Азия представляет собой геостратегически важный регион для Республики Таджикистан и Российской Федерации, через который проходят многие транснациональные угрозы, включая и терроризм. В этой связи, сотрудничество обеих стран в контексте противодействия терроризму направлено на обеспечение безопасности не только для России и Таджикистана, но и для всего Центрально-Азиатского региона. Российская Федерация и Республика Таджикистан на высоком уровне системно взаимодействуют в обмене информацией и разведывательных данных о потенциальных угрозах со стороны террористических организаций. Разведывательное сотрудничество между дружескими странами позволяет своевременно обнаруживать и нейтрализовывать террористические ячейки не только на их территории, но и за ее пределами.

Российская Федерация имеет развитую систему образования и богатый опыт по противодействию терроризму, включая такие аспекты, как правоохранительные операции,

оперативное реагирование на террористические акты и психологическую подготовку специалистов, участвующих в борьбе с этим деструктивным феноменом. Совместные тренировки и обмен опытом в данной сфере помогут улучшить способности таджикской стороны в противодействии терроризму.

Устойчивое экономическое развитие Российской Федерации и Республики Таджикистан является одним из фундаментальных факторов, которые способствуют снижению рисков террористической активности. Российская Федерация может предоставить инвестиции и экономическую поддержку Таджикистану, что поможет создать дополнительные рабочие места, повысить доходность населения и уменьшить уязвимость населения перед экстремистскими и террористическими идеологиями.

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРИҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ

***Калидвожаҳо:*** муқовимат бо терроризм; мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; Ҷумҳурии Тоҷикистон; Федератсияи Россия; ҳамкорӣ; киберамният.

***Аннотатсия:*** Дар ин макола ҳамкориҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муқовимат бо терроризм, ки вазифаи муҳим барои таъмини амнияти ҳарду кишвар ва Осиёи Марказӣ мебошад, баррасӣ карда мешавад. Дар мақола самтҳои зерини афзалиятноки ҳамкорӣ байни сохторҳои қудратии Русия ва Тоҷикистон оид ба муқовимат бо терроризм баррасӣ ва тавсиф карда шудаанд: мубодилаи иттилоот; ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ; пешгирии экстремизм ва радикализатсияи шуури шаҳрвандон; муқовимати молиявӣ ба терроризм; ҳамоҳангсозии фаъолияти зиддитеррористии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; гузаронидани чорабиниҳои байналмилалии илмӣ - амалӣ; рушди ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти киберӣ; ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи сарҳадҳои давлатӣ.

***Абдурашитов Вагип Мнирович*** - доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи фалсафа ва назарияи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Волгоград. E-mail: abdrashitov@volsu.ru, Тел.: +7 919 9877881.

***Қаҳҳоров Давлаталӣ Гаффорович*** - муаллими калони кафедраи хукуки процессуалй ва криминалистии Университети давлатии Волгоград. E-mail: kahhorov@volsu.ru, Тел.: +7 937 7200179.

***Фантров Павел Петрович*** - номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи мурофиавӣ ва криминологияи Донишгоҳи давлатии Волгоград. E-mail: pavelfantrov@volsu.ru, Тел.: +7 917 8476425.

***Дехерт Андрей Андреевич*** - аспиранти кафедраи ҳуқуқи мурофиавӣ ва криминалистии Университети давлатии Волгоград. E-mail: andrey.dehert@mail.ru, Тел.: +7 904 4192872.

## PROMISING AREAS OF COOPERATION BETWEEN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF RESISTANCE TO TERRORISM

***Keywords:*** resistance to terrorism; law enforcement agencies; Republic of Tajikistan; Russian Federation; cooperation; cybersecurity.

***Annotation:*** In the article cooperation between the Russian Federation and the Republic of Tajikistan in the context of resistance to terrorism is an urgent task for ensuring the security of both countries and Central Asia. The article discusses and characterizes the following priority areas of cooperation between the law enforcement agencies of Russia and Tajikistan in resistance to terrorism: information exchange; military-technical cooperation; prevention of extremism and radicalization of citizens' consciousness; financial counteraction to terrorism; coordination of anti-terrorist activities of law enforcement agencies;

conducting international scientific and practical events; development of cooperation in the field of cybersecurity; cooperation in the field of protection of state borders.

***Abdurashitov Vagip Mnirovich*** - doctor of Law, professor of the department of philosophy and theory of law at Volgograd State University. E-mail: abdrashitov@volsu.ru, Tel.: +7 919 9877881.

***Kakhkhorov Davlatali Gafforovich*** - senior lecturer at the department of procedural law and criminology, Volgograd State University. E-mail: kahhorov@volsu.ru, Tel.: +7 937 7200179.

***Fantrov Pavel Petrovich*** - candidate of political sciences, senior lecturer at the department of procedural law and criminology, Volgograd State University. E-mail: pavelfantrov@volsu.ru, Tel.: +7 917 8476425.

***Dekhert Andrey Andreevich*** - Postgraduate student at the Department of Procedural Law and Criminology, Volgograd State University.E-mail: andrey.dehert@mail.ru, Tel.: +7 904 4192872.

**Список литературы:**

1. Билан А.К. Проблема терроризма в Таджикистане / А.К. Билан, Н.Р. Гришина, А.О. Радзион // Постсоветские исследования. - 2021. - № 5. - С. 440-447.

2. Бялт В.С. МВД России и МВД Таджикистана в борьбе с терроризмом. Историко-правовой аспект / В.С. Бялт, А.Г. Удодов, Т.О. Чукаев // Закон и право. - 2022. - № 3. - С. 23-25.

3. Коваленко Д.Н. Проблема терроризма и особенности его проявления на примере Республики Таджикистан / Д.Н. Коваленко, К.Х. Рахимов // Постсоветские исследования. - 2022. - № 6. - С. 592-600.

4. Корнилов Т.А. Международное сотрудничество в сфере противодействия экстремизму / Т.А. Корнилов // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2011. - № 3. - С. 109-112.

5. Мощное оружие и тактика: как РФ помогает Таджикистану в борьбе с терроризмом. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: URL: https://tj.sputniknews.ru/20200225/moshchnoe-oruzhie-ucheniya-russia-pomogaet-tajikistan-borba-terrorizm1030774129.html?ysclid=ljmqq81ltr 262339738.

6. Романовский В.Г. Противодействие терроризму в странах ОДКБ: основные тенденции и перспективы / В.Г. Романовский // Наука. Общество. Государство. - 2020. - № 1. - С. 156-165.

7. Трусова А.А. Угроза терроризма в Центральной Азии: предпосылки, направления, проблемы региональной безопасности / А.А. Трусова, М.С. Черняев // Постсоветские исследования. - 2020. - № 6. - С. 470-478.

8. Фантров П.П. Теория и практика обеспечения национальной безопасности России: взаимодействие общества и государства / П.П. Фантров, В.М. Шинкарук, Н.А. Соловьева, В.Н. Гуляихин. – Волгоград : Изд-во ВолГУ, 2020. – 251 с.

9. Фарвазова Ю.Р. Криминологические аспекты совершенствования институциональных механизмов государств-членов ОДКБ по противодействию террористической преступности / Ю.Р. Фарвазова // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. - 2014. - № 3. - С. 306-310.

10. Хасанов Р.Д. Современные детерминанты усиления террористической угрозы в республике Таджикистан / Р.Д. Хасанов // Вестник Краснодарского университета МВД России. - 2022. - № 2. - С. 31-35.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Билан А.К. Проблемаи терроризм дар Точикистон / А.К. Билан, Н.Р. Гришина, А. Радзион // Таҳқиқоти пасошӯравӣ. - 2021. - No 5. - С.440-447.

2. Бялт В.С. Вазорати корҳои дохилии Русия ва Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм. Ҷанбаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ / В.С. Бялт, А.Г. Удодов, Т. Чукаев // Қонун ва қонун. - 2022. - No 3. - Саҳ 23-25.

3. Коваленко Д. Проблемаи терроризм ва хусусиятҳои зуҳури он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Н. Коваленко, К. Раҳимов // Тадқиқоти пасошӯравӣ. - 2022. - No 6. - С. 592-600.

4. Корнилов Т. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ифротгароӣ / Т.А. Корнилов // Бюллетени Донишгоҳи Санкт-Петербурги Вазорати корҳои дохилии Русия. - 2011. - № 3. - С. 109-112.

5. Силоҳ ва тактикаи тавоно: чӣ гуна Федератсияи Русия дар мубориза бо терроризм ба Тоҷикистон кумак мекунад. // [Манбаи электронӣ] – Ҳолати дастрасӣ: URL: https://tj.sputniknews.ru/20200225/moshchnoe-oruzhie-ucheniya-russia-pomoga et-tajikistan-borba-terrorizm-1030774129.html?ysclid=ljmqq33ltr7328.

6. Романовский В.Г. Мубориза бо терроризм дар кишварҳои СПАД: тамоюлҳо ва дурнамои асосӣ / В.Г. Романовский // Илм. Ҷамъият. Давлат. - 2020. - No 1. - С. 156-165.

7. Трусова А. Таҳдиди терроризм дар Осиёи Марказӣ: шартҳо, самтҳо, мушкилоти амнияти минтақавӣ / А.А. Трусова, М. Черняев // Пажӯҳишҳои пасошӯравӣ. - 2020. - No 6. - С. 470-478.

8. Фантров П.П. Назария ва амалияи таъмини амнияти миллии Руссия: ҳамкории ҷомеа ва давлат / Р.Р. Фантров, В.М. Шинкарук, Н. Соловьева, В.Н. Гуляихин. – Волгоград: Нашриёти ВолСУ, 2020. – 251 с.

9. Фарвазова Ю.Р. Ҷанбаҳои криминологии такмили механизмҳои институтсионалии кишварҳои узви СПАД оид ба муқовимат ба ҷиноятҳои террористӣ / Ю.Р. Фарвазова // Илм ва амалияи ҳуқуқӣ: Бюллетени Академияи Нижний Новгороди Вазорати корҳои дохилии Руссия. - 2014. - No 3. - С.306-310.

10. Хасанов Р. Омилҳои муосири таҳкими таҳдиди террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Д. Ҳасанов // Бюллетени Донишгоҳи Краснодари Вазорати корҳои дохилии Руссия. - 2022. - No 2. - Саҳ. 31-35.

**List of literature:**

1. Bilan A.K. The problem of terrorism in Tajikistan / A.K. Bilan, N.R. Grishina, A.O. Radzion // Post-Soviet studies. - 2021. - No. 5. - P. 440-447.

2. Byalt V.S. The Ministry of Internal Affairs of Russia and the Ministry of Internal Affairs of Tajikistan in the fight against terrorism. Historical and legal aspect / V.S. Byalt, A.G. Udodov, T.O. Chukaev // Law and law. - 2022. - No. 3. - P. 23-25.

3. Kovalenko D.N. The problem of terrorism and the features of its manifestation on the example of the Republic of Tajikistan / D.N. Kovalenko, K.Kh. Rakhimov // Post-Soviet studies. - 2022. - No. 6. - P. 592-600.

4. Kornilov T.A. International cooperation in the field of countering extremism / T.A. Kornilov // Bulletin of St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2011. - No. 3. - P. 109-112.

5. Powerful weapons and tactics: how the Russian Federation is helping Tajikistan in the fight against terrorism. // [Electronic resource] – Access mode: URL: https://tj.sputniknews.ru/20200225/ moshchnoe-oruzhie-ucheniya-russia-pomogaet-tajikistan-borba-terrorizm1030774129.html?ysclid =ljmqq81ltr262339738.

6. Romanovsky V.G. Countering terrorism in the CSTO countries: main trends and prospects / V.G. Romanovsky // Science. Society. State. - 2020. - No. 1. - P. 156-165.

7. Trusova A.A. The threat of terrorism in Central Asia: prerequisites, directions, problems of regional security / A.A. Trusova, M.S. Chernyaev // Post-Soviet studies. - 2020. - No. 6. - P. 470-478.

8. Fantrov P.P. Theory and practice of ensuring national security of Russia: interaction between society and state / P.P. Fantrov, V.M. Shinkaruk, N.A. Solovyova, V.N. Gulyaihin. – Volgograd: VolSU Publishing House, 2020. – 251 p.

9. Farvazova Yu.R. Criminological aspects of improving the institutional mechanisms of the CSTO member states to counter terrorist crime / Yu.R. Farvazova // Legal science and practice: Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2014. - No. 3. - P. 306-310.

10. Khasanov R.D. Modern determinants of the strengthening of the terrorist threat in the Republic of Tajikistan / R.D. Khasanov // Bulletin of the Krasnodar University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2022. - No. 2. - P. 31-35.



**УДК: 343.8**

**Зокирзода Зафар Хайрулло,**
*муовини аввал, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 988-55-45-75.*

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ КОРҲОИ ҲАТМӢ

***Калидвожаҳо:*** танзими ҳуқуқӣ; иҷрои ҷазо; корҳои ҳатмӣ; намуди ҷазо; ҷазои ҷиноятӣ; нозироти иҷрои ҷазо; қонунгузорӣ дар самти иҷро.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур проблемаи танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузориро таҳлил намуда, танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмиро муайян кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки аксарият ҷонибдорӣ ташкили сохтори нав оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мебошанд. Ба андешаи муаллиф иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳалли истиқоматӣ сохтор ва ё таъини шахси масъулро тақозо менамояд. Бо ин асос, пешниҳод мегардад, ки дар ноҳияҳо (шаҳрҳо) шуъбаи иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ва намояндаи он дар сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ташкил карда шавад.

Дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин миён ҷазои корҳои ҳатмиро ба таври махсус метавон ёдовар шуд. Зеро бинобар сабаби нав ворид шуданаш ба қонунгузории ҷиноятӣ аз мушкилиҳои танзимӣ-ҳуқуқӣ орӣ намебошад. Корҳои ҳатмӣ нисбатан яке аз ҷазоҳои хусусияти инсондӯстидошта ба ҳисоб рафта, дар низоми ҷазои ҷиноятӣ дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон мавкеи намоёнро ишғол менамояд. Мавриди зикр аст, паҳлуҳои танзимӣ-ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ доираи васеи таҳқиқотро фаро мегирад, вале дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар ин самт таҳқиқоти мушаххаси илмӣ ба анҷом нарасидааст. Чунин ҳолат аз ҳал нашудани мушкилоти дорои хусусияти назарию амалӣ дар самти иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ дарак медиҳад. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) аз ҳар ҷиҳат бисёр мубрам ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки корҳои ҳатмӣ як намуди ҷазои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад. Аз ин рӯ, паҳншавии таҷрибаи истифодаи он ба кам шудани шумораи маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, мусоидат мекунад ва ба ин васила ба рушди низоми ҷазои ҷиноятӣ дар асоси принсипҳое, ки ба стандартҳои байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон мувофиқат мекунанд, равона карда шудааст. Дар бораи паҳлуҳои назариявию амалии ҷазои корҳои ҳатмӣ як қатор олимони хориҷӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом додаанд. Аз ҷумла, А.С. Горбачев қайд мекунад, ки масъалаи иҷрои намудҳои алтернативии ҷазо ҳоло дар тамоми ҷаҳон хеле муҳим аст. Проблемаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи алтернативи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки корҳои ҳатмиро дар бар мегиранд, гуногунҷанба мебошанд. Ба ин муносибат ба омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии истифодаи ин намудҳои алтернативии ҷазо аҳаммияти калон дода мешавад [4, с. 35]. Ба андешаи В.А. Уткин, афзоиши шумораи чораҳои алтернативӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ ҳамчун ҷазои воқеие, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, умуман бояд мусбат

арзёбӣ карда шавад. Аммо амалияи истифодаи онҳо як қатор мушкилотеро нишон дод, ки ба татбиқи самараноки онҳо халал мерасонанд [19, с. 203]. Дар ин хусус ба андешаҳои олимони боло розӣ шудан мумкин аст. Зеро аз як тараф мавҷудияти чунин ҷазо дар низоми ҷазои ҷиноятӣ аз инсондӯстона будани қонунгузории ҷиноятӣ дарак дода, аз тарафи дигар амалияи иҷрои ҷазои мазкур ҳанӯз бо мушкилоти гуногун рӯ бу рӯ мебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ ҳарчанд таҳқиқоти комплексии мушаххас анҷом напазируфта бошад ҳам, вале новобаста аз ин атрофи паҳлуҳои мухталифи он бисёре аз олимони ватанӣ андешаҳои арзишманди илмиро ироа кардаанд. Аз ҷумла, А.А. Абдурашидзода таъкид намудааст, ки сиёсати асосии Тоҷикистон дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар самти гуманизатсияи низоми чораҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии иҷрои намудҳои гуногуни ҷазо, бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои худ инкишоф меёбад. Функсияи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳар як давлат ба таври объективӣ муҳим мебошад [2, с. 45]. Ба андешаи Г. Шокирзода, хусусиятҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии маҳкумшуда на танҳо муносибати ӯ ба раванди адои ҷазо, балки ба воситаҳои асосии ислоҳсозӣ низ таъсир мерасонад. Бинобар ин, имкони амалӣ намудани манфиатҳои қонунии онҳо дар беҳтар намудани шароити адои ҷазо ва шартан пеш аз муҳлат озод кардан, инчунин дигар намудҳои имтиёзҳое, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро беҳтар мегардонанд, дар баробари дигар нишондиҳандаҳои мусбат ба иштироки занони маҳкумшуда дар кори ҷамъиятӣ низ вобаста аст. Дар баробари ин, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок кардани занони маҳкумшуда онҳоро аз иштирок кардан дар меҳнат озод намекунад. Инчунин, занони маҳкумшуда бояд бо тартиби муқарраргардида раванди таълимро риоя намуда, дар чорабиниҳое, ки барои ҳамаи занони маҳкумшуда ҳатмӣ мебошанд, иштирок намоянд [21, с. 149].

Дар ин хусус А.А. Абдурашидзода чунин изҳори назар намудааст, ки ҳама гуна институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла низоми иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ, барои қонеъ кардани ниёзҳои муайяни иҷтимоӣ, ки нақши институтро дар ҷомеа тавсиф мекунанд, эҷод карда мешавад. Мақсад ва вазифаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ташаккули воҳидҳои сохтории он ва вазифаҳои функсионалии кормандон муҳим мебошанд. Ҷомеа ба низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун як институте, ки муҳофизатро аз ҷиноят таъмин мекунад, манфиатдор аст [2, с. 45]. С.Т. Мирзоев масъалаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар намуди ҷарима ба таври васеъ матраҳ намуда, қайд менамояд, ки иҷрои ҷазо марҳилаи хотимавӣ ва муҳимтарини амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [11, с. 143-169].

Дар адабиёти ватанӣ ҳамзамон қайд мегардад, ки хусусияти корҳои ҳатмӣ дар бемузд будани меҳнати маҳкумшуда ифода мегардад. Фарқияти ин намуди ҷазо аз корҳои ислоҳӣ, ки ба фоидаи давлат нигоҳ доштани фоизи муайяни музди меҳнати маҳкумшударо пешбинӣ менамояд, дар он аст, ки корҳои ҳатмӣ бе пардохти музди меҳнат анҷом меёбад. Меҳнати ройгон дар ҷараёни иҷрои ин намуди ҷазо ба он равона карда шудааст, ки дар маҳкумшуда ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбат ба ҷамъият ва манфиатҳои ҷамъиятӣ бунёд шавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар м. 48(1) Кодекси ҷиноятии (минбаъд - КҶ ҶТ) сухан на дар бораи меҳнати бемузд ба фоидаи шахси муайян ё ташкилот ё ҷабрдидаи ҷиноят, балки дар бораи ба ҷамъият фоиданок будани корҳои иҷрошаванда меравад, яъне, дар бораи иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ. Ин хусусияти ҷазои корҳои ҳатмӣ маънои онро дорад, ки суд баъди баровардани ҳукм, мазмуни онро барои маҳкумшуда маънидод карда диҳад [12, с. 392]. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ, ба фикри мо, метавонад бидуни хароҷоти иловагӣ, масалан, бо салоҳдиди худ, дар вақти холӣ аз кор ё таҳсил, бо роҳи иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ва таъмини ҳуҷҷатҳои зарурӣ иҷро карда шавад [3, с. 360]. Дигар пажӯҳишгарони тоҷик аз ҷумла, З.А. Камолов [5], А.И. Сафарзода [15] низ аз ин роҳҳо барои афзоиши самаранокии истифодаи ин намуди ҷазо ёдовар шудаанд.

Дигар олимони ватанӣ аз ҷумла, Т.Ш. Шарипов чунин қайд мекунад, ки ҷазои корҳои ҳатмӣ аз кадом сабаб хуб аст ва барои чӣ дар аксарияти давлатҳо ба он афзалият ё диққати махсус медиҳанд? Аввалан, ин натиҷаҳои назарраси он мебошад – тоза гардидани қисми кӯча, тоза гардидани партовгоҳҳо, ранг намудани деворҳо ва ғайра. Сониян, дар ин намуди ҷазо иқтидори калони тарбиявӣ маҳфуз аст, зеро ҳуқуқвайронкунанда бо меҳнати худ зарари расонидаашро дар пеши чашми аъзоёни ҷомеа ҷуброн мекунад. Ӯ имконият дорад, ки рафтори худро аз сари нав фикр кунад, ба ҷамъият фоидаовар шавад ва то дараҷаи муайян обрӯву эътибори худро барқарор намояд [20, с. 120]. М.М. Маҳмудзода дар мавриди корҳои ҳатмӣ қайд мекунад, ки "Ин ҷазоест, ки дар он шахс имкон дорад бо меҳнати худ гуноҳи худро дар назди ҷомеа ва давлат ҷуброн кунад, бидуни аз даст додани кор, муҳити шинос, оила ва ғайра" [9, с. 69]. Ҳамин тавр, таҳлили андешаҳои олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз ҷанбаҳои иҷрои ҷазои корҳои ҳатмиро кушода, равшан намудаанд. Чунин ҳолат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар таҳқиқи масъалаи иҷрои корҳои ҳатмӣ, махсусан дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавқеи олимони кишвар хеле калон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки боби 3.1.-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КИҶҶ ҶТ) ба масъалаи иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ бахшида шудааст. Дар м. 29.1 КИҶҶ ҶТ тартиби иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ ва баъзе паҳлуҳои раванди иҷрои ҷазои мазкур муқаррар шудааст. Мувофиқи моддаи мазкур мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки бо мувофиқаи нозироти корҳои ислоҳӣ рӯйхати муассисаҳоеро, ки дар онҳо ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ анҷом дода мешавад, тасдиқ намоянд, яъне дар ҳақиқат бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон ба зиммаи мақомотҳои маҳаллӣ гузошта шудааст. А.А. Абдурашидзода дар ин хусус қайд мекунад, ки дар баъзе минтақаҳо мақомоти маҳаллӣ бо баҳонаи бекорӣ, яъне мушкили истифодаи меҳнати афроди ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда объектҳоро муайян намекунанд ё ба миқдори нокифоя медиҳанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷинояткороне, ки ба ҷамъият бемузд хизмат мерасонанд, ба ободонии маҳалҳои истиқоматӣ, таъмири мактабҳо, беморхонаҳо, иҷрои корҳое ҷалб карда мешаванд, ки натиҷааш равшан аст [1, с. 95].

Корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ дар ҶТ ба қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз моҳи майи соли 2004 ворид карда шудааст ва дар амал татбиқ карда мешавад. Инкишофи минбаъдаи инсонпарварона кардани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ" 17-уми майи соли 2004 таҷассум ёфта, ба Кодекс 11 моддаи нав – моддаҳои 11-1, $48^1$, $153^1$, $179^1$, $202^1$, $202^2$, $206^1$, $237^1$, $307^1$, $307^2$, $307^3$ илова карда шудаанд.

Дар қонунгузории ФР бошад, ба андешаи В.П. Марков он дар КҶ ва КИҶҶ ФР дар соли 1996 ба таври қонунӣ муқаррар карда шудааст, вале дар амал нисбӣ татбиқ карда мешавад [8, с. 275]. Дар ин хусус С.А. Рожков чунин қайд менамояд, ки корҳои ҳатмӣ бо Қонуни федералии № 177-ФЗ аз 28 декабри соли 2004 мавриди амал қарор дода шудааст [14, с. 127]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳои ҳатмӣ дар ҶТ ва ФР ҳарчанд дар як сол мавриди амал қарор гирифта шуда бошанд ҳам, дар ҶТ якчанд моҳ барвақтар амали худро оғоз кардааст. Доир ба татбиқи ин ҷазо дар адабиёти ҳуқуқӣ духӯрагӣ ба назар мерасад. Баъзе аз олимон аз бисёр татбиқи шудани корҳои ҳатмӣ ва баъзеи дигар аз кам татбиқ шудани он изҳори назар намудаанд. Аз ҷумла, С.А. Рожкин қайд менамояд, ки натиҷаҳои татбиқи корҳои ҳатмиро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки амалияи судии таъини ин ҷазо инкишоф ёфта, нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгоранд, васеътар муқаррар карда шудааст. Шумораи маҳкумшудагон дар ин намуди ҷазо мунтазам меафзояд ва айни замон тақрибан 5 фоизи низоми ҷазои ҷиноятиро ташкил медиҳад, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд. Аксари онҳое, ки ба корҳои ҳатмӣ маҳкум шудаанд, барои дуздӣ ва қасдан саркашӣ намудан аз пардохти алимент адои ҷазо

мекунанд [14, с. 127]. Дар ин хусус Ю.Ю. Лопотенко чунин қайд мекунад, ки иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ дорои як қатор мушкилиҳо мебошад. Аввалан ҳангоми ҷустуҷӯи ташкилоту ширкатҳое, ки дар он маҳкумшудагон ба корҳои ҳатмӣ бояд ҷалб карда шаванд, мушкил аст. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд ҳангоми интихоби ташкилотҳо барои маҳкумшудагон ҷиҳати адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ аз ҳамкорӣ бо мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ даст кашанд. Сабаби ин дар бевосита танзим нагардидани фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ оид ба ташкили иҷрои ин ҷазо мебошад. Мушкилоти дар боло зикршуда хеле муҳим аст, зеро судҳое, ки дар бораи набудани ташкилотҳои иҷрои ҷазо маълумот доранд, табиист, ки ба иҷрои онҳо шубҳа доранд ва дар натиҷа маҷбур мешаванд, ки ин ҷазоро таъин накунанд [6]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ ҳанӯз ба таври пурра татбиқ карда намешавад. Аз ин лиҳоз, новобаста аз ҷазои ислоҳкунанда буданаш амалан судҳо ин намуди ҷазоро камтар татбиқ мекунанд, зеро дар раванди иҷро намудани он ҳанӯз мушкилоти зиёд ба назар мерасад.

Таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳад, ки иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби И.Р. Тулиев мебошад, ки чунин қайд намудааст: корҳои ҳатмӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва гарчанде, ки он амал мекунад, вале он ташкил намудани ҷойҳои кори иловагиро тақозо мекунанд, ки ин боз аз буҷети ҷумҳурӣ ҷудо кардани маблағи иловагиро талаб менамояд [17, с. 30]. Дар қ. 3 м. 29.1 КИҶҶ ҶТ масъалаи муайян кардани ҷои кор ва намуди кор барои иҷрои корҳои ҳатмӣ ба зиммаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор гардидааст. Намуд ва хусусияти корро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамояд. Чун қоида корҳои ҳатмӣ малакаи махсуси касбиро талаб намекунад - ободонӣ, кабудизор кардани ҳудуди муайян, тоза намуданни бино, корҳои борбардорӣ ва борфарорӣ ва ғайра. Барои маҳкумшудагони ноболиғ муҳим он аст, ки иҷрои кори ҳатмии таъйиншаванда ба қадри қуввати онҳо мувофиқ бошад. Маҳкумшудагон ҳуқуқи рад намудани кори ба онҳо пешниҳодшударо надоранд [16, с. 159]. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ яке аз мушкилот маҳз дар самти мазкур, яъне муайян намудани намуди кор барои адои корҳои ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Дар хусуси меъёри болозикр олимон андешаҳои мухталиф баён кардаанд. Аз ҷумла, дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда шудааст, ки ин муқаррароти меъёрӣ ба суолҳои зерин ҷавоби якхела намедиҳад: ин чӣ гуна номгӯйи объектҳост, оё дар он ташкилотҳои мушаххасе, ки хоҳиши ба корҳои ҳатмӣ қабул кардани маҳкумшудагонро изҳор кардаанд, номбар карда шаванд ё он корфармоёнро, ки аслан бо онҳо муайян мекунанд, маҳкумшудагон ҷазоро адо карда метавонанд, ин рӯйхат бояд дар кадом мӯҳлат муқаррар карда шавад, оё объектҳои мушаххас ҳангоми бастани шартномаҳо ба таври илова мувофиқа карда мешаванд, шумораи маҳкумшудагоне, ки корфармо онҳоро қабул карда метавонад ва ғайра [13, с. 264]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Зеро, қонунгузорӣ намуди кор ва шакли иншоотро дақиқан муқаррар накардааст ва судҳо низ инро муайян накарда ба зиммаи мақомоти маҳаллӣ вогузор менамоянд. Дар ин ҷо бояд, аввалан намудҳои корҳое, ки барои адои корҳои ҳатмӣ мувофиқ мебошанд ва сониян, намудҳои иншоот (давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ) муқаррар карда шаванд. Бинобар ин, ба м. 29.1 КИҶҶ ҶТ иловаҳо ворид кардан лозим аст, то тартиби самараноктар муайян кардани намуди кор ва объектҳоеро, ки дар онҳо ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ татбиқ кардан мумкин аст, таъмин карда шавад. Масалан, ҳар сол тартиб додани феҳристи ташкилотҳои мушаххасе, ки ариза додаанд ва бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба истифодаи меҳнати маҳкумшудагон шартнома бастаанд ё бо усули мунтазам пурра кардан ва ислоҳ кардани рӯйхат, вақте ки пас аз бастани созишнома бо корфармои мушаххас, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд шартномаро барои тасдиқ ба нозироти дахлдори мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ фиристад, ки дар ин бора ин фиристонандаро

огоҳ мекунад ва ӯ бошад, дар навбати худ ба корфармои манфиатдор хабар медиҳад.

Дар нозироти иҷрои ҷазо аксар вақт дар ёфтани объект барои меҳнати озоди маҳкумшудагон душвориҳо ба амал меоянд, зеро шумораи корхонаҳои коммуналӣ нисбатан кам мебошанд. Соҳибкорони хусусӣ бо вуҷуди озод буданашон дар таъмини кор ба маҳкумшудагон чандон фаъол нестанд. Гап дар сари он аст, ки масъалаҳои уҳдадориҳои корфармоён оид ба пардохти ҳаққи суғурта ва ҷуброни зарари ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии маҳкумшудагон аз ҷиҳати қонунӣ ҳаллу фасл нашудаанд [19, с. 203]. Е.Е. Мелюханова дар ин хусус чунин қайд намудааст, ки эҳтимол, мушкилоти мубрами иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ масъалаи муайян кардани намуди кори ҳатмӣ ва иншоотҳое мебошад, ки дар он бояд ҷазои корҳои ҳатмӣ адо карда шаванд. Ҳокимияти маҳаллӣ дар шароити бекории мавҷуда бо мушкили нарасидани иншооте, ки дар онҳо бояд корҳои ҳатмӣ анҷом дода шаванд, дучор меоянд. Роҳбарони ташкилотҳое, ки дар онҳо маҳкумшудагон метавонанд ба корҳои ҳатмӣ машғул шаванд, аз ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ оид ба масъалаҳои иҷрои корҳои ҳатмӣ худдорӣ мекунанд [10, с. 82]. Ба андешаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст ва иловатан бояд қайд намуд, ки ҳалли ин мушкилот метавонад таъсиси механизми ҳавасмандгардонии ташкилотҳо бошад, ки дар онҳо маҳкумшудагон метавонанд ба корҳои ҳатмӣ ҷалб карда шаванд.

Дар тафсири КИҶҶ ҶТ оварда шудааст, ки корхона, муассиса, ташкилоти мушаххасе, ки маҳкумшуда корҳои муфиди ройгони ҷамъиятиро иҷро менамояд дар қонун бо номи ҷойҳо омадааст. Дар зери мафҳуми корҳои ҷамъиятӣ маҷмӯи корҳое фаҳмида мешавад, ки бояд маҳкумшуда иҷро намояд [16, с. 160]. А.А. Устинов дар ин хусус қайд менамояд, ки ба таври қонунӣ асосҳои ҳудудии адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷои кори доимӣ надоранд, муайян кардан лозим аст. Моддаи 48(1) КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамояд. Кори ҳатмӣ, тибқи қ. 1 м. 29.1. КИҶҶ ҶТ аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳии маҳалли истиқомати маҳкумшуда анҷом дода мешавад. Ба андешаи мо, ин формулаҳо ба таври кофӣ муқаррар карда нашудаанд, зеро ҳатман суоле ба миён меояд, ки мафҳуми «маҳалли истиқомат» ва «ноҳия» чӣ маъно дорад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин мафҳумҳо мазмуни гуногун доранд [18, с. 26]. Тавре дар боло ишора намудем, дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ низ чунин истилоҳот муқаррар шудааст ва баъзе мушкилотро ба вуҷуд меоваранд. Ҳалли мантиқии ин масъала чунин ба назар мерасад, ки “ноҳияи истиқомати маҳкумшуда” ва “маҳалли истиқомати маҳкумшуда” ҳамчун субъекти коммуналӣ эътироф карда мешаванд, ки масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ муайян намудани объектҳоро дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, аксар мавридҳое мушоҳида мешаванд, ки ҷои бақайдгирӣ ва истиқомати воқеии шахсе, ки ба ҷазои корҳои ҳатмӣ маҳкум шудааст, ба ҳам мувофиқ намеояд. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар ин маврид ҷазо бояд дар маҳалли истиқомати ҳақиқии маҳкумшуда иҷро карда шавад, ки ин имкон медиҳад иҷрои ҷазо ва назорат аз болои рафтори маҳкумшуда самараноктар таъмин карда шавад [7, с. 20]. Аммо ин хилофи Конвенсияи СБМ, №29 дар бораи меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ аз соли 1930 мебошад, ки дар моддаи 2, ҳангоми манъ кардани меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, аз ҷумла, ҳар гуна кор ё хидмате, ки дар натиҷаи ҳукми мақомоти судӣ аз ҳар як шахс талаб карда мешавад, ба шарте ки ин кор ё хидмат таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ сурат гирад ва ин шахс ба шахсони воқеӣ, ширкатҳо ё ҷамъиятҳо дода намешавад. Бинобар ин, дар қонунгузорӣ бояд бо матни зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳаллаи истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки

маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳудудҳое, ки намудҳои ҷазои мавриди назар адо карда мешаванд, мушаххас карда шуда, дар таъин ва иҷрои онҳо номуайянӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Масъалаи назорати маҳкумшудагон аз ҷониби нозирони муассисаҳои ислоҳӣ дар он ифода мегардад, ки онҳо ниҳоят аз нигоҳи масъулият серкор мебошанд. Дар ин хусус Е.Е. Мелюханова дуруст қайд намудааст, ки нозироти ислоҳи маҳкумшудагон, ки иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, чун қоида, аз ҳад зиёд пурбор буда, вазифаҳои ба зиммаашон гузоштшударо дар бобати ба қайд гирифтани маҳкумшудагон, ба онҳо фаҳмонида додани тартибу шартҳои адои ҷазо ва назорат ба рафтори маҳкумшудагон ва ба қайд гирифтани вақти кори маҳкумшудагонро сифатан иҷро карда наметавонанд. Барои ҳалли ин масъала ташкили кори нозироти ислоҳиро аз нав дида баромадан лозим аст [10, с. 82-83]. Ба андешаи В.П. Марков иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба зиммаи нозироти иҷро гузошта шуда, аз ҷониби онҳо дар асоси қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ низ чунин пешниҳодҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки дар назди идораи корҳои ислоҳӣ ё дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимият хадамоти махсуси иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ ташкил карда шавад. Чунки ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳӣ, ки ба ҷуз аз иҷрои ҷазои мазкур боз дорои вазифаҳои зиёд мебошанд, гузаштани иҷрои корҳои ҳатмӣ мувофиқи мақсад нест. Ғайр аз ин, дар бисёр давлатҳои хориҷӣ оид ба назорати иҷрои ин намуди ҷазо мақомотҳои махсус амал мекунанд, ки вазифаи асосии онҳо маҳз аз ташкилу иҷрои ин ҷазо иборат аст. Бинобар ин, ташкили чунин хадамоти махсус ба ақидаи мо метавонад, ҷараёни иҷрои ҷазои корҳои ҳатмиро боз ҳам беҳтар намояд [20, с. 131]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки аксарият ҷонибдорӣ ташкили сохтори нав оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мебошанд. Ба андешаи мо, иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳали истиқоматӣ сохтор ва ё шахси масъулро тақозо менамояд. Бо ин асос, пешниҳод мегардад, ки дар ноҳияҳо (шаҳрҳо) шуъбаи иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ва намояндаи он дар сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ташкил карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳлили меъёрҳо қонунгузории ҶТ оид ба иҷрои корҳои ҳатмӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор роҳи оптималӣ ва инсондӯстии татбиқи ҷазоро дар шакли корҳои ҳатмии «дар ҷойи истиқомати маҳкумшуда» пеш гирифта, аз имкони пурзӯр намудани иқтидори сазоии онҳо канораҷӯӣ кардааст. Дар баробари ин, татбиқи самараноки ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ риояи омилҳои иловагиро талаб мекунад, ки танзими ҳуқуқии меъёриро наёфтаанд. Аз ҷумла, вақти сафари маҳкумшуда ба ҷойи кор ва бозгаштро тақозо мекунад. Баъзе олимон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муайян кардани ҷои кори маҳкумшуда муҳлати ду соат ва бо дарназардошти инфрасохтор пешниҳод мекунанд.

Дар ҳолати зарурӣ ҷои кори асосии маҳкумшуда ба инобат гирифта мешавад, зеро ӯ метавонад истиқоматкунандаи атрофи шаҳр бошад, вале дар шаҳр ё ба таври вақтбайъ кор кунад. Инчунин, маълумот оид ба маҳкумшуда, маҳз дар кадом баст мехонад, шакли таълим, машғулиятҳо ва ғайраро ба назар гирифтан лозим аст. Ҳамаи ин ҳолатҳо ҳам ҳангоми муайян кардани намуди кори маҳкумшуда ба назар гирифта мешаванд, ки ҳангоми муқаррар кардани ҷадвали иҷрои онҳо корфармо бо мақсади иҷрои корҳои ҳатмӣ ба соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ барои маҳкумшуда ҳадди ақал таъсир мерасонад, зеро ҳама гуна таъсири мусбати ин ҷазо метавонад бо таъсири манфии ҷазои беасос ҳамчун поймол кардани ин манфиатҳо ҷуброн карда шавад. Дар ин хусус дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда шудааст, ки кори асосии маҳкумшуда низ бояд ба назар гирифта шавад. Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки маҳкумшударо ба ташкилоте, ки дар он ҷо иҷрои корҳои ҷамъиятӣ танҳо бегоҳӣ ташкил карда шудааст, фиристонидан мумкин нест, агар вай дар ҷои кори асосӣ танҳо дар басти шабона кор кунад [13, с. 262]. Дар ин хусус дар ФР Дастурамал оид ба ташкили иҷрои ҷазо

ва чораҳои дорои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқӣ бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста намебошанд, ки бо фармоиши Вазорати адлияи Русия аз 20 майи соли 2009, №142 тасдиқ шудааст, пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми муайян кардани намуди кори ҳатмӣ ва объекти барои маҳкумшуда нозирот ҷиноятеро, ки барои он шахс маҳкум шудааст, ҷои истиқоматаш, ҷадвали кор ва таҳсили асосӣ, вазъи саломатии ӯ ва нисбати ноболиғ - синну сол ва хусусиятҳои психологии шахс, инчунин дигар ҳолатҳоро ба назар мегирад. Аммо, чунин санади дахлдори ҳуқуқӣ дар ҶТ мушоҳида намешавад. Ҳамзамон, дар ФР Низомнома дар бораи нозироти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Федератсияи Русия аз 16 июни соли 1997, № 729 тасдиқ шудааст ва дар асоси ин Низомнома, Дастурамал оид ба тартиби иҷрои ҷазо таҳия шудааст, ки бо фармоиши Вазорати корҳои дохилии Русия аз 1 июли соли 1997, №403 тасдиқ шудааст амал мекунанд, ки дар ҶТ ба назар намерасанд. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ нисбат ба санадҳои зикршуда ишора нарафтааст. Бинобар ин, таҳия ва қабули онро мувофиқи шароити кунунии ҶТ пешниҳод менамоем.

Як қатор олимони ватанӣ изҳор доштаанд, ки аз таҳлили м.м. 29[1], 29[2], 29[3], 29[4] КИҶҶ ҶТ бармеояд, ки корҳои ҳатмӣ: аввалан, дар объектҳои ташкилотҳои давлатӣ адо карда мешаванд. Сониян, меҳнати маҳкумшудагон дар ин объектҳо нисбати ҳам маҳкумшуда ва ҳам барои корфармо хусусияти бемузд дорад, чунки дар фарқият аз КИҶҶ ФР ва КИҶҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар м. 29[4] КИҶҶ ҶТ оиди уҳдадории маъмурияти ташкилоте, ки меҳнати маҳкумшударо истифода мебарад ҳар моҳа ба хазинаи дахлдор гузаронидани воситаҳои молиявӣ барои корҳои иҷрошуда сухан намеравад. Ин ҷо мо бо мавкеи ишғолнамудаи КИҶҶ ҶТ оид ба бемузд будани корҳои ҳатмӣ розӣ ҳастем, чунки корҳои ҳатмӣ ҳамчун меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ эътироф мешавад [20, с. 122]. Оид ба қисмати аввали андешаи мазкур ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар чаҳор моддаи зикршудаи КИҶҶ ҶТ дар ягон меъёр объектҳои ташкилотҳои давлатӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, душвор аст розӣ шудан ба он ки корҳои ҳатмӣ танҳо дар объектҳои ташкилотҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Доир ба масъалаи бемузд будани корҳои ҳатмӣ мо ҷонибдорӣ андешаи олимон мебошем. Зеро агар дар ивази иҷрои корҳои ҳатмӣ ба маҳкумшаванда музди меҳнат дода шавад, он гоҳ сафи чунин маҳкумшудагон меафзояд. Аммо чунин тартибот ба номи ҷазо мувофиқат наменамояд. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки номи ҷазои мазкур аз "корҳои ҳатмӣ" ба "хидмати фоиданоки ҷамъиятӣ" ё "хидмати ройгони ҷамъиятӣ" иваз карда шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи проблемаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар ҶТ асосҳои меъёрии ҳуқуқии корҳои ҳатмиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ташкил медиҳад: Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, Қонуни ҶТ "Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур масъалаҳои зерини корҳои ҳатмӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд: ҳисоб кардани муҳлати кори ҳатмӣ; тартиби иҷро ва адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ; шароити иҷро ва адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ; уҳдадориҳои маъмурияти ташкилотҳое, ки дар онҳо маҳкумшудагон корҳои ҳатмиро адо мекунанд; масъулияти шахсоне, ки ба корҳои ҳатмӣ маҳкум шудаанд; қасдан саркашӣ кардан аз адои корҳои ҳатмӣ; асосҳои озод кардан аз адои ҷазо; ба таъхир андохтани адои ҷазо ва пеш аз муҳлат озод кардан; тартиби пешниҳоди ариза дар бораи озод кардан аз адои ҷазо; қатъ гардидани адои ҷазо ва тартиби озод кардан; дигар паҳлуҳои иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ.

2. Дар қонунгузорӣ бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Ин

имкон медиҳад, ки ҳудудҳое, ки намудҳои ҷазои мавриди назар адо карда мешаванд, мушаххас карда шуда, дар таъин ва иҷрои онҳо номуайянӣ ҳаллу фасл карда шавад.

3. Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки аксарият ҷонибдорӣ ташкили сохтори нав оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мебошанд. Ба андешаи мо, иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳалли истиқоматӣ сохтор ва ё шахси масъулро тақозо менамояд. Бо ин асос, пешниҳод мегардад, ки дар ноҳияҳо (шаҳрҳо) шуъбаи иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ва намояндаи он дар сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ташкил карда шавад.

4. Масъалаи иҷрои корҳои ҳатмӣ дар объектҳои ташкилоти давлатӣ дар адабиёти ватанӣ бисёр дастгирӣ ва эътироф шудааст, вале дар КИҶҶ ҶТ дар ягон меъёр объектҳои ташкилоти давлатӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, душвор аст розӣ шудан ба он ки корҳои ҳатмӣ танҳо дар объектҳои ташкилоти давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар КИҶҶ ҶТ меъёр оид ба иҷрои корҳои ҳатмӣ дар сирф объектҳои ташкилоти давлатӣ муқаррар карда шавад. Ҳамзамон, масъалаи объектҳои иҷозатшуда ва манъшудаи иҷрои корҳои ҳатмӣ барои маҳкумшудагон муқаррар гардад.

5. Доир ба масъалаи бемузд будани корҳои ҳатмӣ мо ҷонибдорӣ андешаи олимон мебошем, ки бемузд будани корҳои ҳатмиро эътироф кардаанд. Зеро агар дар ивази иҷрои корҳои ҳатмӣ ба маҳкумшаванда музди меҳнат дода шавад, он гоҳ сафи чунин маҳкумшудагон меафзояд. Аммо чунин тартибот ба номи ҷазо мувофиқат наменамояд. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки номи ҷазои мазкур аз “корҳои ҳатмӣ” ба “хидмати фоиданоки ҷамъиятӣ” ё “хидмати ройгони ҷамъиятӣ” иваз карда шавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Бобохонов Ф.А.**

## ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОБЯЗАТЕЛЬНЫХ РАБОТ

***Ключевые слова:*** правовое регулирование; исполнение наказания; обязательные работы; вид наказания; уголовное наказание; надзор за исполнением наказания; законодательство в направлении исполнения.

***Аннотация:*** В данной статье проанализирована проблема правового регулирования исполнения обязательнных работ. Автор в ходе исследования проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и законодательные нормы, определил правовое регулирование исполнения обязательных работ. По мнению автора, выполнение обязательных работ в жилом помещении требует создания структуры или назначения ответственного лица. Исходя из этого, предлагается в районах (городах) создать отделы исполнения наказаний в виде обязательных работ и их представителей в структуре городских и сельсоведах.

***Зокирзода Зафар Хайрулло*** - первый заместитель, проректор по учебной работе Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru, Тел.: (+992) 988-55-45-75.

## PROBLEMS OF LEGAL REGULATION OF COMPULSORY WORKS

***Keywords:*** legal regulation; execution of punishment; compulsory labor; type of punishment; criminal punishment; supervision over the execution of punishment; legislation in the direction of execution.

***Annotation:*** This article analyzes the issue of legal regulation of the execution of compulsory work. In the course of the study, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and legislative norms, and determined the legal regulation of the performance of compulsory work. The author supports this opinion; additionally notes that in order to perform mandatory work in a residential area, a structure or a responsible person is required. Based on this, it is proposed to create

departments for the execution of punishments in the form of compulsory labor in districts (cities) and their representatives in the structure of urban and rural communities.

***Zakirzoda Zafar Khairullo*** - first deputy, vice-rector for academic affairs Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru, Тел.: (+992) 988-55-45-75.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Абдурашидов А.А. Ҷазо тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳаввулот ва ҳолати кунунӣ) [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Абдурашидзода А.А. Проблемаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар марҳалаи ҳозира [Матн] / А.А. Абдурашидзода // Маводҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – № 2 (38). – С. 44-49.
3. Азизов У. Таҳаввули институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ва муосир: таҳқиқоти таърихӣ ва ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... доктор. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2015. – 413 с.
4. Горбачёва А.С., Добрикова, Н.А.Проблемаҳои танзими ҳуқуқии тартиби иҷрои ҷазо дар намуди меҳнати ҳатмӣ [Матн] / А.С. Горбачёв, Н.А.Добрикова // Маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлат ва ҳуқуқ дар асри 21». – 2017. – No1. – С. 35-39.
5. Камолов З. Низоми ҷазо тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илми ҳуқуқ. – Иркутск, 2008. – 190 с.
6. Лопотенко Ю.Ю. Проблемаҳои мубрами иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ [Захираҳои электронӣ] // Ҷомеа: сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ. – 2018. – № 1. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/aktualnye-problemyispolneniya-nakazaniya-v-vide-obyazatel nyh-rabot (санаи дастрасӣ: 10.10.2023).
7. Магомедов Т.М., Абдулхалимов, М.М., Хавчаев, Х.А. Муносибат ва таҳаввулоти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ва ислоҳӣ [Матн] / Т.М. Магомедов, М. Абдулхалимов, Х.А. Хавчаев // Судяи рус. – 2017. – № 9. – С.17-23.
8. Марков В.П. Механизми татбиқи ҷазоҳои асосии ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа, дар Федератсияи Русия вобаста намебошанд: таҳлили ҳуқуқии ҷиноятӣ [Матн]: дис. ... доктори илми ҳуқуқ. – Петербург: РСЛ, 2007. – 447 с.
9. Маҳмудов М. Корҳои ҳатмӣ ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / М.М. Маҳмудов // Чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста намебошанд. – Душанбе, 2005. – С.69.
10. Мелюханова Е.Е. Ҷазоҳо, ки ба ҷудо нигоҳ доштан аз ҷомеа вобаста намебошанд [Матн] / Мелюханова Е.Е.: Китоби дарсӣ. – Екатеринбург: UMC UPI, 2023. – 182 с.
11. Мирзоев С.Т. Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 199 с.
12. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ Матн] / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 550 с.
13. Танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазоҳое, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: Курси лексия [Матн] / А.В. Бойко [ва дигарон]; таҳти таҳрири умумӣ. Э.Л. Зарембинская. – Рязань: Академияи Хадамоти федералии иҷрои ҷазои Россия, 2014. – 372 с.
14. Рожков С.А. Баъзе мушкилоти танзими ҳуқуқии татбиқи ҷазоҳое, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд [Матн] / С.А. Рожков // Ахбори Донишгоҳи Перм. – 2009. – Нашри 3(5). – С. 125-128.
15. Сафарзода А.И. Ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: автореф. дис. ... доктори илми ҳуқуқ.– Душанбе, 2018. – 53 с.

16. Тафсир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Холиқов, Т.Ш. Шарипов, Ф.И. Ғаниев, П.Н. Наврӯзова. – Душанбе, 2018. – 636 с.

17. Тулиев И.Р. Ҷазо тибқи қонунгузории ҷиноии Тоҷикистон (низом, намудҳои ҷазо ва таъини онҳо) [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2010. – 217 с.

18. Устинов А. Такмили танзими ҳуқуқии ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ваислоҳӣ [Матн] / А.А. Устинов // Бюллетени илмии Академияи Омски Вазорати корҳои дохилии Россия. – 2019. – № 4 (75). — 24-27.

19. Уткин В. Проблемаҳои назарияи ҷазоҳои ҷиноятӣ [Матн] / В.А. Уткин: Курси лексия. – Томск, 2018. – 240 с.

20. Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – 246 с.

21. Шокирзода Ғ. Хусусиятҳои иҷрои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 183 с.

**Список литературы**:

1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

2. Абдурашидзода А.А. Проблемы системы исполнения уголовных наказаний на современном этапе [Текст] / А.А. Абдурашидзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – № 2 (38). – С. 44-49.

3. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

4. Горбачева, А.С., Добрикова, Н.А. Проблемы правового регулирования порядка исполнения наказания в виде обязательных работ [Текст] / А.С. Горбачева, Н.А. Добрикова // Научно-практический журнал “Государство и право в XXI веке”. – 2017. – № 1. – С. 35-39.

5. Камолов, З.А. Система наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2008. – 190 с.

6. Лопотенко, Ю.Ю. Актуальные проблемы исполнения наказания в виде обязательных работ [Электронный ресурс] // Общество: политика, экономика, право. – 2018. – № 1. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/aktualnye-problemyispolneniya-nakazaniya-v-vide-obyazatelnyh-rabot(дата обращения: 10.10.2023).

7. Магомедов, Т.М., Абдулхалимов, М.М., Хавчаев, Х.А. Соотношение и эволюция уголовно-правовых норм о наказаниях в виде обязательных и исправительных работ [Текст] / Т.М. Магомедов, М.М. Абдулхалимов, Х.А. Хавчаев // Российский судья. – 2017. – № 9. – С. 17-23.

8. Марков, В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб.: РГБ, 2007. – 447 с.

9. Махмудов, М.М. Обязательные работы как вид уголовного наказания [Текст] / М.М. Махмудов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 69.

10. Мелюханова, Е.Е. Наказания, не связанные с изоляцией от общества [Текст] / Е.Е. Мелюханова: учебное пособие. – Екатеринбург: УМЦ УПИ, 2023. – 182 с.

11. Мирзоев, С.Т. Штраф как наказание и вопросы его реализации по Уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. наука право – Душанбе, 2020. – 199 с.

12. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. Учебник [Текст] / Под редакцией д-ра юрид. наук., доцента Рахимзода Р.Х. и д-ра юрид. наук, профессор Бабаджонзода И.Х. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 550 с.

13. Правовое регулирование исполнения наказаний, не связанных с изоляцией осужденного от общества: курс лекций [Текст] / А.В. Бойко [и др.]; под общ. ред. Е.Л. Зарембинской. – Рязань: Академия ФСИН России, 2014. – 372 с.

14. Рожков, С.А. Некоторые проблемы правового регулирования применения наказаний, не связанных с изоляцией осуждённого от общества [Текст] / С.А. Рожков // Вестник Пермского университета. – 2009. – Выпуск 3(5). – С. 125-128.

15. Сафарзода, А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 53 с.

16. Комментарий к УК [Текст] / З.А. Камолов, А.И. Сафарзода, Ш.Л. Халиков, Т.Ш. Шарипов, Ф.И.Ганиев, П.Н. Наврузова. – Душанбе, 2018. – 636 с.

17. Тулиев, И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – 217 с.

18. Устинов, А.А. Совершенствование правовой регламентации наказаний в виде обязательных и исправительных работ [Текст] / А.А. Устинов // Научный вестник Омской академии МВД России. – 2019. – № 4 (75). – С. 24-27.

19. Уткин, В.А. Проблемы теории уголовных наказаний [Текст] / В.А. Уткин: курс лекций. – Томск, 2018. – 240 с.

20. Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Право на исполнение уголовного наказания [Текст] / Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров: Учебник. – Душанбе, 2011. – 246 с.

21. Шокирзода, Г. Особенности исполнения наказания в виде лишения свободы в отношении женщин в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 183 с.

**List of literature:**

1. Abdurashidov, A.A. Punishment under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan (evolution and current state) [Text]: dis. ... cand. legal Sci. – Dushanbe, 2011. – 190 p.

2. Abdurashidzoda, A.A. Problems of the criminal punishment execution system at the present stage [Text] / A.A. Abdurashidzoda // Proceedings of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2018. – No. 2 (38). – pp. 44-49.

3. Azizov, U.A. The evolution of institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research [Text]: dis. ... Doctor of Law. – Dushanbe, 2015. – 413 p.

4. Gorbacheva, A.S., Dobrikova, N.A. Problems of legal regulation of the procedure for the execution of punishment in the form of compulsory labor [Text] / A.S. Gorbachev, N.A. Dobrikova // Scientific and practical journal “State and Law in the 21st Century”. – 2017. – No. 1. – P. 35-39.

5. Kamolov, Z.A. Punishment system under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan [Text]: dis. ...cand. legal Sci. – Irkutsk, 2008. – 190 p.

6. Lopotenko, Yu.Yu. Current problems of execution of punishment in the form of compulsory labor [Electronic resource] // Society: politics, economics, law. – 2018. – No. 1. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/aktualnye-problemyispolneniya-nakazaniya-v-vide-obyazatelnyh-rabot (date of access: 10.10.2023).

7. Magomedov, T.M., Abdulkhalimov, M.M., Khavchaev, Kh.A. Correlation and evolution of criminal law norms on punishment in the form of compulsory and correctional labor [Text] / T.M. Magomedov, M.M. Abdulkhalimov, Kh.A. Khavchaev // Russian judge. – 2017. – No. 9. – P. 17-23.

8. Markov, V.P. The mechanism for implementing basic criminal penalties not related to isolation from society in the Russian Federation: criminal legal analysis [Text]: dis. ... Doctor of Law. – St. Petersburg: RSL, 2007. – 447 p.

9. Makhmudov, M.M. Compulsory work as a type of criminal punishment [Text] / M.M. Makhmudov // Criminal liability measures not related to isolation from society. – Dushanbe, 2005. – P. 69.

10. Melyukhanova, E.E. Punishments not related to isolation from society [Text] / E.E. Melyukhanova: textbook. – Ekaterinburg: UMC UPI, 2023. – 182 p.

11. Mirzoev, S.T. Fine as punishment and issues of its implementation under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan [Text]: dis. ...cand. science law - Dushanbe, 2020. - 199 p.

12. Criminal law of the Republic of Tajikistan. A common part. Textbook [Text] / Edited by Dr. Sciences., Associate Professor Rakhimzoda R.Kh. and Doctor of Law. Sciences, Professor Babajonzoda I.Kh. – Dushanbe: “ER-graph”, 2019. – 550 p.

13. Legal regulation of the execution of sentences not related to the isolation of the convicted person from society: a course of lectures [Text] / A.V. Boyko [and others]; under general ed. E.L. Zarembinskaya. – Ryazan: Academy of the Federal Penitentiary Service of Russia, 2014. – 372 p.

14. Rozhkov, S.A. Some problems of legal regulation of the application of punishments not related to the isolation of the convicted person from society [Text] / S.A. Rozhkov // Bulletin of Perm University. – 2009. – Issue 3(5). – pp. 125-128.

15. Safarzoda, A.I. Criminal legal protection of business activities in the Republic of Tajikistan [Text]: abstract. Dis... Doctor of Law. – Dushanbe, 2018. – 53 p.

16. Commentary on the Criminal Code [Text] / Z.A. Kamolov, A.I. Safarzoda, Sh.L. Khalikov, T.Sh. Sharipov, F.I. Ganiev, P.N. Navruzova. – Dushanbe, 2018. – 636 p.

17. Tuliev, I.R. Punishment under the criminal law of Tajikistan (system, types of punishments and their purpose) [Text]: dis. ...cand. legal – M., 2010. – 217 p.

18. Ustinov, A.A. Improving the legal regulation of punishments in the form of compulsory and correctional labor [Text] / A.A. Ustinov // Scientific Bulletin of the Omsk Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2019. – No. 4 (75). – pp. 24-27.

19. Utkin, V.A. Problems of the theory of criminal punishments [Text] / V.A. Utkin: course of lectures. – Tomsk, 2018. – 240 p.

20. Sharipov, T.Sh., Kamolov, Z.A., Dinorshoev, A.M., Safarov, A.I. Kuқuқi iҷroi ҷazoi ҷinoyatӣ [Matn] / T.Sh. Sharipov, Z.A. Kamolov, A.M. Dinorshoev, A.I. Safarov: Kitobi darsi. – Dushanbe, 2011. – 246 p.

21. Shokirzoda, G. Features of the execution of punishment in the form of imprisonment against women in the Republic of Tajikistan [Text]: dis. ... cand. legal Sci. – Dushanbe, 2020. – 183 p.



**УДК: 343.9**
**Давлатзода Комрон Давлат,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: komron231823@gmail.com*
*Тел.: (+992) 938-23-18-23.*

## ТАВСИФИ КРИМИНАЛОГИИ ШАХСИЯТИ КИБЕРҶИНОЯТКОР

***Калидвожаҳо:*** тавсифи криминологӣ; шахсияти киберҷинояткор; тавсифи иҷтимоӣ; тавсифи равонии киберҷинояткор; киберҷиноятҳо; хакер; парвандаҳои ҷиноятӣ; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур тавсифи криминалогии шахсияти киберҷинояткор ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ҳамзамон, дар мақола тавсифи криминологии шахсияти киберҷинояткор аз рӯи таснифи зерин таҳлил гардидааст: тавсифи иҷтимоии киберҷинояткор; тавсифи равонии киберҷинояткор. Асоснок гардиааст, ки тавсифи иҷтимоӣ- тамоми хислатҳои шахсӣ, ки ба шаҳрванд ҳамчун узви ҷомеа мансуб аст, ифода мегардад. Тавсифи равонии киберҷинояткор-хислатҳои фардӣ-равонии киберҷинояткор фаҳмида мешавад. Тавсифи равонӣ имконият медиҳад, ки шахсияти киберҷнояткорон хуб омӯхта шуда, дар баробари ин натиҷаҳои амалҳои содиркардааш ба пуррагӣ муайян карда шуда, равия, равиш, мазмун ва сабабҳои амалҳои ҷиноятӣ, хусусиятҳои ахлоқӣ-равонии шахсият ва ғайраро дарбар мегирад.

Таҳлил ва тавсифи шахсияти ҷинояткор дорои хусусиятҳои криминологӣ мебошад, ки барои муайян намудани шахсияти киберҷинояткор аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Натиҷаи пурсиш дар самти мазкур нишон медиҳанд, ки 41% муфаттишон ва 38% судяҳо зарурати таҳқиқи шахсияти киберҷинояткорро қайд мекунанд, зеро дар ин парвандаҳо намунаи рафтори шахс ва доираи манфиатҳои ӯ хеле мушаххас аст.

Яке аз содиркунандагони асосии киберҷиноятҳо “хакер” ба ҳисоб меравaнд. Хакер (аз калима англисӣ hask гирифта шуда маънояш-бурридан, рахнагар, реза кардан мебошад), ки намояндагони махсуси киберҷинояткорон ба ҳисоб мераванд. Бояд тазакур дод, ки аз ҳама манбаъҳои маъмул оиди фаъолияти хакерон-маҷмӯаи чопии “Жаргон хакера” ифода мегардад, ки ҳарсола аз тарафи худи хакерон таҳия ва пурра карда мешавад [1]. Хакер-ин як намуди “шахси боғайрати ташхисгари компютер”, “мутахассиси ягон барномаи алоҳида” ва “шикановандае, ки барномаи нафари дигарро бо мақсадҳои шахсии худ истифода мебарад”.

Дар одоби хакерӣ ду принсипи асосӣ ҷой дорад:

Якум, баёни иттилооти озод-яъне иттилооти дилхоҳ бояд озодона паҳн карда шавад ва ҳама ҳуқуқи дастрасӣ ба онро дошта бошанд.

Дуюм, шикастани барномаҳои дахолатдор гӯё, ки дар ин ягон чизе баде набошад ва тамоми хакерон бояд бе ягон мамоният оиди иттилооти доштаашон додугирифт намоянд. Фарҳанги хосаи хакерон дар замони муосир дигаргуниҳои муҳимро аз сар гузаронида истодааст. Дар қатори он ки ба он насли нав дохил шуда истодааст, дар байни хакерони насли куҳан, дигаргуниҳои хоса дарёфтан мумкин аст [5, с.5].

Қисми зиёде аз хакерони солхӯрда дар марказҳои илмӣ ва лабораторияҳо барои фаъолияти корӣ сафарбар гардидаанд ва зарур аст, ки онҳоро барои ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор ҷалб намудан мумкин аст, зеро онҳо метавонанд ба ҷамъият фоида биёранд. Дигар қисми хакерон гузаштаи худро фаромуш сохта, ба “мутахассисони” соҳаи технологияи компютерӣ мегузаранд. Дар асоси ин гуфтаҳо

ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои худи хакерон, ҳамбастагӣ бо компютер, аҳамияти калон дорад, зеро мақсади асосии фарҳангии хосаи хакерон, ин ёфтани роҳҳои ҳамбастагӣ ба иттилооти гуногуни бе маблағ, носозӣ бо давлат ва дарки дурбинии нақшаи технологияи компютерӣ мебошад. Ин ҷараён, гарчанде нисбатан ҷавон мебошад (камтар аз 40 сол), вале анъанаҳои хоса касб кардааст. Аз худ як қишри пешгирифтаи ҷомеаро муаррифӣ намуда, онҳо худро ба сохти ҷамъиятӣ муқобил мегузоранд, арзишҳои гурӯҳии хосаро пешниҳод мекунанд, ки бо қоидаҳои рафтори омма муқобил мебошанд. Хакерон чун қоида майли зиддиқонунӣ ва зиддиҷамъиятӣ доранд. Онҳо шахсоне мебошанд, ки бе ягон хатари дастгир шудан машғуланд ва барои худро сафед кардан, хакерон вожаҳои хакер ва "крикерро" истифода мебаранд [2, с.308].

Ҳамчунин дар адабиётҳои илмӣ таснифоти шахсияти киберҷинояткоронро аз рӯи ҷинс (зан, мард) ҷудо намудаанд, ки гуё дар фазои маҷозӣ фоизи «занон- хакерҳо» [7, с.15-18] дар замони муосир афзуда истодааст, ки ин ҳолат ба воқеияти дохилӣ мувофиқат намекунад. Таҳлили таҷрибаи амалӣ ва омӯзиши парвандаҳо вобаста ба киберҷиноятҳо таввасути Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ), таҳлили маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз тарафи занҳо, содиршавии киберҷиноятҳо бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ ва ё тағйир додани иттилооти компютерӣ, таҳрибкории компютерӣ, ичунин таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, бо мақсади ба даст овардани «даромадан» ба қайд гирифта нашудааст. Дар воқеъ, онҳо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро содир намудаанд (дар шакли ба дигар кас ирсол намудан). Аз ин лиҳоз таҷрибаи амалӣ пурракунандаи ин гуфтаҳо мебошад. Вобаста ба ин ба таҷрибаи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе назар менамоем. Масалан шаҳрванд «С» санаи таваллудаш 21 августи соли 2002, зодаи шаҳри Душанбе, миллат тоҷик, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев 36[а], хонаи 8[а], маълумот олии нопурра, муҷаррад, пеш суд нашудааст, даст ба ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ задааст.

Чунончи, ӯ дар асоси фармони директори ҶДММ "Осиё Тел" дар шаҳри Душанбе таҳти № 15 аз 05 апрели соли 2022, ки ширкати диллерии маркази хизматрасонии ҶСП "Индиго Тоҷикистон" мебошад, ба ҳайси оператор ба кор қабул карда шудааст. Пас аз ба кор қабул шудан, дар асоси қарордоди меҳнатӣ аз 11.04.2022 сол, инчунин тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №207-7 аз 30.04.2016 сол "Дар бораи Тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он" оиди махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсии муштариёни ширкати мобилии ҶСП "Индиго Тоҷикистон", фош накардани онҳо ба шахсони сеюм, ки барои ин ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст, бо гирифтани имзояш расман огоҳонида шудааст.

24 сентябри соли 2022 ҳангоми дар ҷои кораш воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н.Муҳаммад, бинои 5, қарор доштан, соати 17[13] дақиқа ҳамсинфаш Джураев М.В. ба телефони мобилиаш 937202066 занг зада, хоҳиш намудааст, ки ба ӯ фавран оиди ба кӣ тааллуқ доштани симкорти ширкати мобилии ҶСП "Индиго Тоҷикистон" бо рақами 930222425 маълумот диҳад. Оператор "С" бо истифода аз вазифаи хизматиаш, дидаю дониста бархилофи талаботи қонунгузории дар боло болозикршуда амал намуда, бидуни аризаи расмӣ ва иштироки муштарӣ, инчунин иҷозати Хадамоти бехатарии ҶСП "Индиго Тоҷикистон", бо истифода аз логини шахсии хизматиаш "Sabrina.Huseinzoda» ва паролаш "Oper2211" соати 17[16] ғайриқонунӣ вориди маҳзани ягонаи нигоҳдории маълумотҳои шахсии муштариёни ширкати мобилии ҶСП "Индиго Тоҷикистон" гардида, варақаи маълумотҳои шахсии муштарии рақами 930222425-ро, ки ба шаҳрванд "Г" тааллуқ дорад кушода, бо истифода аз камераи телефони мобилиаш маълумотҳои шахсии

номбурдаро, ки дар система ва маҳзани мошинҳои комютерии ширкати мобилии номбурда маҳфуз нигоҳ дошта мешудаанд, аз монитори компютери хизматияш 3 маротиба ҳар гуна аксбардорӣ намуда, онро бо истифода аз барномаи интернетии “Ватсап” ғайриқонунӣ ба шахси сеюм, яъне ба телефони дастии ҳамсинфаш Джураев М.В. интиқол намудааст. Шаҳрванд Джураев М.В. дар навбати худ ин маълумотро, ки бо хоҳиши шаҳрванд “Ш” ба даст оврада буд, ба ӯ тариқи шабакаи иҷтимоии “Вотсап” равон карда, охирин бошад ин аксҳои маълумотҳои ғайриқонунӣ ба даст овардаашро бо ҳамин роҳу восита тибқи хоҳиши шиносаш шаҳрванд “М” ба рақами 987454333 интиқол намудааст. Шаҳрванд “М”, ки бо мақсади муайян намудани шахсияти зане, ки бо шавҳараш “Орзу” алоқа дошт ва ба ин зан исбот намудани ин ҳолати доштани имконияти дарёфт намудани ӯ ба воситаи барномаи интернетии “Ватсап” ба телефони мобилии шаҳрванд Гулшан Д.С. рақамаш 930222425 як адад акси маълумоти зикршударо равон мекунад [4].

Аз натиҷаи омӯзиши парвандаи мазкур маълум мегардад, ки аз ҷониби Ҳусейнзода С.Н. ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти комютерӣ ҳуқуқҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрванд Гулшан Д.С. оид ба махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсиашро поймол намуда, амнияти иттилоотӣ халалдор гардидааст.

Дар воқеъ киберҷиноятҳо аз тарафи шахсоне содир карда мешаванд, ки дониши ҳаматарафаи компютерӣ, маҳорати баланди коркарди иттилоот ва аз дастовардҳои технологӣ бархӯрдоранд. Бинобар сабаби нисбатан «нав» будани киберҷиноятҳо, дар таҷрибаи қонунгузории ватанӣ, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, шахсияти киберҷинояткорон тавсиф карда нашудааст.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон киберҷинояткор шахсе дониста мешавад, ки яке аз ҷиноятҳои дар боби 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро дар самти иттилооти компютерӣ, содир карда бошад, ки муқарароти мазкур номгӯи киберҷиноятҳоро пурра дар бар намегирад, зеро киберҷиноятҳо гуногунҷабҳа буда дар шаклҳои гуногун содир мегарданд, ба монанди қаллобӣ, экстремизм, терроризм ва ғ., ки ба чунин шахсҳо додани ин ва ё он намуди ҷазо ғайриимкон мебошад.

Яке аз мувафақиятҳои муҳими муайян намудани шахсияти киберҷинояткорро, хусусиятҳои психологии шахсияти ҷинояткор ташкил медиҳад. Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон дод, ки ҳоло ин усул дар бисёре аз кишварҳои Ғарб истифода мешавад [3, с.119]. Масалан, ИМА, Канада ва Британиёи Кабир. Бояд қайд намуд, ки муваффақияти истифодабарии усули коркарди тасвири психологӣ дар бештари ҳолатҳо барои таҳқиқ ва ошкор кардани миқдори киберҷинояткорон дар содир намудани киберҷиноятҳо, мақсади содир намудани ҷинояти мазкур ва роҳҳои наздиктарин барои ошкор намудани киберҷиноятҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад [6, с.21].

Лозим ба ёдоварист, ки дар кишвари мо таҷрибаи тартибдиҳии тасвири психологии киберҷинояткор қадамҳои аввалини худро бо кумаки муҳаққиқону мутахассисони психолог ба роҳ мондааст, аммо то ҳол таҳқиқи амиқ ва ҳаматарафа барои муайян намудани тасвири психологии киберҷинояткор муайян нагардидааст. Бисёре аз киберҷиноятҳо аз тарафи ҷинояткорони дорои донишҳои махсус дар соҳаи технологияҳои компютеридошта содир карда мешавад.

Коркарди муайян намудани сурати психологии киберҷинояткор дар ҳоле, ки ягон маълумот дар бораи ӯ дастнорас аст, танҳо тавассути қонуниятҳои инъикоси хусусиятҳои психологии шахсият дар пайи ҷиноятҳои содиршуда муайян кардан мумкин аст. Он бо усулҳои равонии таҳлили фаъолияти ҷинояткор дар асоси нишонаҳои гузашта ва ҷамъи ҳолатҳои рӯйдоди криминалӣ гузаронида мешавад. Аз ин лиҳоз тавсифи криминологии шахсияти киберҷинояткорро метавон аз рӯи таснифоти зерин таҳлил намуд:

1. тавсифи иҷтимоии киберҷинояткор;
2. тавсифи равонии киберҷинояткор.

**Тавсифи иҷтимоӣ-** таҳти мафҳуми тавсифи иҷтимоӣ, тамоми хислатҳои шахсӣ, ки ба шаҳрванд ҳамчун узви ҷомеа мансуб аст,

ифода мегардад. Маврид ба зикри хос аст, ки дар тавсифи иҷтимоии киберҷинояткорон бояд чунин хусусиятҳоро ба инобат гирифт:

1. ҷинс;
2. синну сол;
3. ному насаб;
4. дараҷаи дониш;
5. машғулият;
6. дорои касбу ҳунар ва шароити оилавӣ;
7. дараҷаи иҷтимоӣ ва таъминоти моддӣ;
8. ҷои истиқомат ва ҷои гузаронидани вақти холигӣ.

Истифода бурдани тавсифи иҷтимоӣ дар масъалаи муайянкунии психологии шахсияти киберҷинояткорон, гуфтан мумкин аст, ки он имконият медиҳад, ки «муҳити зисти» киберҷинояткорони эҳтимолиро муайян намуда, барои гузаронидани ҷорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

**Тавсифи равонии киберчинояткор-** зери мафҳуми мазкур дар маҷмӯъ ҳамаи хислатҳои фардӣ-равонии киберҷинояткор фаҳмида мешавад. Тавсифи равонӣ имконият медиҳад, ки шахсияти киберҷнояткорон хуб омӯхташуда, дар баробари ин натиҷаҳои амалҳои содиркардааш ба пуррагӣ муайян карда шуда, равия, ариш, мазмун ва сабабҳои амалҳои чиноятӣ, хусусиятҳои ахлоқӣ-равонии шахсият ва ғайраро дар бар мегирад. Дар воқеъ тавсифи равонии шахсияти киберҷинояткорон имкон медиҳад, ки доираи гумонбари ҷинояти содиргардида, ки дар байни онҳо худи ҷинояткор низ вуҷуд дорад, маҳдуд карда шавад, ё ин ки ӯро дар байни муҳити шахсони ҳаммонандаш ҷудо кунанд, ҳолати сабабӣ, мақсади ҷиноят ва инчунин усули содиршавии ҷиноятро муайян кунанд.

Тавсифҳои равонӣ ва иҷтимоии шахсият қисмҳои асосии сурати равонии киберҷинояткорро ташкил медиҳад.

Зери мафҳуми сурати равонии шахсият, маҷмӯи хислатҳои шахсии як нафарро мефаҳманд, ки вобастагии ӯро аз муҳити иҷтимоӣ ва хусусияти равонӣ муайян мекунад. Сурати равонии ҷинояткор-ин усули равонӣ-криминналистӣ ва натиҷаи дарёфти криминалии ҳодиса, ки ба самти ошкор намудани ҷамъи маълумот оид ба аломат ва хусусиятҳои фардии субъекти ҷиноят нигаронида шудааст, дар ҳолати ҷамъоварии иттилоот ва кофтукови ҷиноятӣ содиршуда, ки дар он шахсият бо мафҳумҳои хоси равонӣ ва шаҳрвандӣ тавсиф карда мешавад.

Бояд тазакур дод, ки дараҷаи психолгӣ-равонии киберҷинояткорон гуногунҷабҳа мебошад, сурати ягонаи киберҷинояткорро муайян кардан имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, дар таҷриба вайронкунандагони қонунро дар бахши киберҷиноятҳо ба як зайл шаклгузорӣ карда сурати равонии хоси намояндагони ин гурӯҳро баррасӣ намоем.

Лозим ба ёдоварист, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ 3 навъи таркиби ҷиноятро дар бахши иттилооти компютерӣ муқаррар намудааст, ки таввасути онҳо мо метавонем, навъҳои киберҷиноятҳоро мувофиқи «тахассусашон» ҷудо намоем. Таҳлили адабиётҳои соҳавӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти мазкур исбот намуд, ки тавсифномаҳои шахсияти ин шахсон аз рӯи ҷиноятҳои содирнамудааш вобаста ба боби ҷиноятҳо ба муқобили аминияти иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Масалан, моддаи 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро оиди ғайриқонуни даромадан ба иттилооти компютериро пешбинӣ кардааст. «Вориди ғайриқонунӣ» маънои бо тарзи ғайриқонунӣ ва зиддиқонунӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ манъ кардааст, ба даст овардани иттилоот ва ё кӯшиши шинос шудан ба онро ифода менамояд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ асосан ин модда аз тарафи киберҷинояткороне, ки «омӯзиши махсус дар соҳаи иттилоотро»-ро гузаштаанд, содир карда мешванд. Ин маънои онро дорад, ки ҷинояткор аз ҷиҳати техникӣ таҷрибаи бисёр хуб дошта, дорои фаъолияти гуногунҷабҳа мебошад, ки ба ӯ имконияти ворид намудани “калидҳои” лозимаро бо “қулфҳои электронии” гуногун бе ягон монеа муҳайё месозад. Дар бисёре аз ҳолатҳо чунин киберҷинояткорон хатмкардаи ягон донишгоҳҳои техникӣ ва истифодабарандаи доимии МЭҲ мебошанд ва дар байни шахсони

муайян фаъолият менамоянд. Синну соли миёнаи онҳо 15-45 сола мебошад (ҳодисаи муайян намудани киберҷинояткорони аз 45-сола боло хело кам дида мешавад).

Аз ин лиҳоз аз рӯи субъекти содиркунанда шахсияти киберҷиноякорро метавон чунин тавсиф намуд: навомӯз-ҷавонони 15-20; таҷрибадорон-синну соли аз 20 то 25 сола; мутахассис аз 25 то 45 - сола. Бояд қайд намуд, ки ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, шахсоне содир менамоянд, ки тайёрии ҳаматарафаи техникӣ доранд ва дар маҷмӯъ хусусияти асосии онҳо ин майли "зиддиҳуқуқӣ" ва "зиддиҷамъиятӣ" будан мебошад.

Ҳачунин зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони мавҷуда, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, баланд бардошта шавад, инчунин бо ҷалби олимони соҳа, мутахассисони варзидаи техникӣ, собиқадорони соҳа, ташкили институти такмили ихтисоси соҳаи иттилоот танҳо ба манфиати кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Назаров А.Қ.**

## КРИМИНОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЛИЧНОСТИ КИБЕРПРЕСТУПНИКА

***Ключевые слова:*** криминологическая характеристика; личность киберпреступника; социальная характеристика; психологическая характеристика киберпреступника; киберпреступления; хакер; уголовные дела; Уголовный кодекс Республики Таджикистан.

***Аннотация:*** В данной статье анализируются криминологическая характеристика личности киберпреступнитка. Также в статье проанализировано криминологическое характеристика личности киберпреступника по следующей классификации: социальное характеристика киберпреступника; психологическое характеристика киберпреступника. Оправдано, что социальная характеристика - все личные качества, принадлежащие гражданину как член общества-выражается. Психологическое характеристика киберпреступника-личностно-психологические черты киберпреступника понятны. Психологическое характеристика позволяет в полной мере определить личность хорошо изученных киберпреступников, наряду с этим результаты совершаемых ими действий, и включает в себя тенденции, мотивы, содержание и причины преступных действий, этико-психологические особенности личности и т.д.

***Давлатзода Комрон Давлат*** - кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: komron231823@gmail.com, Тел.: (+992) 938-23-18-23.

## CRIMINOLOGICAL CHARACTERISTICS OF THE PERSONALITY OF A CYBER CRIME

***Keywords***: criminological characteristics; identity of a cybercriminal; social characteristics; psychological characteristics of a cybercriminal; cybercrimes; hacker; criminal cases; Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

***Annotation:*** This article analyzes the criminological characteristics of the cybercriminal's personality. The article also analyzes the criminological characteristics of a cybercriminal's personality according to the following classification: social characteristics of a cybercriminal; psychological characteristics of a cybercriminal. It is justified that the social characteristic - all personal qualities belonging to a citizen as a member of society - is expressed. Psychological characteristics of a

cybercriminal-the personal and psychological traits of a cybercriminal are clear. Psychological characteristics make it possible to fully determine the identity of well-studied cybercriminals, along with the results of their actions, and includes trends, motives, content and causes of criminal actions, ethical and psychological characteristics of the individual, etc.

***Davlatzoda Komron Davlat*** - candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science Faculty of Law Tajik National University. E-mail: komron231823@gmail.com, Тел.: (+992) 938-23-18-23.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gb.ru/posts/hacker_language (санаи муроҷиат 14.05.2023).

2. Шелли Л. Ҷиноятҳои созмонёфта, терроризм ва киберҷиноят // Ислоҳоти бахши амният: институтҳо, ҷомеа ва идоракунии хуб. – Баден, 2003. – С.308.

3. Шиндер Д.Л.. Саҳнаи киберҷиноят. Дастури криминалистии компютерӣ. - Рокланд, 2003. - С. 119.

4. Аз бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе, парвандаи ҷиноятии № 27353-23, аз 18–уми январи соли 2023.

5. Айков Д., Сейгер К., Фонсторх У. Ҷиноятҳои компютерӣ. Дастур оид ба мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ. - М., 1999. - С.5.

6. Кесареева Т П. Хусусияти криминологӣ ва мушкилоти пешгирии ҷинояткорӣ дар сегменти русии шабакаи Интернет. Автореф. дис... номз. илм. ҳуқуқ. - Москва, 2002. — С. 21.

7. Тафтиши дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ / зери таҳ. Н.Г. Шурухнова. - М.: Щит-М, 1999. -256 с.; Свиридова, Е. Виртуальная Дана въезжает в чужие компьютеры на «троянских конях» / Е. Свиридова // Рӯзномаи Россия. -2001.-30 нояб.-С. 15-18.

**Список литературы:**

1. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://gb.ru/posts/hacker_language (дата обращения 14.05.2023).

2. Шелли Л. Организованная преступность, терроризм и киберпреступность // Реформа сектора безопасности: институты, общество и эффективное управление. - Баден, 2003. - С. 308.

3. Шиндер Д. Л. Место совершения киберпреступления. Справочник по компьютерной криминалистике. - Рокленд, 2003. - С. 119.

4. Из архива суда района Шохмансури г. Душанбе, уголовное дело № 27353-23, с 18 января 2023 г.

5. Айков Д., Сейгер К., Фонсторх У. Компьютерные преступления. Руководство по борьбе с компьютерными преступлениями. - М., 1999. - С.5.

6. Кесареева Т. П. Криминологическая характеристика и проблемы предупреждения преступности в российском сегменте сети Интернет. Автореф. дис... канд. юрид. наук. - Москва, 2002. — С. 21.

7. Расследование неправомерного доступа к компьютерной информации / под ред. Н. Г. Шурухнова. - М.: Щит-М, 1999. -256 с.; Свиридова, Е. Виртуальная Дана въезжает в чужие компьютеры на «троянских конях» / Е. Свиридова // Рос. газ. -2001.-30 нояб.-С. 15-18.

**List of literature:**

1. [Electronic Reserve]. - Access source: https://gb.ru/posts/hacker_language (date of application 14.05.2023).

2. Shelley L. Organized Crime, Terrorism and Cybercrime // Security Sector Reform: Institutions, Society and Good Governance. - Baden-Baden, 2003. - P. 308.

3. Shinder D. L. Scene of the Cybercrime. Computer Forensics Handbook. - Rockland, 2003. - P. 119.

4. From the archive of the Shohmansur District Court of Dushanbe, criminal case No. 27353-23, from January 18, 2023.

5. Aikov D., Seiger K., Fonstorkh U. Computer crimes. Manual on combating computer crimes. - M., 1999. - p.5.

6. Kesareeva T.P. Criminological characteristics and problems of crime prevention in the Russian segment of the Internet. Autoref. dis.… cand. jurid. sciences'. - Moscow, 2002. – p. 21.

7. Investigation of illegal access to computer information / edited by N. G. Shurukhnov. - M.: Shield-M, 1999. -256 p.; Sviridova, E. Virtual Dana enters other people's computers on “Trojan horses” / E. Sviridova // Russian Gas. -2001.-30 Nov.-pp. 15-18.



**УДК: 342.2/.7**

**Шарифзода Шарифбек Мурод,**
*муаллими калони кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*
*E-mail: sharifzodashm@gmail.com*
*Тел.: (+992) 938-87-07-07.*

# ОМИЛҲО ВА ЧОРАҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ

***Калидвожаҳо:*** сабабу шароит; кодекси ҷиноятӣ; ҷавобгарии ҷиноятӣ; коррупсия; робита; порагирӣ; омил ва мушкилот.

***Аннотатсия:*** Мақола фарогири масъалаҳои омилҳо ва чораҳои пешгирии коррупсионӣ буда, маълумотҳои омориро оид ба таҳлили кирдорҳои коррупсионӣ мансуб ба соҳаҳои мухталифи ҷомеа дар бар мегирад. Дар ин самт бо натиҷагирӣ аз таҳлилҳои мавҷуда ва омӯзиши ақидаҳои олимону коршиносон, таклифу пешниҳодҳои судманд манзур карда шудааст.

Ҳар як ҷиноят сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи худро дорад. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намудааст, ки яке аз сабабҳои криминологии ҷиноятҳои коррупсионӣ ин фаъолияти пасти шаҳрвандон дар таъмини иттилоот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳолатҳои эҳтимолии содир гардидани ҷиноят мебошад.

Олими ҳуқуқшинос, проффесор А.Л. Репетская қайд менамояд, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ хусусияти латентӣ ва объективӣ доранд. Ба андешаи ин олими соҳаи ҳуқуқ "... нобоварии аҳолӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз фассодзада будан ё манфиатдор набудан дар тафтиши ҷиноятҳое, ки ошкор намуданашон душвор аст, дида мешавад"[3, с.151-156].

Ҳуқуқшиносон Диденко К.В., Невмовенко А.А. бошанд, қайд намудаанд, ки «беэътиноӣ ё муносибати хунукназаронаи мақомоти давлатӣ ба амалҳои ғайриқонунии содиршуда сабаби ташаккули муносибати бепарвоёна гардида, дар бештари ҳолатҳо фаъолнокӣ ба бефаъолиятӣ тағйир ёфта, мавқеи ҳуқуқии шаҳрванд коҳиш меёбад»[4, с.62-67].

Аз ин бармеояд, ки дар ҳолати аз ҷониби ҷабрдидагон ва шоҳидон хабар надодан дар бораи содиршавии ҷиноят он боиси такрории ҷиноят гардида, метавонад ба яке аз сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда оварда расонад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷиноятҳои латентӣ беҷазо мондани шахси гунаҳгор боиси такрории содиршавии ҷиноят мегардад. Яъне дар мавриде, ки оид ба ошкоршавии ҷиноят хабар дода намешавад ва шахси содиркунандаи он бе назорат ва бе ҷазо мемонад, ӯ кушиш менамояд, ки шахси дигарро барои оғоз ё идома додани чунин фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб ва ҳавасманд намояд. Омили муҳими чунин ҳолат фаҳмиши костаи ҳуқуқӣ ба коррупсия ва мушкилоти ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Ин омил аз муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ манша гирифта, ҳанӯз ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ тартиби мусоидат ба пешгирӣ ва ошкори ҷиноятҳои коррупсиониро дар амал ба пурраҷӣ аз худ накардаанд.

Аз натиҷаи "Баҳодиҳии миллии хавфҳо", ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 гузаронида шуд, бармеояд, ки дар қатори муомилоти ғайриқонунӣ бо моводи мухаддир, коррупсия ва ҷиноятҳои марбут ба андоз низ ҳамчун хавфи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда арзёбӣ шудаанд"[5].

Ин ҳолат водор месозад, ки омӯзиши таҷрибаи пешқадам тахия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба тарз, усул, хусусиятҳои хос ва механизмҳои муосири ошкор ва тафтиши пешакии бархе аз

ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада тарҳрезӣ карда шаванд.

Аз дигар тараф, яке аз сабабҳои доман паҳн намудани коррупсия дар байни ҷомеа ва махсусан дар мақомоту идораҳои давлатӣ, ин номукаммалии баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ, ҷойдории расмиёти нолозим ва зиёдатӣ ба ҳисоб меравад.

*Муссалам аст, ки* муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, ҳаматарафа мушаххас намудан, шаффоф будан, сода ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он шароити муҳими таъмини қонуниятро ба миён меоварад.

Тибқи таҳлилҳо дар соли 2019 аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1247 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар 111 ҳолат омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор ва ҷиҳати ислоҳ ва такмил додани онҳо ба 255 лоиҳа таклифҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ пешниҳод карда шудаанд[5]. Дар нимсолаи якуми соли 2021 бошад, ба Агентӣ 505 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ворид гардида, дар 77 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудааст.[6].

Бояд қайд намоем, ки дар радифи инкишофи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи сифатию меъёрии ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ зарурати қабули санадҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тақозои замон мебошад. Ба тасвиб расидани санадҳои қонунгузории ба талаботи замон ҷавобгӯ дар ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ раванди инкишофи ҷомеа нақши муҳим дошта, дар баробари пеш рафтани он муносибатҳое пайдо мешаванд, ки онҳо бояд дар чаҳорчӯбаи қонун ба низом дароварда шаванд.

Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба истиқлолияти давлатӣ соҳиб гардидан, ба ҳолати имрӯза зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки аз инҳо: 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс ва зиёда аз 380 қонунҳои соҳавӣ мебошанд. Ҳамзамон зиёда аз 700 санади ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расонида шуданд[7].

Дар самти муқовимат ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ бошад, беш аз 20 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, номгӯйи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта дар Кодекси ҷиноятӣ ба 51 адад расонида шудааст.

Ба андешаи мо, зиёд будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва вазъи тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба пешрафти ҷаҳони муосир имкон намедиҳад, ки қонунгузор ҳамаи нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мукаммал, бидуни ихтилофҳои меъёрӣ, расмиёти маъмурӣ ва дигар намудҳои осебпазир пешбинӣ намояд.

Тамоми нозукиҳо, аз ҷумла комилии меъёрҳо, норасоии меъёрҳо, ихтилофоти дар меъёрҳо мавҷуда ва дар маҷмӯъ ҳама гуна хавфҳои коррупсионии ҷойдошта ва эҳтимолӣ дар санадҳои батанзимдарорандаи фаъолияти дохилӣ ва берунаи ташкилот, танҳо дар натиҷаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ошкору бартараф карда мешаванд.

Ба ҳолати имрӯза ҷиҳати дар фаъолияти ташкилотҳо муайян кардани хавфҳои коррупсионӣ ба ғайр аз Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дигар усул пешбинӣ нашудааст.

Тибқи тартиби пешниҳоднамудаи Методологияи мазкур гузаронидани таҳлили фаъолият шабоҳат ба тадқиқоти илмӣ дошта, дар раванди он бояд мутахассисони соҳибтаҷриба ва дорандагони дониши кофии соҳавӣ ҷалб карда шаванд.

Натиҷаи таҳлили хавфҳо дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳо бо назардошти рақамҳои болозикр нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам дар низоми қонунгузории мамлакат ихтилофҳои зиёди меъёрӣ вуҷуд доранд ва барои бартараф намудани онҳо масъулини

соҳаҳоро зарур аст, ки чораҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо манфиатовар буда, зарур аст, ки онҳо фаъолияти худро ҷиҳати коҳиш додан ва бартараф намудани хавфҳои коррупсионӣ мунтазам мавриди таҳлил қарор диҳанд ва танҳо дар ин сурат хавфҳои коррупсионӣ батадриҷ бартараф карда мешаванд.

Дигар омилхое, ки боиси сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи коррупсия мебошанд, тадбирҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегиранд. Бояд қайд намоем, ки тадбирҳои иҷтимоию – иқтисодӣ дар низоми тадбирҳои умумии иҷтимоӣ оид ба пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дар ин самт пеш аз ҳама, сухан дар бораи беҳбудии куллии вазъи иқтисодии давлат меравад. Новобаста аз он, ки маоши хизматчиёни давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад, зарур аст, ки ҷиҳати таъмин намудани сатҳи муносиби зиндагии хизматчиёни давлатӣ музди меҳнати кифоя ва ҳифзи иҷтимоии кормандони вазорату идора, корхона, муассиса ва ташкилотҳо дар муқоиса бо сохторҳои бахши хусусӣ ва болоравии таварум афзун карда шавад.

Сабаби дигаре, ки метавонад, омилҳои коррупсиониро ба миён оварад, ин дар шакли нақди амалӣ намудани ҳисобаробаркуниҳо мебошад. Дар вазорату идора ва ё ташкилоти муассисаҳое, ки пули нақд гардиш мекунад, ҳатман хавфҳои коррупсия ҷой дошта, кирдорҳои коррупсионӣ дида мешавад.

Дар ин самт, ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», аз 22 июни соли 2023 яке аз иқдомҳои саривақтӣ ва пешгирикунандаи амалҳои коррупсионӣ мебошад. Ин тадбир сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро дар мамлакат бартараф намуда, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши муҳим мегузорад.

Тибқи Фармони мазкур, шуруъ аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатнома, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шуд[8].

Истифодаи фаъоли системаҳои электронӣ яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии мамлакат маҳсуб ёфта, дар соҳаи хизматрасонии молиявӣ шаффофияти низоми молиявиро таъмин намуда, бюрократияро дар ин самт коҳиш медиҳад. Дастрасии зуд ва боэътимодро ба хизматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон кафолат дода, бешубҳа яке аз таҷрибаҳои муваффақи пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад.

Дигар роҳҳои самарабахши пешгирии коррупсия ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда, тарбия ва таълими зидди коррупсионӣ мебошад. Пеш аз ҳама таълими ибтидоии зидди коррупсия ва таълими касбии зидди коррупсия. Ғайр аз ин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари хабарӣ, аз ҷумла телевизион ва радио фаъолона паҳн намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ, тавсияҳои судманди коршиносон ва таҳлили омилҳои коррупсионӣ дар воситаҳои дигари ахбори омма ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин тадбирҳо шуури зиддикоррупсионии ҷомеаро баланд бардошта, ба омилҳои ахлоқию равонӣ мусоидат менамояд.

Ногуфта намонад, ки ноустуворӣ заминаҳои ахлоқӣ, равонӣ ё ин ки рӯҳӣ (психологии) сабабҳои содирнамои коррупсия шуда метавонанд. Ин анъанаҳои чандин асраи ришва ва тамаъҷӯӣ дар хизмати давлатӣ, аз сатҳи пасти дониши ҳуқуқии бархе аз аҳолӣ барои додан ва гирифтани пора ба хизматчиёни давлатӣ ё ин ки татбиқи манфиатҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ манша мегирад. Дар ин замина, танҳо бо омӯзиш ва бартараф кардани ин сабабҳо мо метавонем

чораҳои муассирро оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ андешем.

Амалӣ гардидани ин мақсад ва вазифаҳо ба баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Саидзода Ш.Н.**

## ФАКТОРЫ И МЕРЫ ПО УСТРАНЕНИЮ КОРРУПЦИИ

***Ключевые слова:*** причины и условия; уголовный кодекс; уголовная ответственность; коррупция; связь; взяточничество; фактор и проблема.

***Аннотация:*** Статья охватывает причинно-следственные проблемы и меры по предотвращению коррупции, приводятся статистические данные по анализу коррупционных деяний, относящихся к различным сферам деятельности общества. В этом направлении с результатами проведенного анализа и изучением мнений ученых и экспертов были представлены полезные предложения.

***Шарифзода Шарифбек Мурод*** - старший преподаватель кафедры теории государства и права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук. E-mail: sharifzodashm@gmail.com, Тел.: (+992) 938-87-07-07.

## FACTORS AND MEASURES OF ELIMINATING CORRUPTION

***Keywords:*** causes and conditions; criminal code; criminal liability; corruption; communication; bribery; factor and problem.

***Annotation:*** Article discusses the cause-and-effect problems and measures of preventing corruption, provides statistical data on the analysis of corruption acts related to various spheres of activity of the company. In this direction, useful suggestions were presented with the results of the analysis and the study of the opinions of scientists and experts.

***Sharifzoda Sharifbek Murod*** - senior lecturer at the Department of Theory of State and Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences. E-mail: sharifzodashm@gmail.com, Tel.: (+992) 938-87-07-07.

**Рӯйхати адабиёт**:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” 07.08.2020с.№1714 м.2. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files /Legislation/631_ tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 11.06.2023 с.).
3. Репетская А.Л. Вазъи кунунӣ, сохтор ва тамоюлҳои ҷинояткории Россия / А.Л. Репецкая // Паёми Донишгоҳи Омск. Силсилаи «Ҳуқуқ». – 2018. – №1 (54). – С. 151–156.
4. Диденко К.В., Невмовенко А.А. Баъзе ҷанбаҳои ҷинояткории пинҳонӣ дар Федератсияи Россия / К.В. Диденко, А.А. Невмовенко // Паёми Институти ҳуқуқи Белгород ВКД Россия ба номи И.Д. Путилина. – 2018. – №3. – С. 62–67.
5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Замимаи 1.

6. Аз нишасти матбуотии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/nishast-oi-matbuot/77-loi-ai-onun-ba-ta-iyakunandagon-bozpas-gardonida-shud/ №100 (4362) 03.08.2021с.

7. Муҳаммад Зокир, рӯзномаи «Садои мардум» Истиқлолияти давлатӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, №111-112 (4531-4532) 07.09.2022с.

8. Ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2023/07/isobbarobarkunii-ajrina-d-ar-to-ikiston-baroi-omoda-namudani-sha-rvandon-ba-in-amal-tadbir-oi-zarur-andeshida-meshavad/ (санаи муроҷиат: 26.09.2023).

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с поправками от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2013 года и 22 мая 2016 года (на таджикском и русском языках). - Душанбе: Гандж, 2016.

2. Закон Республики Таджикистан “О противодействии коррупции” 07.08.2020 г. №1714 м.2.. [Электронный ресурс].- Источник доступа: http://mmk.tj/system/files / Legislation/631_ tj_0.pdf (дата обращения: 11.06.2023 С.).

3. Репецкая А.Л. Современное состояние, структура и тенденции российской преступности / А.Л. Репецкая // Вестник Омского ун–та. Серия «Право». – 2018. – №1 (54). – С. 151–156.

4. Диденко К.В., Невмовенко А.А. Некоторые аспекты латентной преступности в Российской Федерации / К.В. Диденко, А.А. Невмовенко // Вестник Белгородского юрид. ин–та МВД России им. И.Д. Путилина. – 2018. – №3. – С. 62–67.

5. Указ Президента Республики Таджикистан от 3 августа 2021 года № 222 «О Государственной стратегии борьбы с коррупцией в Республике Таджикистан на период до 2030 года» Приложение 1.

6. Из пресс-конференции Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией по Республике Таджикистан [Электронный ресурс]. - Источник доступа: https://sadoimardum.tj/nishast-oi-matbuot/77-loi-ai-onun-ba-ta-iyakunandagon-bozpas-gardonida-shud/ #100 (4362) 08.03.2021 с.

7. Мухаммад Закир, Газета «Голос народа», Государственная независимость и законодательное развитие Республики Таджикистан, № 111-112 (4531-4532) 09.07.2022 с.

8. Безналичный учет: [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://khovar.tj/2023/07/isobbarobarkunii-ajrina-d-ar-to-ikiston-baroi-omoda-namudani-sha-rvandon-ba-in-amal-tadbir-oi-zarur. - андешида-мешавад/ (дата обращения: 26.09.2023).

**List of literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994, as amended on September 26, 1999, June 22, 2013 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian languages). - Dushanbe: Ganj, 2016.

2. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Corruption” 08/07/2020 No. 1714 m.2.. [Electronic resource]. - Access source: http://mmk.tj/system/files/Legislation/631_tj_0.pdf ( access date: 06/11/2023 C.).

3. Repetskaya A.L. Current state, structure and trends of Russian crime / A.L. Repetskaya // Bulletin of Omsk University. Series "Law". – 2018. – No. 1 (54). – pp. 151–156.

4. Didenko K.V., Nevmovenko A.A. Some aspects of latent crime in the Russian Federation / K.V. Didenko, A.A. Nevmovenko // Bulletin of Belgorod Law. Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia named after. I.D. Putilin. – 2018. – No. 3. – pp. 62–67.

5. Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated August 3, 2021 No. 222 "On the State Strategy for Combating Corruption in the Republic of Tajikistan for the Period until 2030" Appendix 1.

6. From the press conference of the Agency for State Financial Control and Anti-Corruption in the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: https://sadoimardum.tj/nishast-oi-matbuot/77-loi-ai-onun-ba-ta-iyakunandagon-bozpas-gardonida-shud/ #100 (4362) 03/08/2021 p.

7. Muhammad Zakir, Newspaper "Voice of the People", State independence and legislative development of the Republic of Tajikistan, No. 111-112 (4531-4532) 07/09/2022 p.

8. Cashless accounting: [Electronic resource]. Access source: https://khovar.tj/2023/07 /isobbarobarkunii-ajrina-d-ar-to-ikiston-baroi-omoda-namudani-sha-rvandon-ba-in-amal-tadbir-oi-zarur. - andeshida-meshawad/ (date of access: 09/26/2023).



**УДК: 343.6**

**Шарифзода Фарангис Шариф,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: farangis.sharif@bk.ru*
*Тел.: (+992) 888-60-80-08.*

# ТАҲЛИЛИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ВА РАСОНИДАНИ КУМАК БА ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН»

***Калидвожаҳо:*** санади меъёрии ҳуқуқӣ; ихтилофот; қонун; савдои одамон; ҷиноят; истисмор; қурбонии савдои одамон.

***Аннотатсия:*** Дар мақола мушкилот ва ихтилофот дар санади қонунгузорӣ дар самти савдои одамон ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии қонунгузорӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар ҷомеаи муосир озодии инсон яке аз арзишҳои олӣ ва таъмини дахлнопазирии шахс вазифаи асосии давлат ба шумор меравад. Савдои одамон дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шакли муосири ғуломӣ тахти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Хусусияти фаромиллӣ ва муташаккили ҷинояти мазкур фаъолияти ҳамбаста, фарогир ва ҳамаҷониба бо ҳам мувофиқашудаи давлатҳоро тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ дар канор набуда, дар самти мазкур як қатор тадбирҳои назаррас ва мушаххасро роҳандозӣ намудааст. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ аз моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, ҳамзамон мутобиқи моддаи 18 он дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад [1]. Бояд зикр намуд, ки дар ин самт қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар ҷараёни такмил қарор дорад. Ҳанӯз 15 декабри соли 2000 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва протоколҳои иловагии он, аз ҷумла Протокол дар бораи пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он ва Протоколи зидди воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво имзо ва 29 майи соли 2002, №645 тасдиқ гардид. Дар баробари ин, аз ҷониби Тоҷикистон 26 декабри соли 1993 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва 5 августи соли 2002 Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки ба фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона дахл дорад ба тасвиб расид.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №33 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ намудани кирдорҳои алоқаманд ба савдои одамон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Иқдоми нисбатан муҳим ин таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» аз 15 июли соли 2004, №47 ва дар таҳрири нав Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014, №1096 (минбаъд - Қонун) ба шумор меравад.

Қонун аз 9 боб ва 48 модда иборат буда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон, системаи чораҳо оид ба ҳифз, расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон ва тавонбахшии онҳоро муқаррар карда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти

муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон танзим менамояд.

Гарчанде, Қонун пайваста мавриди такмил қарор дорад, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои он бо санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда собит сохт, ки бо дарназардошти якчанд асосҳо мукаммалгардонии минбаъда аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Мафҳуми бештар мувофиқашудаи савдои одамон дар Протокол дар бораи пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он (минбаъд – Протокол) оварда шудааст, ки мутобиқи он:

«савдои одамон маънои бо мақсади истисмор ҷалб кардан, интиқол додан, супоридан, пинҳон кардан ё ба даст овардани одамон бо роҳи таҳдиди зӯроварӣ ё татбиқи он, ё дигар шаклҳои маҷбурнамоӣ, рабудан, қаллобӣ, фиреб, сӯистифода аз мансаб ё ҳолати оҷизӣ ё бо роҳи ришвадиҳӣ дар намуди маблағ ё фоида барои ба даст овардани розигии шахсе, ки шахси дигарро назорат менамояд, фаҳмида мешавад. Истисмор ҳадди ақал истифодаи фоҳишагарии шахсони дигар ё дигар шаклҳои истифодаи шаҳвонӣ, меҳнати маҷбурӣ ё хизматрасонӣ, ғуломӣ ё урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд, вазъияти ноилоҷӣ ё гирифтани узвро дар бар мегирад» [2].

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии меъёри қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ муайян карда шуд, ки гарчанде меъёри қонунгузории миллӣ дар маҷмӯъ ба Протокол мутобиқ мебошад, вале якчанд номутобиқатии меъёрҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар Протокол зимни шарҳи «савдои одамон» мафҳумҳои «хариду фурӯш» ва «дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ»-истифода нашудааст. Дар робита ба ин, баъзе олимон бо такя ба душвории лингвистикии тарҷумаи мафҳуми «human trafficking», ки «traffic» маънои ҳаракат ё транзитро дорад, дар он ақидаанд, ки «хариду фурӯш» моҳиятан ба мафҳуми мазкур мутобиқ набуда, ҳамзамон тавсифи тарафи объективии таркиби ҷиноятро вобаста ба савдои одамон душвор менамояд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо Протокол дар шарҳи мафҳуми савдои одамон дар баробари ҷалб кардан, интиқол додан, пинҳон кардан ва супоридан, инчунин «пешниҳод намудан» ҳамчун амал пешбинӣ гардидааст, ки метавонад мушкилиҳоро дар амалия эҷод намояд. Зеро, мафҳуми «пешниҳод намудан» дар савдои одамон аслан ба маънои пешниҳоди шифоҳӣ фаҳмида мешавад, зеро қадами минбаъдаи он дар савдои одамон «супоридани одам» ба шумор меравад. Инчунин, зарур аст, ки дар баробари пешниҳоди одам субъекти кирдори мазкур амалҳои минбаъдаро, ба монанди омода намудани ҳуҷҷати шахсе, ки ҳамчун қурбонии савдои одамон дода мешавад, паҳн намудани иттилооти дахлдор ва монанди инҳо, иҷро намояд. Вагарна, исботи далели содир намудани ҷинояти мазкур душвор мегардад.

Мутобиқи мафҳуми дар Протокол пешбинишуда мақсади савдои одамон истисмори одам ба шумор меравад. Дар асоси қонунгузории миллӣ бошад, савдои одамон дар баробари истисмори одам, инчунин бо мақсади бо дигар тарз ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ мумкин аст амалӣ карда шавад. Чунин васеъ пешбинӣ шудани мақсади савдои одамон дар қонунгузории миллӣ дуруст арзёбӣ мегардад. Зеро, шахсе, ки нафари дар вобастагии худ қарордоштаро бинобар ғайриимкон будани нигоҳубини ӯ ба нафари дигар месупорад мумкин аст кирдори мазкурро на бо мақсади истисмори одам, балки барои таъмини зиндагии арзанда ба шахси дар парасториаш қарордошта ва ё ба даст овардани фоида амалӣ намояд. Бинобар ин, дар сурати ба Протокол мутобиқ намудани мафҳуми савдои одамон кирдори ба ҷамъият хавфноки шахс, ки на бо мақсади истисмори одам, балки бо мақсади ба даст овардани фоида содир гардидааст, мумкин аст ҳамчун савдои одамон бандубаст нагардад. Бо дарназардошти ин, дар мавриди мазкур васеъ шарҳ ёфтани мақсади савдои одамон дар қонунгузории миллӣ на ин ки камбудӣ, балки ҳамчун таҷрибаи мусбат ва пешрафта аз

нигоҳи меъёрэҷодкунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар Протокол, инчунин мафҳуми «истисмор» шарҳ дода шудааст, ки иборат аст аз ҳадди ақали истифодаи фоҳишагарии шахсони дигар ё шаклҳои дигари истифодаи шаҳвонӣ, меҳнати маҷбурӣ ё хизматрасонӣ, ғуломӣ ё урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд, вазъияти ноилоҷӣ ё гирифтани узв.

Истифода гардидани истилоҳи «ҳадди ақал» имкон медиҳад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани шаклҳои нави истифодаи одам он ҳамчун истисмор эътироф карда шавад. Гарчанде, дар қонунгузории миллӣ мафҳуми истисмор хеле васеъ шарҳ дода шудааст, вале бо вуҷуди ин мафҳуми мазкур наметавонад бо дарназардошти рушди босуръати муносибатҳо ҳамаи шаклҳои истифодаро фарогир бошад.

Аз ҷумла, бо дарназардошти рушди технологияи информатсионӣ ба инобат гирифтани эҳтимоли амалӣ намудани савдои одамон тавассути шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, махсусан шабакаи Интернет зарур арзёбӣ мегардад. Зеро, фазои виртуалӣ ҳудуд надошта, воситаҳои гуногуни паҳнкунии иттилоот, инчунин доираи васеи истифодабарандагони шабакаи Интернет ва имконияти савдои электронии одамон метавонад субъектони ҷинояти мазкурро ба худ ҷалб намояд. Бинобар ин, дар мафҳуми «истисмор» дар қонунгузории миллӣ илова намудани калимаҳои «ҳадди ақал» бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва рушди босуръати технологияи муосир саривақтӣ мебошад.

Зимни таҳлили қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ маълум мегардад, ки байни мафҳумҳои “савдои одамон” ва “савдои кӯдакон” ягонагӣ вуҷуд надорад.

Мутобиқи Протокол «ҷалб кардан, интиқол додан, супоридан, пинҳон кардан ё ба даст овардани кӯдак бо мақсади истисмор, новобаста аз тарзҳои ҳангоми он истифодашаванда «савдои одамон» эътироф мешавад…». Яъне, дар Протокол мафҳуми «савдои кӯдакон» дар алоҳидагӣ шарҳ дода нашуда, амалӣ намудани яке аз кирдорҳои зикршуда бо мақсади истисмори кӯдак ҳамчун савдои одамон маънидод гардидааст.

Ба ақидаи олими тоҷик Б.Р. Бухориев моддаи 167 «Савдои кӯдакон» такрори муқаррароти моддаи 130(1) «Савдои одамон» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, хориҷ намудани моддаи 167 ва илова намудани қисми нав ба моддаи 130(1) бо дарназардошти вазнин намудани ҷазо вобаста ба савдои кӯдакон пешниҳод карда шудааст [3].

Таҷрибаи мазкур дар Федератсияи Россия татбиқ гардида, ба ақидаи олимони рус, аз ҷумла О.В. Пристанская ва Л.Ю. Егорова қисман ба декриминализатсияи ҷинояти савдои кӯдакон овардааст. Бинобар ин, пешниҳод гардидааст, ки моддаи Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои савдои кӯдакон пешбинӣ менамуд, барқарор карда шавад [4].

Дар моддаи 2 Протоколи факултативии Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мафҳуми савдои кӯдакон пешбинӣ гардидааст, ки иборат аст аз дилхоҳ амал (аҳд), ки тавассути он кӯдак ба дигар шахс (гурӯҳи шахсон) супорида мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро эътироф карда, ҳамзамон мутобиқи моддаи 35 он барои амалӣ намудани чораҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирии савдои кӯдакон уҳдадор гардидааст. Бо дарназардошти ин, дар моддаи алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидани ҷавобгарӣ вобаста ба савдои кӯдакон мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” дар ҳолати зарурати дақиқ намудани ислоҳот ва мафҳумҳои дар санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашуда дар санад моддае (қисме, банде) оварда мешавад, ки дар он моҳияти ин ислоҳоту мафҳумҳо шарҳ дода мешавад [5]. Вале, дар сархати ёздаҳуми моддаи 1 Қонун мафҳумҳои “иръоб (шантаж)” ва “туризми шаҳвонии кӯдакон” шарҳ дода шудааст, ки дар матни Қонун танҳо як маротиба истифода мегардаду халос. Мафҳуми “содир намудани ҷиноят бо истифода аз вазъи хизматии худ” оммафаҳм арзёбӣ гардида, ҳамзамон дар моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мазмуни он шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки бо дарназардошти талаботи қисми 3 моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” шарҳи мафҳумҳои болозикр дар Қонун мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар ҳамон як санади меъёрии ҳуқуқӣ набояд такроран баён карда шаванд. Зимни экспертизаи ҳуқуқӣ дар матни Қонун якчанд меъёрҳои мазмунан такроршаванда муайян карда шуданд, ки мутобиқ намудани онҳо ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ зарур мебошад. Аз ҷумла:

- сархати якуми қисми 3 моддаи 4 Қонун бо сархати чордаҳуми қисми мазкур вобаста ба махфиёна будани иттилоот дар бораи қурбониёни савдои одамон;
- сархати сеюми қисми 4 моддаи 16 Қонун ва сархати сеюми қисми 5 ҳамин модда. Дар мавриди якум пешбинӣ гардидааст, ки комиссияи байниидоравӣ ва комиссияҳои ҳудудӣ дар доираи салоҳияти худ қабул, мураттабсозӣ, таҳлили ариза ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вобаста ба масъалаҳои савдои одамон ташкил менамоянд. Дар сархати сеюми қисми 5 моддаи 16 Қонун бошад, шаклҳои амалӣ намудани ваколатҳои комиссияи байниидоравӣ ва комиссияҳои ҳудудӣ муайян гардидааст, ки мутобиқи он ариза ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вобаста ба масъалаҳои савдои одамон қабул, мураттаб ва таҳлил менамоянд;
- қисми 2 ва қисми 4 моддаи 16 Қонун ваколати комиссияи байниидоравиро танзим менамояд. Пешниҳод мегардад, ки аз қисми 4 моддаи зикршуда масъалаи хориҷ намудани калимаҳои “Комиссияи байниидоравӣ ва” мавриди баррасӣ қарор дода шавад;
- сархати 1 қисми 4 моддаи 7 ва қисми 1 моддаи 18 Қонун вобаста ба таъсиси махзани ягонаи маълумот дар бораи ҷиноятҳо дар самти савдои одамон, ки ваколати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таклифҳои зикршуда хусусияти илмӣ – амалӣ дошта, барои такмили қонунгузорӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ.**

## АНАЛИЗ ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН “О ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ И ОКАЗАНИИ ПОМОЩИ ЖЕРТВАМ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ”

***Ключевые слова:*** нормативно-правовой акт; коллизия; закон; торговля людьми; преступление; эксплуатация; жертва торговли людьми.

***Аннотация:*** В статье анализируются проблемы и коллизии в законодательном акте в сфере торговли людьми и пути повышения эффективности законодательства.

***Шарифзода Фарангис Шариф*** – начальник отдела законодательства по государственному устройству, судебным органам и правоохранительной деятельности Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: farangis.sharif@bk.ru, Тел.: (+992) 888-60-80-08.

## ANALYSIS OF THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN “ON COMBATING HUMAN TRAFFICKING AND PROVIDING ASSISTANCE TO VICTIMS OF HUMAN TRAFFICKING”

***Keywords:*** normative-legal act; collisions; law; human trafficking; crime; exploitation; victim of human trafficking.

***Annotation:*** The article analyzes the problems and collisions of legal act in the sphere human trafficking, ways to improve the efficiency of legislation.

***Sharifzoda Farangis Sharif*** - Head of the Department of Legislation on State Structure, Judicial Bodies and Law Enforcement Activities of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: farangis.sharif@bk.ru, Тел.: (+992) 888-60-80-08.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016.

2. Протокол дар бораи пешгирӣ ва қатъи савдои одамон, махсусан занон ва кӯдакон ва ҷазо барои он, илова ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳидро бар зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ -https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/protocol1 .shtml (санаи муро ровиат 13.04.2023).

3. Бухориев Б. Р. Чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии пешгирии савдои одамон (аз рӯи маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореф. дис... номз. илм. ҳуқуқ. М., соли 2018.

4. Торговова Л. Ю. Савдои ноболиғон: мушкилоти тахассусӣ: автореф. дис... номз. илм. ҳуқуқ. М., с. 2007.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, аз 30 майи соли 2017, №1414// Махзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “Адлия” 7.0 (санаи муроҷиат 13.04.2023).

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе: Издательство Гандж, 2016.

2. Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее, дополняющий Конвенцию Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности -https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/protocol1.shtml (дата обращения 13.04.2023).

3. Бухориев Б. Р. Уголовно-правовые меры предупреждения торговли людьми (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. канд. юрид. наук. М., 2018.

4. Егорова Л.Ю. Торговля несовершеннолетними: проблемы квалификации: автореф. дис. канд. юрид. наук. М., 2007.

5. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года № 1414// Центральная база данных правовой информации «Адлия» 7.0 (дата обращения 13.04.2023).

**List of literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan. Dushanbe: Ganj Publishing House, 2016.

2. Protocol to Prevent, Suppress and Punish Trafficking in Persons, Especially Women and Children, supplementing the United Nations Convention against Transnational Organized Crime - https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/protocol1. shtml (date of access 04/13/2023).

3. Bukhoriev B. R. Criminal legal measures to prevent trafficking in persons (based on materials from the Republic of Tajikistan): abstract. dis. Ph.D. legal Sci. M., 2018.

4. Egorova L.Yu. Trafficking in minors: problems of qualification: dissertation abstract. dis. Ph.D. legal science M., 2007.

5. Law of the Republic of Tajikistan “On normative legal acts” dated May 30, 2017 No. 1414 // Central database of legal information “Adlia” 7.0 (date of access 04/13/2023).



**УДК: 343.1**

**Ҳабибова Беназир Халиловна,**
*лаборанти калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: benazir_84@mail.ru*
*Тел.: (+992) 933-87-87-86.*

# ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШИ ҶАБРДИДА ДАР ҲОЛАТҲОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

***Калидвожаҳо:*** пурсиш; ҷабрдида; ба худкушӣ расондан; худкушӣ; тафтиши парванда; гумонбаршуда; айбдоршаванада; тафтишот; парвандаи ҷиноятӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақола хусусиятҳои ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида аз рӯйи парвандаҳои ба худкушӣ расондан баррасӣ мешавад. Номгӯйи ҳолатҳое, ки ҳангоми пурсиши ҷабрдидаи ҷинояти мавриди назар қарордошта муайян карда мешаванд. Муаллиф бо истифодаи адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ мавзӯи мазкурро таҳлил намудааст, ки натиҷаи он ба субъектони пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ кӯмак карда метавонад.

Дар заминаи баррасии хусусиятҳои тафтиши парвандаҳои ба худкушӣ расондан, қайд кардан ҷоиз аст, ки шоҳидон, гумонбаршуда (айбдоршаванда), инчунин худи ҷабрдида, агар ӯ пас аз қасди худкушӣ зинда монда бошад, пурсиш бояд карда шаванд. Смирнова И.Г., Коломинов В.В. дар асари худ зикр мекунанд, ки пурсиш ҳамчун амали тафтишӣ имконияти ба даст овардани далелҳои мукаммал ва нишондодҳои объективӣ ҳамчун тарзи ташаккули далелҳо буда, аҳаммияти баланди тафтиширо доро аст [4, с. 27].

Яке аз роҳҳои маъмултарини гирифтани маълумот аз ҷабрдида дар парвандаи ҷиноятӣ пурсиш ба шумор меравад [1, с. 56]. Пурсиш ҳамчун расмиёти бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии танзимшаванда, ки бевосита аз пурсидашаванда ба даст овардани маълумоти ба парванда дахлдошта нигаронида шудааст.

Ба ақидаи Возгрин И.А. дар айни замон шахси пурсидашаванда вазифадор аст, ки танҳо ба он саволҳо ҷавоб диҳад ва танҳо дар бораи он ҳолатҳое, ки бо иштироки бевосита дар онҳо ё роҳи гирифтани маълумот аз шахсони сеюм ба ӯ маълуманд, нишондод диҳад. Ақидаи муаллиф қисман баҳсангез мебошад, дар мавриде, ки субъекти пурсиш шахси ҷабрдида бошад, он гоҳ додани маълумот ҳамчун уҳдадории ӯ бароммад мекунад.

Профессор Г.С. Фелдштейн қайд карда буд, ки «муҳимтарин ва ҷиддитарин далелҳо нишондоди ҷабрдида ба шумор меравад. Охиринҳо дар ҷараёни тафтишот нақши таҳкурсиеро мебозанд, ки қарор ба он асос ёфтааст» [5, с. 432].

Нишондоди ҷабрдида маълумоте мебошад, ки дар ҷараёни амали пурсиш вобаста ба ҳолати кор ахборотҳои саҳеҳро пешниҳод кардааст.

Ҷабрдидаро аз рӯйи ҳар ҳолат пурсиш кардан мумкин аст, ки он ҳолатҳо бояд дар мурофиаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, аз ҷумла муносибати онҳо бо гумонбаршуда, айбдоршаванда.

Ҷабрдида уҳдадор аст, ки нишондод диҳад, дар сурати ҳозир нашудан бо даъвати муфаттиш, ӯ метавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва барои саркашӣ аз додани нишондод ва нишондодҳои бардурӯғ (ғалат) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Чунин ба назар мерасад, ки ҷабрдида на танҳо маълумотро дар бораи ҳолатҳои барои тафтишот алоқаманд хабар медиҳад, балки онҳоро шарҳ медиҳад, дар бораи гумонбаршудагони эҳтимолӣ фикрашро баён мекунад.

Яке аз камбудиҳои ҷиддии кори муфаттишон бо ҷабрдидагон аз ҳад зиёд пурсиш кардани онхо мебошад. Дар мавриди пурсишҳои ибтидоӣ аз ҷабрдида тамоми маълумоти зарурӣро гирифта, ба саволҳое, ки барои тафтишот зарурат надоранд, пешниҳод кардан нодуруст аст.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки пурсишҳои иловагӣ бояд истисно карда шаванд. Бо вуҷуди ин, онҳоро танҳо дар мавридҳои зарурият барои аниқ кардани ҳолатҳои муҳимми кор, дар вазъияте, ки аз рӯйи парванда маълумоти нав пайдо шудааст, гузаронидан мумкин аст.

Аз тарафи дигар, пурсиши иловагӣ дар ҳолати мавҷуд набудани маълумотҳои нав боиси беҳуда сарф шудани вақт ва кӯшиши ҳам муфаттиш ва ҳам ҷабрдида, хашмгин шудани охирин мегардад, ки эҳтимолияти ҳозир нашудани ӯро ба суд зиёд мекунад, гум кардан, таҳриф кардани маълумотҳо, фишор овардан ба ӯ аз ҷониби айбдоршаванда, хешовандон ва дӯстонаш мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки нишондоди ҷабрдида барои бомуваффақият ошкор ва тафтиши ба худкушӣ расондан муҳим аст.

Нақшаи пурсиш намудани ҷабрдида аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятҳои баррасишаванда, пеш аз ҳама, аз рӯйи масъалаҳои бевосита таъсири равонӣ ва ё ҷисмонӣ расонидан ба ҷабрдида, ки боиси ба худкушї расондани он гаштааст, тартиб дода мешавад [2, с. 38-41].

Хусусиятҳои пурсиши ҷабрдидаро аз рӯйи парвандаҳои ба худкушӣ расондан баррасӣ менамоем. Пеш аз оғози пурсиш аз тарафи муфаттиш бояд далелҳои зерин ошкор карда шаванд: ангезаи худкушӣ; нафароне, ки нисбат ба ҷабрдида зӯроварии ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ содир кардаанд; чанд маротиба, дар кадом ҷой ва бо чӣ тарз зӯроварии ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ зуҳур гардидааст; кӣ шоҳиди ин ҳодиса буд; ба ҷабрдида чӣ гуна кумак расонида шуд; барои чӣ ҷабрдида мунокишаро бо роҳи дигар, бидуни кӯшиши қасди ҷони худ ҳал карда натавонист; муносибати чабрдида ба ба оқибати ҳодиса; оё ҷабрдида қаблан қасди худкушӣ карда буд?; оё ҷабрдида дар бораи нияти содир кардани худкушӣ ба касе нагуфтааст, агар чунин бошад, ба кӣ ва дар кадом ҳолатҳо ва ғайра.

Аз ҷабрдида муфассал пурсидан лозим аст, ки оё айбдоршаванда аз дардҳои ӯ огоҳ буд, агар медонист, ӯ дар ин бора чӣ гуна муносибат мекард, дар ин бора чӣ гуфтааст ва ба кӣ? Дар баробари ин, зарур аст, ки тахмини эҳтимолии айбдоршавандаро тафтиш кард, ки вай гумон карда наметавонист, ки амали ӯ боиси таҳқир ва паст задани ҷабрдида ва боиси қасди худкушӣ мегардад.

Ҷабрдида дар навбати худ метавонад шоҳидонеро номбар кунад, ки онҳо тасдиқ кунанд, ки айбдоршаванда аз эҳсосоти манфии ҷабрдида огоҳ буд.

Ҷабрдидае, ки пас аз сӯиқасди худкушӣ зинда мондааст, одатан, дар ҳолати вазнин қарор дорад, зеро ба ҷузъ аз зӯроварии равонӣ ё ҷисмонӣ, ки боиси қасди худкушӣ гардид, ӯ осеби шадиди равонӣ гирифтааст.

Раванди пурсиш барои ҷабрдида таъсири равонӣ расониданаш мумкин аст ва он метавонад ба фикрҳои бори дигар кӯшиши худкушӣ мусоидат кунад. Дар ин маврид ба мақсад мувофиқ аст, ки пеш аз пурсиши ҷабрдида муфаттиш хулосаи духтури равонпизишкро оиди ҳолати равонии ҷабрдида гирад. Дар ташкили пурсиши ҷабрдида, муфаттиш бояд кори худро хеле фаврӣ ба роҳ монад, чунки ҷабрдидагон аксар вақт аз ҷониби шахсони гунаҳкор ва хешовандони онҳо тахти таъсиррасонии равонӣ қарор гирифта, аз додани нишондод даст мекашанд ё онҳоро тағйир медиҳанд; ғайр аз ин, дар натиҷаи ҷароҳатҳои бардошташуда, аксар мавридҳо онҳо новобаста аз чораҳои расонидашудаи хусусияти тиббидошта, ба ҳалокат мерасанд.

Бинобар ин, ҳангоми пурсиш махсусан бо ёрии воситаҳои техникӣ зикр кардани нишондодҳо муҳим буда, аҳаммияти калон дорад.

Ин барои он муфид аст, ки пурсиши ҷабрдида, ки дар ҳолати вазнин қарор дорад, дар шакли суҳбат сурат мегирад ва сабт дар протокол ба таври кӯтоҳ сурат мегирад, то ин ки ҷабрдида хаста нагардида, дилгир нашавад. Аксар вақт протоколро корманди тиб, ки ҳангоми пурсиш ҳузур дорад, имзо мекунад.

Дар ҳамаи мавридҳо чун қоида: ҷабрдида дар мавриди зинда буданаш бояд пурсиш карда шавад.

Дар ҳар ҳолат, вазифаи асосии муфаттиш ҳангоми пурсиш кардани ҷабрдида барои ба худкушӣ расондан гирифтани маълумоти боэътимод ва мукаммал аз шахси пурсидашаванда мебошад.

Агар нишондод ҳақиқӣ буда, вале нопурра бошад ва баъзе ҳолатҳои даркшуда фаромӯш шуда бошанд, пас (бо нишон додани муносибати мусбии муфаттиш ба мавқеи софдилонаи шахси пурсидашаванда) хатои эҳтимолие, ки ба миён омадааст, ошкор кардан лозим аст. Масалан, бояд қайд кард, ки баъзе хусусиятҳои пурсиши ҷабрдида, ки зинда мондааст, вобаста ба тарзи худкушӣ интихобкардан зарурат дорад.

Ҳангоми пурсиши ҷабрдида, ки қасди худкушӣ карданро бо роҳи заҳролудшавӣ бо миқдори зиёди воситаҳои доруворӣ кардааст, ба ғайр аз ҳолатҳои умумӣ бояд, ки маълумотҳои дигарро низ дақиқ кард: чаро ҷабрдида ин тарзи худкуширо интихоб кардааст, воситаҳои доруворириро аз куҷо гирифтааст, кадом доруҳо, кадоме аз онҳоро бо кадом миқдор, онҳо чӣ гуна буданд, оё ҷабрдида медонист, ки воситаҳои доруворӣ барои чӣ пешбинӣ шудаанд.

Ҳангоми пурсиш кардани ҷабрдида, ки худкуширо ҳамчун тарзи ба дор овехтан интихоб кардааст, аз ҷумла чунин ҳолатҳо маълум мешаванд: ӯ ресмон ё дигар ашёи мувофиқро аз куҷо гирифтааст, он чӣ гуна буд, дарозии он чӣ миқдор буд, маҳз ресмонро дар куҷо бастааст, инчунин пеш аз қасди худкушӣ дар атрофи худ чиро ва киҳоро мушоҳида кардааст, кӣ маҳз кӯшиши худкуширо қатъ кард ва бо ҷабрдида чӣ ҳодиса рӯй дод.

Барои гирифтани нишондоди боэътимод муфаттиш метавонад танҳо дар он сурате ҳалшуда ҳисоб карда шавад, ки агар ин нишондод ҳангоми пурсиш, ки бо риояи қатъии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронида шуда бошад.

Яке аз тарзҳои тактикие, ки ҳангоми пурсиш кардани ҷабрдида бо мақсади аз ӯ гирифтани нишондоди боэътимод, дуруст ва пурра ин ба роҳ мондани робитаи равонӣ байни муфаттиш ва пурсидашаванда мебошад.

Ба вуҷуд овардани чунин муносибатҳо, ки дар он пурсидашаванда аз муошират бо муфаттиш худдорӣ намекунад, дар канор намемонад, хомӯш наистад, балки бо хоҳиши додани нишондоди ҳақиқӣ фаро гирифта шуда бошад. Ҳангоми додани саволҳо эҳтиёт бояд кард, ки кадом савол барои муфаттиш таваҷҷуҳи хосса дорад ва ӯ чӣ гуна ҷавоб гирифтан мехоҳад.

Муфаттиш барои ба даст овардани нишондодҳои воқеӣ бояд ба инобат гирад, ки ба ӯ натиҷаи тасодуфӣ лозим нест, ки ба осонӣ бо истифода аз роҳҳои шубҳанок ё бевосита манъшуда, ба монанди саволҳои пешбаранда, боваркунонӣ, ваъда, фиреб ва ғайра ба даст оварда мешавад [3, с. 67].

Нишондоде, ки муфаттиш аз ҷабрдида мегирад, бояд воқеъбинона бошад, чунки ин маълумотҳо дар раванди тафтишот чанд маротиба санҷиш карда мешаванд.

Ҷабрдида бояд огоҳ карда шавад, ки агар нишондоди ӯ дар суд аз нишондоди ба муфаттиш додашуда ба таври назаррас фарқ дошта бошад, дар ин маврид, охирин дар суд эълон карда мешавад ва онҳо бояд дар бораи сабабҳои ихтилофот шарҳ диҳанд ва агар нишондодҳои ҳақиқӣ ба дурӯғ табдил дода шуда бошад, ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан омодагии зарурираро тақозо намуда, интихоби тарзи дурусти тактикаи гузаронидани онро талаб мекунад. Ин имкон медиҳад, ки далелҳои дар рафти тафтиши пешакӣ ба даст овардашударо пурра мустаҳкам карда, шахси ҷиноятсодирнамударо ошкор намуда, мувофиқи талаботи қонунгузории миллӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намоем.

**Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Назаров А.Қ.**

## ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОВЕДЕНИЕ ДОПРОСА ПОТЕРПЕВШЕГО ПО ДЕЛАМ О ДОВЕДЕНИИ ДО САМОУБИЙСТВА

***Ключевые слова:*** допрос; жертва; довести до самоубийства; самоубийство; расследование дела; подозреваемый; обвиняемый; расследование; уголовное дело.

***Аннотация:*** В статье рассматриваются особенности организации и проведения допроса потерпевшего по делам о самоубийстве. Перечень обстоятельств, определяемых при допросе жертвы рассматриваемого преступления. Автор проанализировал данную тему с помощью правовой и законодательной литературы, результаты которой могут помочь ведущим субъектам уголовного преследования.

***Хабибова Беназир Халиловна*** - старший лаборант кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: benazir_84@mail.ru, Тел.: (+992) 933-87-87-86.

## ORGANIZATION AND CONDUCT OF INTERROGATION OF THE VICTIM IN CASES OF INCITEMENT TO SUICIDE

***Keywords**:* interrogation; victim; drive to suicide; suicide; investigation of the case; suspect; accused; investigation; criminal case.

***Annotation:*** The article discusses the specifics of the organization and conduct of interrogation of a victim in suicide cases. A list of circumstances determined during the interrogation of the victim of the crime in question. The author analyzed this topic with the help of legal and legislative literature, the results of which can help the leading subjects of criminal prosecution.

***Khabibova Benazir Khalilovna*** - senior laboratory assistant of the department criminology and forensic science activities of the law faculty of Tajik national university. E-mail: benazir_84@mail.ru, Tel.: (+992) 933-87-87-86.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бурданова В.С. Тадқиқоти барангехтани худкушӣ: Китоби дарсӣ. нашри 2, ваҳ. ва иловагӣ Санкт-Петербург 2001. – 56 с.
2. Ильин Н.Н. Ба худкушӣ оварда расонидани шахс: таърих ва муосир // Муфаттиши рус. 2016. No23. – с.38-41.
3. Соловьев А.Б. Пурсиши шоҳид ва ҷабрдида. – М. 1974. – 128 с.
4. Смирнова И.Г., Коломинов В.В. Хусусиятҳои тактикии пурсиш дар парвандаҳои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ // Ахбори Академияи давлатии иқтисодии Иркутск (Донишгоҳи давлатии иқтисод ва ҳуқуқи Байкал). 2015. Т. 6, № 3. ДОИ: 10.17150/2072-0904. 2015.6 (3).27. (санаи дастрасӣ: 02/27/2016).
5. Фелдштейн Г.С. Лексияҳо оид ба мурофиаи ҷиноятӣ. –Москва: Типолитография В.Рихтер, 1915. – 432 с.

**Список литературы:**

1. Бурданова В.С. Расследование доведения до самоубийства: Учебное пособие. 2-е изд., испр. и доп. СПб. 2001. – 56 с.
2. Ильин Н.Н. Доведение лица до самоубийства: история и современность // Российский следователь. 2016. № 23. – С. 38-41.
3. Соловьев А.Б. Допрос свидетеля и потерпевшего.– М. 1974. – 128 с.
4. Смирнова И.Г., Коломинов В.В. Тактические особенности производства допроса по делам о преступлениях в сфере компьютерной информации // Известия Иркутской государственной экономической академии (Байкальский государственный университет

экономики и права). 2015. Т. 6, № 3. DOI : 10.17150/2072-0904. 2015.6 (3).27. (дата обращения: 27.02.2016).

5. Фельдштейн Г.С. Лекции по уголовному судопроизводству. –Москва: Типо-литография В. Рихтер, 1915. – 432 с.

**List of literature:**

1. Burdanova V.S. Investigation of incitement to suicide: A textbook. 2nd ed., rev. and additional St. Petersburg 2001. – 56 p.

2. Ilyin N.N. Driving a person to suicide: history and modernity // Russian investigator. 2016. No. 23. – pp. 38-41.

3. Soloviev A.B. Interrogation of the witness and the victim. – M. 1974. – 128 p.

4. Smirnova I.G., Kolominov V.V. Tactical features of interrogation in cases of crimes in the field of computer information // News of the Irkutsk State Economic Academy (Baikal State University of Economics and Law). 2015. T. 6, No. 3. DOI: 10.17150/2072-0904. 2015.6 (3).27. (access date: 02/27/2016).

5. Feldshtein G.S. Lectures on criminal proceedings. –Moscow: Typo-lithography V. Richter, 1915. – 432 p.



**УДК: 343.8**

**Қурбонзода Абдумалик Турахон,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: abdumalik.kurbonov@bk.ru*
*Тел.:(+992) 904-44-12-04.*

# ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; муассисаҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо; маҳбасҳо; ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; сиёсати давлатӣ; маҳкумшуда; муассисаҳои ислоҳӣ.

***Аннотатсия:*** Мақолаи мазкур ба масъалаи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №385 қабул карда шудааст. Тоҷикистон бо татбиқи Стратегияи мазкур кӯшиш мекунад, ки низоми муосир ва муассири иҷрои ҷазоро ба вуҷуд оварда, онро ба низоми тавонбахше табдил диҳад, ки ба беҳбудӣ ва барқарор намудани ҳолати ҷисмонӣ ва маънавии маҳкумшудагон, соҳиби касбу ҳунари мутобиқ ба бозори меҳнат гаштани онҳо мусоидат намояд.

Ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ мебошад. Раванди ислоҳот дар самти мазкур охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта таҳти таъсири тағйирот дар рушди сиёсию иҷтимоии ҷомеаи мо оғоз гардида буд. Дар ин давра кӯшиши даровардани ислоҳот аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ба харҷ дода шуда буд, аммо бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ амалисозии таҷдиди дарназардошташуда муяссар нашуд. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузаштани низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ихтиёри Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди нави ислоҳот оғоз гардид.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд»[1]. Принсипи мазкур барои ташаккули сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос буда, низоми тадбирҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ба муносибат инсондӯстона бо маҳкумшудагон нигаронида шудааст. Зарурати ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ислоҳи сиёсати ҷазо, инсонгароии минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, васеъ намудани заминаҳои татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои пешгирикунанда, ки алтернатива ба ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ мебошанд, робитаи зич дорад.

Дар ин радиф, ба ақидаи И.К. Собитов розӣ шудан мумкин аст, ки чунин қайд менамояд: инсонгароии сиёсати ҷиноятии давлат, пеш аз ҳама, бояд бо гуманизатсияи низоми пенитенсиарии он ва баланд бардоштани самаранокии иҷрои ҷазо дар шакли ҷудокунӣ аз ҷомеа муайян карда шавад [5, с.90].

Дар солҳои охир барои такмил додани низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ як қатор тадбирҳо ба амал бароварда шуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби давлату Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷиҳати риояи қатъии ҳуқуқи маҳкумшудагон, эҳтироми шаъну шарафи онҳо, пешгирии коррупсия ва сӯистифода дар ин самт, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои ислоҳӣ тадбирҳои ҳамаҷониба амалӣ карда шуданд.

Стандартҳои муосири байналмилалӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷиро ба назар гирифта, бо мақсади ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни солои 2020, №385 қабул карда шудааст [4].

Стратегияи мазкур самтҳои асосӣ, шакл, тарзу усулҳои мукаммалнамоӣ ва рушди низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, алоқамандии онро бо мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи то соли 2030 таъмин мекунад, пешбинӣ менамояд [4].

Ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳадафҳои зеринро фарогир аст:

- баланд бардоштани самаранокии кори муассиса ва мақомоте, ки иҷрои ҷазоро ба ухда доранд, то сатҳи меъёрҳои байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон ва талаботи рушди ҷомеа;

- паст намудани сатҳи ретсидиви ҷиноятҳо аз тарафи шахсоне, ки қаблан ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо намудаанд, аз ҳисоби самаранокии корҳои иҷтимоӣ ва равонӣ дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ ва рушди маҷмӯи ёрии баъдимаҳкамавӣ ба чунин шахсон;

- фароҳам овардани шароити башардӯстонаи нигоҳдории шахсоне, ки ба ҳабси пешакӣ гирифта шудаанд, маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар шакли маҳрум сохтан аз озодй адо мекунанд, инчунин гузаронидани машғулиятҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ вобаста ба шуғли маҳкумшудагоне, ки ҷазоро бе маҳрумнамоӣ аз озодӣ адо менамоянд, баланд бардоштани кафолати риояи ҳуқуқ ва ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо.

Татбиқи ин афзалиятҳо ташаккули муносибати мунтазам ва ҳамаҷониба ба иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклу усулҳои нави таъсир расонидан ба шахсоне, ки аз ҷониби судҳо ба адои ҷазои ҷиноятӣ маҳкум шудаанд, тақозо менамояд.

Дар тамоми муассисаҳо ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ҷиҳати тағйир додани фазои маънавӣ-психологӣ, ба талаботи стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалии нигоҳдорӣ мутобиқ гардонидани шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва шахсони тахти тафтиш қарордошта корҳои пуршиддат идома дорад.

Ҳамаи маҳкумшудагон ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ доранд ва давлат барои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ масъул аст. Аҳамияти ин мушкилот аз он шаҳодат медиҳад, ки дар айни замон дар муассисаҳои ислоҳӣ сатҳи бемориҳои хатарнок (сил, СПИД, сирояти ВНМО, гепатит) паст нашуда, шароити нигоҳдорӣ аксар вақт ба паҳншавии онҳо мусоидат мекунад.

Ҷиҳати ҳалли мушкилоти тиббӣ дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ чорабиниҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- рушди хизматрасонии тиббии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи самтҳои асосии такмили соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо мутахассисони соҳаи тиб таъмин намудани муассисаҳои ислоҳӣ ва андешидани чораҳои зарурии хавасмандгардонии онҳо;

- баланд бардоштани ихтисоси тамоми кормандони тиббии муассисаҳои ислоҳӣ дар муассисаҳои таълимии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- муҳайё намудани шароити зарурӣ барои гузаронидани амалиёти ҷарроҳӣ ва шуъбаи эҳё (реаниматсия) барои шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд;

- таъмини нигоҳубини алоҳида ба беморони гирифтори бемориҳои сироятӣ (ба истиснои ВНМО) ва шахсони солим бо тартиби муқарраршуда ва ғ

Яке аз масоили мубрами замони мо ин бо ҷойи корӣ таъмин намудани шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод шудаанд, мебошад.

Дар робита ба ин, қабул ва татбиқи барномаҳои давлатӣ зарур буда, дар ҳолати ба меҳнат ҷалб гардидани маҳкумшуда ва ба даст овардани касби муайян мусоидат бароиислоҳшавӣ, расондани кумакҳои молиявӣ ба оила, пардохти зарари расондаи онҳо аз ҷинояти содирнамуда, пешгирии содиршавии ҷинояти нав ва ҳамчун шахси солим ба ҷомеа баргаштан замина фароҳам меорад.

Бо шахсоне, ки ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо мекунанд, маъмурияти муассисаи ислоҳӣ якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хайрия корҳои тарбиявӣ мегузаронанд, ки мақсади он ислоҳи маҳкумшудагон, ташаккул ва таҳкими саъю кӯшиши маҳкумшудагон нисбати машғул шудан ба фаъолияти самарабахши ҷамъиятӣ, муносибати самимона нисбат ба инсон, ҷамъият, меҳнат, риояи талаботи қонун ва дигар қоидаҳои рафтори дар ҷамъият қабул шуда ва анъанаҳо, рушди сатҳи маънавӣ ва фарҳангии онҳо мебошад. Дар муассисаҳои ислоҳӣ тарбияи маънавӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва дигар навъи тарбияи маҳкумшудагон, ки барои ноил гардидан ба мақсади ислоҳи маҳкумшудагон мусоидат менамояд, ба амал бароварда мешавад.

Раванди ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати мунтазамро ба омӯзиши сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи иҷрои ҷазо тақозо мекунад.

Дар робита ба ин мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати таъмини бехатарии муассисаҳои ислоҳӣ, амалӣ намудани сохтмони муассисаи ислоҳии навъи камеравӣ ва дар он ҷойгир намудани ҳамаи маҳкумшудагоне, ки шомили гурӯҳҳои террористӣ - экстремистӣ буданд, муҳим мебошад. Дар ҳолати амалӣ намудани сохтмони муассисаи ислоҳии навъи камеравӣ ҳамаи масъалаҳои ташвишовари бамиёномада ҳалли худро ёфта, бехатарии кормандон ва бехатарии нигоҳдошти маҳкумшудагон таъмин гардида, ҳолатҳои ба вуқӯъ омадани бетартибии оммавӣ, сӯиқасди куштор ва аз ҳама муҳим тарғибу ташвиқи ақидаҳои ифротгароӣ ва ҷалби дигар маҳкумшудагон пешгирӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ на танҳо маҷмӯи арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, балки қонуниятҳои объективии мавҷудияти як қатор равандҳои иқтисодиро, ки чи дар дохили давлат ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба амал меоянд, инъикос менамояд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Холиқов Ш.Л.**

## РЕФОРМА СИСТЕМЫ ИСПОЛНЕНИЯ УГОЛОВНЫХ НАКАЗАНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** система уголовного наказания; учреждения и правоохранительные органы; тюрьмы; реформа системы уголовного правосудия; публичная политика; осужден; исправительные учреждения.

***Аннотация:*** Данная статья посвящена реформе системы исполнения уголовных наказаний в Республике Таджикистан. Реформа системы исполнения уголовных наказаний является неотъемлемой частью государственной политики. В Республике Таджикистан в целях реформирования системы уголовного наказания Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 25 июня 2020 года № 385 принята Стратегия реформирования системы уголовного наказания в Республике Таджикистан на период до 2030 года. Таджикистан реализуя положения данной Стратегии пытается создать современную и эффективную систему исполнения наказаний и превратить ее в расширяющую возможности систему, совершенствующую восстанавливающая физическое и психическое состояние осужденных, помогает им стать востребованными на рынке труда.

***Курбонзода Абдумалик Турахон*** - заместитель начальника отдела законодательства по государственному устройству, судебных органов и правоохранительной деятельности

Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: abdumalik.kurbonov@bk.ru, Тел.: (+992) 904-44-12-04.

## REFORM OF THE SYSTEM OF ENFORCEMENT OF CRIMINAL PUNISHMENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** criminal punishment system; institutions and law enforcement agencies; prisons; criminal justice reform; public policy; convicted; correctional institutions.

***Annotation:*** This article is devoted to the reform of the system of execution of criminal penalties in the Republic of Tajikistan. The reform of the penitentiary system is an integral part of the state policy. In the Republic of Tajikistan, in order to reform the system of criminal punishment, the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan adopted the Strategy for reforming the system of criminal punishment in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Tajikistan dated June 25, 2020 No. 385. Implementing the provisions of the Strategy for reforming the penitentiary system of the Republic of Tajikistan for the period until 2030, Tajikistan is trying to create a modern and efficient system for the execution of sentences and turn it into an empowering system that improves and restores the physical and mental condition of convicts, helps them to become in demand in the labor market.

***Kurbonzoda Abdumalik Turakhon*** - deputy head of the legislation department for state structure, judicial bodies and law enforcement activities of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: abdumalik.kurbonov@bk.ru, Тел.: (+992) 904-44-12-04.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (ба он бо раъйпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» аз 15 июли соли 2004, № 51// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004, № 7, м. 458; 2006, № 3, м. 149; 2007, № 7, м. 662, 2008, № 6, м. 451; 2012, № 4, м. 253, № 8, м. 820; 2016, №1288.
3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, No7, м. 505; 2003, № 12, м. 683; 2004, № 7, м. 455; 2005, № 3, м. 127, 2008, № 3, м. 190, № 12, қисми 1, м. 987, 2010, № 7, м. 552, № 12, қисми 1, м. 810; 2011, № 6, м. 443; 2012, № 4, моддаи 255, № 7, моддаи 716, № 12, қисми 1, моддаи 1018; 2013, № 7, м. 507, № 12, м. 880; 2015, № 11, м. 951, моддаи 951. 952; 2016, № 3, м. 129, № 5, м. 358; № 11, м. 876; 2017, №1444.
4. Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Манбаи электронӣ. Реҷаи дастрасӣ: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=136693 (Санаи муроҷиат: 19.07.2022).
5. Сабитов И.К. Ҳуқуқи инсон ва системаи пенитенсиарии Руссия (ҷанбаи таърихӣ ва назариявӣ): дис... ном. илм. ҳуқуқ. - СПб., 2000. – 90 с.
6. Селиверстов В.И. Проблемаҳои назариявии вазъи ҳуқуқии шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд. - М., 1996., - 69 с.
7. Пототский Н.К. Тақриз ба китоби дарсии В.П. Ревина ва Х.С. Сафаров «Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», зери таҳ. Профессор В.П. Ревина, дар 2 китоб. - Душанбе: нашр. Ирфон. 2011. (862 с.) // Иқтисод ва ҳуқуқ. асри XXI. 2012. № 1. С. 6-8.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями, внесенными референдумом 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года).

2. Закон Республики Таджикистан «О системе исполнения уголовных наказаний» от 15 июля 2004 года №51//Вестник Верховного Собрания Республики Таджикистан, 2004 г., №7, с. 458; 2006, № 3, с. 149; 2007, № 7, с. 662, 2008 г., № 6, ст. 451; 2012, № 4, с. 253, № 8, ст. 820; 2016, № 1288.

3. Уголовный кодекс Республики Таджикистан // Вестник Верховного Собрания Республики Таджикистан, 2001, №7, с. 505; 2003, № 12, м. 683; 2004, № 7, с. 455; 2005, № 3, с. 127, 2008 г., № 3, ст. 190, № 12, ч. 1, ст. 987, 2010 г., № 7, ст. 552, № 12, ч. 1, ст. 810; 2011, № 6, с. 443; 2012, № 4, статья 255, № 7, статья 716, № 12, часть 1, статья 1018; 2013, № 7, с. 507, № 12, ст. 880; 2015, № 11, с. 951, статья 951. 952; 2016, № 3, с. 129, № 5, ст. 358; № 11, м. 876; 2017, № 1444.

4. Стратегия реформирования системы уголовного правосудия Республики Таджикистан на период до 2030 года. Электронный ресурс. Режим доступа: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=136693 (Дата обращения: 19.07.2022).

5. Сабитов И.К. Права человека и уголовно-исполнительная система России (историко-теоретический аспект): читать... ходил наука - СПб, 2000. - 90 с.

6. Селиверстов В.И. Теоретические проблемы правового положения лиц, отбывающих наказание. - М., 1996., - 69 с.

7. Потоцкий Н.К. Рецензия на учебника В.П. Ревина и Х.С. Сафарова «Уголовное право Республики Таджикистан», под ред. Профессор В.П. Ревина, в 2-х кн. - Душанбе: Изд. Ирфан. 2011. (862 с.) // Экономика и право. 21-го века 2012. № 1. С. 6-8.

**Literature list:**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (amended by referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016).

2. Law of the Republic of Tajikistan “On the system of execution of criminal punishment” dated July 15, 2004, No. 51// Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, 2004, No. 7, p. 458; 2006, No. 3, p. 149; 2007, No. 7, p. 662, 2008, No. 6, art. 451; 2012, No. 4, p. 253, No. 8, Art. 820; 2016, No. 1288.

3. Criminal Code of the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, 2001, No. 7, p. 505; 2003, No. 12, m. 683; 2004, No. 7, p. 455; 2005, No. 3, p. 127, 2008, No. 3, Art. 190, No. 12, part 1, art. 987, 2010, No. 7, art. 552, No. 12, part 1, art. 810; 2011, No. 6, p. 443; 2012, No. 4, Article 255, No. 7, Article 716, No. 12, Part 1, Article 1018; 2013, No. 7, p. 507, No. 12, Art. 880; 2015, No. 11, p. 951, article 951. 952; 2016, No. 3, p. 129, No. 5, Art. 358; No. 11, m. 876; 2017, No. 1444.

4. Strategy for the reform of the criminal justice system in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Electronic resource. Access mode: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=136693 (Date of access: 19.07.2022).

5. Sabitov I.K. Human rights and the penal system of Russia (historical-theoretical aspect): read... walked science - St. Petersburg, 2000. - 90 p.

6. Seliverstov V.I. Theoretical problems of the legal position of persons undergoing punishment. - M., 1996., - 69 p.

7. Pototsky N.K. Review not textbook V.P. Revina and H.S. Safarova “Ugolovnoe pravo Respublika Tajikistan”, pod ed. Professor V.P. Revina, in 2 books. - Dushanbe: Izd. Irfan. 2011. (862 p.) // Economy and law. 21st century 2012. No. 1. S. 6-8.



УДК: 343.3
**Самандари Қаландар,**
*докторант (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: samand1997@bk.ru*
*Тел.: (+992) 933-32-32-31.*

# ТАМОЮЛИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АДОЛАТИ СУДӢ

***Калидвожаҳо:*** ҳокимияти судӣ; адолати судӣ; принсипҳои адолати судӣ; таҳавуллоти қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони муосир; ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; низоми ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; таркиби ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; хусусиятҳои таъини ҷазо.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур таҳаввулоти қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони муосир, таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда доир ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои адолати судӣ, хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва масоили бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони муосир, хусусиятҳои таъини ҷазо барои ҷиноятҳои зиддӣ адолати судӣ, низоми ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии марҳилаҳои алоҳидаи таҳаввулоти қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони муосир дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ ва фикру ақидаи олимон доир ба масоили мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Баъди аз байн рафтани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ аз ҷониби собиқ далатҳои узви он раванди ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва мавриди танзиму ҳифз қарор додани онҳо ба миён омад. Албатта, дар солҳои аввал барои собиқ давлатҳои узви ИҶШС танзим намудани муносибатҳои мураккабшудаистодаи ҷамъиятӣ кори осон набуд, зеро аз як тараф қонунгузории мукаммали давлати мустақил, ки тавонад бо диди нав ва вазифаҳои давлати тозабунёд муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намояд, мавҷуд набуд, аз тарафи дигар ин муносибатҳо то мукаммал намудани низоми қонунгузории миллӣ ба воситаи ҳамон қонунгузории собиқ Шӯравӣ ба танзим дароварда мешуд, ки ин ҳолат ба раванди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсири худро мерасонид.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд вазифаи асосии он буд зарурати такмили сохтори давлатӣ ва низоми қонунгузории миллӣ пеш омад. Акнун кишвари моро, ки дар марҳилаи рушди таърихии худ қарор дошт, лозим буд, ки бо назардошти арзишҳои нухбагони миллати тоҷик, вазъи мураккаби сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон ва баинобатгирии муқаррароти санадҳои байналмилалӣ низоми қонунгузории миллии худро ҷорӣ ва мутобиқ намояд.

Дар раванди ташаккули сохтори давлатӣ ва қонунгузории миллӣ нақши Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, ки дар Иҷлосияи дуюми Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул гардидааст, фавқулода муҳим мебошад. Зеро дар ин санади тақдирсоз ва муайянкунанда бори аввал муҳимтарин мақсаду вазифа, моҳияти давлатдорӣ, ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, қонунгузории миллӣ ва дахлнопазирии моликияту қаламрави давлатӣ танзими ҳуқуқии худро дарёфт.

Аз ҷумла, дар банди 3 Эъломияи мазкур муқаррар гардидани меъёри "Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад" барои фаъолияти минбаъдаи

мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти ба амал баровардани ваколатҳои худ заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам овард [1].

Баъди эълони Истиқлолияти давлатӣ раванди мутассили қонунэҷодкунӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва табиқи муваққатии қонунгузории гузашта пеш омад. Аммо хотирнишон бояд намуд, ки ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дуру дароз давом накард, зеро дар мамлакат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, Конститутсияи давлати соҳибистиқлол ва як қатор қонунҳои соҳавӣ қабулу ба тасвиб расиданд, ки барои раванди мӯътадили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин замина пайваста қонунгузории миллӣ такмил ёфта, зарурат ба татбиқи меъёрҳои собиқ давлати иттифоқӣ аз байн рафт. Яъне, марҳилаи нави рушди қонунгузории давлати мустақил рӯи кор омад.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар мамлакатамон заминаҳои боэътимоди ташкиливу ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар самти тақвият ва густариши минбаъдаи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ҳокимияти судию адолати судӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт низ рӯи кор омаданд.

Яке аз заминаҳои муҳим ва такондиҳанда дар самти инкишофи низоми судӣ ва татбиқи бомароми адолати судӣ ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 ба ҳисоб меравад, ки барои ислоҳотонии ҳокимияти судӣ қадами наверо гузошт.

Махсусан дар моддаи 9-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидани меъёри "Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад", далели он мебошад, ки аз ин пас ҳокимияти судӣ дар ба амал баровардани ваколатҳои худ яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошад [2].

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки мурофиаи судӣ ягона шакли муқаррар намудани ҳақиқати воқеӣ ва беҳтарин роҳи ҳалли ҳар гуна мунокишаҳост.

Адолати судӣ шакли махсуси фаъолияти давлатиест, ки аз номи давлат ва аз тарафи судяҳои мустақил дар мурофиаи судӣ бо роҳи баррасӣ намудани парвандаҳо ва татбиқ намудани ҳокимияти судӣ ба амал бароварда мешавад [3, с. 12].

Таъмини адолат ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар худи мақомоти суд аз ҳар гуна фишору дахолати сохторҳои давлатӣ озод буда, судяҳо ҳақиқатро тавассути далелҳои мавҷудбуда, холисона, аз рӯи виҷдон ва донишу малакаи касбиашон ҷустуҷӯ ва дарёфт кунанд [4, с. 155].

Маврид ба ёдоварист, ки мувофиқи Указим Шурои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 8 декабри соли 1991 дар шаҳри Минск таъсис ёфта буд, то қабули қонунҳои нав, ҳамаи қонунҳои собиқ ИҶШС, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо мухолиф нестанд, эътибори худро дар каламрави ҷумҳурӣ нигоҳ медоштанд [5].

Бояд гуфт, ки муқаррароти қарори мазкур ба қонуни ҷиноятӣ низ дахл дошт. Тамоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо ҷиноят ва ҷазо алоқаманданд, то қабули кодекси нав бо Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз соли 1961 танзим карда мешуданд. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон дар соли 1961 бо системаи маъмурӣ-фармондиҳӣ ба вуҷуд оварда шуда буд ва бешубҳа, бо иллатҳои тоталитаризм низ зуҳур ёфта буд [6, с. 274].

Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ба ҳифзи сохти ҷамъиятии ИҶШС, системаҳои сиёсӣ ва иқтисодии он, моликияти сотсиалистӣ, шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои гражданинҳо ва тамоми тартиботи ҳуқуқии сотсиалистӣ равона шуда буд, ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи худ қарор дод [7].

Амалияи татбиқи ҳуқуқ дар давраи пас аз ҳокимияти шӯравӣ бинобар ба вуҷуд омадани ҳолатҳои нав ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ноустувории қонуни ҷиноятиро доимо ҳис мекард. Бинобар ин, бояд дар ин соҳа ислоҳот гузаронида мешуд, ки замина барои он қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 гардид, зеро дар он муҳимтарин принсипҳои бунёдии қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ба таври мукаммал муқаррар гардида буд. Аз ҷумла,

қонуният, кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахсият, фарзияи бегуноҳӣ, баробарҳуқуқӣ ва дигар принсипҳои ба амал баровардани адолати судӣ.

Аз ин рӯ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 6 ноябри соли 1994-ро метавон ҳамчун оғози ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони муосир арзёбӣ намуд.

Минбаъд, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 сол ба тасвиб расид, ки дар баробари дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ адолати судиро ҳамчун объект мавриди ҳифз қарор дод ва барои халалдор намудани раванди муътадили фаъолияти мурофиавӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд.

Дар таносуб бо Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, ки дар боби 8-уми он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ муқаррар шуда, 19 моддаро (м.м.189-203) дар бар мегирифт [7], Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 ҷиноятҳо ба муқобили адолати судиро дар фасли 13 ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва боби 32 (моддаҳои 345-365) ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дод, ки низоми ин ҷиноят ва ҷазо барои онҳо мукаммал гардид [8].

Аз ин ҷо бармеояд, ки Кодекси ҷиноятии амалкунанда бо баинобатгирии назарияи пешқадами ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятҳои мазкурро (объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита) ба таври аниқ муқаррар намудааст, зеро он ҳамчун унсури марказии таркиби ҷиноят барои эътирофи кирдори мушаххас ҳамчун ҷиноят аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дигар хусусияти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 сол, дар мавриди ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар фарқият аз кодексҳои қаблӣ аз он иборат аст, ки номгузории моддаҳо мукаммал гардида, баъзеи онҳо бо назардошти намудҳои ҷазо низ тасниф гардидаанд. Масалан, моддаи 364 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои саркашӣ аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар менамояд [8].

Бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати криминализатсия ва декриминализатсияи кирдоҳои мушаххас пеш меояд. Албатта, ин раванд ба ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ низ бетаъсир намемонад. Бо назардошти аз байн рафтани хавфнокии баъзан кирдорҳои ҷиноятӣ зарурати ғайриҷиноятӣ гардонидани онҳо ва хавфнок гардидани кирдоҳои мушаххас ҷиноят эътироф намудани баъзе кирдорҳо ба миён меояд.

Вобаста ба ин ҳолат низ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе кирдоҳое, ки ба муқобили адолати судӣ равона шуда буданду дар гузашта ҳамчун ҷиноят эътироф мегардиданд аз байн бурда, баъзе кирдорҳои мушаххасро ҳамчун ҷиноят ба муқобили адолати судӣ муқаррар намуд.

Масалан, бо Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, барои гурехтан аз маҳалли бадарға ё профилакторияи табобатию меҳнатӣ ва ё тарбиявию меҳнатӣ мувофиқи моддаи 199 ҷавобгарии ҷиноятӣ ва барои ин кирдор ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то як сол, муқаррар намуда буд.

Мисоли дигар: Барои худсарона баргаштани шахси аз ҷои муайян бадарғашуда ба ҷойҳое, ки истиқомат дар онҳо ба вай манъ шудааст, тибқи муқаррароти моддаи 200 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда, барои ин кирдор ҷазо дар намуди иваз кардани қисми адонашудаи муҳлати бадарға аз ҷои муайян бо бадарға ба ҷои муайян таъин карда мешуд.

Ё ин ки барои қасдан итоат накардан ба талаботи маъмурияти муассисаҳои ислоҳии меҳнатӣ тибқи талаботи моддаи 201[4] Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида буд [7].

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор хавфнокии ҷамъятӣ ва номутобиқатии низоми ҷазоҳои мавҷудбударо ба кирдорҳои мазкур ба инобат гирифта, онҳоро декриминализатсия намуда, дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда ҳамчун ҷиноят эътироф накард.

Дар баробари ин, мақомоти қонунгузор бо дарназардошти тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ баъзе кирдоҳои мушаххасро ҳамчун ҷиноят эътироф намуда, дар боби ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ муқаррар намуд, ки дар кодексҳои ҷиноятии қаблӣ ҳамчун ҷиноят ба муқобили адолати судӣ эътироф намегардиданд.

Масалан, моддаи 360 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 сол, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар бар гирифта, барои он ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол муқаррар намуд.

Ё ин ки барои сохтакории далелҳо мувофиқи моддаи 359 Кодекси ҷиноятии амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардид.

Ҳамзамон, Кодекси ҷиноятии амалкунанда баъзе ҷиноятҳои ба муқобили адолати судӣ равонашударо, ки дар моддаҳои гуногуни Кодексҳои ҷиноятии қаблӣ муқаррар шуда буданд, муттаҳид намуда, дар як модда ҷойгир намуд. Масалан, мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, барои пинҳонкунӣ тибқи моддаи 200 ва барои хабар надодан дар бораи ҷиноят дар асоси моддаи 203 ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуда буд [7]. Аммо Кодекси ҷиноятии амалкунанда ҷиноятҳои мазкурро бо номи хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он дар як модда моддаи 347 муқаррар намуд [8].

Вобаста ба мукаммали намудҳои ҷазо барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ метавон гуфт, ки Кодекси ҷиноятии амалкунанда низоми мукаммали ҷазоҳоро бо баинобатгирии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар намудааст, ки барои расидан ба мақсади ҷазо, ки аз барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав иборат аст, шароит фароҳам меоварад ва назар ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон 17.08.1961 сол, ҷазоҳои сабуктарро муқаррар менамояд.

Масалан, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 189 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17.08.1961 сол, барои шахси бегуноҳро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гузаронандаи таҳқиқи ибтидоӣ, муфаттиш ё прокурор ҷазои ягона дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то се сол муқаррар гардида буд. Тибқи муқаррароти моддаи 348 Кодекси ҷиноятии амалкунанда бошад барои дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол муқаррар шудааст.

Дар баробари ин, дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии бо мақсади озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррароти алоҳида “Эзоҳ” оварда шудааст, ки ин навоварӣ дар Кодексҳои ҷиноятии қаблӣ ба мушоҳида намерасид. Масалан, дар эзоҳи моддаи 347 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он пешбинӣ менамояд, дарҷ гардидааст, ки ҳамсар ва хешовандони наздики шахси содирнамудаи ҷиноят барои хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашудаи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

Ҳамчунин, қурбонии савдои одамон барои хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда, ки бо қарор доштани ӯ ба сифати қурбонӣ дар савдои одамон алоқаманд аст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Инчунин, ходими калисо барои хабар надодан дар бораи ҷинояте, ки ба ӯ ҳангоми омӯзиш маълум гардидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ё ин ки тибқи эзоҳи моддаи 351 Кодекси ҷиноятии амалкунанда агар шоҳид, ҷабрдида, коршинос ё тарҷумон дар ҷараёни таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши пешакӣ ё мурофиаи судӣ то баровардани ҳукм ё ҳалномаи суд дар хусуси бардурӯғ будани баёнот, хулосаҳо ё дидаю дониста нодуруст тарҷума карданашон ихтиёрӣ арз намоянд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Қурбонии савдои одамон барои додани нишондоди бардурӯғ, ки бо қарор доштани ӯ ба сифати қурбонӣ дар савдои одамон алоқаманд аст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад [8].

Бо назардошти пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунгузории мамлакат ниёз ба такмил ва тағйиру иловаҳо пайдо менамояд ва ин ҳолат, албатта ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Кодекси ҷиноятӣ сарчашмаъ мегирад, бетаъсир намемонад.

Бинобар ин, давра ба давраислоҳоти қонунгузорӣ дар ин самт низ гузаронида шуда, то ҳол бо маром идома дорад.

Бояд гуфт, ки аз замони қабули Кодекси ҷиноятӣ аз 21.05.1998 то инҷониб аз ҷониби мақомоти олии қонунгузори мамлакат зиёда аз 63 маротиба ба Кодекси ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки ин тағйиру илова ба боби 32, яъне ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ низ дахл доранд.

Аз ҷумла, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ" аз 17.05.2004 №35, як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки барои мукаммал намудани ҷавобгарӣ дар ин самт равона гардидааст.

Масалан, дар санксияи қисми 1 моддаи 346 калимаҳои "ё ҳабс ба мухлати аз се то шаш моҳ" ба калимаҳои "ё маҳдуд кардани озодӣ ба мухлати то ду сол" иваз карда шуда, дар банди "в" қисми дуюми ҳамин модда калимаи "ҳиссиёти" ба калимаи "нияти" иваз карда шуда, аз санксияи қисми сеюми ҳамин модда калимаҳои "бо мусодираи амвол" хориҷ карда шудааст.

Ё ин ки диспозитсияи қисми якуми моддаи 347 дар таҳрири зайл ифода карда шудааст. "Хабар надодан дар бораи ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини аниқ маълуми тайёршудаистода ё содиршуда, ҳамчунин хабар надодан дар бораи шахси аниқ маълуми содирнамудаи ин ҷиноят ё бошишгоҳи ӯ".

Мисоли дигар: ном ва қисми якуми моддаи 356 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: "Моддаи 356. Таҳдид ё зӯроварӣ вобаста ба амалбарории адолати судӣ ё таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтишоти пешакӣ. Таҳдиди куштан, расонидани зарар ба саломатӣ, вайрон ё несту нобуд кардани амвол нисбатн судя, машваратчии халқӣ, прокурор, муфаттиш, шахсе, ки таҳқиқи ибтидоӣ мегузаронад, адвокат, эксперт, тарҷумон, пристави суд ё котиби суд, иҷрочии суд, ҳамчунин наздикони онҳо вобаста ба гузаронидани таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишоти пешакӣ, баррасии парванда ё мавод дар суд ё иҷрои ҳукм, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ".

Бояд қайд намуд, ки дар асоси қонуни мазкур моддаи 357 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҷовуз ба ҳаёти шахси адолати судиро ба амал бароранда ё тафтиши пешакӣ барандаро муқаррар менамуд, хориҷ карда шуд [9].

Дар ин асно, минбаъд низ такмили қонунгузории ҷиноятӣ идома ёфта, дар асоси қонунҳои алоҳида ба Кодекси ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Аз ҷумла, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ" аз 15.03.2016 №1274 чунин тағйиротҳо ворид карда шуд.

Дар ном ва қисми 2) моддаи 345 калимащои "таҳқиқи ибтидоӣ" ва "шахсе, ки таҳқиқи ибтидоиро анҷом медиҳад" мувофиқан ба калимаҳои "таҳқиқ" ва "таҳқиқбаранда" иваз карда шуданд; дар банди а) қисми 3) моддаи 346 калимаҳои "шахси анҷомдиҳандаи таҳқиқи ибтидоӣ" ба калимаи "таҳқиқбаранда" иваз карда шуда, дар моддаи 352 эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шуд. "Шахс барои саркашӣ намудан аз додани нишондод ба муқобили худ ва хешовандони наздикаш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад" [10].

Бояд гуфт, ки аксарият тағйиру иловаҳое, ки дар асоси қонуни мазкур ба Кодекси ҷиноятӣ ворид карда шуданд, онҳо хусусияти имлоию забонӣ доштанд.

Ҳамзамон, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ" аз 2 январи соли 2019, №1554 ба Кодекси ҷиноятӣ як зумра тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки муҳимтаринашон аз инҳо иборат мебошад: ба банди 1) эзоҳи моддаи 347 ҷумлаи дуюм бо мазмуни ҳамчунин қурбонии савдои одамон барои хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда, ки бо қарор доштани ӯ ба сифати қурбонӣ дар савдои одамон алоқаманд аст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, илова карда шуд. Ё ин ки эзоҳи моддаи 351 банди 1) ҳисобида шуда, банди 2) бо мазмуни қурбонии савдои одамон

барои додани нишондоди бардурӯғ, ки бо қарор доштани ӯ ба сифати қурбонӣ дар савдои одамон алоқаманд аст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад" илова карда шуд, ки боз ҳам меъёрҳои ин боби Кодекси ҷиноятиро мукаммал намуд [11].

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки ин категорияи ҷиноятҳо на он қадар сатҳи баланди содиршавӣ доранд, аммо ҳолатҳое низ кам нест, ки субъектони ин ҷиноятҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дур мемонанд.

Бо мақсади татбиқ дурусти меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, ки барои таъмини таҷрибаи ягонаи судӣ, татбиқи дурусти қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ ва таъини ҷазо заминаи мусоид ба ҳисоб мераванд.

Дар самти инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои табиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ" Қарорҳои мушаххаси Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2004 сол, №1 "Доир ба баъзе масъалаҳои табиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расидааст, ки тавзеҳоти мушаххасро ба судҳо зимни баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъини ҷазо додааст [12].

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ, бо дарназардошти вазъи кунунии ҷаҳони муосиру муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баинобатгирии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ пайваста инкишоф ёфта, адолати судиро, ки моҳияти он аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, оромиву суботи ҳамешағӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ аст, ҳифз менамояд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А.**

## ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРОТИВ СУДЕБНОГО ПРАВОСУДИЯ

***Ключевые слова:*** судебная власть; правосудие; принципы правосудие; эволюция уголовного законодательства в современный Таджикистан; ответственности за преступления против правосудии; система преступлений против правосудия; состав преступлений против правосудия; обьективные и субьективные признаки преступлений против правосудия; особенности назначения наказания.

***Аннотация:*** В данной статье рассматривается эволюция уголовного законодательства об ответственности за преступления против правосудия в современном Таджикистане, анализ действующее законодательства о правовой защите интересов правосудия, специфика уголовного права и закрытие преступлений против правосудия. Правосудие в Таджикистане Особенности назначения наказания на отдельных этапах развития уголовного законодательства современного Таджикистана за преступления против правосудия, система преступлений против правосудия в современном Таджикистане, сравнительно-правовой анализ отдельных этапов развития уголовного законодательства Таджикистана об уголовной ответственности и ответственности эти вопросы были проанализированы.

***Самандари Каландар*** - докторант (PhD) кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского Национального Университета. E-mail: samand1997@bk.ru, Тел.: (+992) 933-32-32-31.

## DEVELOPMENT TRENDS OF CRIMINAL LEGISLATION OF TAJIKISTAN ON RESPONSIBILITY FOR CRIMES AGAINST JUDICIAL JUSTICE

***Keywords:*** judicial branch; justice; principles of justice; the evolution legislation in modern Tajikistan; liability for craimes against justice; the system of craimes against justice; the composition of craimes against justice; objective and subjective signs of craimes against justice; peculiarities of sentencing.

***Annotation:*** This article deals with the evolution of criminal law on liability for crimes against justice in Modern Tajikistan, the analysis of the current legislation on the legal protection of the interests of justice, the specifics of criminal law and the closure of crimes against justice in Tajikistan. Features of sentencing at certain stages of development of the criminal legislation of Modern Tajikistan for crimes against justice, the system of crimes against justice in Modern Tajikistan, comparative-legal analysis of separate stages of development of the criminal legislation of the Tajik Republic on criminal liability and liability These issues have been analyzed.

***Samandari Qalandar*** - doctoral student (PhD) at the department of criminal law and anti-corruption of the faculty of law Tajik National University. E-mail: samand1997@bk.ru, Тел.: (+992) 933-32-32-31.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 // Ведемости Совети Олии ҶШС Тоҷикистон. – 1990. – №15. – Мод. 236.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, Ганҷ, 2016. – 64 с.
3. Федоров А.В. Ҷиноятҳои бар зидди адолати судӣ (масъалаҳои таърих, мафҳум ва тасниф).– Калуга, 2004. – 318 с.
4. Голоднюк М.Н**.** Ҷиноятҳо бар зидди адолати судӣ: Курси ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус.– М., 2002. Т. 5. – 425 с.
5. Ведемости Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1991. – №18. – Мод. 240.
6. Азизов У.А. Таҳаввули институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва муосир: тадқиқоти таърихӣ ва ҳуқуқӣ: монография.– Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.
7. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17.08.1961 с. – Мод. 189-203.
8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.10.2023).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ” аз 17.05.2004 №35 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.10.2023).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ” аз 15.03.2016 №1574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.10.2023).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ” аз 2.01.2019 №1554 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.10.2023).
12. Маҷӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019.

**Список литературы:**

1. Декларация независимости Республики Таджикистан от 24 августа 1990 года // Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – 1990. – № 15. - Мод. 236.
2. Конституция Республики Таджикистан была принята на всенародном референдуме 6 ноября 1994 года. 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г. в него путем всенародных референдумов вносились изменения и дополнения. – Душанбе, Гяндж, 2016. – 64 с.
3. Федоров А.В. Преступления против правосудия (вопросы истории, понятие и классификация). – Калуга, 2004. – 318 с.
4. Холоднюк М.Н. Преступления против правосудия: Курс уголовного права. Особая часть. - М., 2002. Т. 5. – 425 с.
5. Ведомость Верховного Совета Республики Таджикистан. – 1991. – № 18. - Мод. 240.
6. Азизов Ю.А. Эволюция институтов преступлений и преступлений на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.
7. УК ССР Таджикистана от 17.08.1961 г. – Мод. 189-203.
8. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 14.10.2023).
9. Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Уголовный Кодекс» от 17.05.2004 №35 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 14.10.2023).
10. Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений в Уголовный кодекс» от 15 марта 2016 года №1574 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 14.10.2023).
11. Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений в Уголовный кодекс» от 2 января 2019 года №1554 // Централизованная база данных правовой информации РТ ««Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 14.10.2023)
12. Поиск решений Пленума Верховного суда Республики Таджикистан (2002-2019 годы). – Душанбе, 2019.

**List of literature:**

1. Declaration of Independence of the Republic of Tajikistan dated August 24, 1990 // Gazette of the Supreme Council of the Tajik SSR. – 1990. – No. 15. - Mod. 236.
2. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in a popular referendum on November 6, 1994. On September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016, amendments and additions were made to it through popular referendums. – Dushanbe, Ganj, 2016. – 64 p.
3. Fedorov A.V. Crimes against justice (issues of history, concept and classification). – Kaluga, 2004. – 318 p.
4. Kholodnyuk M.N. Crimes against justice: Criminal law course. Special part. - M., 2002. T. 5. – 425 p.
5. Vedomosti of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. – 1991. – No. 18. - Mod. 240.
6. Azizov Yu.A. The evolution of institutions of crime and crimes on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: monograph. – Dushanbe: “Andaleb-R”, 2015. – 396 p.
7. Criminal Code of the SSR of Tajikistan dated August 17, 1961 - Mod. 189-203.

8. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 10/14/2023).
9. Law of the Republic of Tajikistan “On Amendments and Additions to the Criminal Code” dated May 17, 2004 No. 35 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 10/14/2023).
10. Law of the Republic of Tajikistan “On Amendments to the Criminal Code” dated March 15, 2016 No. 1574 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 10/14/2023).
11. Law of the Republic of Tajikistan “On Amendments to the Criminal Code” dated January 2, 2019 No. 1554 // Centralized database of legal information of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 10/14/2023)
12. Search for decisions of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan (2002-2019). – Dushanbe, 2019.

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**
**12.00.09 – CRIMINAL PROCEDURE**

**УДК:343.14**



**Маҳмудов Изатулло Тешаевич**,
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail:* 1978_mahmudov@mail.ru
*Тел.: (+992) 935-04-43-52.*



**Исоев Комёр Мадвалиевич**,
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail:* isoev10k@gmail.com
*Тел.: (+992) 985-01-55-55.*

# БАҲОДИҲИИ ДАЛЕЛҲО АЗ РӮИ ЭЪТИҚОДИ БОТИНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҶАНБАҲОИ НОРАВШАНИ ОН ДАР КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** мурофиаи ҷиноятӣ; унсурҳои исботкунӣ; эътиқоди ботинии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя; баҳодиҳии далелҳо.

***Аннотатсия:*** Мақолаи мазкур ба масъалаҳои назариявӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ бахшида шудааст. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои норавшани он дар назария ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муайян карда шуда, ҷиҳати такмил додани он пешниҳодҳои судманд манзур карда мешавад.

Масъалаҳои марбут ба исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар доираи омӯзиши падидаи исботкунӣ баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ мавқеи хосаеро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, баҳодиҳии далелҳо аз нигоҳи эътиқоди ботинӣ аз зумраи масъалаҳое мебошад, ки атрофи он дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ баҳсу мунозираҳо то кунун идома дорад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) саршори меъёрҳои мурофиавӣ–ҳуқуқӣ аст ва дар баробари ин меъёрҳои ахлоқӣ возеҳу равшан ба назар мерасанд. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ қоидаҳоеро барқарор намудаанд, ки онҳо ҷиҳати ахлоқӣ дошта, ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиа паҳн мешаванд. Ин асосҳои ахлоқӣ гарчанде либоси меъёри ҳуқуқиро ба бар намудаанду риояи онҳо ҳатмӣ шудааст, онҳо ба қатори масъалаи этикаи касбӣ шомиланд [7, с. 148].

Зимнан бояд қайд намуд, ки накши Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятии (минбаъд - ОМСҶ) соли 1864 дар танзим намудани падидаи баҳодиҳии далелҳо, ба хусус баҳодиҳӣ аз рӯи ақидаи ботинӣ хеле бузург аст. Яке аз дастовардҳои асосии ислоҳоти судии соли 1864 ин барпо намудани низоми ягонаи судӣ дар ҳудуди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар баробари онҳо судҳои ҳарбӣ низ ташкил карда шуданд [8, с. 646].

Бо дарназардошти қабул гаштани ОМСҶ соли 1864 ва ҳамзамон ворид шудани тағйиру иловаҳо ба низоми судӣ масъалагузорӣ ва

изҳори ақидаҳои мухталиф атрофи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи ақидаи ботинӣ аз ҷониби олимон «ранги дигар» гирифт. Пас аз барқарор шудани низоми Шӯравӣ Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ аз 31-уми октябри соли 1924 қабул гардид [4]. Мавриди зикри хос аст, ки дар Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ як қатор падидаҳои воқеан судманд «тавлид» шуданд: чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс, дастгир намудани шахс, манъ будани далелҳои сохта (формалӣ), таъмини ҳуқуқҳои иштирокчиён дар суд, ҳукм, тафтиши ҳукм, марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ ва ҳоказо. Аз муҳим он буд, ки суд минбаъд далелҳои дар пешбурд бударо дар асоси эътиқоди ботинӣ, ки ба баррасии ҳамаи ҳолатҳои кор асос меёбад, баҳо медод [9, с. 76].

Натиҷаи таҳлил ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи назарияи далел ва исботкунӣ нишон медиҳад, ки бори нахуст баҳодиҳии далелҳо аз рӯи ақидаи ботинӣ ё худ эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи мубоҳисавӣ ташаккул ёфта, бештар дар кишварҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ (Британияи Кабир, ИМА, Сингапур, Исроил) баръало ба назар мерасид. Шакли мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ бо принсипи озодии баҳодиҳии далелҳо тавсиф мешавад, ки қувваи ҳуқуқии қаблан муқарраршудаи онҳоро истисно намуда, эътиқоди ботинии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судяро ҳамчун критерияи асосии исботкунӣ пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳуҷҷатҳои ишорагардида ба падидаи баҳодиҳии далелҳо, ба хусус баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботинӣ нақши муассир гузошта, роҳи минбаъдаи инкишофи ин падидаи мурофиавиро ба истилоҳ «мумфарш» намудаанд.

Ба назари мо, дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ масъалаи мазкур мубрам арзёбӣ мешавад. Мутобиқи м.88 КМҶ ҶТ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қонун ва дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳама ҳолатҳои парванда асос ёфтааст аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмӯи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳад [1].

Зимни омӯзиши КМҶ ҶТ роҷеъ ба баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби муаллиф муайян карда шуд, ки танҳо дар як маврид, дақиқан дар м.279 КМҶ ҶТ ибораи «эътиқоди ботинӣ» пешбинӣ шудааст, ки дар матни зайл омадааст: «айбдоркунандаи давлатӣ, ки айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, аз рӯи талаботи қонун ва эътиқоди ботинии худ амал мекунад». Яъне, аз миёни субъектони исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя) дар моддаи ҷудогонаи КМҶ ҶТ баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби прокурор омадаасту халос. Ҳол он ки дар асоси м.88 КМҶ ҶТ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, суд, судя низ ба амал бароварда мешавад.

Ҳамзамон, бояд ишора намуд, ки КМҶ ҶТ дар м.88 ба ивази ибораи «эътиқоди ботинӣ» ибораи «ақидаи ботинӣ»-ро мавриди истифода қарор додааст. Бо вуҷуди ин, муқарраротҳои зикрёфта ба таври мукаммал ва паҳновар падидаи баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботиниро рӯи кор наовардааст. Бояд хотирнишон намуд, ки Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» эътиқоди ботиниро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳукми судӣ эътироф намуда, дар он чунин пешбинӣ шудааст, ки суд, судя уҳдадоранд, ки бо дарки масъулияти баланд ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда, иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин намоянд. Суд, судя бояд ҳама гуна масъалаҳоеро, ки дар ҳукм ҳал мегарданд, дар асоси қонун тибқи адолати судӣ ва мутобиқи иродаи ботинии худ ҳамаҷониба, пурра, холисона мавриди санҷиш қарор дода, ҳамаи ҳолатҳои корро дар маҷмӯъ, бе дахолат, мавриди баррасӣ қарор диҳанд [6].

Бо дарназардошти мубрам будани зуҳуроти баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботинӣ ва нақши муассир доштан дар қабули қарорҳои мурофиавӣ ин масъала бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муташаккилона таҷдиди назар карда шавад. Ба назари мо, м.17 КМҶ ФР

мазмуну муҳтавои падидаи баҳодиҳии далелҳоро аз рӯи эътиқоди ботинӣ возеҳу равшан манзур намудааст. Тибқи м. 17 КМҶ ФР судя, инчунин прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда далелҳоро мувофиқи эътиқоди ботинии худ дар асоси маҷмӯи далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда, қонун ва виҷдонро ба роҳбарӣ гирифта, баҳодиҳӣ менамоянд [5, с. 80]. Дар робита ба масъалаи қонун ва виҷдон, ки қисмати асосии эътиқоди ботиниро ташкил медиҳад, О.В. Левченко бамаврид қайд менамояд: «Субъекти исботкунӣ ҳангоми баҳодиҳии далелҳо аз рӯи виҷдон бояд кафолат дошта бошад, ки дар асоси он эътиқоди ботинии худро ташаккул диҳад. Ин қабил кафолатҳоро қонун пешниҳод намудааст» [10, с. 62].

Таҳлили минбаъдаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии кишварҳои ИДМ, ба хусус КМҶ Ҷумҳурии Беларус роҷеъ ба падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ муайян намуд, ки воқеан ҳамчун принсип амал намуданаш ба мақсад мувофиқ аст. Чунончи, мувофиқи м. 19 КМҶ Ҷумҳурии Беларус (баҳодиҳии далелҳои аз рӯи эътиқоди ботинӣ) суд, мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ далелҳоро дар асоси қонун ва эътиқоди ботинӣ ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳанд [2].

Ҳамин тавр, агар муқарраротҳои ишорашудаи КМҶ ФР ва КМҶ Ҷумхурии Беларусро дар хусуси принсипи баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботинӣ муқоиса намоем, дар КМҶ Федератсияи Русия ибораҳои «қонун ва виҷдон» пешбинӣ шудааст, дар КМҶ Ҷумҳурии Беларус бошад, «қонун ва эътиқоди ботинӣ» инъикос гардидааст. Гарчанде, ки дар бархе мавридҳо иборaҳои мухталиф истифода шуда бошад ҳам, ба назари мо, дар кодексҳои зикршуда принсипи баҳодиҳӣ аз рӯи эътиқоди ботинӣ мазмунан якранг рӯи кор омадааст. Ногуфта намонад, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон низ принсипи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ ҷой дорад, аммо ба таври дигар номгузорӣ гардидааст (м.23 КМҶ принсипи беғаразӣ ва баҳодиҳии озоди далелҳо) [3]. Қисми 3 м.23 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ кардааст, ки баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби муфаттиш, прокурор ҳангоми пешбурди тосудӣ барои судя ҳатмӣ нест. Ба андешаи мо, муқаррароти мазкур, аз васеъ ба роҳ мондани салоҳияти судя бобати баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ шаҳодат медиҳад, гарчанде, ки сухан дар бораи баҳодиҳӣ дар марҳилаи то судӣ рафта истодааст. Ҳол он, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон падидаи «судяи тафтишотӣ» амал менамояд.

Мутобиқи нуқтаи назари мо, таҳлил ва омӯзиши паҳновари эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳӣ далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Бо мақсади такомул ва инкишофи падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ ва умуман муқаррароtҳои КМҶ ҶТ зарур мешуморем, ки ба боби 2 КМҶ (Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи ҷудогона ба номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ ё ин ки баҳодиҳии далелҳо аз рӯи ақидаи ботинӣ» ворид карда шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Назаров А.Қ.**

## ОЦЕНКА ДОКАЗАТЕЛЬСТВ ПО ВНУТРЕННЕМУ УБЕЖДЕНИЮ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ И ЕЕ НЕОДНОЗНАЧНЫЕ АСПЕКТЫ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССУАЛЬНОМ КОДЕКСЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** уголовный процесс; элементы доказывания; внутреннее убеждение дознавателя; следователя; прокурора и судьи; оценка доказательств.

***Аннотация:*** Данная статья посвящена теоретическим вопросам и уголовно-процессуальному законодательству об оценке доказательств по внутреннему убеждению. На основе всестороннего анализа института оценки доказательств по внутренним убеждениям

автор выявляет его неоднозначные аспекты в теории и уголовно-процессуальном законодательстве, а также вносит полезные предложения по его совершенствованию.

***Махмудов Изатулло Тешаевич*** - кандидат юридических наук, доцент кафедры судебного права и прокурорского контроля юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru, Тел.: (+992) 93-504-43-52.

***Исоев Комёр Мадвалиевич*** - ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: isoev10k@gmail.com, Тел.: (+992) 985-01-55-55.

## ASSESSING OF EVIDENCE BASED ON INTERNAL CONVICTION IN CRIMINAL PROCEEDINGS: THEORETICAL ISSUES AND ITS CONTROVERSIAL ASPECTS IN THE CRIMINAL PROCEDURE CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** criminal procedure; elements of proving; internal belief of the inquirer; investigator; prosecutor and judge; estimation of proofs.

***Annotation:*** This article is devoted to theoretical issues and criminal procedural legislation on the assessment of evidence based on inner conviction. Based on a comprehensive analysis of the institution of assessing evidence based on internal beliefs, the author identifies its controversial aspects in theory and criminal procedural law and also makes useful suggestions for its improvement.

***Mahmudov Izatullo Teshaevich*** - candidate of legal sciences, associate professor of the department of judicial law and prosecutor's control of the law faculty of the National University of Tajikistan. E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru, Tel.: (+992) 93-504-43-52.

***Isoev Komyor Madvalievich*** - Assistant at the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision, Faculty of Law, National University of Tajikistan. E-mail: isoev10k@gmail.com, Tel.: (+992) 985-01-55-55.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, № 12, мод. 815, мод. 816.

2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус аз 16 июли соли 1999 № 295-З (бо тағйироту иловаҳо аз 17.07.2023 с.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414958 (санаи муроҷиат 05.09.23с).

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 28 октябри соли 2021 № 129 (бо тағйироту иловаҳо аз 10.10.2023 с.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1693;-45 (санаи муроҷиат 11.10.23с).

4. Асосҳои мурофиаи ҷиноятии Иттиҳоди ССР ва Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ аз 31.10.1924 с. // СЗ СССР. 1924. № 24. Ст. 206.

5. Тафсири илмӣ-амалӣ ба Кодекси мурофиавии Ҷиноятии Федератсияи Росия / зери таҳр. В.М. Лебедева; таҳр. Илм. В.П. Божьев. – нашри 7, бо тағ.. – М.: Издательство, Юрайт ; Юрайт-Издат, 2010. С.80.

6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/upload/iblock/b51/b51f48774a5d03272dae467df0d10070.pdf (санаи муроҷиат 11.10.23с).

7. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. (Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ихтисоси ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). Душанбе, 2015.

8. Юлдошев Р.Р. Нақши Оинномаи мурофиаи ҷиноятии соли 1864 дар ташаккул ва рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон [Мақола] / Р.Р. Юлдошев // Мушкилоти мубрами ҳуқуқи Россия.– 2014. – № 4 (41). – С. 646.

9. Абдуллоев П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. №4 (12) 2018. – 143 с.

10. Левченко О.В. Системаи воситаҳои фаъолияти маърифатӣ дар исботи парвандаҳои ҷиноятӣ ва такмили он: дис. … номз. илм. ҳуқуқ. – М., 2004. – 418 с.

**Список литературы:**

1. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года под № 564 // Вести Верховного Собрания Республики Таджикистан, от 2009 года, № 12, ст. 815, ст. 816.

2. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь от 16 июля 1999 г. № 295-З (с изменениями и дополнениями от 17 июля 2023 г.) [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://континент-онлайн.com/Document/?doc_id=30414958 (дата обращения 09.05.23с).

3. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 129 (изменения и дополнения от 10 октября 2023 года) [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://континент-онлайн.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1693;-45 (дата обращения 11.10.23).

4. Основы уголовного судопроизводства Союза Советских Социалистических Республик и союзных республик от 31.10.1924. // СЗ СССР. 1924. № 24. ул. 206.

5. Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / под. Общий ред. В.М. Лебедева; науч Эд. В.П. Божиев. - 7 изд., перераб. и доп. - М.: Издательство, Юрайт; Юрайт-Издат, 2010. С.80.

6. Решение Пленума Верховного суда Республики Таджикистан «О приговоре суда» от 24 декабря 2010 года. [Электронный ресурс]. – Источник доступа: https://sud.tj/upload/iblock/b51/b51f48774a5d03272dae467df0d10070.pdf (дата доступа 11.10.23с).

7. Искандаров З.Х. Юридическая защита. (Учебно-стилистическое пособие для изучения темы судебной адвокатуры по специальности судебное право, прокурорский и следственный контроль юридического факультета ТНУ). Душанбе, 2015.

8. Юлдошев Р.Р. Роль Уголовно-процессуального кодекса 1864 года в становлении и развитии Таджикского Уголовного кодекса [Текст] / Р.Р. Юлдошев // Актуальные проблемы российского права. - 2014. - № 4 (41). - С. 646.

9. Абдуллоев П.С. Учение о доказательствах и доказывании в уголовном процессе. Политология и права человека. № 4 (12) 2018. - 143 с.

10. Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности и доказывания преступной деятельности и ее совершенствование: автореф. ... сахар. ходил наука - М., 2004. - 418 с.

**List of literature:**

1. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan from December 3, 2009, under No. 564 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, from 2009, No. 12, art. 815, art. 816.

2. Criminal Procedure Code of the Republic of Belarus dated July 16, 1999 No. 295-3 (amended and supplemented as of July 17, 2023) [Electronic resource]. – Source of access: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414958 (access date 05.09.23s).

3. Criminal Code of the Kyrgyz Republic dated October 28, 2021 No. 129 (amendments and additions as of October 10, 2023) [Electronic resource]. – Source of access: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1693;-45 (access date 11.10.23).

4. Fundamentals of criminal proceedings of the Union of Soviet Socialist Republics and Union Republics dated 31.10.1924. // SZ USSR. 1924. No. 24. St. 206.

5. Scientific-practical commentary to the Criminal-Procedural Code of the Russian Federation / pod. General ed. V.M. Lebedeva; nauch Ed. V.P. Bozhiev. - 7 izd., pererab. and dop. - M.: Izdatelstvo, Jurayt; Jurayt-Izdat, 2010. P.80.

6. Decision of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan "On the court verdict" dated December 24, 2010. [Electronic resource]. – Source of access: https://sud.tj/upload/iblock/b51/b51f48774a5d03272dae467df0d10070.pdf (access date 11.10.23s).

7. Iskandarov Z.H. Legal advocacy. (Educational media and stylistic guide for studying the subject of judicial advocacy in the specialty of judicial law, prosecutorial and investigative control of the faculty of law of DMT). Dushanbe, 2015.

8. Yuldoshev R.R. Role of the Criminal Procedure Code of 1864 in the Establishment and Development of the Tajik Criminal Code [Text] / R.R. Yuldoshev // Actual problems of Russian law. - 2014. - No. 4 (41). - S. 646.

9. Abdulloev P.S. The doctrine of evidence and proof in criminal proceedings. Political science and human rights. No. 4 (12) 2018. - 143 c.

10. Levchenko O.V. The system of means of cognitive activity and proof of criminal activities and its improvement: thesis. ... sugar. walked science - M., 2004. - 418 c.

## 12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО
## 12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО
## 12.00.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW



**УДК: 348.1**

**Назир Баходур**,
*кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права Академии государственной службы при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: bahodurnazir@gmail.com*
*Тел.: (+992) 935-88-08-45.*

# ПРАВОВАЯ ПРИРОДА КОНСУЛЬСКОЙ СЛУЖБЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** консульская служба; дипломатическое представительство; консульское учреждение; консульское право; постановления президента; постановления правительства; инструкции Министерства иностранных дел.

***Аннотация.*** В статье рассматривается развитие консульской службы и становления консульского права Республики Таджикистан. Автор анализирует нормативно-правовые акты Республики Таджикистан и нормы международного права в этой области. Обращено внимание на задачах, стоящих перед консульскими учреждениями, и на современных требованиях к консульским услугам.

После обретения Таджикистаном независимости, и вслед за признанием его мировым сообществом последовала установление дипломатических отношений с иностранными государствами. “Наше государство на основе своей внешней политики “открытых дверей” намерено расширять и развивать отношения дружбы, взаимовыгодного, конструктивного, двустороннего и многостороннего сотрудничества со всеми странами мира” [1]. «В период независимости Таджикистан установил дипломатические отношения со 178-ю странами мира и стал активным членом авторитетных международных и региональных организаций» [2].

Для поддержания связей с субъектами международного права необходима соответствующая система органов внешних сношений, и в этом процессе важную роль играет консульская служба. Так как консульская служба является одним из важных инструментов достижения внешнеполитических целей Республики Таджикистан.

Высказывается мнение, что «консульская служба как одно из средств международной деятельности должностных лиц и органов внешних сношений одного государства по осуществлению определённого направления своей внешней политики в определённом округе другого государства, в рамках международного права, с помощью свойственных ей специфических консульских функций, приёмов и методов» [3]. Согласно статье 1 Закона Республики Таджикистан “О дипломатической службе Республики Таджикистан”, консульская служба является составной частью дипломатической службы Республики Таджикистан. На наш взгляд, под консульской службой Республики Таджикистан понимается осуществляемую в соответствии с нормами национального и международного права деятельность консульских учреждений Республики Таджикистан, направленную на защиту прав и интересов государства, юридических лиц и граждан Республики Таджикистан, а также укрепления торгово-экономических, социально-культурных и научно-технических связей с иностранными государствами.

В соответствии со ст. 2 Консульского Устава Республики Таджикистан, консульскими

учреждениями являются: консульские отделы дипломатических представительств Республики Таджикистан, генеральные консульства, консульства, вице- консульства и консульские агентства Республики Таджикистан в иностранных государствах. Консульские учреждения Республики Таджикистан в своей деятельности руководствуются законодательством Республики Таджикистан, иных нормативных правовых актов, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

В Республике Таджикистан за годы независимости принято ряд нормативно-правовых актов, которые составляют прочную основу ведения консульской деятельности республики с зарубежными странами.

Важнейшим нормативно правовым актом, в котором основывается внешняя политики республики – Конституция Республики Таджикистан 1994 г. В Конституции имеются ряд положений, касающиеся внешней политики и деятельности консульской службы. Например, в ст. 11 подчеркивается, что «Таджикистан, осуществляя миролюбивую политику, уважает суверенитет и независимость других государств, определяет свою внешнюю политику на основе международных норм». Согласно ст. 24 Конституции Республики Таджикистан, «каждый гражданин имеет право на свободное передвижение и выбор места жительства, выезд за пределы республики и возвращение в нее» [4], а ст. 16 гарантирует защиту гражданам Республики Таджикистан за пределами страны [5].

Следующим нормативно-правовым актом, регулирующим консульскую деятельность за рубежом, является Консульский Устав Республики Таджикистан 1998 г. [6], который состоит из 8 разделов и 77 статей. В 1 разделе Устава определены задачи консульских учреждений, направленные на защиту прав и интересов Республики Таджикистан и её граждан, развитие дружественных отношений с другими государствами. Затем разъясняется статус консульских учреждений, порядок назначения консула и порядок выполнения консульских функций.

Раздел 2 посвящен консульских функций, связанных с выдачей паспортов и виз, вопросами гражданства, учета граждан, защита прав и интересов граждан, опеки, попечительства и регистрации актов гражданского состояния.

В разделе 3 Устава, говорится о функции консула в области нотариата, консульской легализации и консульские сборы.

В разделах 4, 5 и 6 Устава перечислены консульские функции в отношении самолетов и вертолетов вооруженных сил, гражданских воздушных судов, средств автомобильного и железнодорожного транспорта Республики Таджикистан.

Раздел 7 рассматриваемого Устава посвящен консульских функции по санитарной, фитосанитарной и ветеринарной охране.

В последнем разделе 8 говорится о статусе и компетенции почетного консула Республики Таджикистан. В ст. 77 подчеркивается, что почетные консулы не состоят в государственной службе. Назначение и функции почетного консула регулируются Положением о почетном (нештатном) консуле Республики Таджикистан, утвержденном Постановлением Совета Министров Республики Таджикистан от 19 апреля 1993 года, №167.

Следует отметить, что многие положения действующего Консульского Устава не соответствуют требованиям сегодняшнего дня. Например, в Уставе не определены порядок установления консульских отношений Республики Таджикистан с зарубежными странами, не описывается порядок открытия консульских учреждений Республики Таджикистан за рубежом.

В Уставе следует детализировать полномочия и обязанности должностного лица в случае задержания, заключение под стражу или осуждение к лишению свободы граждан Республики Таджикистан в государстве пребывания.

В разделе консульских функций отсутствует норма, предусматривающей электронную форму обращения граждан для консульских услуг, оформления и выдачи виз для иностранных граждан, выдачи биометрических паспортов и о проставлении

апостиля на официальных документах. Так как, с 1 января 2017 года согласно Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 25.01.2017, №31 «Правила оформления, выдачи визы и электронной визы Республики Таджикистан иностранным гражданам и лицам без гражданства» введена новая электронная система оформления и выдачи виз для иностранных граждан; Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29.02.2009, №203 «Правила выдачи заграничных паспортов, содержащих электронные носители информации, и Свидетельств на возвращение в Республику Таджикистан гражданам Республики Таджикистан» введена новые биометрические паспорта и Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 27.11.2015, №699 «Положение о единых правилах и условиях проставления апостиля на официальных документах государственных органов Республики Таджикистан» Республика Таджикистан стала участницей Гаагской конвенции, отменяющая требования легализации иностранных официальных документов, от 5 октября 1961 года.

В Уставе отсутствует нормы о действиях консульских учреждений по оказанию помощи гражданам Республики Таджикистан при чрезвычайных ситуациях в государстве пребывания. Кроме того, в национальном законодательстве не определен механизм реализации ст. 24 Устава об учете постоянно проживающих и временно находящихся в консульском округе граждан Республики Таджикистан.

Полагаем, что принятия следующие нормативные акты: Инструкция о порядке учета граждан Республики Таджикистан за границей, Инструкция по оказанию содействия гражданину Республики Таджикистан, который находится в государстве пребывания без средств к существованию и Инструкция по оказанию помощи гражданам Республики Таджикистан при возникновении чрезвычайных ситуации, вооруженных конфликтов, массовых беспорядков и террористических акций в государстве пребывания, качественно повысить эффективности работы консульских учреждений, что послужить важным инструментом для защиты прав граждан Республики Таджикистан за рубежом.

Следует особо отметить значение Конституционного закона Республики Таджикистан «О гражданстве Республики Таджикистан» для деятельности консульской службы Республики Таджикистан, где определены полномочия дипломатические представительства и консульские учреждения Республики Таджикистан по вопросам гражданства.

Из нормативно-правовых актов в сфере консульской деятельности весомую роль играет Концепция внешней политики Республики Таджикистан от 27 января 2015 года. В Концепции с учетом национальных интересов страны определены цели, задачи и принципы внешней политики, а также на основе принципа уважение прав и фундаментальных свобод человека ставить своей задачи обеспечения и защиты прав и свобод, достоинства и интересов граждан Таджикистана внутри и за пределами страны.

Большое значение для деятельности консульской службы Республики Таджикистан имеет также следующие нормативно-правовые акты:

- Закон Республики Таджикистан «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства в Республике Таджикистан»;
- Положение Министерства иностранных дел Республики Таджикистан, утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 года, №593;
- Положение о Посольстве Республики Таджикистан, утверждено Указом Президента Республики Таджикистан от 23 января 1995 года, №165;
- Инструкция о порядке консульской легализации, утверждено распоряжением Министра иностранных дел Республики Таджикистан от 19 ноября 2008 года, №428.

Консульские учреждения Республики Таджикистан являются органами внешних сношений, которые от имени Республики Таджикистан осуществляют консульские функции в рамках национального законодательства и нормы международного права в стране пребывания. Следует отметить,

что консульские функции выполняются также и дипломатическими представительствами, так как для этих целей создаются консульские отделы при посольствах Республики Таджикистан. С учетом этого, важное значение имеет ст. 3 Венской конвенции о дипломатических сношениях 1961 года, в которой отмечается, что «Ни одно государство из положений настоящей Конвенции не должно истолковываться как препятствующее выполнению дипломатическими представительствами консульских функции» [7].

Правовой анализ законодательства Республики Таджикистан показывает, что вопросы деятельности посольств регулируется Положением о Посольстве Республики Таджикистан, утверждённое Указом Президента Республики Таджикистан от 23 января 1995 года, №165, однако для регулирования деятельности консульских учреждений Республики Таджикистан за рубежом отсутствует отдельный подзаконный акт.

Правовую основу консульских отношений Республики Таджикистан с зарубежными странами составляют многосторонние и двусторонние консульские договоры, конвенции, соглашения по вопросам гражданства, о взаимных поездках граждан, о правовой помощи по гражданским, уголовным и семейным делам.

Особое внимание хотелось уделить значение Венской конвенции о консульских сношениях 1963 года, которая регулирует практически все аспекты консульских отношений, в частности, порядок установления консульских сношений, открытия консульских учреждений, функции, привилегии и иммунитеты консульских учреждений, а также деятельности почетных консулов. Консульские учреждения республики, осуществляя консульские функции опирается на нормах Венской конвенции о консульских сношениях. В ст. 1 Консульского Устава Республики Таджикистан отмечается о значимости Венской конвенции о консульских сношениях, что «Консульские учреждения Республики Таджикистан за границей защищают интересы Республики Таджикистан и ее граждан в рамках Венской Конвенции о консульских сношениях и всемерно содействуют развитию дружественных отношений Республики Таджикистан с другими государствами».

- азназаргузаронидани бино ва ҳудуди онро, - дар асоси талаботҳои Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд [4, с.325-341].

Шӯъбаи назорати транзитӣ бошад, ба чунин корҳо масъул аст:

- анҷом додани расмиёти транзити гумрукӣ ва ҷойгир кардани мол таҳти ин расмиёт;

- ба нигаҳдории муваққати ҷой додани мол ва ба нигаҳдории муваққатӣ иҷозат додани он;

- роҳандозӣ намудан ҳамкорҳои саммараноки гумрукӣ.

Ҳамин тариқ, суръати амалиёти гумрукӣ аз сифат ва ҳамкориҳои самарабахши мақомоти гумрук вобаста аст. Тавре, ки натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, дар муносибатҳои гумрукӣ танзимгарони мусбати ҳуқуқии давлатӣ бартарӣ дошта, онҳо имконияти хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва рушди қонунгузории гумрукиро дар доираи татбиқи барнома ва стратегияҳои рушди Ҷумҳурии таъмин намуда, фаъолияти иқтисодии субъектҳои ғайридавлатиро ҳавасманд мегардонанд.

Бо вуҷуди ин, дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии баррасишаванда, нақши муҳимро институти анъанавии таъсири давлатӣ дар иқтисодиёт - институти ҷавобгарии маъмурӣ, ки аз ҷониби олимони муосир ҳамчун дараҷаи олии зуҳуроти усулҳои маҷбуркунии маъмурӣ дониста шудааст, фаҳмонида мешавад [11, с. 5].

Дар робита ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 бо назардошти муҳиммияти сармоягузорӣ дар таъмини бехатарии иқтисодӣ то соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардидааст, ки зиёда аз 83 миллиард сомониаш ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор сафар карда шудааст [9].

Ҳамин тавр, бо дарназардошти мавқеи созмонҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои бехатарии иқтисодӣ дар ҷаҳон ва дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба инобат гирифтани афзалиятҳо дар фаъолшавии фаъолияти иқтисодии давлат роҳандозӣ намудани чунин масъалаҳо зарур аст:

- бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани таъсири қонунҳо ва мутобиқати онҳо ба талаботҳои муносибатҳои бозорӣ бештар ҷалб намудани сармоя барои ташкили корхонаҳои муштараки ҳозиразамон;

- ташкили ҳуқуқии шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёт дар асоси татбиқи дурусти барномаҳои қабулгардидаи давлатӣ;

- бо мақсади расидан ба ҳадафҳои асосии иқтисоди миллӣ пайваста татбиқ намудани лоиҳаҳои корхонаҳои истеҳсолии инноватсионӣ дар асоси самаранок истифода бурдани неруи барқ;

- муҳаё намудани дастрасӣ ба сарчашмаҳои қарзии дарозмуддат бо фоизҳои нисбатан пасттар ва таҳти ҳимоя қарор додани манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва соҳибкорон;

- бо мақсади васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва суръатбахшии саноатикунонии мамлакат, роҳандозӣ намудани имтиёзҳои андозию пардохтҳои гумрукӣ;

- барои самаранок истифода бурдани захираю иқтидорҳои истеҳсолӣ оид ба таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ, ҷоннок намудани пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти кишвар;

- барои мусоидат ба солимии аҳолӣ, ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои хушсифати озуқаворӣ ва коҳиш додани воридоти маҳсулоти зараровар;

- бешар содир намудани маҳсулоти ватании рақобатпазир ба бозори ҷаҳонӣ.

Дар ҳақиқат, таҷрибаи ҷаҳонии даҳсолаҳои охир нишон дод, ки омили асосии таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ин сатҳи баланди якҷояшавӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ буда, ҷонибдории кишвар дар баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ яке аз нишондиҳандаи асосии он мебошад. Дар идомаи ин раванд, ташкили системаи боэътимод фаъолияткунандаи гумрукӣ бо расмиёти стандартишуда, пешгӯишаванда ва таъмини самаранокии назорати барасмиятдарории гумрукӣ низ тадбири муҳими рушди савдо бахри интиқоли босуръати молҳо тавассути сарҳад Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Гарчанде, ки масъалаҳои ба қоидаҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол шуда бошад ҳам, дар солҳои охир тамоюли ҷаҳонӣ аз нав дида баромадани сиёсати вобаста ба рушди мақомоти гумруки ҷумҳуриро талаб менамояд. Барои он, ки имрӯзҳо дар натиҷаи пурра ба эътибор нагирифтани татбиқи сиёсати самараноки мувофиқати фаврӣ оид ба талаботи таъмини назорати гумрукӣ ва сиёсати мутавозуни тиҷоратӣ роҳандозӣ нашудааст.

Ҳол он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯйи рушди мақомоти гумрук фароҳам овардаанд, аз ҷумла Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуҷҷатҳои муҳими ҳуқуқии байналмилалии пештар қабул гардида, ба монанди Конвенсияи байналмилалии почта (соли 1964), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мувофиқакунонии шартҳои гузаронидани назорати бор дар сарҳад (соли 1982), Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи Низоми ҳамоҳангшудаи тасвир ва рамзгузории молҳо (соли 1983), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба воридоти муваққатӣ (соли 1990), Созишномаи генералӣ оид ба тариф ва савдои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (соли 1994), Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (соли 1994), ҳаммонанд ва ҳамоҳанг карда шудаанд [1, с. 5-6].

Аз санадҳои ҳуқуқии зикргардида, дар самти фаъолияти гумрукӣ Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки аз моҳи феврали соли 2017 ба таври расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарордодашуда, нақши назаррас дошта, муқарраротҳои он барои иҷро аз ҷониби мақомоти гумрукӣ ҳатмӣ гардида, ҷиҳати содагардонии расмиёти савдо имконият медиҳад.

Дар натиҷаи сиёсати самарабахши ҳуқуқӣ истифодаи якхелаи меъёрҳои қонунгузории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае таъмин гардида, ислоҳотҳои дар соҳаи танзими гумрукӣ гузаронидашуда имконият доданд, ки системаи иттилоотии мақомоти гумрук ба таври доимӣ рушд ёфта, сифати маъмуригардонии гумрукӣ баланд ва истифодабарии оқилонаи расмиёти гумрукӣ ба муваффақиятҳо ноил гардад.

Дар робита ба ин, муқаррароти асосии расмиёти содагардонидашуда бо Конвенсияи таҷдидиназаршудаи Киото, Созишномаи СУС ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Гумрукӣ ба меъёрҳои муайяннамудаи мақомоти гумрук дар асри 21 ба қадри кофӣ ба уҳдадориҳои нақшавии таъмини воридоти андоз ба буҷети давлатӣ ва интиқоли босуръати мусоидаткунанда тавассути сарҳади гумрукӣ ҷавобгӯ набуда, истифодаи нопурраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ метавонанд ба расмиёти назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ таъсири манфӣ расонанд.

Марҳила, шакл ва тамоюлҳои озодшавӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки дар доираи салоҳияти мақомоти гумрук муайян карда мешаванд, аз динамизму ҷандирии ин ниҳод ва табдилёбии он дар самти баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои тиҷоратӣ шаҳодат дода, танзими маъмурию ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии иштирокчиёни ғайридавлатии муносибатҳои гумрукиро роҳандозӣ менамояд.

Коршиносон мушкилоти зеринро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба салоҳияти мақомоти гумрук чунин қайд мекунанд:

- декларант аз ҷавобгарии маъмурӣ дар ҳолате озод мешавад, ки худи ӯ ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба декларатсия накардан ё декларатсияи бардурӯғро то иҷозаи мол додани мақоми гумрук, мустақилона муайян кунад;
- иваз кардани ҷаримаи маъмурӣ бо огоҳӣ ҳангоми таъйин кардани ҷазои маъмурӣ аз ҷониби мақомоти гумрук, яке аз масъалаҳои камаҳамият эътироф мешавад, агар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба намояндаи мақомоти гумрук дар муносибатҳои гумрукӣ бошад.

Гузашта аз ин, баъзеи онҳо мушкилоте мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хосанд. Ҳамин тариқ, олимоне, ки мушкилоти

самти фискалии қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмуриро муайян мекунанд, дуруст қайд мекунанд, ки огоҳӣ ҳамчун ивазкунандаи ҷарима нисбатан кам истифода бурда мешавад.

Дар робита ба ин, коршиносон ба таври асоснок оид ба ҷорӣ намудани ҷазои маъмурӣ, аз қабили огоҳӣ дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати зарарҳои ѓайриқочоқӣ ва ҳисороти бевоситаи иктисодӣ пешниҳод мекунанд. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи парвандаҳое, ки дар солҳои охир дар ҳаҷми умумии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки мақомоти гумрук ошкор ва рафъ кардаанд, ҳиссаи назаррасро ишғол кардаанд [5].

Хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва рушди қонунгузории гумрукӣ дар доираи татбиқи барнома ва стратегияҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин бо дарназардошти «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024», чунин тадбирҳои навсозӣ, самтҳои асосии такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд:

- ҳаммонандкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо санадҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук, кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ташкилоту сохторҳои дигари молиявию иқтисодии байналмилалӣ;

- беҳтар намудани сифати батанзимдарории гумрукӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- бадастоварии афзоиши воридоти пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ, дар асоси таъмини ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳимояи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дастгирии фаъолияти савдои хориҷӣ;

- анҷомбахшии корҳо оид ба таъмин намудани мақомоти андоз бо маълумоти омори гумрукӣ дар бораи содироту воридот дар шакли электронӣ;

- вусъат бахшидани ҷараёни татбиқи лоиҳаи ташкили равзанаи ягонаи гумрукӣ, аз ҷумла содагардонӣ, марказикунонии низоми супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва рушди эъломиякунонии гумрукии электронӣ;

- беҳтаркунии ҳамкориҳои мақомоти гумрук бо мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар самти фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти гумрук дар мубориза бар зидди қочоқ;

- такмили технологияҳои ташаккул, коркард ва пешбурди маълумоти омори гумрукӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ;

- андешидани тадбирҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ, бахусус даст кашидан аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, доруворӣ, биологӣ ва маҳсулоти дигари ба саломатии инсон зараровар;

- дар доираи васеъшавии озодшавии ҷавобгарии маъмурӣ аз номгӯи ҳуқуқвайронкунии қоидаҳои гумрукӣ то ба системаи тамоми ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки ба салоҳияти мақомоти гумрук дохил мешаванд, (аз ҷумла вайрон кардани қонунгузории асъор, вайрон кардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи оморӣ), мақомоти гумрук, пеш аз ҳама ба якпорчагии мантиқии соҳаи муносибатҳои ҷамъятии баррасишаванда, алоқамандии ин намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурриро аз як тараф, бо ҷанбаи фаромарзӣ вобаста карда, аз тарафи дигар, натиҷаҳои табиии аломати фарққкунандаи фаромарзии муносибатҳои баррасишавандаро бо функсияи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти гумрук роҳандозӣ менамояд;

-идома ёфтани амалигардонии либерализатсия ё озодшавии ҷавобгарии маъмурӣ дар самти муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун дастур барои такмили минбаъдаи механизмҳои ҷавобгарии маъмурӣ;

-таҳия ва мавриди истифода қарор додани принсипҳои ягона ва афзалиятҳои мурофиавӣ ҳангоми гузаронидани фаъолияти нигаҳбонӣ ва назоратӣ бо иштироки мақомотҳои давлатии манфиатдор дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

-татбиқи меъёрҳои гумрукӣ барои муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ нисбати ҳуқуқвайронкуниҳои ба салоҳияти мақомоти гумрук дохилшаванда, ҳамчун шарти амалигардонии чораҳои маҷбуркунии ҷавобгарии маъмурӣ.

## КОММЕРЧЕСКИЕ УСЛУГИ И РАЗВИТИЕ ТАМОЖЕННОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РАМКАХ РЕАЛИЗАЦИИ СРЕДНЕСРОЧНОЙ ПРОГРАММЫ РАЗВИТИЯ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ключевые слова:*** коммерческие услуги; развитие таможенного законодательства; неторговые операции, таможенная инфраструктура; формы таможенного контроля; освобождение от административных ответственностей; динамичность и гибкость интересов; типовая структура таможенных постов.

***Аннотация:*** Статья посвящена процессам коммерческого обслуживания и развитию таможенного законодательства в рамках реализации программы и стратегии развития Республики Таджикистан на основе передового опыта зарубежных стран. В качестве мер по модернизации автор рассматривает развитие таможенного законодательства с учетом совершенствования таможенной инфраструктуры, разработки форм осуществления таможенного транзитного контроля, эффективного использования пунктов пропуска, оснащения складов открытого хранения современным оборудованием и технологиями. На основе рекомендаций Всемирной торговой организации и Всемирной таможенной организации предложена разработка типовой структуры пунктов пропуска, направления освобождения от административной ответственности с обеспечением динамичности и гибкости законных интересов участников таможенных отношений.

***Нидоев Нозимжон Фозилович -*** доктор экономических наук, и.о. пофессора кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, Республика Таджикистан. E-mail: nozimjon.nidoev@mail.ru, Тел.: (+992) 900-14-88-88.

## COMMERCIAL SERVICES AND DEVELOPMENT OF CUSTOMS LEGISLATION AS PART OF THE IMPLEMENTATION OF THE MEDIUM-TERM PROGRAM FOR THE DEVELOPMENT OF CUSTOMS AUTHORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Keywords:*** commercial services; development of customs legislation; non-trade operations; customs infrastructure; forms of customs control; exemption from administrative responsibilities; dynamism and flexibility of interests; typical structure of customs posts.

***Annotation:*** The article is devoted to the processes of commercial services and the development of customs legislation as part of the implementation of the program and development strategy of the Republic of Tajikistan based on the best practices of foreign countries. As measures for modernization, the author considers the development of customs legislation, taking into account the improvement of customs infrastructure, the development of forms for implementing customs transit control, the effective use of checkpoints, and equipping open storage warehouses with modern equipment and technologies. Based on the recommendations of the World Trade Organization and the World Customs Organization, the development of a standard structure of checkpoints, directions for exemption from administrative responsibility, ensuring the dynamism and flexibility of the legitimate interests of participants in customs relations is proposed.

***Nidoev Nozimjon Fozilovich*** - doctor of economic sciences, professor of the department of customs activities of the faculty of international economic relations, law and customs of the State University of Trade of Tajikistan. E-mail: nozimjon.nidoev@mail.ru, Тел.: (+992) 900-14-88-88.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2024. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537.-Душанбе: КВД “Матбаа”-и ХГ назди ҲҶТ.- 146 саҳ.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри 2016, №678.- Душанбе: ҶДММ «Контраст», кӯчаи Н.Муҳаммад, 28, - 153 саҳ;.
3. Дастурамал “Оид ба тартиби интихоби мутахассисон ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон». Фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 марти соли 2007, № 66.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №62. - Душанбе, 2018.- 755 с.
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 455.
6. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642.
7. Нидоев Н.Ф. Таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: “Ирфон” 2007.- 262 с. (саҳ. 36-67, 92-105).
8. Низомнома дар бораи «Талаботи тахассусӣ нисбати кормандони мақомоти гумрук». Фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 06 апрели соли 2007, № 72 - ф.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022 (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе: ҶДММ “ЭР-граф”, 2022. - 414 саҳ.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» http://president.tj/node/29823.
11. Россинский Б.В. Мафҳум, тасниф ва табиати чораҳои маҷбурии маъмурӣ // Қонунҳои Россия: таҷриба, таҳлил, амалия. - 2021. - №11. - С. 3-9.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636.- Душанбе, 2016.- 104 саҳ.

**Список литературы:**

1. Среднесрочная программа развития таможенных органов Республики Таджикистан на 2020 – 2024 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 ноября 2019 года № 537. – Душанбе: КВД «Матбаа». - 146 страниц.
2. Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. Решение Маджлиси надоманым Верховного Маджлиси Республики Таджикистан от 28 декабря 2016 года № 678. - Душанбе: ЖДММ «Контраст», улица Н. Мухаммеда, 28, - 153 страницы;
3. Инструкция «О порядке отбора специалистов Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан». Приказ Руководителя Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан от 30 марта 2007 года №66.
4. Таможенный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2004 года № 62. – Душанбе, 2018. – 755 с.
5. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 года № 455.
6. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года №642;

7. Нидоев Н.Ф. Обеспечение экономической независимости и социальной стабильности в Республике Таджикистан - Душанбе: «Ирфан» 2007.- 262 с. (стр. 36-67, 92-105).

8. Положение о «Квалификационных требованиях к должностным лицам таможенных органов». Приказ Руководителя Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан от 6 апреля 2007 года №72-ф.

9. Годовая статистика Республики Таджикистан - 2022 (официальное издание). Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан-Душанбе: ЖДММ «ЭР-граф», 2022. – 414 с.

10. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Верховному Собранию Республики Таджикистан от 23 декабря 2022 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» http://president .tj/узел/29823.

11. Россинский Б.В. Понятие, классификация и природа административного принуждения // Законы России: опыт, анализ, практика. - 2021. - № 11. - С. 3-9.

12. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Решение Собрания представителей Верховного Собрания Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года №636.-Душанбе, 2016.- 104 с.

**List of literature:**

1. Medium-term development program of the customs authorities of the Republic of Tajikistan for the years 2020 - 2024. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan of November 1, 2019, No. 537. - Dushanbe: KVD "Matbaa" of the Ministry of Customs, N. Street. Khuvaidulloev 33 a. - 146 pages.

2. Medium-term development program of the Republic of Tajikistan for 2016-2020. The decision of the Majlisi nadomanyom of the Supreme Majlisi of the Republic of Tajikistan dated December 28, 2016, No. 678. - Dushanbe: JDMM "Contrast", 28 N. Muhammed street, - 153 pages.

3. Instruction "On the procedure for selecting specialists for the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan". Order of the Head of the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan dated March 30, 2007, No. 66.

4. Customs Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2004, No. 62. - Dushanbe, 2018.- 755 p.

5. Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, No. 455.

6. Concept of digital economy in the Republic of Tajikistan. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated December 30, 2019, No. 642.

7. Nidoev N.F. Ensuring economic independence and social stability in the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: "Irfan" 2007. - 262 p. (pp. 36-67, 92-105).

8. Regulation on "Qualification requirements for customs officials". Order of the Head of the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan dated April 6, 2007, No. 72 - f.

9. Annual statistics of the Republic of Tajikistan - 2022 (official publication). Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan-Dushanbe: JDMM "ER-graph", 2022. - 414 p.

10. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, December 23, 2022 "On the main directions of the internal and foreign policy of the Republic" http://president.tj/node/29823.

11. Rossinsky B.V. Concept, classification and nature of administrative forcing // Laws of Russia: experience, analysis, practice. - 2021. - No. 11. - S. 3-9.

12. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Decision of the Assembly of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated December 1, 2016, No. 636.-Dushanbe, 2016.- 104 p.



**УДК: 349**

**Саъдиев Исмоил Зарифович,**
*мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: ismoil.s85@mail.ru*
*Тел.: (+992) 555-58-55-52.*

# ПРИНСИПҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

***Калидвожаҳо:*** принсипи ҳуқуқ; идоракунии давлатӣ; маориф; соҳаи ҳуқуқ; қонуният; қонун; рушди соҳаи маориф; қонунгузорӣ; инсондӯстӣ; демократизм; танзими ҳуқуқӣ.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маъмурӣ принсипҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи маориф мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки тамоми соҳаҳои ҳуқуқ дар заминаи принсипҳо инкишоф меёбанд ва дар заминаи принсипҳо меъёрҳои ҳуқуқ қабул ва татбиқ мегарданд. Муаллиф бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ масъалаи мазкурро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст, ки ин ба муҳаққиқони соҳаи мазкур метавонад хизматрасон бошад.

Инсоният дар кулли бахшҳои ҳаёти худ ба принсипҳои муайян ё худ асосҳо ва ғояҳои роҳбарикунанда такя намуда, дар заминаи онҳо бахшҳои мухталифи ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро пеш мебарад. Соҳаҳои ҳуқуқ, ки бевосита аз ҷониби инсон ҳамчун мавҷудоти соҳибақл ва бо шуур эҷод гардидаанд ва ҳадафи танзими муносибатҳои ҷамъиятиро доранд, бидуни мавҷудияти принсипҳо рушду ташаккул намеёбанд ва манфиати ҷомеа, инчунин давлатро ҳифз карда наметавонанд. Бинобар ҳамин тамоми соҳаҳои ҳуқуқ дар заминаи принсипҳо инкишоф меёбанд ва дар заминаи принсипҳо меъёрҳои ҳуқуқ қабул ва татбиқ мегарданд.

Идоракунии давлатӣ зуҳуроти муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамаи соҳаҳои он аз ҷумла идоракунии давлатии соҳаи маориф дорои принсипҳои ба худ хос мебошанд. Идоракунии давлатиро бе мавҷудияти принсипҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар таҳқиқотҳои қаблӣ қайд намуда будем, ки дар назарияи ҳуқуқ ва давлат масъалаи принсипи ҳуқуқ новобаста аз мансубият ба соҳаи ҳуқуқ чун анъана мавқеи марказиро ишғол менамояд. Дар баробари ин шумораи зиёди ҳуқуқшиносони амалия бар он назаранд, ки принсипҳои ҳуқуқ танҳо асоси назариявӣ буда, барои таҳқиқотҳои илмӣ хизмат менамоянд ва танҳо муносибати ғайримустақим ба раванди ҳуқуқ татбиқсозӣ дораду халос. Бояд тазаккур дод, ки чунин фаҳмиш оид ба принсипҳо ҳеч гуна умумият ба ҳақиқат надорад. Ҳама гуна фаъолияти амалия дар заминаи принсипҳои соҳавӣ таҳрезӣ мегардад ва баҳри расидан ба ҳадафҳои соҳавӣ хизмат менамоянд [1, с.58].

Э.С. Насриддинзода қайд менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқ мабдаъҳои ибтидоии асосӣ, ғояҳо, нуктаҳоеанд, ки моҳияти ҳуқуқро чун танзимкунандаи вижаи иҷтимоӣ ифода мекунанд. Онҳо қонуниятҳои ҳуқуқ, табиату таъминоти иҷтимоии онро ифода карда, аз қоидаҳои нисбатан умумии рафтор иборатанд, ки ё дар қонун ошкоро аниқ ифода ёфтаанд ва ё аз мазмуни он бармеоянд [2, с.70].

Принсипҳои идоракунии давлатии соҳаи маорифро метавон ҳамчун идеяҳои роҳбарикунанда, муқарраркунанда, ифодакунандаи қонуниятҳои объективӣ ва муайянкунандаи самтҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки амалӣ намудани салоҳият, вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, ваколатҳои шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, ки дар низоми ҳокимияти давлатӣ, алалхусус дар низоми идоракунии соҳаи маориф амал мекунанд, мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки саргаҳи ибтидоии фаъолият дар идоракунии давлатии соҳаи маориф, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам гардидаанд, принсипҳои идоракунии соҳаи маориф мебошанд. Ба таври дигар гӯем принсипҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур ғояҳои асосие мебошанд, ки дар қонун сабт шудаанд. Онҳо аз ҷониби қонунгузор дар асоси таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кишвар мураттаб гардида, муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузориро ифода намуда, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатиро муқаррар мекунанд.

Идоракунии давлатии соҳаи маориф ва мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додани муносибатҳои соҳаи маориф дар асоси принсипҳои конститутсионӣ, ки бе восита аз Конститутсия маншаъ мегиранд ва принсипҳои ташкилӣ, ки мустақиман дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22 июли соли 2013 муқаррар гардидаанд, сурат мегирад.

Танзими оммавӣ – ҳуқуқӣ ва хусусӣ – ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф бо истифода аз принсипҳои умумии соҳавӣ ва принсипҳои соҳавӣ ба роҳ монда мешавад. Принсипҳои умумии соҳавие, ки барои танзими муносибатҳои соҳаи маориф ва идоракунии соҳаи мазкур истифода мешаванд, принсипҳои қонуният, инсондӯстӣ, демократизм, шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва ғайра мебошанд. Аксари принсипҳои мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” таҷассум ёфтаанд.

Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи идоракунии давлатӣ дар соҳаи маориф ҷиддан бояд идоракуниро бо риояи принсипҳои муқарраргардидаи соҳа ба роҳ монанд. Риояи принсипҳо идоракунии давлатиро самаранок намуда, рушди соҳаро таъмин менамояд. Ҳангоми амалӣ намудани идоракунии давлатӣ ба инобат нагирифтан ё қисман ба инобат гирифтани принсипҳо омили асосии нокомӣ дар рушди соҳаи идорашаванда мебошад. Риоя нагардидани як принсип боиси риоя нашудани ҳамаи принсипҳо гардида, сохторро пурра фалаҷ месозад. Ҳангоми татбиқи принсипҳо онҳоро ба принсипҳои аввалиндараҷа ё дувуминдараҷа ҷудо намудан мумкин нест, зеро ба инобат нагирифтани дилхоҳ принсип таъсири манфии худро ба тамоми принсипҳо мерасонад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22 июли соли 2013 принсипҳои зеринро муқаррар намудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат:
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;
- раванди муттасили таҳсил;
- мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот [3].

Принсипҳои болозикр муайян менамоянд, ки баробарҳуқуқии шаҳрвандонро дар гирифтани таҳсилоти босифат новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк қонунгузор таъмин менамояд. Ҳама гуна табъиз дар соҳаи маориф, алалхусус барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат манъ аст. С.А. Авакян хуб

қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба таҳсилот дар замони муосир ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои аоссии фитрии инсон эътироф карда мешавад [4, с.124]. Тибқи моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад” [5]. Ҳамзамон ҳангоми идоракунии давлатии соҳаи маориф мақомоти идоракунандаро водор месозад, ки бо объекҳои идора танҳо дар доираи муққарароти қонун муносибат намуда, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя намоянд. Принсипҳои мазкур дар идоракунии давлатии соҳаи маориф мақомоти марказиро ишғол намуда, рушду таккули соҳаи маорифро таъмин менамоянд.

Роҳҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳо идоракунии давлатии соҳаи маориф, ки ҳамчун раванди таъсири мақсадноки мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба соҳаи маориф мебошад, бо ёрии принсипҳо, воситаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки муназзамияти соҳа нигаронида шудааст, сурат мегирад.

Бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ ҳамчун принсипи меҳварӣ ба ҳисоб рафта, мақомоти идоракунии давлатиро дар кулли бахшҳою соҳаҳо мувazzаф месозад, ки ҳангоми амалӣ намудани идоракунии давлатӣ онро тарзе ба роҳ монанд, ки рушди соҳаи маорифро таъмин намояд ё ҳадди ақал ба рушди он таъсири манфӣ нарасонад. Бо муқаррар намудани ин принсип давлат ба худ ӯҳдадорӣ мегирад, ки аз ҳама ҷиҳат аз ҷумла аз ҷиҳати молиявӣ, иҷтимоӣ меҳнатӣ ва ғайра ба соҳаи маориф диққати хоса диҳад. Ин раванд маънои онро надорад, ки соҳаҳои дигари идоракунии давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи махсуси давлат нестанд. Баръакс, таҷрибаи идоракунии давлатӣ нишон медиҳад, ки рушд додани соҳаи маориф асоси рушди соҳаҳои дигар мегардад.

Татбиқи қатъии принсипҳои конститутсионӣ, муқаррароте, ки идоракунии соҳаҳои иҷтимоии иқтисодии кишварро муайян мекунанд ва соҳаи маориф ба онҳо тааллуқ дорад, инчунин татбиқи бевоситаи принсипҳои соҳаи маориф, ки дар қонунгузории соҳавӣ муайян гардидаанд, ба муҳасилини муассисаҳои маорифи кишвар имкон фароҳам меорад, то ба таҳсилоти босифат дастёб гарданд.

Сарфи назар аз он, ки дар илм пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ одатан бо иродаи як тараф алоқаманд дониста мешавад [6, с.84], рушди принсипҳои соҳаи маориф, алалхусус принсипҳои шарикӣ, механизмҳои шартномавии танзими тарафҳоро ба кор медарорад. Асоси пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои маъмурӣ аксар вақт шартномаи маъмурӣ оид ба баъзе масъалаҳои идоракунӣ [7, с.17], аз ҷумла дар соҳаи маориф мебошад. Муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ амалишавии худро тавассути иштироки иштирокчиёни ваколатдори онҳо субъектҳое пайдо мекунанд, ки дар як вакт ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ баромад мекунанд.

Бояд ёдовар шуд, ки риоя нагардидани дилхоҳ аз принсипҳои соҳаи маориф, мушкилоти азимро дар самти рушди соҳа ба миён оварда, монеа дар татбиқи ҳадафҳои давлат дар соҳаи маориф, алалхусус монеа ҷиҳати табиқи ҳадафҳои стратегии давлат мегардад. Риоя гардидани принсипҳои идоракунуии соҳаи маориф асоси рушди соҳаи мазкур дар маҷмӯъ рушди давлат гардида, заминаи муҳим дар пешгирии хатарҳои нави ҷаҳонӣ аз қабили экстремизм, терроризм, фасод ва дигар омилҳои манфӣ мегардад. Ҳамзамон таъмини идоракунии самаранок дар соҳаи маориф метавонад даромаднокии буҷети давлатро бо роҳи фаро гирифтани шумораи бештари шаҳрвандони кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ ба хизматрасониҳои бахши маориф зиёд намояд.

Бо мақсади таъмини ҳамаҷонибаи принсипҳои идоракунии давлатии соҳаи маориф, риояи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи мазкур андешидани чораҳои зеринро манзур менамоем:

1. Ҷустуҷӯи роҳи нави муқовимат ба коррупсия дар соҳаи маориф ва холӣ кардани соҳа аз кормандоне, ки ба масоили коррупсионӣ майл доранд;

2. Муайян намудани ҷавобгарӣ ба шахсони мансабдор ва дигар шаҳрвандон, ки дар ҷараёни дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва раванди таълим, инчунин ба раванди тағйиротҳои кадрӣ дар низоми маориф бо ҳар тарзу восита дахолат мекунанд;

3. Ҳуқуқшиносони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шаванд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Бобокалонов Ғ.М.**

## ПРИНЦИПЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В ОБРАЗОВАНИИ

***Ключевые слова:*** принцип права; государственное управление; образование; сфера права; законность; право; развитие сферы образования; законодательство; гуманизм; демократизм; правовое регулирование.

***Аннотация:*** В данной статье анализируется один из актуальных вопросов административного права принципы государственного управления в сфере образования. Следует отметить, что все сферы права развиваются на основе принципов, а на основе принципов принимаются и применяются нормы права. Автор, используя юридическую и законодательную литературу, сделал этот вопрос научным анализом, который может служить исследователям в данной области.

***Садиев Исмоил Зарифович*** - заведующий кафедрой административного права и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: ismoil.s85@mail.ru, Тел.: (+992) 555-58-55-52.

## PRINCIPLES OF PUBLIC ADMINISTRATION IN EDUCATION

***Keywords**:* the principle of law; public administration; education; sphere of law; legality; law; development of education; legislation; humanism; democracy; legal regulation.

***Annotation:*** This article analyzes one of the topical issues of administrative law, the principles of public administration in the field of education. It should be noted that all areas of law develop on the basis of principles, and on the basis of principles, the norms of law are adopted and applied. The author, using legal and legislative literature, has made this issue a scientific analysis that can serve researchers in this field.

***Sadiev Ismail Zarifovich*** - head of the department of administrative law and civil service of the Academy of State Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, docent. E-mail: ismoil.s85@mail.ru, Tel.: (+992) 555-58-55-52.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Принсипҳои хизмати давлатӣ: Мафҳум ва мухтаво // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ, 22-23 апрели соли 2022 - Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. С.58.
2. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона,2017, 2019. – С.70.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22.07.2013 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
4. Авакян С.А. Ҳуқуқи конститутсионии Россия: семинар / С.А.Авакян. – М.: ҶСК «Нашриёти «Городец», 2007. С.124.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

6. Юрченко А.К. Фарқияти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва гражданӣ: Сб.: Проблемаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва маъмурӣ. Аз ду. ЛГУ. 1962. Саҳ. 73-74.

7. Петров Г.И. Муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии шӯравӣ. Нашри ЛГУ. 1972. Саҳ.84.

8. Демин А.В. Масъалаҳои умумии назарияи шартномаи маъмурӣ. Красноярск, соли 1998.

9. Курчевская С.В. Шартномаи маъмурӣ: ташаккули назарияи муосир ва мушкилоти асосӣ: автореф. ...дис. номз. илм. ҳуқуқ. Воронеж, соли 2002. Саҳ.17.

**Список литературы:**

1. Принципы государственной службы: понятие и содержание // Материалы конференции научно-практической апрельской республики, 22-23 апреля 2022 г. роль государственного управления в процессе ускоренной индустриализации Республики Таджикистан. С.58.

2. Насриддинзода Э.С. Теория государства и права (учебное пособия). Душанбе: Мехрона, 2017, 2019. С. 70.

3. Закон Республики Таджикистан Об образовании от 22.07.2013 [электронная версия] // Адлия: Централизованная информационно-правовая база Республики Таджикистан. Душанбе, 2016. 1 электронный.

4. Авакьян, С.А. конституционное право России: практикум / с.А. Авакьян. М.: ОАО Издательский дом Городец, 2007. С. 124.

5. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года [электронная версия] // Адлия: Централизованная информационно-правовая база Республики Таджикистан. Nushai 7.0/м-adlia Республика Таджикистан. Душанбе, 2016. 1 электронный.

6. Юрченко, А.К. Разграничение административных и гражданских правоотношений: Сб.: «Проблемы гражданского и административного права». Изд-во. ЛГУ. 1962. С. 73-74.

7. Петров Г.И. Советские административно-правовые отношения. Изд-во ЛГУ. 1972. С. 84.

8. Демин А.В. Общие вопросы теории административного договора. Красноярск, 1998.

9. Курчевская С.В. Административный договор: формирование современной теории и основные проблемы: Автореф. дисс. канд. юрид. наук. Воронеж, 2002. С. 17.

**List of literature:**

1. Principles of public service: Meaning and content // Materials of the April Scientific-Practical Republican Conference, April 22-23, 2022 - The role of public administration in the process of rapid industrialization of the Republic of Tajikistan. P.58.

2. Nasriddinzoda E.S. Theory of the state and law (educational tool). - Dushanbe: Mehrona, 2017, 2019. - P.70.

3. Law of the Republic of Tajikistan “On Education” dated 22.07.2013 [Electronic version] // Justice: Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan. Version 7.0/ M-justice of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2016. 1 electronic.

4. Avakyan S.A. Constitutional rights of Russia: seminar / S.A. Avakyan. - M.: JSC “Horodets Publishing House”, 2007. P.124.

5. Constitution of the Republic of Tajikistan, November 6, 1994 [Nuskhai electron] // Adlia: Makhzani muttamarkazi ittilooti-ҳukukқii of the Republic of Tojikiston. Nuskhai 7.0/ M-adliyai kumuhurii Tojikiston. – Dushanbe, 2016. 1 electron.

6. Yurchenko A.K. Distinction between administrative and civil legal relations: Collection: “Problems of civil and administrative law.” Publishing house. LSU. 1962. pp. 73-74.

7. Petrov G.I. Soviet administrative-legal relations. Publishing house of Leningrad State University. 1972. P. 84.
8. Demin A.V. General issues of the theory of administrative contract. Krasnoyarsk, 1998.
9. Kurchevskaya S.V. Administrative contract: formation of modern theory and main problems: Author's abstract. ...diss. Ph.D. legal Sci. Voronezh, 2002. P. 17.

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

- насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);
- акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо ҳарфҳои калон дар маркази сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

На камтар аз 7 вожа бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Дар ҳаҷми аз 7 то 10 сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани индекси «КУД» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 1,25 см. аз чап, 2 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman 12 кгл.

***Фосила:*** 1.

***Сархат***: 1 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми мақола***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

### 7. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии «Иқтибоси библиографӣ» мураттаб гардад. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 5 номгӯи адабиёти илмӣ бошад. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад.

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень (на таджикском, русском и английском языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится заглавными буквами по центру на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся не менее 7 слов на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится в объеме от 7 до 10 срок на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается индекс УДК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 1,25 см. слева, 2 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 12 кгл.

***Интервал***: 1.

***Абзацный отступ***: 1 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Текст***: выравнивание - «по ширине».

***Объем статьи***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

### 7. СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

Список литературы должен быть составлен в соответствии с государственными стандартами «Библиографическое цитирование». В списке литературы должно быть не менее 5 наименований научной литературы. Библиография оформляется в алфавитном порядке. Список использованной литературы приводится на таджикском, русском и английском языках.

**ЭЗОҲ:** Ҳамаи мақолаҳое, ки бо забони русӣ ва англисӣ пешниҳод мегарданд, аз системаи «Антиплагиат» гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 60% кам бошад.

**ПРИМЕЧАНИЕ:** Все статьи, представленные на русском и английском языках, проверяются через систему «Антиплагиат». Доля оригинального текста не должна быть менее 60%.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj.

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 100 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 100 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*